ДАВЛАТОВ И.
ИСОМАТОВ Б.
ҲАБИБОВ С.

ИСТИҚЛОЛИЯТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 10 СОЛ

# ИҚТИСОДИ БОЗОРГОНӢ

# 9



## МУРОҶИАТ
## ОНАНДАИ КИТОБ

*Дўсти ҷавони м бидон ва огоҳ бош, ки китоб дар радифи Модар ва Ватан арзандатарин муқаддасот ба ҳисоб меравад. Тамоми бузургон, донишмандон ва хирадмандони гузаштаву муосир китобро яке аз беҳтарин арзишҳои зиндагӣ дониста, онро «аниси кунҷи танҳоӣ» ва «фурӯғи субҳи доноӣ» пиндоштаанд.*

*Китобе, ки дар даст доред, бо заҳмати ниҳоят зиёд аз чоп баромадааст. То дар ин шакли ниҳоят зебо ва мазмуни баланд ба дасти Шумо расидан муаллифон, ҳуруфчинон, рассомон, саҳифабандон ва ноширон ранҷи бисёре кашидаанд, маблағи зиёде сарф кардаанд. Бинобар ин ба қадри меҳнати онҳо расидан камоли боодобист. Китобро азизу муқаддас донед, чун гавҳараки чашм онро эҳтиёт намоед. Китобро бо шавқу завқи беандоза мутолиа созед, аз мундариҷаи он донишатонро афзун гардонед ва бомаърифату соҳибхирад шавед!*

*Бидонед, ки китобхониву китобдӯстӣ инсонро ҳатман ба қуллаи мурод мерасонад, мартабаашро дар ҷамъият баланд мебардорад, ӯро ҳимматбаланду қадршинос мегардонад. Эҳтиром ба Ватан, ифтихор бо Тоҷикистони азиз, дӯст доштани ҳар гӯшаву канори он аз дуруст мутолиа кардани китоб ва азбар кардани мазмуни матнҳои он ба даст меояд.*

*Ба Шумо, дӯсти ҷавони ман, дар роҳи омӯзиш, азхуднамоии арзишҳои бузурги инсонӣ муваффақиятҳо таманно дорам.*

**Бо эҳтиром**
**Президенти Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон**

**Э. Раҳмонов**



ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ЭМОМАЛӢ РАҲМОНОВ

Давлатов И. Исоматов Б., Ҳабибов С.

# ИҚТИСОДИ БОЗОРГОНӢ

Китоби дарсӣ барои синфи 9

*Бо қарори Коллегияи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия кардааст*



Кыргыз Республик
Лейлек райо
билим берүү бөлү
АНДАРАК
ОРТО МЕКТЕБИ
Кыргызская Респ
Лейлекский район
образования
СРЕДНЯЯ ШКОЛ
АНДАРАК
19
№ 1381

ПИК «Офсет»
2001

ББК 65.01 я 721
Р-95

Давлатов И. Исоматов Б., Ҳабибов С.
**Иқтисоди бозоргонӣ**. Барои синфи 9.
«Офсет» с. 2001. 208 саҳ.

Ин китоби дарсӣ бо кӯмаки Бонки Умумиҷаҳонӣ интишор гардидааст

Хонандаи азиз!

Китоб манбаи донишу маърифат аст, аз он баҳрабар шавед ва эҳтиёт намоед. Кӯшиш намоед, ки соли хониши оянда ҳам ин китоб бо намуди аслиаш дастраси додару хоҳарчаҳоятон гардад ва ба онҳо ҳам хизмат кунад.

Истифодаи иҷоравии китоб:

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (бахои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали соли хониш | Охири соли хониш |
| 1 | Ҷинзабоева Фарангис | 9 "а" | 2007 | аъло | хуб |
| 2 | Абдулбокиева Фаҳмида | 9 "а" | 2008 | хуб | аъло |
| 3 | Ҷӯраева Сайёра | 9 а | 2010 | хуб | хуб |
| 4 | Қурбонов Содиқ | 9 б | 2011 | аъло | аъло |
| 5 | Воҳидов Ҷаҳонгир | 9 Б | Нов | КУЙНА | [illegible] |

ISBN 5-901533-08-9

## САРСУХАН

Хонандагони азиз! Тӯли даҳ соли охир Ҷумҳурии тозаистиклоли Тоҷикистон ба муносибатҳои бозаргонӣ рӯй овардааст, ки ин раванд бебозгашт аст. Ба ҳамаи камбудию норасоиҳои ҷузъӣ нигоҳ накарда, иқтисодиёти Ҷумҳурӣ аз вазъи бӯҳрон тадриҷан раҳо гардида, собитқадамона ба сӯи ояндаи худ равон аст. Иқ оянда мавриди танзиму идораи оқилона, фаъолияти ташаббускоронаю судманди соҳибкорӣ, истифодаи боғайратонаву ҳамаҷонибаи захираҳои мавҷуда, дар амал татбиқ намудани усулу шаклҳои пешқадами хоҷагидорӣ, зиндагонии нисбатан осоиштаву некӯаҳволии баланди дилхоҳро барои сокинони мамлакат муҳайё гардонида, бо ҳамин васила имкон медиҳад, ки халқи тоҷик дар микёси тамаддуни башарӣ мавқеи намоёнро ишғол намояд.

Муаллифони китоб ақида доранд, ки ояндаи неку дурахшони ҳар як мамлакату миллат ба фаъолияти илмомӯзию меҳнатии ҷавонону наврасони имрӯза сахт пайванд аст. Ҷомеаи минбаъдаи ҷаҳонӣ аз ҳама пеш равишҳои дилхоҳи иқтисодиро ба миён оварда, танҳо бо ҳамин шарт дар ривоҷу равнақи тамаддуни минбаъда ҳиссагузор хоҳад буд. Аммо асосҳои илми иқтисодиро наомӯхта, марому равиши ҳаёти иқтисодии мардумонро некбинона ба роҳ намонда, ба натиҷаҳои дилхоҳи иқтисодию иҷтимоӣ ноил гардидан аз имкон берун аст. Маҳз бо ин сабаб ҳам ҷавонон бояд бештару ҳамаҷониба масъалаҳои илми иқтисодиро мукаммал аз худ намоянд.

Соли 1994 мо ба диққати хонандагони гиромӣ китоби «Иқтисоди бозаргонӣ»-ро пешкаш намуда будем.Дар вай баъзе масъалаҳои умумиву намоёни иқтисод ёдрасу маънидод шудаанд. Азбаски он замон мамлакат нав ба муносибатҳои бозорӣ рӯй оварда буд, вазифаи мо ба наврасону ҷавонон ба тарзи хеле мухтасар шарҳ додани бархе аз масъалаҳои иқтисодӣ буд. Ҳоло самту равишҳои иқтисодӣ дар мамлакат хеле бо шиддат дигаргун гардида, барои пойдор шудани муносибатҳои иқтисодии ҳақиқатан бозаргонӣ имконоти бештар ва ҳамаҷониба фароҳам омадааст. Бинобар ин ҳоло имкони воқеӣ муҳайё гардидааст, ки пояҳои намоёни илми иқтисод барои омӯзиши ҷавонон мутобиқ гардонида шаванд.

Дар китоби мазкур, ки «Иқтисодиёт» номида шудааст, мо тасмим гирифтаем ба хонандагон ба таври илмию содда масъалаҳои муҳимтарину марказии иқтисодро шинос гардонем. Китоби мазкур аз чор фасли ба ҳам пайванд иборат мебошад.

Фасли аввал, ки «Иқтисодиёт чист ва чӣ гуна илмест?» номгузорӣ шудааст, ба маънидоди иқтисоду маром ва равиши омӯзиши иқтисодӣ, ҳодисаҳои аввалину наҳустин ва пояи илми иқтисодӣ, ба таври мушаххас ба

тасвир оварда шудаанд. Дар ин қисмат хонандагон мояи тадқиқи иқтисод, услуби вай, мазмуни муносибатҳои иқтисодӣ, қувваҳои истеҳсолкунанда, меҳнат, истеҳсолот, қувваи коргарӣ ва монанди инҳоро аз худ мекунанд. Дар ин поя онҳо ба омӯзиши равишҳои намоёни иқтисодиёт омода мешаванд.

Дар фасли дуюм бошад, ба масъалаҳои иқтисодиёти хурд, ба монанди истеҳсолоти молӣ, неъматҳо, арзиш, нарх, пайдошавии пулҳо, бозор, унсурҳои марказию таркибии вай, арзаю тақозо, нархи бозорӣ, қонунҳои талаботу пешниҳодот, амали механизми бозор, хусусиятҳои хоси бозорҳои сармоя, меҳнат, захираҳои табиӣ, маводи истеъмол ва хадамот, маснуоти ақлонӣ, моликият ва хусусигардонии корхонаҳои давлатӣ, тарзу усулҳои идоракунии корхонаҳои мухталиф, нақши давлат дар иқисодиёт ва дигарҳо маънидоду баррасӣ карда шудаанд.

Фасли сеюми китоб ба таснифи масъалаҳои намоёну қолиби иқтисоди бозаргонӣ аз ҷумла: шаклҳои рақобати комилу нокомил дар шароити бозор; монополияҳо-корпоратсияҳои байналмилалӣ; хароҷоти истеҳсолот, фоида ва тақсимоти он; муайян кардани нуқтаи безарарии корхона; ташаккули нархҳои бозорӣ ва намудҳои нарх; муносибатҳои иқтисодии соҳаи кишоварзӣ оид ба истифодаи пурсамари замин, рента нархи замин ва монанди инҳо бахшида шудааст.

Фасли чоруми китоб ба омӯзиши масоили макроиқтисод нигаронида шудааст. Дар ин фасл масъалаҳои намоёни иқтисодиёт дар микёси тамоми ҷомеа, аз ҷумла натиҷаҳои фаъолият дар иқтисодиёти миллӣ, шарҳи муҳимтарин нишондиҳандаҳои иқтисодӣ-маҳсулоти умумии миллӣ, маҳсулоти умумии дохилӣ, даромади миллӣ, молия, муомилоти пулҳо, буҷети давлат ва ҳукуматҳои маҳаллӣ, даромаду хароҷоти онҳо, бекурбшавии пул, андозҳо, биржаҳо, тиҷорати ҷаҳонӣ, содироту воридот, ҳамгироии иқтисодӣ, тақсимоти байналхалқии меҳнат, муаммоҳои иқтисодии умумибашарӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ маънидоду шарҳ ёфтаанд.

Мо умедворем, ки хонандагон оид ба ҳусну қубҳи китоби мазкур фикру мулоҳизаҳои худро ба суроғаи зайл ирсол намоянд: шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 12/2, Донишгоҳи давлатӣ тиҷорати Тоҷикистон.

***МУАЛЛИФОН***

# ҚИСМИ АВВАЛ

# ИҚТИСОДИЁТ ЧИСТ ВА ЧӢ ГУНА ИЛМ АСТ?

## БОБИ 1. ШАРҲИ ИҚТИСОД ВА ПОЯҲОИ МАРКАЗИИ ОН

### 1. § 1. ИЛМИ ИҚТИСОДӢ ЧИРО ТАДҚИҚ МЕКУНАД?

Таълиму тарбияи наврасон дар замони ҳозира яке аз масъалаҳои асосиву муҳимтарин ба шумор меравад. Дар раванди ин таълиму тарбия хонандагон бо дастоварду масъалаҳои илмҳои замонавӣ ошно гардида, бо ҳамон васила дониши андӯхтаашонро дар интихоби мароми равиши ҳаёти худ истифода мебаранд. То солҳои наздик илми иқтисод ҳамчун ҷабҳаи волотари илми ҷомеашиносӣ ба ҳиссаи тахассусҳои олӣ мансуб дониста мешуд. Мушоҳидаҳо нишон дод, ки наврасону ҷавонон оид ба иқтисодиёт тасаввуроти ночизе доранд.

Ба туфайли дигаргуниҳои ҳаёти ҷомеа, ба мадди аввал баромадани масъалаҳои хоҷагиву хоҷагидорӣ, иқтисодиёт имкон дод, ки ба наврасону ҷавонон аз ҷабҳаи иқтисод маълумоти ибтидоӣ пешкаш карда шавад.

Пештар иқтисодро дар ҳудуди хонаву ҷой, оиладорӣ тасаввур намуда, ба вай унвони “Тадбири манзил”-ро дода буданд. Маҳз бо ҳамин сабаб яке аз рисолаҳои Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино бо ҳамин ном (“Тадбири манзил”) ёдрас карда шудааст.

“Тадбири манзил” ё илми “хонагию хоҷагидорӣ” нисбат ба илми иқтисод дар ибтидо мувофиқу мутобиқ буд. Ҳарчанд бо мурури пешравии тамаддун ин илм ҳам ривоҷу равнақ ёфта, ба камолоти худ расид. Аввалан оид ба таъйиноти мазмуну мундариҷаи илми иқтисодӣ ҳам ноаёниҳое ҷой дошт. Баъзеҳо гумон доштанд, ки оилаҳо, ҳавлиҳо, манзилу мардумон ва ё хоҷагию хоҷагидорӣ бояд маводи тадқиқоту омӯзиши илми иқтисодиро ташкил диҳад. Аммо омӯзишҳои минбаъда ботил будани ин ақидаро исбот кардаанд.

Дар асрҳои миёна илми иқтисодиро ҳамчун илми тадқиқкунандаи сарват, боигарӣ, захираҳо, сармоя маънидод мекарданд. Дар замони мо илми иқтисодӣ чун маҷмӯи муносибатҳои дар иқтисодиёт бударо фаҳмонида, онҳоро дар алоқамандӣ бо қувваҳои истеҳсолкунандаю муносибатҳои иқтисодӣ тасаввур мекунад.

Одамон ибораи “иқтисод”-ро хеле васеъ истифода мебаранд. Ин ибора ҳамчун ифодакунандаи тарзу усули (фаъолияти) хоҷагидорӣ, соҳаҳои истеҳсолот, захираву сарват ва дороии шахсон аҳамият дорад.

Одатан илм дар рафти таҳқиқу омӯзиш қонунияту қонунҳои ҳаракати иқтисодиётро ҳам муайян менамояд. Бинобар ин вайро тадқиққунандаи қонунҳои инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ низ ҳисоб мекунанд.

Муносибатҳои иқтисодии одамон сершумору гуногун мебошанд. Одамон дар ҷараёни ин муносибатҳо ҳаёти ҳудро ба роҳ мемонанд. Барои ба муносибатҳои иқтисодӣ баҳои дуруст додан чор зинаи асосии онҳоро ҷудо мекунанд: истеҳсолот, мубодила, тақсимот ва истеъмолот.

Муносибатҳои иқтисодӣ оид ба **истеҳсолот** шароит, равиш, мазмун ва тарҳу мақсаднокии ба вуҷуд омадани неъматҳои барои одамон заруррро дарбар мегиранд. Муносибатҳои **мубодила** бошанд, робитаҳои байниҳамдигарии одамонро дар бобати бадалгардонию мубодилаи маҳсули меҳнат ва натиҷаҳои он мадди назар доранд. Муносибатҳои **тақсимот** усулу равиш, мақсаднокӣ, асосу сабаб ва оқибати тақсимоти натиҷаи истеҳсолотро дар байни фардҳову табақаҳои одамон мефаҳмонад.

Дар маҷмӯи муносибатҳои истеҳсолии одамон робитаҳоро оид ба истифодаи маҳсули меҳнат бо мақсаду мароми муайян дар назар доранд. Барои он ки маълумоти овардашуда дар назари хонандагони арҷманд барьалотар намоён гардад, нақшаи зеринро пешниҳод менамоем (ниг. ба нақшаи 1.1)

*Нақшаи 1.1.* Доираи иқтисодии ҳаёти ҷомеа.




Ҳамин тавр, мояи тадқиқу омӯзиши илми иқтисодӣ алоқамандӣ ва робитаҳои одамон мебошад, ки дар рафти ҳаёти ҳаррӯзаи онҳо ба миён омада, мақсаду маром, равишу таъйиноти ҳаётро ташкил медиҳанд.

Робитаҳои иқтисодии одамон аввалан хеле содда ва сониян мураккабу гуногунпаҳлӯ мешаванд. Илм онҳоро ба таври имконпазир аз ҳамдигар ҷудо карда, дар шакли танҳову содда меомӯзад. Дар ҳақиқат муносибатҳои иқтисодии одамон хеле бой ва серпаҳлӯ буда, бо душворӣ тасаввур мешаванд. Шояд аз ҳамин сабаб мардум ин муносибатҳоро бо душворӣ дарк мекунанд. Бинобар он илми иқтисодиро муттасил омӯхтан зарур аст.

## 1. §2. МАВҚЕИ ШАХС (ИНСОН) ДАР ҶАҲОНИ ИҚТИСОД

Дар ҷаҳони имрӯза илмҳои зиёде мавҷуданд. Ҳар яке аз ин илмҳо вазифаҳои хоси худро дорост. Иқтисод ба қисмати илмҳои ҷомеашиносӣ мансуб буда, тарафҳои ҳаёти иқтисодии мардумро меомӯзад.

Илмҳои ҷамъиятшиносӣ хеле зиёданд. Илми иқтисод бошад ҷомеаро аз нуқтаи назари масъалаҳои ҳаётии мардум, яъне тавлиду истифодаи неъматҳои моддӣ ё худ таъмини талаботи мардум меомӯзад. Талабот бошад, дар навбати худ ҳамчун манфиатҳои иқтисодӣ зоҳир мегардад.

Инсон дар тӯли таърихи дуру дарози фаъолияти худ тарзу усули ташкил ва идораи зиндагиро ба миён овард. Ба ибораи дигар фаъолияти хоҷагидорӣ ва танзиму идораи онро ба миён овард.

Хоҷагидорӣ дар назар дорад, ки одамон аз неъматҳои моддии табиат истифода бурда, истеҳсолотро ба роҳ монанд. Маводи истеҳсолшаванда дар ибтидо маҳдуду камшумор буда, танҳо талаботи ногузири одамонро, ба монанди ғизову либос, дар бар мегирифт.

Баъдтар бошад, баробари тараққиёти инсон имконияти нав ба нави инкишофи истеҳсолот ва хоҷагидорӣ ба миён оварда шуд. Неъматҳои тавлидшаванда ҳам гуногуну сершумор гардиданд.

Бояд иқрор шуд, ки инсон (шахс) дар ҳамаи марҳалаҳои ҳаёти тамаддуну иқтисодиёт мавқеи марказиву асосиро ишғол менамояд. Агар иқтисодиётро ҳамчун ҳодисаву равишҳои сершумор тасаввур намоем, асос ва маркази он ва ҳатто нуқтаи оғози ин ҳаракату равишҳо инсон маҳсуб мегардад. Аз ин рӯ иқтисод дар ҳамҷоягӣ бо одамон мазмуни ҳақиқиро мегирад.

Одамон иқтисодро ба вуҷуд оварда, онро ба зарурату талаботи ҳаёташон мувофиқ мегардонанд. Вале дар навбати худ иқтисод ҳам ба одамон бетаъсир нест. Вай одамонро низ ба зери таъсири худ гирифта, дар ташаккули шахсияти мардум, бурду бохт, муваффақияту комёбиҳо мавқеи намоёнро ишғол мекунад. Ин таъсир баъзан то ҳамон дараҷаест, ки ҳатто ҷаҳонбинию рафтор ва феълу атвори одамонро фаро мегирад.

Табиат ва кайҳони моро иҳотакунанда дар тағйироти доимӣ аст. Инсон бошад, тавассути иқтисодиёти ба миён овардааш ба қувваи беҳамтову намоёни кайҳонӣ табдил меёбад. Вай бо мурури замон тағйироти табиию кайҳониро бар нафъи худ истифода мекунад.

Ҳамин тавр, инсонро барҳақ марказу меҳвар ва ба вуҷуд оварандаи иқтисод ҳисоб мекунанд. Аммо минбаъд инкишофи шахс ва иқтисод маҳз дар пояи таъсири мутақобилаю байниҳамдигарӣ сурат гирифта метавонад. Илова бар ин инсон ҳамчун поягузору танзимгари иқтисод хизмат хоҳад кард.

Тасвири ниҳоят оддии мавқеи инсонро дар иқтисодиёт се хел ҳисобидан мумкин аст:

1) истеҳсолкунанда, хоҷагидор, тавлидгари неъматҳо,
2) истеъмолкунанда, харидор,
3) танзимгари равишҳои иқтисодӣ.

Маънидоди ин омилҳоро, ки душворие надоранд, ба худи хонандаи арҷманд во мегузорем.

Одамон дар ҳаёти ҳамарӯзаашон ба муносибатҳои иқтисодӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Иҷрои дилхоҳи вазифаи зикршуда ҳам бо кӯмаки ҳамин муносибатҳо ба роҳ монда мешавад. Появу мазмуни амалии муносибатҳои иқтисодиро ҳам одамон ташкил медиҳанд. Ба туфайли иштироки онҳо ин муносибатҳо мазмуну мақсади амиқро соҳиб гардида, ҳамчун ангезаву мароми фаъолияти иқтисод чараён мегиранд. Аз ин гуфтаҳо хулоса бармеояд, ки иқтисодро одамон баҳри некӯаҳволии худ ва дигарон ба миён овардаанд. Аз ин сабаб натиҷаоварии иқтисод ба фаъолияти мақсадноки одамон вобаста аст. Чунки одамон фаъолияти иқтисодро бар нафъи худ, ба роҳ монда, оқибат ба мақсадҳояшон ноил мегарданд. Иҷрои мақсадҳои мардум бидуни фаъолияти иқтисод берун аз имкон аст. Одамон асоси ҳаёти иқтисод мебошанд.

## I.§ 3. МАЪНИДОДИ МАФҲУМИ ИҚТИСОД

Аз нишондодҳои боло хулоса бармеояд, ки мафҳуми "иқтисод" ҳамсолу ҳамқадами таърихи тамаддун мебошад. Вале барои ҳамчун илми мустақил фаъолият кардани вай ҳазорсолаҳову садсолаҳо зарур буданд. Яъне баробари инкишофи тамаддуни башарӣ "иқтисод" ҳам пайдо шуда, чанд зинаҳои инкишофро аз сар мегузаронад ва бо ҳамин васила ба илми алоҳидаву ҷудогона табдил меёбад.

Ба хонандагони арҷманд бояд маълум бошад, ки аввалин сарчашмаи то замони мо омада расидаи таърихӣ "Авасто" мебошад. Даврахои таҳияву истифодаи ақоиди мансуби мазҳаби зардуштия ва "Авасто"-ро ба ҳазорсолаи 5–4 то замони мо мансуб медонанд. Дар ин сарчашма, ки дертар тақрибан дар миёнаҳои ҳазорсолаи сеюм ба тарзи хаттӣ дароварда мешавад, мо нишонаҳои ҷудогонаро оид ба тадбири манзил, иҷтимоъ дучор меоем. Баъзе нишондодҳо дар бораи хоҷагию хоҷагидорӣ низ ҷой доранд. Мо аз омӯзиши "Авасто" аниқ кардем, ки он замонҳо мубодилаи маҳсули меҳнат ҳам ҷой дошта, бо ёрии тиллову нуқра ба амал бароварда мешудааст.

Мувофиқи маълумоти муҳаққиқон мафҳуми иқтисод-ро ҳанӯз дар садаи VI то солшумории ҳозира шоири юнонӣ Геспод истифода бурдааст. Он замонҳо ин вожа аз калимаҳои ҷудогонаи "ойкос" (хона, ҳавлӣ) ва "номос" (медонем, қонун) – "экономика" сохта шудааст. Мазмуни ин вожа ҳамчун "тадбири манзил", ё "қонуни хонадорӣ" маънидод карда мешавад. Гӯё яке аз асарҳои олими Юнони Қадим Ксенофонт (тақрибан солҳои 430–355 то милод) "Экономикос" ном доштааст. Минбаъд дар асар-ҳои Афлотуну Арасту хонадорию тадбири манзил ҳамчун узви илми фалсафа тасвиру маънидод карда мешаванд.

Ба фикри мо мутафаккирони даврaи Сомониён ал-Форобӣ, Закариёи Розӣ, Берунӣ, Ибни Сино ҳам, ки зиёдтар зери таъсири афкори илмии юнониёну римиён меистоданд, "тадбири манзил"-ро эътироф намуда, дар ин бобат изҳори ақида кардаанд ва ё асарҳое эҷод намудаанд.

Дар замони мо илми иқтисодро бо номи "Назарияи иқтисод" таълим медиҳанд. Шояд вай ба "тадбири манзил" шабоҳат надорад, аммо таълиму маънидоди масъалаҳои замонавии иқтисодӣ бо воситаи вай пайдо карда мешаванд. Бо мақсади равонӣ ва ба миён овардани мантиқу маромми омӯзиши фанни мазкур, вайро ба чор зинаи калон ҷудо мекунанд:

| I | II | III | IV |
|---|---|---|---|
| Иқтисодиёти шахс, оила, манзил, корхонаҳо | Иқтисодиёти ҷабҳаҳо ва соҳаҳои алоҳида | Иқтисодиёти миллӣ | Иқтисодиёти башарӣ (ҷаҳонӣ) |
| микроиқтисод | мезоиқтисод | макроиқтисод | мегаиқтисод |

Ҳар яке аз ин қисматҳои номбаршуда масъалаҳо, таъйиноту мазмун, мароми равиши худро дорад. Дар миқёси ҳавливу оилаҳо ва ашхоси алоҳида ҳодисаҳову вазифаҳои муайяни иқтисодӣ ба миён меоянд ва ҳаллу фасл карда мешаванд. Дар ин доира масъалаҳои таъминоти озуқа, даромад, манзилгоҳ, тарбияи фарзандон, амволи оилавию шахсӣ ва дигар ҳодисаҳо ба миён меоянд. Шояд ба ҳамин зина баъзе масъалаҳои дар доираи фаъолияти корхонаҳо, фирмаҳо пайдошаванда ҳам мансуб бошанд. Чунки онҳо ҳам амалан ва мазмунан ибтидои муносибатҳои хоҷагию иқтисодӣ буда метавонанд.

Корхонаҳо, фирмаҳо амалан саргаҳу сарчашмаи ибтидоии тамоми ҳодисоту муносибатҳои иқтисодӣ мебошанд. Маҳз ба туфайли фаъолияти онҳо неъматҳои ҳаётан зарури мардумон ба вуҷуд оварда шуда, таъминоти онон ба роҳ монда мешавад. Охир, корхонаҳо тавлидгари ягонаи молҳо ва хизматҳо мебошанд. Муносибатҳои иқтисодии ҷомеа ҳам огози худро дар корхонаҳо дармеёбанд.

Ҷабҳаҳои алоҳида, соҳаҳои ҷудогонаи фаъолият ба туфайли тақсимоти меҳнат ба миён омадаанд. Дар ҷумлаи онҳо истеҳсолоти кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал, саноати истихроҷкунанда мебошанд. Ин соҳаҳоро аввалаю ибтидоӣ ҳам ҳисоб мекунанд.. Чунки таърихан онҳо соҳаҳои аввалаю ибтидоии фаъолияти одамон ҳисобида мешаванд. Минбаъд соҳаҳои коркарди маснуоти ин соҳаҳои аввала ҷудо карда мешаванд, ба монанди коркарди нафту фулузот, металлургия, саноати хӯрокворӣ, бофандагӣ, дӯзандагӣ ва дигарҳо. Дар охир соҳаҳои хизматрасониро фарқ мекунанд. Ба қатори ин соҳаҳо нақлиёту алоқа, нигаҳдории маснуот, тиҷорат, ташвиқу тарғиб, иттилоот, хизмати маишӣ, таъмир ва дигарҳо мансуб дониста мешаванд. Гӯё дар ин амал сохтори соҳавии иқтисодиёт нав-бати дуюми муносибатҳои иқтисодии ҷомеаро дар бар мегиранд.

Равишҳо ва ҳодисоти дар миқёси мамлакати алоҳида ба миёнояндаро зинаи болоии иқтисодиёт ҳисоб мекунанд ва "макроиқтисод" меноманд.

Муносибатҳои иқтисодиву ҷараёнҳои мансуби он дар миқёси умумиҷаҳонӣ ё байналмилалӣ хислату хосияти худро дошта, ҳамчун равишҳои умумибашарӣ зоҳир мегарданд. Онҳо "мегаиқтисод" номида шудаанд. Махсусан солҳои охир мавқеи ин муносибатҳо нисбатан намоён гашта, торафт хислатҳои оммавиро ба худ мегиранд ва ривоҷу равнақи босуръатро соҳиб мешаванд. Ҳамин тавр, иқтисодиётро баъзан ҳамчун маҷмӯи соҳаҳои сершумор ва ё таркиби гуногуну ҳархела дошта ба худ тасаввур мекунанд.

Мақсаду мароми марказии ҳар як иқтисодиёт аз ибтидо то интиҳо ва ё аз зинаи аввал сар карда, то зинаи охирин аз таъмини талаботи мардумон иборат шуда метавонанд. Талабот бошад, ҳархелаву гуногун мебошанд. Маҳз ба туфайли ҳамин гуногунию ҳархелагӣ ҳаёти серпаҳлую рангоранги мардум ба роҳ монда мешавад. Дар давоми таъмини талаботи одамон вазифаи мувофиқи дигар ҳам, ба монанди идома бахшидан ба ҳаёт, нигаҳдории банӣ башар, афзоиши некӯаҳволии аъзоёни ҷамъият, таъмини талаботи нав-тавлид ва дигарҳо ба иҷро расонида мешаванд. Яъне иқтисодиёт таъйиноти мақсаднокро дорост. Ин таъйинот одамонро водор месозад, ки доимо аз паи тағйироту инкишоф ва рушду камоли вай бошанд ва бо ҳамин васила ба пешрафти худу ҳаммеҳанони худ муваффақ шаванд.

## 1. §4. МЕҲНАТ ЧӢ ГУНА ШУҒЛЕСТ? УНСУРҲОИ МЕҲНАТ КАДОМҲОЯНД?

Зери мафҳуми «меҳнат» фаъолиятро мефаҳманд. Фаъолияти меҳнатӣ тан-ҳо хоси одамон мебошад. Яъне дар сайёраи мо Замин ва кайҳони моро иҳотакунанда танҳо як ҷонзоди меҳнаткунанда ҷой дорад, ки он ҳам инсон мебошад. Маҳз ба туфайли шуғли меҳнатиашон одамон аз махлуқоти дигар фарқ мекунанд. Мувофиқи таълимоти материалистӣ одамон танҳо ба туфайли меҳнат аз ҷонзодҳои дигар ва ё махлуқоти сершумори дар Замин ҷойдошта ҷудо мешаванд. Илова бар ин меҳнат кардан ба одамон имкон медиҳад, ки дар табиат мавкеи намоёну волоро соҳиб гардида, бо ҳамин васила ба зоти худ имконоти ҳамаҷонибаи ривоҷу равнақро таъмин намоянд.

Одамон имконияти дар рӯи Замин ҳаёт ба сар бурданро дарёфта, аввалҳо зери таъсири ин қувваҳою имконот нашъунамо меёбанд. Минбаъд онҳо таи таъсири ривоҷу равнақ ва камолот ёфтани меҳнат имконоти ҳаётии худро васеъ мегардонанд. Сонитар бошад, одамон ба қувваи беҳамтои кайҳонии рӯи Замин табдил меёбанд. Дар раванди ин тағйироти мақоми ҳаётии одамон меҳнат мавкеи ҳалкунанда дорад. Аввалҳо одамон ҳамчун фардҳои ҷудогонаи баҳри ҳаёту мамот мубориза баранда бошанд, дертар дар оилаҳо, гурӯҳҳо, қабилаҳо муттаҳид мегарданд. Ва ба ҳамин минвол азобу шиканҷаи ҳаётии худро камтар мекунанд. Меҳнати ҳамҷоя одамонро ба комёбиҳову музаффариятҳои беназир мерасонад, машаққаташонро камтар мекунад.

Фаъолияти меҳнатии одамонро ба ҳеҷ як равиши дигаре баробар кардан берун аз имкон аст. Вале баъзан гумон мекунанд, ки махлуқоти маскуни Замин ҳам фаъолияти ба меҳнат монандро ба иҷро мерасонанд. Масалан, хукҳои ваҳшӣ бо мақсади дарёфти ғизо заминҳои намнокро бо дандони ашки худ чаппагардон (шудгор) мекунанд, занбӯри асали даштӣ аз гил барои гирдоварии асал хона месозад, тортанак торҳояшро бо мақсади шикор метанад, маймун калтаку сангро барои ба даст овардани ғизо истифода мебарад ва ғайра. Аммо фаъолияти махлуқот дар табиат меҳнат ҳисоб намешавад. Чунки онҳо амалиётро мувофиқи ғариза (инстинкт) ба иҷро мерасонанд. Меҳнат бошад фаъолияти шууран асосноку мувофиқи мақсади муайян ба роҳ мондашаванда аст. Маҳз ба ҳамин сабаб ҳам вай танҳо хоси одамон мебошад.

Барои ба миён омадани фаъолияти меҳнатии одамон якчанд омилҳо заруранд. Мо ин омилҳоро дар нақшаи зер ба тасвир меоварем:

*Нақшаи 1.2.* Таркиби меҳнати маҳсулнок




Чунонки аз нақшаи 1.2 дида мешавад, оғозу асоси меҳнатро ҳамон мақсаде ташкил медиҳад, ки шахси танҳо, гурӯҳи одамон, кормандони ҳамҷоя (корхона) онро назди худ пеш аз саршавии меҳнат мегузоранд. Бешак бо ҳамин маром ҳар як фаъолияти меҳнатӣ шурӯъ шуда метавонад. Вале барои ба мақсади худ ноил гаштан одамон олоту ашёи меҳнатро истифода мебаранд. Олоти меҳнат ҳамон асбобу анҷом ё воситаест, ки бо ёрии онҳо меҳнат ба иҷро расонида мешавад.

Олатҳои меҳнат хеле гуногун мебошанд. Амалан олатҳои меҳнатро одамон аз табиат мегиранд ва ё онро ихтироъ карда, истеҳсол менамоянд. Муҳаққиқони зиёде таъкид кардаанд, ки истеҳсолоти ҳақиқӣ истеҳсолоти олатҳо ба шумор меравад. Шояд асоси дурусти ин ақидаро дар ҳамон дарёфтан зарур мебошад, ки бо ёрии олатҳо одамон меҳнати худро сабук мегардонанд. Ҳиссаи зиёди вазнинии меҳнатро бар зиммаи олатҳо мегузоранд. Олатҳои замони пешдодию ибтидоӣ сангу чӯби аз табиат гирифташаванда бошанд ё аз онҳо тайёр карда шаванд, сонитар инсоният тайёр кардани асбобҳоро ёд мегирад. Дертар ин асбобҳо бо мошину дастгоҳ, таҷҳизот бадал карда мешаванд.

Ҳаёти то даврони мо аз сар гузарондаи мардумро таҳлилу тадқиқ карда, муаррихон нишон додаанд, ки давраҳои ҳақиқатан калони таърихи башар маҳз на аз рӯи он ки чиҳо истеҳсол карда мешаванд, балки аз рӯи он фарқ карда мешаванд,ки одамон неъмату маҳсулотро бо ёрии кадом олатҳо истеҳсол мекарданд. Ин нишондод шаҳодат медиҳад, ки олатҳои меҳнат дар ҳаёти одамон ва фаъолияти тавлидгарии онҳо мавқеи ҳалкунандаро дорост.

Омили дигар – ашёи меҳнат мебошад. Ашёи меҳнат ҳамон чизест ва ё ҳодисаест, ки меҳнат ба тағйир додани вай нигаронда шудааст. Масалан, барои деҳқон ашёи меҳнат замин аст, барои чармгар – пӯст, барои ҳаррот – фулузот, барои дуредгар – чӯб, барои андовагар – гил ашёи меҳнат аст. Одатан одамон дар ҷараёни меҳнат аз намудҳои алоҳидаи ашё ё имконот маснуоту хизмат ба миён меоваранд. Мисол, дуредгар аз тахта минбар месозад, ресанда аз нахи пахта ресмон тайёр мекунад, бофанда аз ресмон матоъ мебофад, дӯзанда аз он матоъ либос медӯзад. Дар замони мо ашёи меҳнат ҳам мавқеи намоёнро ишғол менамояд. Чунки захираҳои ашёи меҳнат торафт маҳдуд мешаванд. Бинобар он инсон ба ашёи тайёри дар табиат буда қонеъ нагашта, эҳтиёҷоти зиёди худро аз ҳисоби ашёи сунъӣ таъмин мегардонад. Ҳиссаи ашёи сунъии барои эҳтиёҷоти одамон истифодашаванда торафт меафзояд.

Гузаштан ба ашёи сунъӣ ва ҳарчи зиёдтар истифода бурдани онҳо, қобилияти тавлидгарии башарро бештар гардонида, бо ҳамин васила мушкилоти оиро осон мегардонад. Мувофиқи нишондоди олимон инсоният торафт истифодаи ашёи сунъиро зиёд карда, бо ин васила норасоию танқисии онҳоро бартараф сохта метавонад.

Ҳамин тавр, меҳнат фаъолияти мақсадноки одамон аст, ки дар давоми он аз чизҳои дар табиат ҷой дошта ё ашёи хоми тайёршуда маҳсулоти ҳаётан зарури одамон бо ёрии олатҳои муайяну тарзи коркарди мақсаднок истеҳсол карда мешаванд. Ба туфайли меҳнати маҳсулнок одамон таъмини эҳтиёҷоту талаботи ҳархелаи худро ба роҳ мемонанд, зиндагониашонро идома мебахшанд. Аз ин рӯ, меҳнатро мояи ягонаи ҳаёту мамоти одамон ҳисоб мекунанд. Яке аз равияҳои инкишофи меҳнат тақсимоти вай ба шумор меравад. Акнун ба таҳлили он мегузарем.

## 1. §5. ТАҚСИМОТУ ТАХАССУСИ МЕҲНАТ ЧИСТ?

Меҳнати одамон замонҳои қадим пайдо шуда, дар рафти таърихии ҳаёти мардумон мавқеи ҳалкунандаро ишғол менамояд. Дар рафти фаъолияти меҳнатии одамон маҳсулоту хизматҳо ба вуҷуд оварда мешаванд. Онҳо қути лоямут ва ё асоси ҳаёту мамоти мардумонро ташкил медиҳанд. Маҳз ба туфайли ҳамин хислат одамон метавонанд оҳиста–оҳиста аз истеъмоли неъматҳои тайёри дар табиат вуҷуд дошта озод гашта, муҳити ҳаётии ба худашон заруру дилхоҳро ба миён оваранд.

Азбаски инсон зодаи табиату фаъолияти меҳнатӣ ба шумор меравад, маҳз ба туфайли мутобиқату мувофиқат бар ин гаҳвораи табиии худ ва шуғли меҳнатӣ ривоҷу равнақро соҳиб мегардад. Баъзе муҳаққиқон исбот карданӣ шудаанд, ки инсон дар мубориза бар зидди табиат обутоб ёфта, ба камолот мерасад. Музаффариятҳои вай бар табиат гӯё ҳамчун маҳаки сатҳи инкишофи инсон намудор мегарданд. Дар назари мо ин ҷо суханро зиёдтар дар бобати на мубориза, балки тадқиқу омӯзиш, дониста гирифтани сеҳри равишҳову қонунҳои табиӣ ва сатҳу андозаи истифодаи онҳо бар нафъи тамаддуни башарӣ бурдан ҷоиз аст. Дар рафти ин мутобиқату истифодабарӣ инсон ба тазодҳо, зиддияту норасоиҳо ҳам роҳ дода метавонад. Он гоҳ қонунҳои табиат бар одамон сазову ҷазоҳои нодидаиро раво медорад. Ба ин сабаб ҳам мутобиқати инсон дар табиат бояд оқилонаву одилона, дурандешонаву безарар бошад. Шояд наслҳои оянда маҳз мувофиқи ҳамин нишонаҳо ба фаъолияти инсон баҳо хоҳанд дод. Ҳоло бошад, ба фикри мо инсон ҳамчун "истеъморгару истисморгари" табиат рафтор дорад ва оқибати ин рафторро ба худ андеша накардааст.

Зери равиши мутобиқати ҳаётии одамон меҳнати онҳо ҳам инкишоф меёбад. Яке аз равияҳои инкишоф тақсимоти меҳнат шуморида мешавад. Нишон медиҳанд, ки дар замонҳои қадимтарини таърих тақсимоти табиии меҳнат ҳукмрон будааст. Дар ин намуди тақсимот одатан ва тақрибан тақсимоти синну солию ҷинсии одамон мадди назар дошта мешавад. Яъне дар ҷамъиятҳои онзамона агар мардони боқуввату таҷрибанок ба шикори даррандаҳо машғул шаванд, наврасон, занон, калонсолон бо корҳои дигари мутобиқи қувваю иқтидори онҳо банд мегаштанд. Бо пешрафти тамаддун ба ҷои ин тақсимоти табиии меҳнат тақсимоти соҳавии он пойдор

мегардад. Тахмин мекунанд, ки яке аз аввалин тақсимоти калони ҷомеагии меҳнат ба миён омадани қабилаҳои чорводору зироаткор буда метавонад. Яъне баъзеҳо чорвопарвариро шуғли ҳамарӯзаву доимии худ интихоб менамоянд, дигарҳо бо парвариши зироат шуғл варзиданро авлотар медонанд. Ҳамин тавр, ҷомеаи онзамона ба табақаи чорводорону зироаткорон ҷудо шуда мемонад.

Сонитар тақсимоти калони ҷомеагии меҳнат давом ёфта, ҳунармандӣ ба миён меояд. Ҳунармандони касбу корҳои гуногун пайдо шуда, онҳо табақаи алоҳидаи ҷомеаро ташкил медиҳанд. Дар назари мо чорводорию зироатпарварӣ тақрибан 30–40 ҳазор сол пеш ба миён омада бошад, таърихи амалии ҳунармандӣ тақрибан 4–8 ё 8–10 ҳазор солро дарбар мегирад. Дар порчаҳои то замони мо омада расидаи китоби муқаддаси зардуштӣ "Авасто" зикри ҳунарҳои зиёде ҷой дорад. Дар даврони Кушониён, ки тақрибан 3 ҳазор сол пештар ҷой дошт, ҳунармандии мардумони сарзамини Осиёи Марказӣ, Чин, Ҳиндустон хеле ривоҷу равнақро соҳиб гардида буд. Аз фаъолияти кишоварзӣ ҷудо шудани ҳунармандӣ тақсимоти дигари калони ҷомеагии меҳнатро ба миён оварда буд. Таърихнигорон огоҳ мекунанд, ки дар даврони салтанати Сомониён ҳунармандӣ ниҳоят ривоҷу равнақ ёфта, ҳамчун сабабгори инкишофи тиҷорат хизмат карда буд. Яке аз далелҳои намоёнтарини ривоҷу равнақи беҳамтои тиҷорат дар сарзамини таърихии тоҷикон "роҳи абрешим" дониста мешавад, ки ҳазорсолаҳои дуюму сеюми то замони моро дарбар гирифта будааст. Мувофиқи гузоришоти олимон дар замони фаъолияти "роҳи абрешим" молҳои дар Юнону Рим истеҳсолшаванда тақрибан таи 1–2 моҳ ба Чину Ҳиндустон, Осиёи Марказӣ оварда мешудаанд ва аз ин мамлакатҳо бо роҳҳои хушкиву обӣ ба Юнону Рим молҳои дигар бурда мешудаанд.

Инкишофи ҳамаҷонибаи тиҷорат ҳамчун натиҷаи тақсимоти сеюми калони ҷомеагии меҳнат – аз истеҳсолот ҷудо шудани тиҷорат хизмат мекунад. Яъне тиҷорати ривоҷёфта ҳам тақрибан на камтар аз 2–3 ва ё 3–4 ҳазорсола таърих дорад. Тараққиёти тиҷорат боиси ҳамон мегардад, ки молҳои дар як мавзеъ ва минтақаи Замин истеҳсолшуда ба минтақаи дигар бурда шавад. Бо ҳамин роҳ мардумони минтақаҳо, мамлакатҳо ва ҳатто қитъаҳо аз комёбии истеҳсолии ҳамдигар огоҳ гашта, маҳсули меҳнати дар ин васила истеҳсолшавандаро барои таъмини талаботашон дастрас намоянд. Мубодилаи молҳо дар оқибат ба пахншавии истеҳсоли маҳсулоти нав, аз худ шудану омӯхтани таҷрибаи навоварона ва монанди инҳо мусоидат менамояд. Ҳамин тавр, бо ёрии тиҷорат мардумону халқҳои гуногун ба ҷараёни инкишофи меҳнату истеҳсолот кашида шуда, комёбиҳои ҳамдигарро мешиносанд ва қадр мекунанд. Мутаассифона, то ҳол ҳам тадқиқгарон ба ин равишҳо ва натиҷаҳо дар инкишофи омӯзиши тиҷорат диққати зарурӣ намедиҳанд. Аз ин сабаб масоили зайл ба таври дилхоҳ маънидод карда нашудааст.

Ҳамин тавр, ду равияи тақсимоти меҳнат фарқ карда мешавад: тақсимоти калони ҷомеагии меҳнат ва тақсимоти тахассусии меҳнат. Тақсимоти калони ҷомеагии меҳнат нишонаи ба қисматҳои калон ҷудо шудани меҳнату истеҳсолот мегардад. Ҳоло мутахассисон зиёда аз 2000 номгӯю равияҳои фаъолиятро ҷудо мекунанд. Шумораи тахассусҳо бошад, тақрибан 18–20 ҳазор номгӯй дониста мешавад. Тақсимоти тахассусии меҳнат-

ро баъзан тақсимоти дохилии он ҳам ҳисоб мекунанд. Чунки дар ин ҳолат меҳнат дар дохили соҳаҳову корхонаҳои истеҳсолӣ ба намудҳои касбу кор, фаъолият ҷудо мешавад. Инкишофи истеҳсолоти саноатӣ, олатҳои меҳнат, соҳаҳои хизматрасонӣ ҳамчун сабабгори равнақу сершуморгардии касбу корҳо, тахассусҳо хизмат мекунанд.

Оқибати аз ҳама намоёну бешакки тақсимоти меҳнат афзоиши ҳосилнокии он мебошад.Аз дигар тараф, таи таъсири тақсимот иқтидору имконоти маҳсулдиҳии меҳнат назарнамо меафзояд ва торафт сабуктар ҳам шуда метавонад. Дар садаи 20–м натиҷаи ниҳоят намоёни тақсимоти тахассусии меҳнат ба миён оварда шудааст. Баъзе олимон комилан ҳаққонӣ изҳори изтироб мекунанд, ки тақсимоти тахассусии меҳнат тарафи манфию мусбат дорад. Ҷиҳати манфиаш ба ҷисми инсон, саломатии вай таъсири бад расонидани меҳнати зиёдтар тахсисонида шуда мебошад. Ҳамчун ҷиҳати мусбат бошад, сабукшавӣ, оддитар гардидан ва баланд шудани маҳсулнокии меҳнатро ҳисоб мекунанд.

## 1. §6. ЧИРО, ЧӢ ГУНА ВА БАРОИ КӢ БОЯД ИСТЕҲСОЛ КАРД?

Ҳар як илм роҳу равиши хоси худро дорад. Илми иқтисодӣ, ки "Назарияи иктисод" ном гирифтааст, якчанд муаммоҳои асосиеро дар бар мегирад, ки вазифаи устухонбандии онро ташкил медиҳанд. Ин муаммоҳо ба таври умумӣ мазмуни саволи сегонаи оддиро доранд: чиро, барои кӣ ва чӣ гуна бояд истеҳсол кард?

Яъне агар ин масъалаҳоро ниҳоят мӯҷаз тасвир намоем, чунин шакл мегиранд:

**чиро?**
**чӣ гуна?**
**барои кӣ?**

Аз тарзи гузориши масъала хонандагони арҷманд ба худ тасаввур карда метавонанд, ки ин ҷо асосан сухан аввалан дар бобати мубодилаи молҳо ва сониян истеҳсолоти мақсаднок меравад. Илова бар он ин тарзи масъалагузорӣ ба он шаҳодат медиҳад, ки хоҷагиҳо одатан маснуоташонро на барои худ, балки барои мубодила (хариду фурӯш) пешбинӣ мекунанд. Яъне дар ҳолати фарзии қабулшуда сухан дар бораи истеҳсолоти молии ба бозор коркунанда меравад.

Ҳавлиҳо ва оилаҳо, ки дар мамлакатҳои Ғарб онҳоро хоҷагиҳои хонагиашон меноманд, ҳар яке мустақилона фаъолияти истеҳсолии худро бояд ба роҳ монанд. Барои ба мақсад ноил гаштан онҳо интихоб мекунанд, ки истеҳсоли чиро ба роҳ монанд. Барои ин муамморо ҳал кардан ҳар як хоҷагӣ ба имконоти худ, захираҳои мавҷудааш назар мекунад. Аз ин нишондод чунин мебарояд, ки хоҷагиҳои истеҳсолкунандаи мол ба таври мустақилона соҳаи фаъолият ва номгӯи маснуоти худро интихоб менамоянд ва ба истеҳсоли он шурӯъ мекунанд.

Ғайр аз он хоҷагиҳо пас аз муайян кардани фаъолият, моли истеҳсолшаванда бояд масъалаи чӣ гуна истеҳсол карданро ҳам ҳал намоянд. Чигунагии истеҳсоли молҳо ҳам чандин масъалаҳоро дар назди хоҷагиҳо мегузорад. Аз ҷумлаи онҳо: ба ёрии кадом асбобҳову олатҳо, кадом тарзи

коркарди маснуот, ашёи хоми коркардашаванда ва монанди инҳоро бояд мустақилона мувофиқи салоҳдиди худ ҳал намоянд.

Дар охир масъалаи муҳимтарини фаъолияти истеҳсолӣ аз ҳамон иборат аст, ки молҳо ва ё хизматҳои тавлидшаванда барои кадом харидорон, дар куҷо ва бо кадом нарх пешниҳод шуда метавонанд. Яъне ҳалли ин муаммо ҳам дар навбати худ чандин масъалаҳои амиқи иқтисодиро дар бар мегирад ва хоҷагиҳо онҳоро ҳам доимо ҳал менамоянд. Ҳамин тавр, масъалаҳои дар назди хоҷагиҳо доимо гузошташаванда шаҳодат медиҳанд, ки барои истеҳсоли молҳову хизматҳоро ба роҳ монда, аз ин фаъолият ба мақсади ниҳоии худ расидан, хоҷагиҳо якбора муаммоҳои сершумори иқтисодиро ҳам бояд ҳал намоянд. Ҳалли дилхоҳи ин муаммоҳо бошад, ба вазъияти иқтисодиву сиёсии мамлакатҳо, мавқеи қонунҳо ва монанди ин омилҳои сершумор вобаста мебошад.

Ҳамин ҳолат шаҳодат медиҳад, ки хонаводаю хоҷагиҳо танҳо бо роҳи ҳалли ҳамарӯзаи масоили сершумори иқтисодӣ фаъолияти дилхоҳи худро ба роҳ монда метавонанд. Агар монеае дар роҳи онҳо пайдо шавад, он гоҳ фаъолияти дилхоҳи иқтисодиёт боздошта мешавад.

## 1. §7. ТАЛАБОТ, НЕЪМАТҲО ВА ЗАХИРАҲО

Чунонки дар боло ёдрас кардем, мардум бо нияту мақсади ба роҳ мондани ҳаёташон маҷмӯи талаботро ба миён меоваранд. Ин талабот хархелаву гуногунтаркиб мебошанд. Онҳо аз талабот ба озуқа ё ғизо оғоз гардида, то талаботи одамон ба ғизои рӯҳӣ, маҳсули фарҳангӣ ва монанди инҳо давом меёбанд. Маҳз ба туфайли таъмини талаботашон одамон қувваи дар фаъолияти меҳнатӣ ба истеҳсоли маҳсулот масрафкардаашонро аз нав баркарор мегардонанд. Ҳамин тавр, имконияти нави меҳнат кардан, тавлид намудани маҳсулот, давом додани насли одамон беисту бефосила ба вуҷуд оварда мешавад.

Ба маънидоди талабот мо боз якчанд бори дигар бармегардем. Дар ин ҷо ёдрас карданро ҷоиз медонем, ки талаботи одамон яке аз қувваҳои ба ҳаракат оварандаи истеҳсолот мебошад. Чунки ба воситаи истеҳсоли маҳсулот мардумон метавонанд талаботашонро қонеъ гардонанд. Илова бар ин маҳз истеҳсолот тавлидгари талаботи наву тоза ҳам мебошад. Баробари пешрафти истеҳсолоти ҷомеа талабот ҳам тағйир ёфта, намудҳои нави онҳо ба вуҷуд меоянд. Ҳамин равишро дар илми иқтисодӣ қонуни афзоиши талабот номидаанд. Ин қонун нишон медиҳад, ки мардумон истеҳсолотро ривоҷу равнақ бахшида, торафт талаботашонро беҳтару пурратар қонеъ мегардонанд ва ба пешрафти истеҳсолот мусоидат менамоянд.

Маҳсулоти дар рафти истеҳсолот муҳайёшавандаро неъматҳои ба одамон пешкашшаванда ҳисоб мекунанд. Ин неъматҳо хеле сершумор буда, ҳар яке ё ин ки гурӯҳе аз онҳо ба таъмини талаботи муайян нигаронида шудаанд. Неъматҳо ҳамаи он маҳсулоту чизҳо ва имконоте мебошанд, ки дастраси одамон буда, барои таъмини талаботу эҳтиёҷоти онон масраф карда мешаванд. Дар зинаҳои аввали таърих одамон зиёдтар неъматҳоро аз табиат гирифта, онро истифода мебурданд. Баробари пешрафти тамаддун инсоният ҳарчи зиёдтар неъматҳоро ба вуҷуд меоварад. Ба туфайли фаолияти тавлидгарии одамон неъматҳо ҳам ба рушду камоли истеҳсоло-

ти ҷомеа вобаста мебошанд. Танқисию норасоии неъматҳо ҳамчун шаҳодати инкишофи нокифояи истеҳсолот намудор мегардад.

Дар навбати худ фаровонии неъматҳоро захираҳои ба ихтиёри мардумон гузошташуда муайян месозанд. Истеҳсолоти ҷомеа дар асоси истифодаи захираҳо ба роҳ монда мешавад. Ҳоло се гурӯҳи калони захираҳоро аз ҳамдигар ҷудо мекунанд:

1) табиӣ;
2) иқтисодӣ;
3) меҳнат.

Ба захираҳои табиӣ замину об, ҳаво, канданиҳои фоиданок, иқлиму муҳит ва монанди инҳоро мансуб медонанд. Одатан захираҳои табииро одамон ба вуҷуд намеоваранд, балки онро дар табиату муҳит дарёфта, бо таври дилхоҳ истифода мебаранд.

Мафҳуми захираҳои иқтисодӣ бо фаъолияти меҳнатию соҳибкории одамон пайванд мебошад. Ба ин гуна захираҳо тамоми истеҳсолоту муҳити фаъолияти меҳнатии одамон, биноҳову дастгоҳҳо, таҷҳизот ва монанди инҳо мансубанд. Сармоя ҳиссаи намоёни ин захираро ташкил медиҳад. Захираҳои иқтисодиро ба фаъолияти тавлидгарию хоҷагидории одамон вобаста медонанд.

Захираҳои меҳнатӣ – қувваю иқтидор, қобилияти меҳнатии мардумонро мадди назар дорад. Афзоиши шумораи одамон, малакаву таҷрибаи истеҳсолии онҳо имкон медиҳад, ки мувофиқан иқтидори меҳнатии ҷомеа ё мамлакат афзун гардонида шавад.

Ногуфта намонад, ки захираҳои дар ихтиёри одамон буда, дар ҳар як марҳилаи таърихӣ ва макон маҳдуд мебошанд. Бинобар он одамон доимо кӯшиши аз ин захираҳои маҳдуд натиҷаҳои дилхоҳу зиёдтар ҳосил карданиро пеш мегиранд. Дар ҳолати муайян будани захираҳо фаъолияти соҳибкорию танзимгарӣ ба ҳамон нигаронида мешавад, ки натиҷаҳои беҳтарин ба даст оварда шаванд. Маҳз дар иҷрои ин гуна мақсад илми иқтисодӣ ҳамчун раҳнамо хизмат карда метавонад. Баъзеҳо вазифаи илми иқтисодро дар ҳамон ҳам мебинанд, ки аз захираҳои маҳдуд натиҷаҳои зиёдтар ба даст оварда шаванд. Ин натиҷаҳоро имкониятҳои истеҳсолӣ меноманд. Имконоти истеҳсолии захираҳо нишондиҳандаи тағйирёбанда мебошад. Ба тағйироти мутобиқи матлаби онҳо сатҳу дараҷаи ташкилу танзими хоҷагӣ ва фаъолияти иқтисодӣ таъсири бевосита мерасонанд. Ба ҳамин сабаб ҳам дар "Назарияи иқтисодӣ" ба омӯзиши масъалаҳои имкониятҳои истеҳсолӣ диққати зиёду даркорӣ ҷудо карда мешавад.

## 1. § 8. НИЗОМҲОИ ИҚТИСОДӢ

Хонандагони арҷманд! Ин қисмати фаслро "Дар бораи шаклҳои ҳозираи хоҷагидорӣ" ҳам номидан ҷоиз аст. Чунки дар ин ҷо сухан маҳз дар ин бора меравад. Дар намуди умумию намоёни системаҳои иқтисодӣ ё хоҷагидории мамлакатҳоро дар се намуд маънидод мекунанд:

1) фармонӣ – марказонидашуда;
2) бозаргонӣ;
3) омехта.

Акнун ба шарҳи ҳар яке аз онҳо мегузарем. Дар замонҳои пешин ҳам хоҷагиҳои фармонӣ шояд ҷой доштанд. Дар тӯли садаи 20–м ин хоҷагиҳо

бо номи хоҷагиҳои сотсиалистӣ ё плонӣ (нақшагӣ) шӯҳрат доштанд. Равиши умумии фаъолияти ин система аз ҳамон иборат буд, ки иқтисодиёт комилан ва пурра ба як марказ (сохтори давлатӣ) тобеъ кунонида мешуд. Дар иҷрои ин таъйинот ҳукмрон гардонидани моликияти мутлақ ва ё афзалиятноки давлатӣ ҳамчун мададгор хизмат мекард. Хислати хоси ин хоҷагидорӣ аз он иборат буд, ки идораю танзими иқтисод аз марказ бо ёрии фармонҳо – нақшаҳо ба роҳ монда мешуд. Давлат тамоми тарафҳою равишҳои асосии фаъолияти корхонаҳову хоҷагиҳоро муайян намуда, онҳоро бо ёрии фармоишоту нақшаҳо зери назорат нигаҳ медошт. Вале амалан завқу хоҳиши одамонро аниқ муайян кардан амри маҳол аст. Аз ин рӯ фармонҳои аз "боло" супоридашаванда ба вазъияти воқеии хоҷагиҳо мувофиқат намекарданд. Дар натиҷа зиддиятҳову норасоиҳо ба миён омада, захираҳои мавҷуда ба таври дилхоҳ истифода намешуданд. Дар Иттиҳоди Шӯравии собиқ 2–3 даҳсолаи охир корхонаҳои истеҳсолӣ молашонро ба анборҳо мефиристоданд, аммо торафт шумораи зиёдтари молҳо танқису камёфт мегардиданд. Солҳои 70–80–ум ин иқтисодиёт номи "танқису норас"-ро гирифта буд. Яъне он замон масоили чиро, чӣ гуна ва барои кӣ бояд истеҳсол кард, ҷавоби дурусте надошт. Норасоиву зиддиятҳо иқтисодиёти фармониро солҳои 80–90–ум ба душвориҳои зиёде дучор гардонида, ҳамчун сабабгори парокандагии вай хизмат карданд.

Иқтисодиёти бозорӣ амалан ба бозор нигаронида шудааст. Дар ин шакли хоҷагидорӣ қарордоди корхонаву шаҳрвандон дар асоси иқтисодии манфиату фоида рӯёнидан ба роҳ монда мешаванд. Аз ин сабаб пояҳои иштиёкмандии он нисбатан баландтар мебошад. Чунки истеҳсолгарони молу хизматҳо танҳо бо шарти ҷой доштани талабот, нархи мӯътадил ва фоида қарордодҳои худро қабул мекунанд. Дар ин ҳолат "ба анбор" кор кардани корхона имкон надорад. Ҳатто ҳангоми ҷой доштани хатар ба сатҳи фоида ҳам хоҷагиҳо хеле эҳтиёткориро пеш мегиранд. Чунки давлат ба онҳо на "фармон" медиҳад ва на кӯмак мерасонад. Ба натиҷаҳои амалиёти иқтисодӣ худи корхонаҳо ҷавобгаранд. Дар замони мо системаи сирф бозорӣ бо мазмуни мутлақ ҳамчун ҳолати фарзӣ хизмат мерасонад.

Системаи дигарро иқтисодиёти омехта номидаанд. Хислати фарққунандаи ин система аз он иборат аст, ки дар он фаъолияти озоди ба бозор нигаронидашудаи корхонаҳову шаҳрвандон бо танзиму идораи давлатии иқтисод пайваста ба роҳ монда мешавад. Аммо идораю танзимгарии давлатии иқтисод на бевосита бо роҳи фармону таъсиррасонӣ ба корхонаҳо, балки ба воситаи қонунгузориҳо, сиёсати иқтисодии маҳдудкунию пешниҳоди кӯмаку имтиёзҳо ба роҳ монда мешавад. Ин тарзу усули фаъолият имкон медиҳад, ки захираҳову афзалияти иқтисодиёт пурратар истифода гардида, зиддияту монеаҳо ба қадри имкон бартараф карда шаванд.

Дар рафти омӯзиши фанни мазкур хонандагони арҷманд бо таҳлилу тавсифи масоили вазифаҳои иқтисодии давлат муфассал ошно хоҳанд шуд. Мо дар ин ҷо танҳо ёдрас кардани ҳамон ақидаро зарур мешуморем, ки чанд даҳсолаи охир дар мамлакатҳои зиёди ҳозираи ҷаҳон кӯшишҳои муваффақиятомези барпо кардани иқтисодиёти омехта пеш гирифта шудаанд. Ин кӯшишҳо ба мамлакатҳои сершумор имкон доданд, ки душвориҳои пешомадаи иқтисодиро бартараф намуда, онро бо суръати дилхоҳ ба пеш баранд, рушди иқтисодии мамлакат тезонида, сатҳи зиндагонии марду-

мон назарнамо баланд бардошта шавад. Яъне масоили чиро, чӣ гуна ва барои кӣ дар ин мамлакатҳо ба таври бояду шояд ҳал карда мешавад. Дар роҳи расидан ба шукуфоии мамлакат ҳам онҳо ба комёбиҳо зиёдтар ноил гаштаанд. Аз ин сабаб сафи ҷонибдорони иқтисоди омехта меафзояд.

## 1. § 9. УСЛУБИ ИЛМИ ИҚТИСОДӢ

Он илме, ки барои омӯхтани шогирдони мактабҳои ҳамагонию махсус тавсия шудааст, «Иқтисодиёт» ном гирифтааст. Дар назди муаллифон вазифа гузошта шудааст, ки пояҳову масъалаҳои асосии ин илмро барои таъйиноти мактабҳои ҳамагонӣ пешкаш намоянд. Албатта аз ин илми бутуни алоҳида қисматеро ҷудо карда, пешниҳод намудан монанди ҳамон аст, ки аз дарахте чанд шоҳаашро шикаста онро ҳамчун ҳамон дарахти бутун ба худ тасаввур намоянд. Вале барои он ки шаҳрвандон, хатмкунандагони мактабҳо дар дараҷае маълумоти иқтисодӣ хосил намоянд, ҳамин гуна амал ҳам ҷоиз дониста шудааст. Мо дар боло ба хонандагони арҷманд баъзе масъалаҳои ба тадқиқоту омӯзиши масъалаҳои иқтисодӣ пайвандро баён намудем. Акнун андаке дар бораи услуби он сухан ронда,бо ҳамин сухани муқаддимавиро анҷом мебахшем.

Ибораи услуб дар бобати равишҳои дар тадқиқоту омӯзиши ҳодисаҳо истифодашаванда аст. Ба ҳар як фан услуби хоси он мансуб аст. Аммо дар байни илмҳои ба тадқиқи ҷомеа бахшидашаванда хислатҳои умумию ягона ҷой доранд. Ин ҳолат ба масъалаи услуби онҳо низ мансуб аст. Ба тамоми фанҳои ҷомеашиносӣ ва аз ҷумлаи онҳо "Назарияи иқтисод" ҳам услуби умумиилмии материализми диалектикӣ хос аст. Таълимоти диалектикии материалистона ҳамон хел фарзия дорад, ки ҳаракату тағйирот ва инкишофу пешравӣ ба кайҳону сайёраҳо мансубанд. Ин ҳаракат аз содда ба мураккаб, аз ягона ба сершумор ва аз сокит ба ҳаракат нигаронида шудааст. Яъне ибтидои фаъолият оддӣ буда, торафт он мураккабу гуногун мешавад. Инкишофу тағйирот ба кайҳону табиат ҳамавақта хос мебошанд.

Ҳамин тавр, "Назарияи иқтисод" талқин дорад, ки равишҳо ва ходисаҳои иқтисодӣ бо инкишофи мардумону ҷомеаи онҳо пайдо шуда, минбаъд дар тағйироти ҳамарӯза меистанд. "Назарияи иқтисод" бо мақсади такмили тадқиқоту омӯзиш роҳҳои хоси худро ҳам истифода мебарад. Дар давоми ин омӯзишу тадқиқот, ходисаҳои баёнгару меъёрӣ аз ҳамдигар ҷудо карда мешаванд. Ҳодисаҳои баёнгар маълумотеро ба омӯзандагон пешкаш мекунанд, ки тавсифу равиш ва мароми ҷараёнҳои иқтисодиро тасвир мекунанд. Ҳодисаҳои меъёрӣ бошанд, ба омӯзандагон дар бобати риояву фаҳмиши ҳолатҳои меъёрии қабулшуда маълумот медиҳанд.

Ғайр аз он илми иқтисодӣ индуксияву дедуксияро васеъ кор мефармояд. Индуксия тадқиқи масъалаҳои иқтисодиро аз ҳолати фарзӣ оғоз намуда, то тадқиқи ходисаҳои алоҳидаву ҷудогона мерасонад.Дар мавриди дедуксия бошад, тадқиқоту омӯзиш аз ҳодисаҳои ҷудогонаву алоҳидаи иқтисод оғоз гардида, то хулосаҳои умумӣ расонида мешавад.

Яке аз хислатҳои хоси услуби илми иқтисодӣ ниҳоят фароҳ (васеъ) истифода бурдани абстраксия ба шумор меравад. Абстраксия чунин равишест, ки дар мавриди истифодаи он муҳаққиқ гӯё пай дар пай дар рафти омӯзишаш хулосаҳои дуюм, сеюм ва ҳоказо дараҷаро аз назар соқит кар-

да, мачро ва ё равиши маркази ҳодисаро то охир санчида мебарояд ё ин ки хулосаҳои мобайнию нокомилро ба эътибор нагирифта, диққаташро танҳо ба ҳодисаву хулосаи ниҳоӣ ва комил равон месозад. Аммо дар ёд доштан зарур аст, ки услуби тадқиқи абстрактӣ баъзан муҳаққиқону омӯзандагонро ба роҳи ғалат ҳам бурда метавонад. Барои ин норасоиро бартараф сохтан хулосаҳои абстрактӣ бо далелҳову рақамҳои ҳаётӣ пайванд карда шуда, бо ёрии онҳо санчида мешаванд. Агар ин хулосаҳо исботу далели воқеӣ надошта бошанд, номақбул дониста мешаванд.

Илми иқтисод барои тадқиқу омӯзиши масъалаҳо таҳлилу таркибро васеъ истифода мебарад. Ҳангоми таҳлил ҳодисаву равишҳои иқтисодӣ ба қисмҳо, узвҳо чудо карда, ҳар яке алоҳида омӯхта мешавад. Дар мавриди истифодаи таркиб бошад, аз натичаҳои таҳлил нишонаву хислатҳо ва хулосаҳои ҳамчояву умумӣ пешниҳод мегарданд. Илова бар ин "Назарияи иқтисод" омӯзиши мантиқии ҳодисаҳо, равиши аз содда ба мураккаб, аз фард ба чамъ, аз танҳо ба ҳамчоя ва монанди инҳоро истифода мебарад. Бисёр ҳодисаҳои иқтисодӣ дар рафти таърихи инкишофашон дарк карда омӯхта мешаванд. Хулоса, ин илм равияҳову усулҳои гуногуни тадқиқоту омӯзишро бо мақсади ҳарчи пурратару амиқ омӯхтани равишҳо ва ҳодисаҳои иқтисодӣ истифода мебарад.

## БОБИ 2. ПАЙДОШАВӢ ВА ИНКИШОФИ ИЛМИ ИҚТИСОДӢ

### 2. § 1. ТАСВИРИ МАСЪАЛАҲОИ ХОЧАГИДОРИЮ ИҚТИСОДӢ ДАР АВАСТО

Авасто ё Авесто – ёдгории фарҳангии халқҳои эронинажод шуморида мешавад. Олимон таърихи ин ёдгории беназирро 3–4 ҳазор сол ҳисоб мекунанд/Аслан Авасторо бисёриҳо Қуръони мазҳаби зардуштия тасвир мекунанд. Дар ин китоби муқаддаси эрониёни қадим комёбиҳои онзамонаи мардум доир ба илмҳои фалсафа, нучум, табиёт, ҳайат, таърих, тиб ва дигарҳо гирд оварда шудаанд. Аз ин сабаб ҳам аксари муҳаққиқон Авасторо комус (энсиклопедия) ҳисоб мекунанд.

Мувофиқи маълумоти Абӯрайҳони Берунӣ дар "Осор–ул–боқия", ки тақрибан соли 1000–ум навишта шудааст, таъкид меравад, ки Искандари Румӣ ҳиссаи чаҳоиро забт карда, Осиёи Марказиро ҳам ба тасарруфи худ медарорад ва ба лашкаронаш мефармояд, ки китобҳои мавчуда, аз он чумла Авасторо ҳам сӯзонанд ва нусхаи алоҳидаеро бо худ бурдааст. Нусхаи то замони мо боқимонда 83000 калимаро дарбар гирифтааст.

Мувофиқи нишондоди матни мазкур чомеаи онзамонаи одамон аз кишоварзон, чорвопарварон, рӯҳониён ва сипоҳиён иборат будааст. Ғояи марказии ин сарчашма иборат аз се рукни асосӣ: "пиндори нек", "гуфтори нек" ва "рафтори нек" иборат мебошад.

Мувофиқи нишондод дар чаҳон ду қувва - нур ё рӯшноӣ ва зулмот – торикӣ байни ҳамдигар мубориза мебаранд ва рӯшноӣ ғолиб меояд. Офтоб ҳамчун манбаи "нур" парастида мешавад. Қувваҳои некӣ – кишоварзону чорвопарварони муқимӣ мебошанд ва бар зидди кӯчманчиён мубо-

риза мебаранд. Некон ба одамон ва бадон ба ҳайвонот шафоҳат доранд.

Дар сурудҳои "Авасто" худои некӣ Аҳуро Маздо мадҳ карда мешавад. Зардушт – пайғамбари неку пок тобеонашро ба меҳнатдӯстӣ, саховатмандӣ, некхоҳӣ, рафоқату ҳамкорӣ даъват менамояд.

Ҳамон мардумоне бандаи наздику беҳтарини худованд дониста мешаванд, ки ҳавлии обод, чорвои зиёду фарбеҳ ва хушзот доранд ва зиёдтар кишту кор мекунанд. Чунки аз кӯшишу заҳмат ризку рӯзӣ фаровон мегардад.

Хоҷагидории онзамона бо ёрии замину об, Офтоб ва ҳайвонот ба роҳ монда мешавад. Ҳар касе, ки ин имконотро барои тавлиди неъмат истифода мебарад, некбахт ҳисобида мешавад. Хоҷагиҳо бошанд, дар ҳудуди оилаҳо маҳдуд мегаштанд. Бо мақсади таъмини амният ва ҳифзи мардумону ҳайвонҳо оилаҳо бо ҳамдигар тифоқу муттаҳид мегарданд ва ҳамҷоя бар зидди душманони кӯчманчӣ мубориза мебаранд.

Дар тасвири авастоӣ таъминкунандагони рӯзии одамони онзамона чорвопарварӣ ва сониян кишоварзон (зироаткорон) будаанд. Яъне мавқеи чорвопарварӣ дар ҳаёти ҷомеа намоёнтар будааст.

Он замонҳо илми маъмулу намоён ва эътирофшуда фалсафа ба шумор мерафт. Бинобар он хоҷагидорӣ, ҳамчун ҳиссаи алоҳида ё равияи ин илми фалсафӣ маънидод карда мешуд. Дар Авасто нишондодҳои сершуморе оид ба ташкили хоҷагӣ, низомҳои фаъолияти оилаҳо, меъёри онҳо, танзими оила, таъминоту таъйиноти вай ва монанди ин масъалаҳои сершумори хонадорию тадбири манзил оварда шудаанд.

Аз гуфтаҳои боло хонандагони арҷманд ба хулоса омада метавонанд, ки аввалин сарчашмаи дар замони мо эътирофшудаи таърихию фарҳангии халқамон Авасто ба зинаи пойдоршавии вазъи табақагии ҳаёти ҷомеа мувофиқат мекунад. Бинобар он китоб тамоми комёбиҳои тамаддунро дар бар гирифта буд ва онро ҳамчун манбаи нахустини ақидаҳо оид ба мазҳаб, иқтисодиёту хоҷагидорӣ эътироф бояд кард.

Дар шафати ин гузоришот таълимоти илмию фарҳангии юнониёну румиёни қадим ҳам меистад. Афлотун (427–347 то милод), Арасту (384–322 то милод), дар таълимоти фалсафиашон нуктаҳоро дар бораи "тадбири манзил", иқтисодиёт ҷудо мекарданд. Аз ин рӯ шояд онҳоро намояндагони нахустини илм ҳисобидан ҷоиз бошад, ки дар таълифоташон ҳодисаҳои иқтисодӣ ҳамчун ҳодисоти табиию ногузир маънидод карда мешуданд. Бинобар он дар таълифоташон онҳо манфиатнокии молҳову хизматҳо мавқеи волоро ишғол мекунанд ва нархҳоро ҳам бо ҳамин омил вобаста медонистанд. Илми ҳозиразамон ҳам ин ақидаро инкор намекунад.

Мутафаккири дигари ба таърихи халқи тоҷик таaллуқдошта Зиндик ибни Ҳуммат Монӣ (225–276 милодӣ) мебошад. Вай дар ҷавониаш илмҳои замонаро аз худ карда, забонҳои зиёдеро меомӯзад ва таълимоте пешниҳод мекунад. Ин таълимот мазмуну мароми мазҳабӣ дошт. Монӣ мардумонро ба худдориву гӯшанишинӣ даъват карда, мардумони мулкдорро мазаммат менамуд. Сомеонашро ба муборизаи зидди табақаи дороён мехонд. Бинобар он муборизаи шадиде бар зиди Монӣ оғоз ёфта, худи Монӣ бо тарафдоронаш ба қатл расонида мешаванд. Ғояҳои марказии таълимоти Мониро даъват ба некию саховат ташкил медод.

Таълимоти дигаре ба Маздаки Бомдод (соли тав.460, вафот номаълум)

таалluқ дорад, ки ба асри V –уми милодӣ рост меояд. Олимони зиёде ақидаҳои Маздакро мувофиқ ба манфиати табақаи деҳқонони меҳнаткаш медонанд. Вай нишон медод, ки одамонро офаридгор якхелаву баробар ба дунё овардааст. Аз ин сабаб нобаробарии молу мулк муқобили хостаи офаридгор аст. Аз ин ҷо вай мардумонро ба шӯришу рабуда гирифтани молу мулк ва паҳн кардании низоми баробарию бародарӣ даъват мекард. Ҳарчанд сарчашмаҳои асосии таълимоти маздакия оини зардуштиву монӣ буданд, аммо таълимоти табақотию иҷтимоии вай фарқ мекард.

Ақидаҳои Монӣ ба давраи пайдошавии моликияти хусусӣ ва тафовути табақотии мардумон рост ояд, таълимоти Маздак хислатҳову ҳаракати озодихоҳии замони фано рафтани муносибатҳои ғуломдорӣ ва пайдо гаштани муносибатҳои феодалиро дар бар гирифтааст.

## 2. §2. МАСЪАЛАҲОИ ХОНАДОРӢ ВА "ТАДБИРИ МАНЗИЛ" ДАР ЗАМОНИ СОМОНИЁН

Садаҳои IX–X дар сарзамини Осиёи Марказӣ салтанати Оли Сомон барқарор мегардад. Аксаран таърихнигорон ин давраро ба сари ҳокимият омадани намояндагони хонадони Сомониён ҳисоб мекунанд. Ташаккули миллати ҳозираи тоҷик, устувору пойдор гаштани забони тоҷикӣ ҳам ба ҳамин давра мансуб дониста мешавад. Чунки таи ҳукмронии Исмоили Сомонӣ ва як қатор намояндагони ин сулола дар ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии сарзамин дигаргуниҳои намоёне ба миён оварда мешаванд. Ин дигаргуниҳо сабабгор мешаванд, ки илму маърифат ниҳоят инкишоф ёфта, натиҷаҳои намоёне ба даст оварда шаванд.

Дар ин замона чунин мутафаккирон, ба монанди Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абӯнасри Форобӣ, Закариёи Розӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Абӯали ибни Сино ва дигарон умр ба сар бурда, мероси беҳамтое гузоштаанд. Танҳо барои номбар кардани мутафаккирони онзамона вақти зиёде зарур аст. Агар Рӯдакиву Фирдавсӣ шоирони беҳамто бошанд, ал--Хоразмӣ риёзидон, Форобӣ - файласуф, Розӣ, Сино ҳакимони ҳозиқ, Берунӣ - таърихнигор буданд. Асарҳои ин машъалони саҳнаи илму маданияти онзамона қисме то замони мо омада расида, ҳамчун ақидаҳои наҷибу бемисл аз тарафи олимони дунё баҳо дода мешаванд.

Яке аз олимони ҳамадон, энсиклопедист Закариёи Розӣ (865—925) аст. Асарҳои сершумори Закариёи Розӣ зиёдтар ба илмҳои тиб, кимиё ва фалсафа бахшида шудаанд. Яке аз асарҳои то замони мо омада расидаи вай "Тибби рӯҳонӣ" мебошад. Дар ин китобаш вай зиёдтар ба масъалаҳои фалсафа, ахлоқ, иҷтимоъ ва иқтисод дахл намудааст. Ӯ нишон медиҳад, ки барои ба роҳ мондани ҳаёташон одамон бояд меҳнат кунанд. Ба туфайли меҳнат ҳаёти одамон ҷараёни дилхоҳу гуворо дошта метавонад.

Ӯ хислати ҳайвонҳову одамонро тадқиқ карда, ба хулосае меояд, ки ҳайвонот гӯё савори нафси худ мебошанд, яъне рафтору равиш ва мароми ҳаракати онҳоро нафс муайян месозад. Одамон бошанд, нафсашонро бо ақл тобеъ мекунанд ва бо ҳамин васила нафси худро идора карда метавонанд.

Закариёи Розӣ тадқиқи меҳнатро давом дода, ба хулосаи намоён меояд, ки барои беҳтар ба иҷро расонидани вазифаҳои меҳнатӣ одамон ихти-

сосҳо пайдо мекунанд ва худи меҳнат тақсим карда мешавад. Пайдо шудани ихтисосҳо ва намудҳои ҳархелаи шуғли меҳнатӣ натиҷаи ҳамин тақсимоти меҳнат мебошад. Меҳнати тақсимшуда сабуку гуворо ва маҳсулнокии баландро дорост. Минбаъд вай ба хулосаи дигари муҳим меояд, ки тақсимоти меҳнат тахассусҳоро ба миён меоварад ва одамон ҳар яке ва ё гурӯҳе ба иҷрои меҳнати алоҳида ҷудо мешаванд. Чунки шахсе ва ё гурӯҳе эҳтиёҷоти ҳархелаву гуногунро дар танҳоӣ таъмин карда наметавонад.

Закариёи Розӣ нишон додааст, ки агар маҳсули меҳнати шахсеро дигаре бидуни мубодила аз худ намояд – ин истисмор ҳисобида мешавад. Ба зӯри кувва, аслиҳа, фиребу найранг ҳам аз худ кардани маҳсули меҳнати дигарон, истисмор шуморида мешавад.

Дар поёни гузоришот Закариёи Розӣ нишон додааст, ки одамон таи тақсиму тахассуси меҳнат ба соҳаҳои фаъолият ҷудо шуда, бо воситаи мубодила аз нав ба ҳамдигар пайванд мегарданд. Ҳаёти осоишноку бофароғати мардумон дар ҳамҷоягию пайвандӣ имконпазир мегардад, ки дар он бояд ҳар яке аз ҳисоби меҳнати ҳалоли худ соҳиби ғизо гардад.

Дигар мутафаккири онзамонаи ҳамадон Абӯнасри Форобӣ (873—950) мебошад. Форобӣ асарҳояшро зиёдтар ба тавсифу маънидоди илмҳои замони румиёну юнониён, асарҳои алоҳидаи Афлотуну Арасту ва дигарҳо бахшидааст. Шӯҳрати вай то ҳамон дараҷае расида будааст, ки ӯро пас аз "устоди аввал" – Арасту "устоди сонӣ" меномидаанд. Дар мероси Форобӣ зиёдтар масъалаҳои фалсафа, табиат, иҷтимоъ, мантиқ ва ахлоқ дучор меоянд. Асарҳои ба иҷтимоиёту иқтисодиёт мансуби вай "Дар бобати расидан ба саодат", "Афкори маскунони шаҳри некбахтон" ном доранд. Вай дар як қатор асарҳояш нишон медиҳад, ки хирадмандию идораи нафс ва бар мардумон саховату кӯмак расонидан ҳамчун роҳи ба саодату хушбахтӣ баранда хизмат хоҳанд кард. Барои Форобӣ кӯшишу хислати беҳтарини инсонӣ накӯкорӣ мебошад. Вай ҳисоб мекунад, ки одамонро маҳз ба туфайли накӯкориашон ва саховатмандӣ некбахту ба саодат расида ҳисобидан ҷоиз аст. Ҳатто аз ин нуктаи назар ба фаъолияти одамон баҳо дода ҳисоб мекунад, ки некбахт ҳамон шахсе, гурӯҳе ё аҳолии шаҳру мамлакате ҳисобида мешаванд, ки накукорию саховат фаъолияти онҳоро хос аст.

Мувофиқи нишондоди Форобӣ идораи оилаву ҳавлӣ (манзил) табиатан ногузир аст, барои идораи ҳаёти одамону ҷомеа давлат ба миён оварда мешавад. Фаъолияти танзимгарию идории давлат барои одамон ҳатмӣ мебошад. Форобӣ табақаҳои онзамонаи одамонро аз инҳо иборат медонад: 1) меҳнаткашон; 2) тоҷирон, 3) бойҳо, заминдорон; 4) лашкариён; 5) аҳли шариат (дин); 6) мардумони пасту бадбахт.

Нобиғаи дигари даврони Сомониён Абӯрайҳони Берунӣ (973 – 1048) аст. Асари ҷолиби то замони мо расидаи вай "Осор -ул—боқия" аст, ки соли 1000-ум таълиф шудааст. Ин асарро соли 1990 нашриёти "Ирфон" бо ҳуруфоти ҳозира ба чоп расонида буд. Дар ин китоб Берунӣ дар бораи таърихи тамаддун, пайдо шудани халқҳову давлатҳо, таърихи мазҳабҳо маълумоти асосноку фаровоне овардааст. Аз рӯи нишондодҳои вай гӯё олам таърихи як миллион (ҳазор ҳазор) сола дорад. Комёбии дар ин асар ба назари мо намудоргашта –истифодаи ҷадвалҳо барои тасвири ҳодисаҳои иқтисодию хоҷагӣ, равнақи тамаддун мебошад. Европоиҳо ин равиши тасвирро танҳо баъд аз 6 – 7 садсола кор фармуда буданд.

Абӯрайҳони Берунӣ дар ин асараш масъалаҳои пайдошавии солшумориҳо баёну сабти таърихии ҳодисаҳо, аз тарафи Искандари Мақдунӣ забт карда шудани Осиёи Марказӣ, сӯзонида шудани ёдгориҳову китоб-ҳо, аз ҷумла Авасто ва дигарҳоро ба тасвир овардааст.

"Осор –ул—боқия"–и Берунӣ бо мақсади ошноӣ пайдо кардан бо масъалаҳои онзамонаи андозгузорӣ, адолат бар мардумон, таърихи истеҳсоли силоҳ, ресидану бофтани матоъ, гудохтани фулузот, сохтани дучархаҳо ва монанди инҳо мутоила кардан ҷоиз аст. Як ақидаи Берунӣ дар бораи афзудани шумораи одамон дар рӯи замин ҳамчун сабаби ҷангҳои сершумори байни давлатҳо дар асрҳои XVII – XVIII ҳамчун асоси назарияи малтусчигӣ хизмат кардааст.

Аз нишондодҳои болоӣ чунин хулоса бармеояд, ки дар давраҳои аввали салтанати Сомониён шояд таи таъсири вазъи мавҷуда олимон танҳо ба масъалаҳои алоҳидаву ҷудогонаи иқтисодӣ диққат дода, онҳоро меомӯхтанд ва тасвир мекарданд. Он замонҳо илми асосиву баъзан ягона фалсафа дониста мешуд.

Ба туфайли фаъолияту таълифоти нобиғаи беҳамтои илму фарҳанг Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино (980 – 1037) иқтисодиёт ва хонадорӣ дар охирҳои салтанати Сомониён ба илми ҷудогонаву алоҳида табдил меёбад. Исботи инро мо дар яке аз рисолаҳои ҷудогонаи Сино бо номи "Тадбири манзил" дарёфта метавонем.

"Тадбири манзил" –и Абӯалӣ ибни Сино шояд аввалин асаре бошад, ки дар мамлакатҳои Шарқ ва ҳатто дар тамоми ҷаҳон таълиф шуда бошад. Ваӣ ҳаҷман асари хурд буда, масъалаҳои асосии замонаи Синоро дар бобати хонадорӣ, пешбурди хоҷагӣ ё идораву танзими хоҷагии оилаҳо ба тасвир овардааст. Мо гумон мекунем, ки шояд дар тамоми ҷаҳон ин аввалин рисолаи ба ин қисмати илм бахшидашуда бошад. Вале, мутаассифона то имрӯз ҳам одамони зиёд аз ин кашфиёти фарзанди беҳамтои халқамон бехабаранд.

Масъалаҳои дар ин рисола тасвиршаванда хеле зиёданд. Мо ба баррасӣ кардани ҳамаи онҳо имкон надорем. Танҳо хонандагони гиромиро ёдрас карданием, ки Шайхурраис дар рисолааш аввалан мавқеи инсонро дар кайҳони моро иҳотакунанда, минбаъд тафовути инсону ҳайвонот ва набототро тасвир кардааст.

Дар ин тасвирҳояш Сино на як бору ду бор таъкид мекунад – инсон зоти махсус ва фавқулодда мебошад. Минбаъд сухан дар бобати заҳмату меҳнати одамон барои ба даст овардани ғизову неъматҳо меравад. Яъне ақидаи хислати тавлидгарии одамон дар ин ҷо низ акс ёфтааст. Ҳарчанд на ҳамаи мутолиакунандагони рисола онро мушоҳида карда метавонанд.

Агар ба мазмуни асар аз диди имрӯза назар андозем, аниқ кардан ҷоиз аст, ки Абӯалӣ ибни Сино дар рисолааш "ҳусни тадбир" ва ё "тадбири манзил" гуфта масъалаҳои идораву ташкил, танзиму назорат ва ҳаллу фасли масъалаҳои хонадорию хоҷагидориро дар миқёси ҳавлии инсон, хонаводаҳо, ноҳияву вилоятҳо ва тамоми мамлакат мадди назар овардааст. Маҳз барои ҳамин ҳам ақидаҳои вайро қадр кардан зарур аст.

## 2. §3. АҚИДАҲО ВА МАКТАБҲОИ ИҚТИСОДИИ ДАВРАИ ЭҲЁ

### 2. §3. а) МАКТАБИ ТИҶОРАТЧИЁН (МЕРКАНТИЛИЗМ)

Ҳамин тавр, умри амалии илми иқтисодӣ тақрибан 2,5 – 3,0 ҳазор сол аст. Вале дар ибтидо муҳаққиқону мутафаккирон дар бораи иқтисодиёт ва хоҷагидорӣ ақидаҳои ҷудогона пешниҳод мекарданд. Дар анҷоми ҳазорсолаи дуюми то замони мо мутафаккирони халқамон илмро дар намуду номи "тадбири манзил" ба миён оварда буданд. Дар давраи салтанати Сомониён ривоҷу равнақи илму фарҳанг, истеҳсолот водор месохт, ки масъалаҳои тиҷорати дохилию байналмилалӣ ҳам то андозае тасвир ва маънидод карда шавад. Аммо мутаассифона ин гуна таълифот то замони мо омада нарасидааст. Бинобар он таърихи минбаъдаи илмро аз нуқтаи назари Европоиён ба тасвир овардан ҷоиз аст.

Аввалин мактаби иқтисодии дар он сарзамин ба фаъолият омада "мактаби савдогарон" (меркантилизм) номида шудааст. Фаъолияти ин мактаб ба қарнҳои XVI – XVIII рост меояд. Маълум аст, ки дар он замонҳо иқтисоди бозаргонӣ дар мамлакатҳои Европа нав сурат мегирифт. Тиҷорат дар ҳаёти мардумону мамлакатҳо ба мавқеи намоён расида буд. Бо мадади кӯмаки бевоситаи тиҷорат молҳои дар як мамлакат тавлидшуда ба мамлакатҳои дигар бурда мешуданд. Бо ин роҳ талаботи одамон ҳарчи беҳтару бештар таъмин карда мешуданд. Оҳиста – оҳиста тиҷорат эътибори зиёдтарро соҳиб мегардид. Илова бар он мавқеи тиҷорат дар иқтисодиёти мамлакатҳо ҳам назарнамо меафзуд.

Асосгузорони мактаби тиҷоратчигӣ дар Британияи Кабир – Томас Ман (1571–1641), дар Франсия Антуан де Монкретен (тақрибан 1575–1621) буданд. Яке аз асарҳои таълифкардаи Антуан Монкретиен (соли 1615) ба таври мухтасар "Рисола дар иқтисоди сиёсӣ" ном дошт.

Ба туфайли ин асар минбаъд илми иқтисодиро "Иқтисоди сиёсӣ" номиданд.

Хислати фарққунандаи мактаби тиҷоратчиён аз он иборат буд, ки намояндагони барҷастаи он аксаран аз табақаи тоҷирону сармоядорон баромада, барои ҳифзи манфиати табақавии худ кӯшишҳо ба харҷ медоданд. Ғайр аз ин онҳо ба давлат тавсияҳо медоданд, ки манфиати тоҷиронро ҳимоя намояд.

Ғояи марказии назарияи тиҷоратчиён аз он иборат буд, ки гӯё сарвату боигариро дар соҳаи тиҷорат дучор омада, ба василаи тиҷорат онҳоро афзун кардан имконпазир аст.

Намояндагони барҷастаи ин мактаб ақида пахш мекарданд, ки пул сарвати ҳақиқиро ташкил медиҳад ва ин сарват маҳз ба туфайли ривоҷи тиҷорат зиёд карда хоҳад шуд. Он замон пулҳо аз тиллову нуқра буданд. Бинобар он тиҷоратчиён даъват мекарданд, ки давлат захираи тиллову нуқраашро афзун гардонад ва ба савдогарон ҳам дар ин кӯшишашон кӯмак расонад. Бо ҳамин роҳ захираи тиллову нуқра афзуда, мамлакат бойтар шуда метавонад. Барои иҷрои ин мақсад онҳо тавсия медоданд, ки молҳо ҳарчи зиёдтар ба хориҷи кишвар содир карда шуда, бо нархҳои гаронтар фурӯхта шаванд. Давлат бояд садди роҳи моловарӣ ба мамлакат гардад ва бо ин васила барои аз марзи ватан баромадани пул роҳ надиҳад.

Аз рӯи ҳамин нишондодҳо баъзан гумон мекунанд, ки намояндагони мактаби тиҷоратчигӣ тарозӣ (баланси) фаъоли савдои берунаро ташвиқ мекарданд. Ин ақидаҳо барои мамлакатҳои онзамонаи Британияи Кабир, Франсия, Ҳолландия ва монанди инҳо мувофиқат мекард. Чунки он замон дар масоҳати Европа наклиёти баҳрӣ ривоҷу равнақ ёфта, ҳамчун натиҷаи кашфиётҳои ҷуғрофӣ молбарорӣ меафзуд ва ҳунармандию саноат босуръат ривоҷ меёфтанд. Ба туфайли инкишофи баҳриавардӣ кашонидани борҳо осон мегашт ва молҳои зиёдеро аз марзи ин мамлакатҳо бароварда, киштиҳо дар бозгашт молҳои ҳархелаи камёфту аҷиб ва ғарибро ба таври фаровон ворид месохтанд.

Бо мазмуни муайян мактаби тиҷоратчигиро мактаби даврони ривоҷу равнақи ҳунармандию саноати ибтидоӣ ва андӯхти ибтидоии сармоя ҳам ҳисоб мекунанд. Вай дар илми иқтисодӣ нақши калон надошта бошад ҳам, амалан ҳамчун давраи огози гузориши масъалаҳои иқтисодӣ ва ба таври алоҳида фаъолият бурдани ақоиди иқтисодӣ хизмат кардааст.

## 2. §3. б) МАКТАБИ КИШОВАРЗОН

Мактаби дигари дар таърихи илми "Назарияи иқтисод" шӯҳрат ёфта, "мактаби кишоварзон" ё "физиократҳо" мебошад. Фаъолияти ин мактабро ба асри XVIII дар мамлакатҳои Европа мансуб медонанд. Ибораи "физиократия" ҳамчун фармонравоии табиат маънидод карда мешавад. Аммо дар ин ҷо сухан на дар бораи худи табиат, балки заминдорӣ меравад. Заминдорӣ бошад бо сарвати табиӣ – замин пойбанд мебошад. Баъзеҳо ақида доранд, ки мактаби кишоварзон ҳамчун намояндагони заминдорони калон ба ҳифзи онҳо аз намояндагони тиҷорату саноат нигаронида шуда будааст.

Хислатҳои фарққунандаи ин мактабро дар ҳамон дидан ҷоиз аст, ки ба туфайли он тадқиқот аз соҳаи тиҷорат – мубодилаи молҳо ба соҳаи истеҳсолот гузаронида мешавад. Худи ҳамин ҳолат як комёбии беназири илмӣ шуморида мешавад. Ба тадқиқоти истеҳсолот рӯй овардани илми иқтисодӣ яке аз комёбиҳои намоёну тободули беҳамтои илмие шуморида шудааст. Чунки тадқиқоти тиҷорат баъзе асосу моя ва сабаби худро дошта бошад ҳам, мантиқан ба пешрафти илм мусоидат карда наметавонист. Бояд мадди назар дошт, ки дар асри XVIII ҳунармандию саноат босуръат ривоҷ меёфтанд. Ба истеҳсолоти кишоварзӣ камтар таваҷҷӯҳ карда мешуд. Хоҷагиҳои зиёди кишоварзӣ ба зиддияту нокомиҳо дучор мегаштанд. Бинобар он мактаби кишоварзон мақсади ҳимояи хоҷагиҳоро назди худ гузошта буд.

Намояндагони барҷастаи мактаби кишоварзон фарансавиён, Франсуа Кэне (1694–1774), Роберт Жак Тюрго (1727–1781) буданд. Франсуа Кэне соли 1757 асараш "Ҷадвали иқтисодӣ" -ро аз чоп мебарорад. Назарияи кишоварзии вай маҳз дар ҳамин асар бо пуррагӣ тасвир меёбад. "Ҷадвали иқтисодӣ" –и Кэне ҳамчун яке аз асарҳои намоёнтарин то замони мо омада расидааст.

Франсуа Кэне дар ҷадвалаш нишон медод, ки маҳсули холис танҳо дар соҳаи кишоварзӣ бо заҳмати заминдорону деҳқонон ба вуҷуд оварда мешавад. Гӯё дигар соҳаҳо аз ҳисоби истифодаи ҳамин маҳсулоти холис ву-

ҷуд дошта метавонанд. Мувофиқи ин нишондодҳояш Кэне ба хулоса меояд, ки ҷомеа танҳо ба меҳнати маҳсулноки заминдорону деҳқонон такя карда, ҳаёташро ба роҳ мемонад. Кормандони саноату ҳунармандон танҳо маҳсули кишоварзиро аз нав кор карда, аз ҳамин ҳисоб таъминоташонро ба роҳ мемонанд. Яъне табақаи ягонаи маҳсулнок заминдорону кишоварзон мебошанд. Аз ин рӯ давлат бояд ба онҳо ҳамаҷониба кӯмак расонида, онҳоро дастгирӣ намояд. Дар акси ҳол вазъи мамлакат хароб гашта метавонад. Франсуа Кэне пешниҳоди ақидаи марказии меркантилистонро беасос бароварда, исбот пешниҳод карда буд, ки тиҷорат на махсулот тавлид мекунад ва на арзишро афзун мегардонад. Балки меҳнати кишоварзон тавлидгари арзишу маҳсулот мебошад.

Дигар комёбии намоёни Кэне ҳамон буд, ки вай дар ҷадвали иқтисодиаш аввалин шуда, кӯшиши ба таври умумӣ дар миқёси мамлакат тасвир намудани истеҳсолу мубодила шудани маҷмӯи маҳсулоти ҷомеаро пеш гирифта буд. Аллбата вай танҳо мубодилаи маҳсулоти кишоварзиро дар байни табақаҳои кишоварзон, саноатчиён, хизматчиён мадди назар дошт.

Комёбиҳои дигари ба ин мактаб мансуб тадқиқи муносибатҳои аграрӣ, кушодани муносибатҳои рентавӣ дар сатҳи омӣ, ошкор кардани пастшавии ҳосилхезии хок ва монанди онҳо низ мебошанд. Дар омӯзиши ин масъалаҳо ҳиссаи намоёнро Жак Тюрго гузоштааст.

Ногуфта намонад, ки соҳаи кишоварзии истеҳсолот барои мамлакатҳои сершумори ҷаҳон, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам масъалаи ҷиддӣ ба шумор меравад. Чунки амалан бо фаъолияти маҳз ҳамин соҳа аҳолии мамлакат бо ғизо ва соҳаҳои алоҳидаи саноат бо ашёи хом таъмин карда мешаванд. Ҳатто дар замони мо ҳам давлатҳо дар бисёр мамлакатҳо бо мақсади ноил гаштан ба беҳдошти хоҷагии қишлоқ ба корхонаҳои ин соҳа кӯмаку имтиёзҳо пешниҳод мекунанд. Ин гуна чораҳо имкон медиҳанд, ки таъминоти аҳолии мамлакат бо хӯрокворӣ дар як сатҳи муайяну дилхоҳ нигоҳ дошта шавад. Илова бар ин усулҳои наву замонавии ташкилу идораи истеҳсолоти кишоварзӣ, ба роҳҳои мошиниву саноатӣ гузаронидани истеҳсолот таъмин карда шаванд.

## 2. §3. в) МАКТАБИ КЛАССИКҲО (В. ПЕТТИ, АДАМ СМИТ, ДАВИД РИКАРДО)

Ин марҳалаи ривоҷу равнақи илми иқтисодиро давраи ҳақиқатан ба саҳнаи фаъолият расидани илми иқтисодӣ ҳисоб мекунанд. Ин нишондод асоси воқеӣ дорад. Дар ин марҳалаи илм аз ақидаҳои ҳархелаи пароканда ба таълимоти ҳамҷояву мунтазам ва ягона табдил меёбад. То ин давра агар мутафаккирон бо ақидаҳои ҷудогонаву беробита маҳдуд шаванд, акнун онҳо тадқиқотро пайваставу алоқамандона пеш мебурданд. Тарҳу равиши умумии илм ҳам дар ин марҳала аниқу возеҳ муайян карда мешавад. Бинобар он ин марҳала ҳамчун даврони пойдоршавии маҷмӯи ақидаҳо оид ба иқтисодиёт тасвир карда мешавад. Олимони пажӯҳишгари ин марҳала барои ҳамин классикҳо номида шудаанд, ки фаъолияти онҳо ҳамчун сабабгори пойдор гаштани маҷмӯи ақоиди иқтисодӣ хизмат намудааст.

Яке аз классикон Вилям Петти[*](1623–1686) ҳисобида мешавад. Вайро барҳақ асосгузори илми иқтисодӣ ҳисоб мекунанд. Асарҳои намоёнтари-

ни Вилям Петти "Рисола дар бобати андозу маблағгирӣ" (1662), "Арифметикаи сиёсӣ" (1676), "Баъзе масъалаҳои пул" (1682) ва дигарҳо мебошанд. Ҳатто аз рӯи номи асарҳои Петти ҳам муайян кардан мумкин аст, ки вай тадқиқоташро дар ҳудуди масоили марказии иқтисодии ҳамонзамона пеш мебурд ва изҳори ақида мекард. Мояи марказии асарҳои В. Петти сарват, сармоя, меҳнат, маҳсулот, пул, молиёт, муомилот ва монанди инҳо буданд. Ғайр аз он В. Петти натанҳо дар гузоришоти масъалаҳои иқтисодӣ, балки дар ҳаллу фасли онҳо хизмати беҳамтоеро ба иҷро расонидааст. Дар таълимоти ин мутафаккир масъалаҳои марказии илми иқтисодӣ номбар ва тасвир карда шудаанд. Бесабаб нест, ки вай "меҳнатро падар ва заминро модари сарват" ҳисоб мекард.

Намояндаи дигари классикҳо Адам Смит (1723–1790) мебошад. Адам Смит дар Шотландия дар оилаи нозири калони гумрук ба дунё омадааст. Дар шахсияти Адам Смит илми иқтисодӣ, ки аллакай он замонҳо "Иқтисоди сиёсӣ" ном дошт, пажӯҳишгари мумтозу файласуфи беҳамторо ба даст оварда буд. Аввалан Адам Смит бо асарҳои фалсафии ба материализм наздикаш шӯҳрат меёбад. Пас аз миёнсолӣ бошад , Адам Смит бо масъалаҳои иқтисодӣ шуғл меварзад. Вай соли 1777 асареро бо номи "Тадқиқоти табиат ва сабабҳои сарвати халқҳо" –ро ба хонандагон пешниҳод мекунад. Ин асар ба вай шӯҳрати ҷаҳонию таърихӣ меоварад.

Дар ин китобаш Адам Смит тамоми ақидаҳои тақрибан таи 100 сол ба миён омадаро ҳамаҷониба тадқиқу тавсиф карда, ба назароти иқтисодии пешгузаштагон баҳои илмӣ медиҳад. Масъалаҳои дигари марказии дар ин асар таҳлилу таснифшаванда инҳо буданд:

а) озодии бозор; б) сатҳи ногузири даҳолати давлат ба иқтисодиёт; в) танзими дохилии бозор дар асоси нархҳои озод; г) ташаккули нархҳо дар асоси талаботу таклифот; д) асосҳои назарияи арзиши меҳнатӣ; е) таксимоту тахассуси меҳнат; ж) таълимот оид ба даромадҳо; з) қоидаҳои андозгузорӣ ва монанди инҳо.

Барои он Адам Смитро асосгузори "Иқтисоди сиёсӣ" меноманд, ки вай қариб тамоми масъалаҳои иқтисодии онзамонаро баррасӣ намуда, ҳиссаи зиёди онҳоро ба таври илмӣ ҳаллу фасл карда буд. Ҳарчанд назароти вай аз нокисиҳо низ холӣ нест.

Забардасти дигари илми иқтисодӣ шаҳрванди Британия Давид Рикардо (1772–1823) мебошад. Давид Рикардо дар оилаи тоҷир таваллуд шуда, аз синни 21 солагӣ бо шуғли бозоргонӣ банд мешавад ва то соли 1812 сармояи калоне гирд меоварад ва ин шуғлро тарк менамояд. Минбаъд Рикардо сармояашро барои харидани замин сарф карда, ба заминдорӣ мегузарад. Баъд аз он шуғли асосии вай омӯзиши илму тадқиқот мегардад. Тамоми қувваю тавоноиашро Давид Рикардо ба омӯзиши масъалаҳои иқтисодӣ сарф менамояд. Ин кӯшиш ба вай имкон медиҳад, ки дар ин ҷодаи фаъолият ба комёбиҳои беназиру кашфиёти намоён ноил гардад. Аввалан вай таълимоти Адам Смитро ҳамаҷониба омӯхта, минбаъд ба инкишофи он камар мебандад.

Давид Рикардо нишондоди Смитро дар бораи назарияи арзиши меҳнатӣ қувват дода, дар гузоришоташ ҳамаҷониба такмил медиҳад. Ӯ исбот карда буд, ки натанҳо мувофиқи нишондоди Смит меҳнат дар давраи ибтидоии ҷомеа ҳамчун асоси арзиши молҳо хизмат мекард, балки дар замонааш ҳам қонуни арзиш ҷой дорад. Рикардо нишон медод, ки инкишофи

муносибатҳои иқтисодии одамон таи таъсири бевоситаи қонунҳои иқтисодӣ сурат мегирад. Аммо вай қонунҳои иқтисодиро доимию табиӣ мешуморид.

Асари намоёнтарини Рикардо "Ибтидои иқтисоди сиёсӣ ва андозгузорӣ" (1817) ба шумор меравад, ки аз 32 боб иборат буд. Масъалаҳои асосии дар ин асар таҳлилшаванда асосҳои назарияи иқтисодӣ, арзишу даромад, назария ва амалияи андозгузорӣ ва таҳлили гузоришоти А.Смит буданд.

Дар таълифоти Рикардо назарияи арзиши меҳнатӣ анҷоми мантиқии худро ёфта тавонист. Ӯ нишон медод, ки қонуни арзиши меҳнатӣ қонуни абадию ҳамазамонӣ мебошад. Яке аз назароти тому сифатан баланди Давид Рикардо назарияи рентаи замин ба шумор меравад. Вай нишон медод, ки сарчашмаи тамоми арзиш меҳнат аст. Аммо табақаҳои ҷомеа арзиши истеҳсолшударо байни худ ҳамчун музди кор ва фоида тақсим мекунанд. Пас манфиати иқтисодии байни синфҳои доро ва коргарони кироя бо ҳамдигар номувофиқанд ва зиддияти байни онҳо ҳатмист. Минбаъд ин ақида ҳамчун асоси назарияи муборизаи синфии Карл Маркс хизмат кардааст.

Ҳамин тавр, ба туфайли захматҳои нобиғаи беҳамтои бритонӣ Давид Рикардо илми иқтисодӣ бо номи "иқтисоди сиёсӣ" шӯҳрат ёфта, маҳз дар ҳамин марҳала вай ба як илми тому батафсиле табдил меёбад. Дар ин зина акнун камолоти илми иқтисодӣ фаро мерасад.

## 2. §3. г) ИҚТИСОДИ СИЁСИИ ИНҚИЛОБЧИЁН (КАРЛ МАРКС)

Чӣ тавре ки дар боло нишон дода шуд, илми иқтисодӣ пас аз даврони классикон бо кӯшишу заҳматҳои онҳо мазмуни иқтисоди бозаргониро ба худ гирифта буд. Вале бо кӯшиши иқтисодшиносони минбаъда вай ба ду шохаи калон тақсим карда мешавад:

1) шохаи аввал ақидаҳои классиконро идома бахшида, сонитар номи "Экономикс" -ро мегирад.

2) шохаи дуюм аз тарафи гурӯҳи дигар ба маҷрои инқилобӣ бурда шуда, номи "иқтисоди сиёсии пролетарӣ" -ро мегирад.

Мо дар ин қисмат ба иқтисоди сиёсии пролетарӣ ё назароти инқилобчиён таваҷҷӯҳ мекунем. Поягузори ин ҷараёни илми иқтисодӣ материалистони асри XVIII, сотсиалистони хаёлӣ ва иқтисодшиносони пролетарӣ буданд. Дар ҳамон давраҳо баробари пешрафти саноат ва дар иқтисодиёт устувор гардида ҷои намоёнро ишғол кардани ин соҳаи истеҳсолот муносибатҳои сармоядорӣ ҳам ривоҷу равнақи намоёнро соҳиб мегарданд. Аммо чуноне ки Рикардо нишон дода буд, зиддияти ду табақаи асосии онзамона – сармоядорон ва синфи коргари кироя торафт авҷ мегирад. Ин ҳолат боиси авҷи ҳаракати коргарӣ ва тадқиқоту баррасиҳои ҷиддӣ дар илми иқтисодӣ мегардад. Бархе аз мутафаккирон – намояндагони сотсиализми хаёлӣ ақоиди наве ба миён оварда, дар бораи имконоти фаро расидани ҷомеаи осоиштаву адолатпаноҳ бо номи сотсиализм хулосаҳо ба миён меоваранд. Дар ҳамин вазъият ба саҳнаи фаъолият тадқиқгари беҳамто Карл Маркс мебарояд. Асосгузори назарияи иқтисодии пролетарӣ Карл Маркс (1818 – 1883) – иқтисодчии беҳамтои немис ва ҳаммаслаки вай Фрид-

рих Энгелс дар якҷояги илми ҷомеашиносии замонаашонро ҳамаҷониба омӯхта, дар ҳамин асос ба назарияи нави ҷомеашиносие асос мегузоранд, ки номи "назарияи инқилобӣ"-ро гирифта буд. Аз ҳамин сабаб ҳам онҳоро доҳиёни синфи пролетариат низ мешумориданд.

Хислати хоси назарияи инқилобчиён аз ҳамон иборат буд, ки онҳо аҳли меҳнатро ба инқилоб даъват карда, роҳи оянда ҳаёти ҷомеа ва усули расидан ба осоишу ҷомеаи боадолатро маҳз дар ҳамин равиш мебинад. Маркс ва Энгелс асарҳои сершуморе таълиф кардаанд. Дар байни ин асарҳои сершумор мавқеи асари безаволу беҳамтои Маркс "Сармоя" ("Капитал" - 1867) ҷудо шуда меистад. Ин асар амалан китоби иқтисодиву фалсафӣ мебошад.

Ба мазмуни муайян таълимоти марксистиро ҳамчун куллаи таълимоти иқтисодӣ ё ин ки илми иқтисод ҳисоб мекунанд. "Капитал"-и Карл Маркс аз чор ҷилди ҳаҷман калон иборат аст. Вай ҷилди аввали асаршро соли 1867 аз чоп бароварда буд. Ин ҷилд сарлавҳаи "Ҷараёни истеҳсоли сармоя"-ро дорад. Дар вай масъалаҳои марказии истеҳсолот, меҳнати тавлидкунандаи молҳову арзиш, пайдошавии пул, арзиш, арзиши изофа, мазмуни музди кор ва масъалаҳои дигар таҳлилу тасниф ёфтаанд. Рӯҳияи асосии асар ба ҳамон нигаронида шудааст, ки номувофиқию хислати синфии зиддиятнок доштани ҳодисаҳои иқтисодӣ ва ба ҳамдигар муқобил будани манфиати иқтисодии табақаҳои сармоядорону синфи коргар эътимоднок кушода шавад.

Ҷилди дуюми "Капитал" бо зерсарлавҳаи "Ҷараёни муомилоти сармоя" интишор шудааст. Ҷилди сеюм бошад, бо номи "Масоили ҳамҷояи истеҳсолу мубодилаи сармоя" чоп карда мешавад. Ҷилди чоруми асаршро Маркс ба танқиди ақидаҳои то замонаш ҷойдоштаи мутафаккирону иқтисодшиносон бахшидааст.

Ҳамин тавр, дар нимаи дуюми асри XIX назароте дар ҷомеашиносӣ ба миён оварда шуда буд, ки номи марксизмро гирифтааст. Пояҳои асосии ин таълимот аз ошкор сохтани табақаҳо, зиддияти байни онҳо, дар асоси ин зиддият вуҷуд доштани ҷомеа ва дар охир бо қувваи пролетариат сарнагун сохтани тамоми сохтори ҳукмронию давлатии онзамона нигаронида шуда буд. Марксу Энгелс ҳамчун пешвоёни синфи коргар, ҳатто доҳиёни вай шинохта мешуданд. Ва минбаъд равнақи хуруҷи револютсионии кормандон ҳамчун пешгӯию хулосаи асосноки илмии онҳо маънидод карда мешуд. Барпо гаштани сотсиализм ва дар нимаи садаи XX ба якчанд мамлакатҳои ҷаҳон паҳн шудани он боиси обрӯю эътибори ҷаҳонӣ пайдо кардани марксизм гардида буд. Минбаъд ин назария ба идеологияи (ҷаҳонбинии) давлатию сиёсӣ мубаддал гардида буд. Дар нимаи дуюми солҳои 80-ум асри XX парокандашавии ҷаҳони сотсиалистӣ ва соли 1991 парокандашавии Иттиҳоди Шӯравии собиқ, ки боиси ба иқтисоди бозаргонӣ рӯй овардани ин мамлакатҳо гардид, эътибору обрӯи беҳамтои марксизмро коста гардонид.

Иқрор бояд шуд, ки Карл Марск таълимоти иқтисодии пешгузаштагонро аз нуқтаи назари танқидӣ омӯхта, масъалаҳои зиёди иқтисодиро ба анҷоми илмиву мантиқиашон расонида буд. Вале ба нафъи инқилоби пролетарӣ, беҳдошти ҳаракати револютсионӣ хизмат кардани назарияи марксистӣ ва кӯшишҳои маҳз бо ҳамин равия истифода кардани қувваҳо марк-

сизмро дар замони мо ба кўҳнашавӣ водор намуданд. Дар зинаи ҳозираи тамаддун ҳамон қадар қувваю имконоти ҷангие ба миён оварда шудааст, ки ба инсоният маҳвшавии абадӣ таҳдид мекунад. Бинобар он вазифаи муҳимтарину аввалиндараҷаи тамаддуни башарӣ таъмини бақодории вай мебошад. Яъне табиату хислати ҷанг ба вазифаҳою таъйиноти ҳозираи одамон мувофиқат намекунад. Илова бар он таи зиёда аз 70 сол фаъолият доштанаш сотсиализм амалан ба одамон беҳбудию адолати ҳақиқии иҷтимоиро таъмин карда натавонист. Ҳамаи ин сабабҳо дар якҷоягӣ боиси рў ба иқтисоди бозаргонӣ овардани мардумон гардидаанд. Солҳои аввали ин гузариш ҳатто дар Тоҷикистон ҳам нишон доданд, ки бозору бозоргонӣ кашфиёти беназири инсоният буда, солҳои мадид боз ба инсон хизмат карда сабабгори беҳбудӣ шуда метавонад.

Назарияи марксистӣ як марҳалаи намоёну беҳамтое дар инкишофи илми ҷомеашиносӣ ба шумор меравад. Карл Маркс кашфиёти беназирро дар бораи хислати духелаи меҳнати дар мол таҷассумёфта (меҳнати конкретию абстрактӣ) ба миён овард. Ба ҳамин минвол ба вай муяссар шуд, ки назарияи арзиши меҳнатиро ба анҷоми мантиқиаш расонад. Кашфиёти дигари Маркс қонуни арзиши изофа мебошад. Кашфи ин қонун ба вай имкон дод, ки назарияи муборизаи синфиашро пешниҳод намуда, онро аз ҷиҳати иқтисодӣ ҳамаҷониба асоснок намояд. Ў дар асоси далелҳои зиёди иқтисодӣ нишон дода буд, ки ҷомеаи сармоядорӣ муваққатист ва даргузар мебошад. Умуман Карл Маркс доир ба қариб тамоми масъалаҳои умумии назарияи иқтисодӣ ақидаву гузоришот пешниҳод намуда, ҳиссаи зиёди онҳоро ба анҷоми мантиқиашон расонида буд. Ҳарчанд муқобилону мунаққидони ин ақидаҳо ҳам кам нестанд.

Назарияи марксистӣ минбаъд дар асарҳои сершумори В. И. Ленин (1870–1924) давом дода мешавад. Бисёриҳо дуруст таъкид мекунанд, ки В.И. Ленин натанҳо назариётчии беҳамтои замонааш, балки роҳнамою таъмингари ғалабаи Инқилоби Октябр (1917) дар Русия низ мебошад. Мутаассифона, давлати ба миён овардаи ҳизби болшевикон, ки то солҳои 90–ум арзи вуҷуд дошта ба роҳи чапгалату ғайриилмие ворид карда шуд, шиору мақсадҳои гузоштаашро ба иҷро расонида натавонист. Аз миёнаи солҳои 80 –уми асри XX аввал ҷаҳони сотсиалистӣ ва минбаъд Иттиҳоди Шўравӣ рў ба парокандагӣ оварданд. Бо ҳамин эътибори пештараи сотсиализм аз даст дода шуд.

## 2. §4. "НАЗАРИЯИ ИҚТИСОДӢ"–и ҲОЗИРАЗАМОН

Ҳанўз дар нимаи дуюми асри XIX ҳамчун ҷараёни муқобили марксизм – таълимоти муборизаи синфӣ, равияи дигари таълимоти иқтисодие ба миён омада буд, ки номи ҷараёни ғайрисиёсию ғайрисинфиро гирифтааст. Иқтисодчии машҳури британӣ Алфред Маршалл (1842–1924) дар асараш "Қоидаҳои илмии иқтисодӣ" нишон медод, ки хислати истисморчигарию бераҳмонаи ҷомеаи сармоядорӣ гузарон аст. Бо сабаби дар марҳалаи устувор гардида истодани ин ҷомеа соҳибкорону корчаллонон нисбат ба аҳли меҳнат ғамхорӣ намекунанд, кўшиши нархафзоиро пеш мегиранд, аммо пас аз анҷоми ин равиш ҷомеа дигаргун шуда, хислатҳои наву инсондўстонаро ба худ гирифта метавонад.

Пажӯҳишгарони ба ин равия майлдошта бо мақсади аз сиёсату мубориза синфӣ дур будани худро нишон додан илмашонро "Экономикс" номида буданд. Ҳарчанд аз сиёсат комилан дур рафтани илми ҷомеашиносӣ ҳеҷ гоҳ муяссар нагардидааст, вале ба ҳар ҳол тарафдорони "Экономикс" дар тадқиқоташон кӯшиш ба харҷ медоданд, ки ҳарчи аз мубориза синфию сиёсати давлатҳо дуртар бошанд. Ҳамин тавр, хусусияти "Экономикс"-и солҳои 70-уми асри XIX худро дур гирифтан аз марксизм ва мубориза синфӣ буд, ҳарчанд ин дургирӣ на ҳама вақт ба онҳо даст медод.

Дар асри XX ин ҷараёни тадқиқоти иқтисод ба худ номи навклассикиро гирифта буд. Навклассикҳо, ки намояндаи барҷастаашон А. Маршалл буд, таъкид мекарданд, ки мувофиқи таълимоти Адам Смит иқтисодиёти озоди бозоргонӣ ба таври автоматӣ ба худ роҳ мекушояд ва монеаҳоро паси сар мегардонад. Барои иҷрои ин мақсаду маром унсурҳои бозор – нарх, рақобат, фоида ва дигарҳо ба вай мадад хоҳанд расонд. Аз ин сабаб онҳо даъват мекарданд, ки давлат ба иқтисодиёт кордор нашавад.

Бӯҳрони шадиди ҷаҳонии солҳои 1929—1933 қариб ҳамаи мамлакатҳоро фаро гирифта, сабабгори гардиши бузурге шуд. Иқтисодшиноси машҳури асри XX Ҷон Мейнард Кейнс (1883–1946) ин ақидаро рад кард. Вай дар асараш "Назарияи умумии машғулӣ, фоиз ва пул" (1936) нишон дода буд, ки дар хиссаи назарияи марксистии такрористеҳсол дуруст аст ва ҷомеа дар ҳар як марҳала ба тезутундии зиддиятҳову бӯҳронҳои иқтисодӣ дучор хоҳад шуд. Барои бартараф кардани ин бӯҳронҳо давлат бояд ба иқтисодиёт дахолат карда, истеъмолотро дастгирӣ намояд ва бо воситаи танзими муомилоти пул машғулии комили шаҳрвандонро таъмин намояд. Он замонҳо дар Иттиҳоди Шӯравии собиқ иқтисодиёт комилан ба тасарруфи давлат даромада буд. Бинобар он намунаи намоён ҳам ба Ҷ. М. Кейнс пешниҳод карда шуда буд. Давлатҳои мутараққии онзамона тавсияи Кейнсро истифода бурда, дар солҳои 40–60-ум ба натиҷаҳои дилхоҳ расиданд ва муаллифи ин ақида Ҷ.М. Кейнс ҳамчун иқтисодчии беҳамтои садаи XX шӯҳрат пайдо кард.

Назарияи дар ин садсола эътирофшудаи иқтисодӣ номи назарияи кейнсчигиро гирифта буд. Як қатор пажӯҳишгарон нишондоди Кейнсро қабул накарданд ва ё бо ислоҳу иловаҳо қабул мекарданд. Даҳсолаҳои 70–80-ум аз нав ақидаҳои навклассикӣ ҷонюк гашта, ҷараёни нави институтсионалӣ—иҷтимоиро ба миён оварданд. Мувофиқи нишондоди ин ҷараён, ки намояндагони беҳтаринаш Т. Веблен, Ҷ. Коммонс, У. Митчелл, Ҷ. Гелбрейт, Р. Арон, Я. Тинберген ва дигарон мебошанд, ақида доранд, ки институтҳо равиши иқтисодро муайян созанд. Ва гӯё ҷомеаи ҳозира рӯ ба конвергенсия – муттаҳиду пайвандшавӣ дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мактабҳои олию миёнаи махсус аз аввалҳои солҳои 90-ум ба омӯхтани "Назарияи иқтисод" шурӯъ карданд. Соли 1993 "Иқтисоди бозаргонӣ" -и ба забони тоҷикӣ навиштаи профессорон И. Давлатов, Б. Исоматов, С. Ҳабибов пешниҳод шуда буд. Солҳои 1993—1996 китоби таълимии профессор Исоматов Б. бо номи "Асосҳои назарияи иқтисодӣ" дар се қисм барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ пешниҳод шудааст.

Ҳамчун воситаи аёнии тасвиркунандаи таърихи баёншудаи илм ҷадвали поёнро пешниҳод мекунем.

*Ҷадвали 2.1.* Тасвири нақшагии таърихи "Назарияи иқтисод"

| Номи илм ва ё мактабҳои мансуби он | Давраи фаъолият |
|---|---|
| "Хонадорӣ", хоҷагии хонагӣ | асрҳои X-I то милод |
| "Тадбири манзил" | асрҳои I-XII милодӣ |
| Иқтисоди сиёсӣ-классикӣ: | асрҳои XVI-XVIII |
| мактаби физикратҳо | асри XVIII |
| мактаби классикҳо-иқт. бозорӣ | асрҳои XVII-XIX |
| Иқтисоди сиёсии марксистӣ (пролетарӣ) | аз миёнаи асри XIX то с. 90-уми асри XX |
| "Экономикс": -- гузориши масъала | охири асри XIX |
| -- равияи навклассикӣ | охири асри XIX |
| -- равияи кейнсчигӣ | солҳои 30-уми асри XX |
| Назарияи иқтисод | аз миёнаи асри XX |

## 2. §5. ИЛМИ ИҚТИСОДӢ ВА ҲАЁТИ ВОҚЕӢ

"Назарияи иқтисод" ҳамчун илм дар бораи ҳаёти ҷомеа маълумот медиҳад. Илмҳои ҷомеаро тасвиру таснифкунанда сершуморанд. Дар байни онҳо "Назарияи иқтисод" мавқеи муайяну намоёнеро ишғол менамояд. Дар омӯзиш ва таснифу маънидоди ҳодисаҳои иқтисодӣ "Назарияи иқтисод" танҳо нест. Вале аз рӯи мақсаду таъйинот ва равишу маънидод вай нотакрору алоҳида мебошад.

"Назарияи иқтисод" бо дигар илмҳои иқтисодӣ, ба монанди ҳисобдорӣ, омор, ҷуғрофияи иқтисодӣ, демография, илмҳои соҳавии иқтисодӣ – иқтисодиёти саноат, хоҷагии қишлоқ, сохтмон, тиҷорат, нақлиёт ва ғайра алоқамандии зич дорад. Ин илм барои онҳо ҳамчун асоси назариявию методологӣ хизмат мерасонад.

Дар маҷмӯи илмҳои ҷомеашиносӣ, аз ҷумлаи онҳо фалсафаю сотсиология, таърих, "Назарияи иқтисод" мавқеи хоси худро дорад. "Назарияи иқтисод" муносибатҳои иқтисодии одамонро дар алоқамандии онҳо бо қувваҳои истеҳсолкунанда маънидод карда, бо ҳамин маром қонунҳои мавҷудият ва инкишофи онҳоро ошкор месозад. Бинобар ин баъзан онро ҳамчун илм дар бораи қонунҳои иқтисодии мавҷудият ва инкишоф ҳам маънидод мекунанд. Аммо ин маънидоди яктарафа мебошад. Чунки барои маънидоди ҳамаҷонибаю пурра равишҳои иқтисодиро донистан зарур аст, балки дар баробари ин фаъолияти меҳнатии мардумон, тарзу усули хоҷагидорӣ, истеҳсолу тақсимот ва мубодилаю истеъмоли неъматҳоро ҳам донистан зарур аст. Аз ин ҷо "Назарияи иқтисод" натанҳо бо мафҳумҳои абстрактӣ, эҷоду ихтирои онҳо, балки мароми равиши зиндагонии одамон, хоҷагидории онҳо низ сару кор дорад. Чунки бо ҳамин шарт илми назарӣ ба амали хоҷагидории ҳар як марҳалаву замон баҳои илман асосноку дуруст дода, равиши онро пешгӯӣ карда метавонад.

Бояд дар назар дошт, ки ҳодисаҳои назарии бо ёрии ин илм тасвиршаванда ҳамчун акси амали равишҳои иқтисодӣ буда наметавонанд. Зеро

дар ин ҳолат илм ба дастгоҳ ё асбоби аксбардорӣ (суратгиранда) табдил хоҳад ёфт.

Одатан илм ҳодисаҳои сершумори иқтисодӣ, равишҳоро ҳамаҷониба тадқиқ намуда, дар ҳамин асос ба хулосаҳои муайян меояд. Ин хулосаҳо мазмуну равиши умумию даркшавандаи ҳодисаҳоро тасвир менамоянд. Дар ин омӯзиш тасаввуроти нодуруст ҳам ҳосил шуда метавонанд. Барои ба роҳи ғалату нодуруст ворид нагаштан тадқиқгари ҳодисаҳои иқтисодӣ гоҳ-гоҳ бояд хулосаҳояшро дар амали хоҷагидорӣ санҷида бинад.Маҳз бо ҳамин усул вай худро дар роҳи дуруст нигоҳ дошта, аз саҳву хатоҳо эмин монда метавонад.

Ғайр аз он шакли ҳаётии равишҳои иқтисодӣ ҳамчун мояи тадқиқу омӯзиш хизмат кунанд ҳам, амалан онҳо худи тасаввуроти илмиро фаҳмонида наметавонанд. Махсусан, сиёсати иқтисодии давлат ҳам ҳамчун мояи тадқиқу тавсиф хизмат карда метавонад, аммо вай аз тасаввуроти ҳақиқатан илмӣ фарқ мекунад. Қонунгузории хоҷагӣ бошад, равишҳои иқтисодиро бо сатҳи омӯзиши онҳо пайванд мегардонад.

# ҚИСМИ ДУВВУМ
# МИКРОИҚТИСОД, БОЗОР ВА МАВҚЕИ ОН ДАР ИҚТИСОД

## БОБИ 3. АСОСҲО ВА МАЗМУНИ МАРОМИ ИСТЕҲСОЛОТИ МОЛӢ

### 3. §1.ЗИНАҲОИ НАМОЁНИ ИНКИШОФИ ХОҶАГӢ. ПАЙДОШАВИИ ИСТЕҲСОЛОТИ МОЛӢ

Хонандагони арҷманд бояд огоҳ бошанд, ки дар ин қисмати китоб ба онҳо маълумот дар бораи иқтисодиёти хурд (микроиқтисод) ва асосҳои иқтисоди бозаргонӣ дода мешавад.

Аз замони мавҷудияти иқтисодиёт ҳавлӣ ё хонадон пояи марказии онро ташкил медиҳад. Пажӯҳишгарону мутафаккирони зиёде таъкид доранд, ки ибтидои муносибатҳои истеҳсолии одамон, ё ин ки асоси ҳар як узви иқтисодро фаъолияти хонадорӣ ба миён меоварад. Хонавода, ҳавлӣ ё манзилро сарчашмаи равандҳои иқтисодиёти ҷомеа ҳисоб мекунанд. Бинобар он ҳам мо низ пайдо шудани муносибатҳои бозорро маҳз дар ҳамин микёсу зина дида мебароем.

Тахмин мекунанд, ки дар ибтидои таърихи башар хонаводаҳо, оилаҳо ва ё авлодҳо одатӣ буданд. Аъзоёни авлоду қабила ҳаёти ҳамҷоя мебурданд ва ба даст овардани неъматҳои дар табиат буда ҳамчун шуғли ҳамаи аъзоёни авлод ба шумор мерафт. Инсоният ҳазорсолаҳои сершуморе бо ҳамин минвол умр ба сар мебурд. Аммо бо пешрафти одамизод, мутобиқати онҳо ба ҳаёт афзунтару беҳтар мегардид. Ин беҳтару фузунтаршавӣ дар мутобиқат дар ҳаёти муқимӣ, ба роҳ мондани истеҳсоли неъматҳову олатҳои меҳнат зоҳир мегардид. Чунонки дар "Авасто" –и Зардушт нишон дода мешавад, гурӯҳе аз одамон ба ҳаёти муқимӣ гузашта, кӯшиши такомулоти тавлидгарию истеҳсолотро пеш мегиранд, гурӯҳҳои дигар бошанд, ҳаёти бодиянишинию нимваҳширо давом медиҳанд.

Минбаъд тақсимоти калони ҷомеагии меҳнат ба миён омада, боиси аз ҳамдигар ҷудо шудани зироаткорию чорвопарварӣ, кишоварзию ҳунармандӣ, истеҳсолгарию тиҷоратч мешавад. Шояд ҳар яке аз ин тақсимоти калони ҷомеагии меҳнат муддати дуру дарози таърихи башарро дар бар гирифта бошад. Аммо дар ин бобат то замони мо далелу маълумоти ночизе омада расидаанд. Тақсимоти тахсиси меҳнат боиси ба гурӯҳҳои алоҳида, табақаҳо ҷудошавии одамон мегардад. Чунон ки Закариёи Розӣ навиштааст, ҳар як шахс ихтисосеро ба худ интихоб мекунад ва дар иҷрои он ба камоли маҳорат мерасад, бинобар он маҳсули меҳнат ҳам таърихан ва аз нуктаи назари иқтисодӣ тағйир мeёбад.

Дар истеҳсолоти ҳамҷояву тахсиснаёфта маҳсули меҳнат одатан барои истифодаи (истеъмоли) дохилӣ сарф карда мешавад. Ин гуна хоҷагиро хоҷагии маҳсулотӣ (натуралӣ) номидаанд. Хислати фарққунандаи он аз ҳамон иборат аст, ки мувофиқи қоида ҷамъи маҳсулоти дар ин гуна хоҷагӣ истеҳсолшаванда таъйиноти истеъмолӣ дорад. Мувофиқи тасдиқоти олимон чунин тарзу усули хоҷагидорӣ ҳамчун одат мансуб ба даврони то пайдошавии табақаҳои (синфҳо) ҷомеа хос буда метавонист. Афзуншавии малакаи меҳнативу тавлидгарӣ сабабгори баландшавии ҳосилнокии меҳнат мегардад. Шумораи одамон ҳам зиёд шуда, миқдори маҳсули меҳнат назар ба ҳаҷми минималии вай меафзояд. Ин натиҷаҳо сабаб мешаванд, ки номгӯи алоҳидаи маҳсули меҳнат назар ба талабот зиёд шуда, бадалшавии онро ногузир мегардонад. Одамон номгӯи алоҳидаи маҳсули меҳнаташонро барои истеъмоли бевоситаи дохилӣ неву барои бадал (иваз) тайёр менамоянд. Ин мароми хоҷагидориро хоҷагии мубодилавӣ ва ё хоҷагии молӣ номидаанд.

Хислати тафовутноки хоҷагии молӣ аз ҳамон иборат аст, ки маҳсулоти истеҳсолшуда барои мубодила (фурӯш) пешбинӣ мешавад. Аммо ба ин гуна хислат хоҷагиҳо зери таъсири тақсимоти меҳнат, тахсисонидан ва мустақилияти амалӣ – хоҷагидорӣ соҳиб мегарданд. Яъне шарти аввалину ногузири пайдо шудани истеҳсолоти молӣ тақсимоти меҳнат мебошад. Тақсимоти меҳнат ҳамонро сабаб мегардад, ки кормандон, хонаводаҳо, хоҷагиҳо ба истеҳсолоти алоҳидаву ҷудогона тақсим шуда, ҳар яке аз онҳо ба истеҳсоли намуди алоҳидаи мол мутахассис шуда мемонад. Ин ҳолат дар навбати худ мубодилаи маҳсулоти истеҳсолшавандаро тақозо мекунад. Ҳамин тавр, шарти ногузири фаъолияти мақсадноки хоҷагию кормандони тахсисонидашуда мубодилаи маҳсулоти истеҳсолшаванда мебошад. Бе иҷрои ин шарт равиши бо мароми фаъолияти тавлидгарӣ беруи аз имкон мегардад.

Аз дигар тараф хоҷагиҳо ва кормандони тахсисонидашуда дар фаъолият бояд комилҳуқуқ бошанд. Дар ин ҳолат онҳо идомаи фаъолияти худро дар бозор ҷуста метавонанд. Бозор ҳамчун майдон барои онҳо хизмат мекунад, ки имконияти давом додани фаъолияташонро муҳайё мегардонад. Ин имконот мавҷудияти талабот ба ҳамон мол ва мубодилаи он мебошад. Аз ин нишондод бармеояд, ки шарти дигари пайдо шудани истеҳсолоти молию мубодилаи молӣ мустақилона, бо хоҳиши худ фаъолият кардани воҳидҳои тавлидгарии мол (хоҷагиҳо) мебошад.

## 3. §2. МАЗМУНУ МАРОМИ ИСТЕҲСОЛОТИ МОЛӢ

Чунонки дар боло нишон додем, истеҳсолоти молӣ таи инкишофу тақсими меҳнат ва пайдо шудани хоҷагиҳои ҷудогонаи мустақилу соҳиби мулки хусусӣ аз истеҳсолоти маҳсулот сабзида мебарояд. Аз ин рӯ бароmadу сарчашмаи истеҳсолоти молӣ хоҷагиҳои маҳсулотӣ мебошанд. Яъне хоҷагиҳои молӣ аз хоҷагиҳои натуралӣ сабзида расанд ҳам, амалан аз онҳо тафовутҳои зиёде доранд.

Яке аз ҳамин гуна тафовутҳо ба таъминоти истеъмоли дохилӣ нигаронида шудани хоҷагиҳои натуралӣ ва ба мубодилаю бозор нигаронида шудани хоҷагиҳои молӣ мебошад. Аз ин нишондод бармеояд, ки зери маф-

хуми хоҷагиҳои молӣ ҳамон гуна хоҷагиҳое фаҳмида мешаванд, ки бурду бохташон ба бозор нигаронида шудааст. Онҳо маҳсулотро истеҳсол карда, ба фурӯш мебароранд ва мавриди фурӯхта тавонистани онҳо ба мақсад мерасанд. Мақсади ин хоҷагиҳо ба даст овардани фоида мебошад, ки ҳамчун асоси пешбурди хоҷагӣ, иштиёкмандӣ ва ривоҷу равнақи онҳо хизмат менамояд. Ҳамин тавр хоҷагиҳоеро, ки барои дар бозор фурӯхтан маҳсулот истеҳсол мекунанд, хоҷагиҳои молӣ меноманд.

То замони мо якчанд намуди хоҷагиҳои молӣ ҷой доштаанд. Яке аз онҳо хоҷагии молии оддӣ. Ҳамон хел усули тавлидгарии мол аст, ки дар он мулки хусусӣ ба омилҳои истеҳсолот ҳукмрон буда, корманд худ бо қувваю тавоноиаш ба истеҳсоли мол банд мешавад. Аммо ин хоҷагиҳо ҳаҷман хурд мебошанд. Азбаски онҳо ба меҳнати соҳибонашон такя мекунанд, одатан калону васеъ намешаванд. Таърихнигорон нишон медиҳанд, ки хоҷагии молии оддӣ чанд ҳазорсоларо аз сар гузаронидааст ва ҳоло ҳам хеле сершумор мебошад. Дар мамлакатҳои тараққикунандаи ҷаҳон онҳо 90% шумораи хоҷагиҳоро дар бар мегиранд. Дар мамлакатҳои мутараққӣ бошад, шумораи онҳо тақрибан ба 45 – 50% шумораи умумии хоҷагиҳо мерасад. Ҳарчанд ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии маснуот бояд ночизу камтар бошад.

Чунонки гуфтем, хоҷагиҳои майдаи молӣ доимо бояд ба бозор нигаронида шуда бошанд. Ҳамчун намунаи ҳозираи ин хоҷагиҳо хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ, ҳунармандӣ, хизмат мекунанд. Хоҷагии майдаи молӣ бо шарти дарёфти талаботи дилхоҳ ба молаш фоидаро зиёд карда, ҳаҷми моляшро афзун мегардонад. Ин равиш ба вай имконият медиҳад, ки масорифро кам карда, торафт комёбиҳояшро афзун гардонад. Ҳамин хел хоҷагии оддии молӣ ба хоҷагии молии ривоҷёфта ва ё сармоядорӣ мубаддал мегардад.

Сабабгори асосии хоҷагии молии сармоядорӣ тақсимоти меҳнату ҳукмронии мулки хусусӣ ба омилҳои истеҳсолот ва ба мол табдил ёфтани қувваи коргарӣ мебошанд. Ин омилҳо дар якҷоягӣ боиси пойдор гаштани хоҷагии молии сармоядорӣ мегарданд. Дар ин марҳала қувваи коргарӣ аз маҳдудиятҳои бевоситаю ҳуқуқӣ озод гашта, ба табақаи нисбатан озоди ҷомеа табдил меёбад. Ин озодӣ ба вай имкон медиҳад, ки дар бозор қувваи коргариашро бе монеа ба соҳибкорону сармоядорон фурӯшад. Қувваи коргарӣ ҳамчун қобилияти меҳнатии корманд ба соҳибаш тааллуқ дорад. Бинобар он мавриди зарурат вай метавонад онро бифурӯшад. Ҳарчанд вай моли зинда буда, назар ба молҳои дигар фарқ мекунад.

Истеҳсолоти молии сармоядориро зинаи инкишофёфтаи мутобиқи молӣ ҳисоб мекунанд. Чунки вай дар асоси пешниҳоди молҳо ба бозор, рақобати комил бо тамоми тавлидгарони дигари мол ва нархи дар бозор мувофиқи таносуби талабу таклиф муайяншаванда фаъолият мекунад.

Истеҳсолоти молӣ аз рӯи далелҳои таърихи тамаддун мувофиқи фаъолияти қувваҳои дохилиаш инкишоф ёфта ба камолот мерасад. Бинобар он вай дорои қувваи дохилии инкишоф ҳам мебошад. Агар ягон монеае садди роҳи вай гардад, ин монеаҳо худ дар асоси қувваи дохилӣ бартараф карда мешаванд. Ҳанӯз дар асрҳои гузашта намояндагони сотсиализми хаёлӣ ақида доштанд, ки норасоиҳои ҳаёти ҷомеа, сохти табақагии вай аз истеҳсолоти молӣ бармеоянд. Ин иштибоҳро марксизм қабул карда, бо

мақсади ислоҳи зиддиятҳои дохилии истеҳсолоти молӣ, системаи иерархии (табаийяти) истеҳсолоти молиро ба миён оварда буд, ки қувваи дохилию ҳаракатнокии вайро бо воситаи итоати поёниҳо ба фармон бартараф карданӣ мешуд. Вале иқтисодиёти ба фармон такякунанда одатан самараи дилхоҳ нахоҳад дод. Ҳамин тавр, иқтисодиёти молии иерархӣ самаранок буда наметавонад, чунки вай на дар асоси фишангҳои дохилии истеҳсолот, иштиёкмандӣ, балки бо ёрии фармонҳои аз боло фуроварда шаванда танзиму идора карда мешавад. Худи ҳамин ҳолат исбот мекунад, ки захираҳои дохилии ривоҷи истеҳсолоти молӣ шояд то ҳол ҳам ҳамаҷониба ошкор нагардидаанд ва ҳар як иқтисодиёт захираҳову имконияти навро дарёфта метавонад.

## 3. §3. НЕЪМАТ ВА МОЛ. ХИСЛАТҲОИ МОЛ

Табиати моро иҳотакунанда чараёну равишҳо ва чизҳои сершуморeро дороcт. Бахше аз онҳо абадию бахши дигар даргузаранд. Вале ҳамаи онҳо дар маҷмӯъ муҳити зисти одамонро ташкил медиҳанд. Тағйироти босуръату зуд рӯйдиҳанда боиси дигаргун гаштани вазъи табиии муҳит шуда метавонад. Одамон аз ин муҳити мувофиқи зист бе ягон душворию монеае истифода мебаранд. Ҳамаи он равишҳову чизҳое, ки барои ҳаёти одамон заруранд, неъматҳо номида шудаанд. Масалан, ҳавое, ки мо барои нафаскашӣ истифода мебарем, оби чашмаҳову дарёҳо, меваҳои худрӯй, наботот, шӯълаи Офтоб ва дигарҳо. Хислати фарққунандаи неъматҳо он аст, ки барои пайдошавию мавҷудияти онҳо одамон заҳмате накашидаанд. Аммо одамон онҳоро аз рӯи одату зарурат истифода мебаранд. Бинобар он неъмат чизест ва ё имконотест, ки вайро одамон бидуни мубодила истифода мебаранд. Ҳарчанд неъмат манфиатбахшу барои ҳаёти одамон зарур аст, вале вай маҳсули меҳнат нест. Аз ин рӯ неъматро мол ҳисобидан нораво ст. Дар ҳаёт ҳодисаҳое ҳам вомехӯранд, ки неъматҳо ба мол табдил меёбанд. Гирем, оби зулоли чашмаи аз масофае овардашуда, меваҳои худрӯи чидашуда, рустаниҳои муайян, ҳавои соф кардашуда ва ғайра. Ҳамин тавр, неъмат бо шарти масрафи меҳнати муайян ба мол табдил ёфта метавонад.

Чунонки дар боло нишон додем, мол аз неъмат фарқ дорад. Мол пеш аз ҳама бояд маҳсули меҳнат бошад. Вале на ҳар маҳсули меҳнат мол аст.

Маҳсулот барои ба мол табдил ёфтан бояд мояи мубодила, хариду фурӯш гардад. Яъне ҳамон маҳсули меҳнат, ки барои фурӯш пешбинӣ мешавад, мол номида шудааст. Барои он ки мол комилан ба таъйиноти худ мувофиқ ояд, бояд хислати дуҳеларо соҳиб бошад. Аз як тараф ба мол арзиши истеъмолӣ ё нафърасонӣ хос бошад. Нафърасонии молро манфиатнокӣ ҳам меноманд. Вай нишон медиҳад, ки мол ба ин ё он талаботи харидорон мувофиқ буда, дар мавриди истеъмол хислати манфиатнокиаш зоҳир мегардад. Масалан, манфиатнокии чою қаҳва дар нӯшидан, либос ҳангоми пӯшидан зоҳир мегардад. Ҳамин хел, ҳамаи молҳо хислати таъмин кардани талаботи муайяни одамонро доранд. Баъзан молҳое низ вуҷуд доранд, ки онҳо якчанд намуди талаботро қонеъ мегардонанд ё ин ки барои таъмини ҳамон як талабот молҳои гуногуну ҳархела истифода бурда мешаванд.

Хислати дигари мол арзиш ва ё арзиши мубодилавӣ мебошад. Арзиши мубодилавии молҳо дар ибтидо бо молҳои ҳархела муовизаву чен карда мешуд. Аммо бо мурури замон ҷомеа ба ҳамон одат ва расм омада расид, ки ченкунии арзиши мубодилавиро бо воситаи пул ба роҳ монад, вале сухан дар ин бобат андаке поинтар гуфта мешавад. Таълимоти марксистӣ талқин мекард, ки асоси арзиши мубодилавӣ ва ё арзиши молро меҳнат ташкил медиҳад. Маҳз масъалаи андозаву чен кардани арзиш ҳамчун муаммои талоши ду мактаби иқтисодӣ: мактаби пролетарӣ ва австриягӣ хизмат кардааст. (ниг. боби 3. §5.).

## 3. §4. САРЧАШМАИ ХИСЛАТИ ДУХЕЛАИ МОЛ

Чӣ тавре ки нишон додем, маънидоди хислатҳои мол боиси низоу талоши мактабҳои иқтисодӣ гардидааст. Бо мақсади соддабаёнӣ мухтасаран дар ин бобат маълумот пешкаш карда мешавад. Ҳанӯз классикони иқтисоди сиёсӣ (А. Смит, Д. Рикардо) ақида пешниҳод карда буданд, ки манбау мояи ягонаи арзиш бояд меҳнат бошад. Минбаъд ин нишондод бо номи "назарияи арзиши меҳнатӣ" машҳур мегардад. Карл Маркс ин ақидаи классиконро давом дода ба кашфиёте меояд, ки меҳнати ба мол сарфшаванда хислати духела дорад: аз як тараф вай меҳнати мушаххас (конкретӣ) аст ва аз тарафи дигар вай меҳнати хислати умумидошта ё абстрактӣ мебошад.-Маркс дар асоси ҳамин кашфиёташ ҳамаҷониба асоснок карда буд, ки меҳнати мушаххас хислати манфиатнокӣ ва меҳнати умумӣ бошад, хислати арзиши молро ба вуҷуд меоварад. Яъне ҳар як меҳнати барои истеҳсоли молҳо сарфшаванда дорои хислати духела – мушаххасу умумӣ мебошад. Ин хислатҳо дар баробари ягонагию умумият тафовут ва зиддиятро низ доранд.

Меҳнати мушаххас дар назар гӯё хислати ҳамазамонию доимӣ ва ҳатто табиии меҳнат мебошад. Маҳз ба туфайли он самарабахшию манфиатнокӣ ба вуҷуд оварда мешавад. Ҳар як меҳнати мушаххас мароми равиши аниқ дошта, аз рӯи аломатҳои худ фарқ карда меистад;

а) иҷрокунандаи вазифаи меҳнатӣ;
б) олоти меҳнат;
в) ашёи меҳнат;
г) тарзи коркард (технология).

Бо ҳамин сабаб ҳам бисёриҳо меҳнати мушаххасро ҳамчун ҷараёни ҷудогонаву фарққунанда тасаввур мекунанд. Хислати умумии меҳнати мушаххас низ ҷой дорад. Ин хислат таъйиноти истеъмолӣ доштани маснуоти истеҳсолшаванда ва ё ҳамчун ҷараёни тавлиди манфиатнокии муайян хизмат кардани он мебошад. Яъне меҳнати мушаххас инчунин алоҳидаю нотакрор бошад ҳам, бо сабаби ҷараёни тавлидгарии молҳо буданаш ба ҳамдигар шабоҳат дошта метавонад.

Мувофиқи маънидоди марксистӣ хислати абстрактии меҳнат хислати умумии меҳнатҳо ба шумор меравад. Меҳнат ҳамчун абстрактӣ шаҳодат медиҳад, ки сарфи назар аз макону замон ва иҷрокунандаи он барои истеҳсоли молҳо сарф карда шудааст. Ошкор кардани меҳнати абстрактӣ имкон додааст, ки илми иқтисодӣ бо ҳамин васила меҳнати муҷассам (ашёгашта) будани тамоми захираҳову амволро нишон диҳад.

Маълумоти овардашударо бо мақсади мустаҳкам кардан, аз рӯи нақша дида мебароем. (ниг. нақшаи 3.1.).

*Нақшаи 3.1.* Хислатҳои молу меҳнат




Нақшаи овардашуда шаҳодат медиҳад, ки мол натиҷаи бевоситаи меҳнати маҳсулнок буда, хислатҳои моли тайёр ҳамчун натиҷаи хислати духелаи меҳнат арзи вуҷуд доранд.

## 3. §5. АСОСҲОИ НАЗАРИИ ҲИСОБУ ЧЕНКУНИИ АРЗИШ ВА НАРХ

Хонандагони арҷманд, тамоми гузоришоти қисмати гузашта ҳамон мақсадро дошт, ки ба саволи зайл то андозае омода бошед. Дар илми иқтисодӣ то имрӯзҳо ҳам оид ба арзишу нарх ва андозаву ченкунии онҳо мубоҳисаҳо давом карда меоянд.

Чӣ тавре ки дар боло таъкид кардем, мактаби марксистӣ назарияи арзиши меҳнатиро ба вуҷуд оварда, нишон медод, ки арзиши молҳо ҳатман бояд аз рӯи меҳнати зарурии ҷамъиятӣ муайян карда шавад. Меҳнати зарурии ҷамъиятӣ бошад, масрафи меҳнат дар ҳолати сатҳи миёнаи малакаву таҷриба ва маҳорати корманд, сатҳи миёнаи техника ва технологияи коркарди маҳсулотро дар назар дорад. Аммо мавриди муайян кардани ин нишондиҳанда хатоҳо сар мезананд. Асли ин хатоҳо дар он аст, ки меҳнати ҳар як шахс ба дигаре монанд нест ва ё амалан фарқ карда меистад, илова бар ин шиддат, суръат, маҳорати кормандон аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Назарияи марксистӣ нишон медод, ки меҳнати соддаю мураккаб ҷой доранд, аммо таносуби байни онҳо ҳама вақт номуайян аст. Барои аз ин кӯчаи сарбаста баромадан марксизм фарзияеро истифода мебурд, ки ҳамаи меҳнатҳо гӯё сатҳи якхелаи мураккабиро доранд. Аз ин рӯ андозаи арзиши ба онҳо мувофиқаткунанда низ бояд якхела бошад. Гӯё мувофиқи ин нишондод арзиши моли алоҳида бояд дар асоси вақти кории зарурии барои моли алоҳида масрафшуда муайян гардад:

$$B_{кз} = \frac{EB_{п}}{M_{м}}$$

Дар ин ҷо: $B_{кз}$ – вақти кори зарурӣ ё арзиши меҳнатии молӣ; $EB_{п}$ – вақти масрафкардаи кормандон барои маҳсулоти п; $M_{м}$ – миқдори умумии маҳсулот.

Шояд ченкунии арзиши мол мувофиқи меҳнати масрафшуда мазмуне надошт, Маркс ин фикрашро то анҷоми мантиқӣ нарасонида буд. Анҷоми мантиқии ин масъала мебоист дар андозакунии нарх қарор меёфт. Мо ин ақидаро поинтар хоҳем дид.

Равияи дигари ин андозаву ченкунандаи арзиш мактаби австриягии интиҳои манфиатнокӣ мебошад. Мувофиқи нишондоди ин мактаб ҳисобу ченкунии арзиши молҳо бо бозор пайванд мебошанд. Харидорон молҳои дар бозор бударо интихоб карда, мувофиқи манфиат ва ё сатҳи нафърасониашон ба онҳо баҳо медиҳанд, арзишро муайян месозанд. Яъне арзиши молҳо баҳои субъективии харидорон мебошад. Мувофиқи нишондоди мактаби австриягӣ дар ташаккули арзиш натанҳо меҳнат, балки омилҳои дигар, ба монанди сармоя, замин, фаъолияти соҳибкорӣ ширкат доранд. Назарияи интиҳои манфиатнокӣ дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX аз тарафи У. Ҷевонс, А. Маршалл, Е. Бем – Баверк, К. Менгер, Ф. Визер, Л. Валрас, В. Парето ва дигарон ба вуҷуд оварда шудааст. Мувофиқи тасдиқоти мактаби австриягӣ дар мадди аввал муносибати одам бо чиз меистад. Яъне арзиш бояд баҳои ҳар як харидорро ба мол фаҳмонад. Гӯё қимати молҳо аз рӯи ду омил муайян карда мешавад: ҳаҷми захираи неъмат ва сатҳи таъмингарии талабот. Илова бар ин мувофиқи нишондоди назарияи интиҳои манфиатнокӣ, ки дар замони мо аз ҳама машҳуртарин ба шумор меравад, қимати молҳо нишондиҳандаи нисбӣ мебошад. Яъне ин қимат дар муқоисаи воҳидҳои алоҳидаи мол муайян карда мешавад.

Барои маънидоди пурраи ин назария намунаеро истифода мебарем, ки К. Менгер пешниҳод карда буд.Мӯйсафеди гушанишин дар ҷангал иқомат дошт, вай деҳқонӣ карда 5 халта гандум мерӯёнад. Халтаи якумро вай барои ғизои худ, дуввумро барои беҳтар кардани ғизо, сеюмро барои парвариши мурғҳо, чорумро барои истеҳсоли пиво ва панҷумро барои дони тӯтиҳо масраф мекунад. Мавриди аз даст додани як халтаи гандум мӯйсафед манфиатнокии охирин, яъне дони тӯтиҳоро ихтисор мекунад. Ҳамин тавр, манфиатнокии донаи ё халтаи охирини гандум интиҳои манфиатнокист.Чунки сатҳи манфиатнокии халтаҳои аввала нисбатан баландтар аст. Нархи мол ба баҳои субъективии шахс тобеъ мебошад. Яъне агар шахс неъматро баланд баҳо диҳад, нархи вай болотар ва дар ҳолати акс пасттар муайян карда мешавад. Ҳамин тавр, барои мактаби австриягӣ арзиши молҳо аҳамияте надорад, барои вай масъалаи асосиву муҳимтарин манфиатнокӣ ба шумор меравад, ки дар асоси он нарх муайян карда мешавад. Яъне нарх мавқеи аввалини ҳалкунандаро соҳиб аст.

Назарияи марксистӣ нишон медод, ки нарх ифодаи пулии арзиш мебошад. Аммо намояндагони ин назария нархро мувофиқи муодилаи зайл ҳисоб мекарданд: $H_{} = C+V+P$

C – масрафи сармояи доимӣ,

V – масрафи сармояи тағйирёбанда,

P – фоидаи миёна.

Аз ин нишондод маълум мешуд, ки ҳақиқатан нарх ифодаи арзиш набуда, амалан вай тасвиркунандаи масрафи омилҳои истеҳсолот ва фоидаи миёна мебошад.

Дар назария таълимоти арзиши меҳнатӣ анҷоми мантиқии худро наёфта буд. Мо ҳанӯз дар ибтидои солҳои 70 – ум муодилаи нархи воқеиро пешниҳод карда будем:

$$Н_А = \frac{ЕМ_м}{М_п} x ТК$$

Дар ин ҷо: $Н_в$ – нархи воқеӣ, $ЕМ_м$ – меҳнати зарурии барои истеҳсоли молҳо сарфшуда, $М_п$ – меҳнати барои воҳиди пул сарфшуда, ТК – таносуби талаботу таклифот. Дар баробари ин мо нишон дода будем, ки ҳисобкунии нархи воқеӣ бо таносуби зайл танҳо дар давраи истифодаи стандарти тиллоӣ мувофиқи мақсад мебошад. Мутаассифона ин пешниҳодот аз тарафи соҳибтахассусон то ҳол ҳам ба қадри кофӣ дарк карда нашудааст. Чунки он замонҳо аллакай бӯҳрони шадиди ақидаҳои марксистӣ фаро расида буд. Аз ин рӯ кашфиёту дастовардҳои навтарин ҳам дар ин ҷабҳа бе қадру қимат ҳисобида мешуд. Ҳамин тавр, барои муомилоти пулҳои коғазӣ муаммои нарху арзиш ҳалношуда мебошад.

Шояд аз рӯи мантиқ ин ҷо ба масъалаҳои бозор дахл кардан зарур бошад, вале азбаски ба вай боби дигар (ниг. ба боби 4.) бахшида мешавад, акнун ба баёни баъзе масъалаҳои таърихи пайдошавии пулҳо мегузарем.

## 3. §6. РИВОҶИ МУБОДИЛА ВА ПАЙДОШАВИИ ПУЛҲО

Иқтисодшиносон хеле барвақт тахмин доштанд, ки таърихи пайдо шудани пулҳоро мо бояд ҳақиқатан ҳам дар таърихи мубодила биҷӯем. Чунонки дар боло таъкид шуд, мубодила гуфта ҳодисаи иваз кардани маҳсули меҳнати одамони алоҳида ва ё гурӯҳҳои онҳоро бо ҳамдигар меноманд. Фарз кардем кулол кӯзаҳояшро мехоҳад бо нон, гандум, матоъ, либос, пашм ва ё ягон маҳсулоти дигар иваз намояд. Чунки кӯза барои вай мол аст, яъне дар ибтидои мубодила дар шакли мубодилаи маҳсулот (бартерӣ) дар байни қабилаҳои хархела, табақаҳо ва мардумони касбу кори гуногун ҷой дошта метавонист. Албатта, ин шакли мубодила назар ба истеҳсолоти маҳсулотӣ (натуралӣ) як қадам пеш буд, чунки одамонро ба робитаи иқтисодии байни ҳамдигар ҳидоят мекард. Аммо мубодилаи бевоситаи маҳсулот ниҳоят дер давом карда наметавонист. Чунки истеҳсолоти ҷомеа ривоҷ ёфта, номгӯи маҳсулот сершумор шуда буд, касбу корҳо ҳам хеле зиёд гашта буданд. Дар ин вазъият соҳиби моли X, ки хоҳишманди ба даст овардани моли Z мебошад, барои моли даркориашро дарёфтан муддати тӯлонӣ ҷустуҷӯй карда, моли даркориашро меёфт. Аммо барои иҷрои ин мақсад вай қувваю вақти хеле зиёдеро масраф карда метавонист. Ҳол он ки самаранокии фаъолият ба ин имкон намегузошт.

Ҳамин тавр, мардумон аз паи ҷустуҷӯи моле мешаванд, ки вай метавонад ҳам соҳиби моли А ва ҳам дигарҳоро бо зудӣ ба мақсадашон бирасонад. Ин гуна молро Карл Маркс эквиваленти умумӣ номидааст. Аз нуқтаи назари иқтисоди бозаргонӣ бошад, вай номи моли зудбадалро (ликвидный) гирифтааст, яъне ҳар моле, ки онро ҳамаи дорандагонаш бо зудӣ ба моли дилхоҳашон табдил дода метавонанд. Аз шаҳодатҳои файласуфи Юнони Қадим Ҳеродот бармеояд, ки он замонҳо ҳамин гуна мол барзагов будааст. Ҳамагон молашонро ба барзагов мубодила мекардаанд ва андозаи арзиши молҳоро бо вай ҳатто чен мекардаанд. Дар мавзеъҳои Осиёи

Марказӣ ин вазифаро гӯсфанд, намак, санги қиматбаҳо ба иҷро мерасонидаанд. Илми таърих шаҳодатҳои сершумори ин ҳолатро то замони мо дарёфт намудааст. Ғайр аз он чунин тарзи ташкили мубодила дар замони мо ҳам баъзан аз нав ҷон гирифта метавонад. Мисол, солҳои аввали парокандашавии Иттиҳоди Шӯравӣ дар вилоятҳо, ҷумҳуриҳои зиёде ин ҳодисаро дучор меомаданд. Ҳатто муомилоти пулҳои амалкунанда ҳам таи таъсири бекурбшавии бошитоб баъзан боздошта шуда, ба ҷои онҳо мубодилаи маҳсулотиро истифода мебурданд.

Ҳамин тавр, дар назари мо норасоию зиддияти дохилии мубодилаи маҳсулотӣ дар оқибат ҳамчун сабабгори ба пулҳо омада расидани тамаддун мегардад. Аммо худи табиати муомилоти маҳсулотӣ тақозо мекунад, ки вай ривоҷу равнақ ёфта, ба комёбиҳо муваффақ гардад. Дар замони ҳукмрон будани мубодилаи маҳсулотӣ ҳадду ҳудуди муомилоти молӣ ниҳоят танг мемонад. Барои назарнамо бартараф кардани ин маҳдудият тамаддун пулро ба миён меоварад. Амалан пул ҳамон моле мебошад, ки вайро ба зудӣ соҳибонашон ба моли дигар бадал карда метавонанд. Аслан ин вазифаро молҳои дигар ҳам иҷро мекунанд, вале пул ба ин вазифа ҳамаҷониба мувофиқу мутобиқ мебошад. Илова бар ин пулҳо қариб дар ҳамаи замонҳо моли махсус ва зудбадал мебошанд. Аз ҳамин сабаб ҳам ба онҳо эътимоди мардум ниҳоят калон аст.

Ҳамин тавр, гузоришоти боло шаҳодат медиҳад, ки мубодилаи молӣ пайдо шудани пулро ба миён мегузорад. Пулҳо ҳақиқатан ҳам шояд дар ибтидо мол будаанд. Яъне вазифаи пул ба ягон моли алоҳидае мансуб дониста мешудааст. Минбаъд дар ҳазорсолаҳои 3 - 4 –уми то замони мо ҷараёни назарнамо ривоҷу равнақ ёфтани тиҷорати байни халқҳо , мамлакатҳо, давлатҳо ва ҳатто қитъаҳои олам одамонро водор месозад, ки воситаи боз ҳам қулай ва умумию ҳамабоби муомилотро дарёбанд. Ин гуна молҳо аз байни молҳои сершумор ҷудо карда шуда буданд ва онҳо сангҳои киматбаҳою тилло ва нуқра буданд. Ҳамин тавр, вазифаи миёнаравии муомилот ё тиҷоратро хизмат расонидан ба фулузоти тиллову нуқра пайванд шуда мемонад. Шояд дар ин интихоби беҳамтову одилона ва самарабахш хислатҳои табиии ин фулузот низ мавқеи муайяне дошта бошанд. Охир онҳо бесабаб фулузоти асил номида нашудаанд. Онҳо аз нигаҳдории тӯлонӣ осеб намебинанд, ба қисмҳо бе душворӣ тақсим мешаванд, дар ҳиссаи кам ҳам сарвати зиёдро дарбар мегиранд, илова бар ин барои тайёр кардани асбобҳои зебу зинат, ороиш ва монанди инҳо васеъ истифода мешаванд. Ин ҳама хислатҳо боиси ҳамон мегардад, ки тиллову нуқра ҳамчун фулузоти пулӣ аз тарафи мардумони зиёд, давлатҳо эътироф карда мешаванд.

Бо мақсади ноил гаштан ба сабукиҳо ва ба миён овардани кафолати муайян дертар давлатҳо ва хазинаҳои онҳо интишори тангаҳоро пеш мегиранд. Тангаҳои бо шаклу андом ва вазни муайян тайёршавандаро пулҳои сиккадор (тамгадор) меҳисобанд. Шояд ин амал ҳам маҳз бо мақсади эътимод ва осон гардонидани муомилоти молӣ пеш гирифта мешудааст.

Ҳамин тавр, дар назари мо ривоҷи муомилот ва тиҷорати васеи берунӣ ҳамчун сабабгору гаҳвораи пайдо шудани пулҳо хизмат кардаанд. Ҳар як зинаи инкишофи тамаддун шаклу усулҳои хоси муомилоту тиҷоратро ба миён оварда, бо ҳамин васила ба пайдошавию инкишофи пулҳо низ мусоидат мекунад. Барои он ки ақидаҳои дар боло овардаамон ба хонандагон

аён гардад, якчанд марҳалаҳои мубодила ва тарҳи нақшагии онҳоро пешкаш менамоем:

1. Муомилоти маҳсулот М–М (бе моли миёнарав)
2. Муомилоти маҳсулотӣ М–МХ–М – (бо моли миёнарав –МХ)
3. Муомилоти молӣ бо миёнаравии пул М—П—М.

Бояд эътироф кард, ки дар зинаи аввал муомилот бевосита сурат мегирад. Яъне соҳиби ҳар як мол дар бозори ибтидоии молҳо маҳз моли ба худаш даркориро ёфта, муомилотро ба анҷом мерасонад Ҳоло дар ин зина муомилот сирф хислати истеъмолӣ дорад.

Минбаъд ба саҳна услуби бо ёрии моли алоҳида (эквивалент) ба амал овардани муомилот сурат мегирад. Ин тарз назар ба шакли аввала пешқадамтар аст, вале бо ёрии вай на ҳама ба мақсади ниҳоии худ расида метавонанд. Аз ин рӯ муомилот ба душвориҳо дучор мегардад.

Аммо дар марҳалаи сеюм муомилот бо ёрии пул ба иҷро расонида мешавад, бинобар он ҳам нисбатан бе душворӣ сурат мегирад. Маҳз бо ҳамин сабаб ҳам инсоният дар замонҳои ниҳоят қадим ба муомилоти пулӣ омада расида, дигар минбаъд доимо онро бештар истифода мебарад. Ҳарчанд дар ин равиш низ зиддияту норасоиҳо низ рӯй дода меистанд. Ғайр аз он бояд мадди назар дошт, ки муомилоти молии бо ёрии пул суратгиранда бефосила набуда, рӯ ба ду амалиёти ҷудогонаи фурӯш ва харид тақсим шуда метавонад. Дар байни ин қисматҳо фосилаи муайяни вақт (танаффус) ба миён омада метавонад ва ин ҳолат ба вазъи бозор ҳам таъсир хоҳад расонд.

## 3. §7. ҚОНУНИ МУОМИЛОТИ ПУЛ

Мо дар қисмҳои боло муайян намудем, ки пул ҳамчун натиҷаи инкишофи таърихии мубодилаву тиҷорат ба миён омада, минбаъд доимо ба он хизмат мерасонад. Тадриҷан пул аз байни молҳои дигар ҷудо шуда, пасон ҳамчун ҳодисаи алоҳидаву ҷудогона ва бар молҳои дигар ҳукмраво фаъолият мекунад. Азбаски пул воситаи ниҳоят зудбадали муомилот мебошад, одамон ба он муносибати тафовутнок пайдо мекунанд.

Ин ҳодиса дар илм номи парастиши пулҳоро гирифтааст (фетишизм). Асоси иқтисодии парастиши пул аз табиати иқтисодии он ҳамчун сармоя ва воситаи зудбадали муомилот сар мезанад. Пул дар олами молҳо ё ин ки муомилот фаъолият карда, гӯё ҳамчун ҳокими он намудор мешавад. Чунки ба пул ҳама вақт ҳамаи намуди молҳоро иваз кардан имконпазир аст. Яъне дар назар чунин намудор мешавад, ки ба пул гӯё қудрату қобилияти назар ба молҳои дигар зиёдтар мансуб мебошад. Ин гуна тасаввуротро дар хотири одамон мавқеу вазифаи хос доштани пул ба миён меоварад.

Амалан пул аз вазифаҳои воситаи муомилот ва андозаи арзиши молҳо сабзида мерасад. Мо дар боло оид ба вазифаи пул ҳамчун воситаи муомилот сухан рондем. Ин вазифа нишон медиҳад, ки дорандагони сершумори молҳои ҳархела аввал молашонро бо пул иваз карда, минбаъд ба ивази пули ба даст овардаашон моли даркориашонро дастрас мегардонанд.

Чунонки гуфта шуд, вазифаи дигари пул андозаи арзиши молҳо мебошад. Бо ёрии пул сатҳу дараҷаи арзиши молҳои ҳархеларо муайян мена-

моянд. Арзиши ҳамаи молҳое, ки дар муомилот вуҷуд надоранд, бо ёрии пул ифодаву чен карда мешавад. Пул ин вазифаашро бе иштироки мустақим ҳам иҷро карда метавонад. Мисол, нархи молро 5000 сӯм гуфтанд. Барои ин нархро ба худ тасаввур кардан одамон худи пулро не, балки сатҳи нисбии он нархро муовизаю мулоҳиза мекунанд. Барои ин ки пул ин вазифаашро иҷро намояд, нархҳо ба миён меоянд. Чунонки дар ин бобат пештар сухан рафт, нарх ифодаи пулии арзиш мебошад. Яъне одамон бо ёрии пул нархро муайян карда, бо ҳамин васила сатҳи нафъоварию манфиатнокии молҳоро низ нишон дода метавонанд.

Ҳамчун воситаи ченкунии қисмат ё баҳои пулии молҳоро барои иҷро кардан пулҳои нақд зарур нестанд. Яъне пул ин вазифаро ба таври умумӣ, бе иштироки мустақим ба иҷро мерасонад. Гӯё пул ченаки идеалии (тасаввурии) нархҳо мебошад.

Ғайр аз он ба пул вазифаи воситаи пардохт хос мебошад. Ин вазифаро пул дар шакли нақдина ба иҷро мерасонад. Одатан дар ҳаёт вақти фиристодани мол ва пул бо ҳамдигар мувофиқат намекунанд. Бисёриҳо аввал молро ба даст оварда, пасон пулашро медиҳанд. Вале баъзан, махсусан дар замони мо аввал маблағи пулро гирифта, пас аз он молро мефиристонанд. Ҳамин тавр, хислати муомилот боиси ҳамчун воситаи пардохт хизмат кардани пул мешавад.

Вазифаи чоруми пул ҳамчун воситаи гирдоварии сармояву андӯхти сарват хизмат кардани он мебошад. Гирдоварии воситаҳои истеҳсолоту маҳсулот на ҳама вақт мувофиқ ба мақсад мебошад, чунки барои иҷрои он маблағу қувва, биноҳо, зарфҳо, анбор ва дигарҳо талаб карда мешаванд. Бинобар он ҳам мардумон гирд овардану захира кардани пулҳоро авлотар медонанд. Дар охир пул вазифаи воситаи муомилоти ҷаҳониро ба иҷро мерасонад. Ҳарчанд таъкид зарур аст, ки дар муомилоти байналмилалӣ масъалаҳою муаммоҳои хосе низ ҷой доранд. Ин масъалаҳо поинтар ба таҳлилу тасвир мерасанд.

Пул табиатан дар рафти инкишофи таърихии мубодила аз молҳои дигар ҷудо шуда, мавкеи хоси худро соҳиб мегардад. Пайдо шудани давлатҳо боиси ҳамон мешавад, ки давлатҳо мебоист ба мардумон кафолате пешниҳод намоянд. Ин равиш дар оқибат боиси сиккаи фулузот ва пайдо шудани тангаҳои рехта мегардад. Тангаҳои рехтаи сиккадор назар ба фулузоти аз рӯи вазн пешниҳодшаванда сатҳи баландтари эътимоднокиро доштанд. Чунки на дар ҳар маврид имкони аниқ кардани вазн ҷой дорад. Тангаҳои аз тарафи хазинаҳои давлатӣ роиҷ шаванда вазни муайян доштанд. Аммо хазинаҳо дар ин равиш ба қалбкорӣ баъзан роҳ медоданд. Аммо дар шароити истифодаи тангаҳо аз фулузоти асил агар вазни ҳақиқии онҳо кам карда шаванд, бозор номураттабона бошад ҳам, ба ҳамин вазни воқеии тангаҳо мутобиқ гашта, сатҳи нархи молҳову хизматҳоро тағйир медод. Зеро дар мавриди муомилоти пулии фулузоти асил беқурбшавӣ ҷой дошта наметавонад. Қонуни муомилоти ин гуна пулҳо ҳамон гуна сурат мегирад, ки агар дар муомилот миқдори пулҳо зиёд шаванд, ҳар як ҳиссаи онҳо бозорро тарк карда, ҳамчун сарвату ҷавоҳирот ба сандуқҳо ҷойгир карда мешуданд. Ҳангоми дар муомилот кам шудани пулҳо бошад, тангаҳои дар захирабуда аз сандуқҳо баромада ба бозор кашида мешуданд. Гӯё миқдори пулҳои дар муомилот буда худ ба худ идораву танзим карда мешуданд

ва дахолати хазина нодаркор буд.

Муомилоти пулҳои фулузӣ дар назари мо се марҳалаи асосии инкишофро аз сар гузаронидааст:

**1. Марҳалаи аввал** – муомилоти фулузоти пули асил дар шаклу намуди табиӣ ва мувофиқи вазну меъёр. Ин система дар замонҳои хеле қадим ҷой дошт.

**2. Марҳалаи дуввум** – муомилоти серфулузӣ (биметаллизм). Дар ин марҳала муомилотро фулузоти асил – тиллову нуқра ва тангаҳои майдаи аз фулузоти дигар истеҳсолшаванда – оҳан, биринҷӣ, мис, қалъагӣ ва дигарҳо (пулҳои майда) хизмат мерасонанд. Ин системаи пулиро то охирҳои асри XIX дар мамлакатҳои ҷаҳон дучор омадан имконпазир буд.

**3. Марҳалаи сеюм** – муомилоти яккафулузӣ (монометаллизм), ҳангоме ки дар муомилот танҳо фулузоти тилло хизмат мерасонад. Тамаддуни башарӣ ба ин система дар қисми зиёди мамлакатҳо дар охирҳои асри XIX ва аввалҳои асри XX расида буд.

Муомилоти тангаҳои сиккадор ҳарчанд зери назорату ҳимояти давлатҳо гирифта мешуд, одатан тангаҳо муддати тӯлонӣ дар муомилот хизмат мерасонданд. Ғайр аз он тангаҳои дар муомилот буда қисман нав бошанд, қисман кӯҳна ҳам буда метавонистанд, чунки барои муомилоти тангаҳои фулузоти асил ин аҳамияте надорад. Азбаски пул вазифаи воситаи муомилотро ба таври лаҳзагӣ ба иҷро мерасонад ва доимо аз як даст ба дасти дигар гузашта меистад, наву кӯҳна будани он чандон аҳамият надорад. Ҳамин тавр дар муомилот дар қатори пулҳои наву пурвазн, пулҳои кӯҳнаи суфташуда ва ҳатто нисбатан камвазн ҳам амал мекарданд. Худи ҳамин ҳолат шаҳодат медод, ки ба ҷои пулҳои табиию ҳақиқии аз фулузоти асил рехташаванда пулҳои ғайриҳақиқӣ, ё ҷойнишинони онҳоро ҳам истифода бурдан имконпазир аст. Ин пулҳо пулҳои коғазӣ буда метавонистанд.

Маълумоти таърихии даврони Сомониён шаҳодат медиҳад, ки дар асрҳои VIII ва IX дар ин сарзамин истеҳсолоту тиҷорат ниҳоят ривоҷ ёфта, баъзан тоҷирону соҳибкорон ва соҳибони молҳо ба ҷои пули нақд васиқа навишта медоданд. Дар васиқа маблағу мӯҳлати пардохт нишон дода мешуд. Бинобар он ҳам худи васиқаро ба ҷои маблағ истифода бурдан имконпазир буд, чунки васиқаи хазинаҳо эътимоднок буданд. Ҳамин тавр тамаддун тадриҷан истифодаи ҷойнишинони пулҳои ҳақиқӣ – пулҳои коғазиро ба миён овард.

Таърихнигорон хабар медиҳанд, ки дар давлатҳои қадимаи Чин ҳанӯз дар асри VII пулҳои коғазиро истифода мебурданд. Сайёҳи машҳур Марко Поло хабар додааст, ки дар асри XII дар Пекин ба таври васеъ пулҳои коғазӣ кор фармуда мешудаанд. Пайдо шудани бонкҳо истифодаи васиқаро хеле зиёд мегардонад, ки минбаъд ҳамчун васиқаи бонк (бонкнот) ё хатчаи бонк хеле паҳн мешаванд. Ёдовар шудан зарур аст, ки таърихи пулҳои коғазӣ якчанд садсолаҳоро дар бар гирад ҳам, амалан онҳо то замони мо ҳамчун пулҳои иловагӣ ё ҷойнишинони пулҳои ҳақиқӣ хизмат мекарданд. Пас аз 2 даҳсолаи аввали асри XX муомилоти пулҳои коғазӣ тадриҷан дар мамлакатҳо паҳн шудан мегирад.

Дар назари мо паҳншавии муомилоти пулҳои коғазӣ зиёдтар бо таърихи иқтисодии Иттиҳоди Шӯравии собиқ пойбанд мебошад. Пас аз музаффарияти Инқилоби Октябр хазинаи Русия талаву торoҷ гардида буд. Аммо

сохтмони сотсиалистӣ маблағҳои зиёдеро талаб мекард. Давлати ҷавони Шӯравӣ интишори пулҳои коғазиро ба таври васеъ ба роҳ монда буд, ки гӯё дар аввал қурби тиллоӣ доштанд ва ҳатто ба тилло иваз карда мешуданд. Аммо амалан ин як афсонае ба шумор мерафт. Равиши муомилоти пулҳои коғазӣ дар як мамлакат таи чанд сол давом карда тавонист ва сабақи беҳамтое овард. Пас аз бӯҳрони шадиди умумиҷаҳонии солҳои 1929–1933 тадриҷан мамлакатҳои дигар ҳам ба муомилоти пулҳои коғазӣ гузаштан гирифтанд. Пас аз ҷанги дуюми ҷаҳонӣ қариб тамоми мамлакатҳо ба системаи муомилоти пулҳои коғазӣ ворид гаштанд. Санҷишҳои аввалин нишон дод, ки ҷомеа мавриди истифода бурдани ин система ҳам фаъолияти иқтисодиашро комилан ва ба таври дилхоҳ ба роҳ монда метавонад.

Ҳамин тавр, ба ҷои системаи муомилоти пулҳои тиллоӣ ё сонитар "Стандарти тиллоӣ" муомилоти пулҳои коғазӣ ҷорӣ гардид.

Дар бобати муомилоти пулӣ қариб тамоми иқтисодшиносони гузашта изҳори ақида кардаанд. Ҳатто дар замони мо ҳам "Назарияи иқтисодӣ" – и монетарӣ эътироф карда мешавад, ки асосан иқтисодшиносони тадқиқкунандаи масоили пулу муомилоти онро дар бар мегирад. Ба фикри мо дар омӯзиши масъалаҳои муомилоти пул Карл Маркс ҳам саҳми намоёне гузоштааст. Ӯ таъкид карда буд, ки қонунҳои муомилоти пул миқдори пулҳои дар муомилот бударо муайян месозад.

Аз рӯи нишондодҳои боло хулоса бармеояд, ки агар муомилоти пул дар замони ҳукмрон будани пулҳои ҳақиқӣ табиатан идораву танзим карда шуда, дахолати ҳамарӯзаву доимии давлатро талаб накунад, пас муомилоти пулҳои коғазӣ аз ин қонуният берун мебарояд. Аввалан барои он ки пулҳои коғазӣ ба муомилот ворид карда шаванд, қонун ва кафолати давлат зарур аст. Сониян, давлат пулҳои коғазиро ба муомилот ворид намуда, бо ёрии сохторҳои муайян бояд ҳатман ин муомилотро назорату ҳимоят кунад. Дар акси ҳол бӯҳрони зиддиятҳои муомилоти пул ба миён омада, ба мардумон зарарҳои зиёд расонида метавонад. Ба ҳақиқат комилан наздик будани ин нишондодҳоро ҳаёти ҷумҳуриҳои пас аз парокандашавии ҷаҳони сотсиализм ташкилёфта боэътимодона нишон дод. Ин марому равиш то ҳол ҳам дар баъзеи ин мамлакатҳо давом дорад.

Чунонки гуфта шуд, қонуни муомилоти пулҳои коғазӣ хислатҳои хоси худро дорад. Яке аз ин гуна хислатҳо беқурбшавии пулҳои коғазӣ ба шумор меравад, ки қариб ба таври ногузир рӯй дода меистад. Вале барои ба ин муаммоҳо сарфаҳм рафтан аввал худи масъалаи миқдори пули барои муомилот заруррро дида мебароем. Мувофиқи гузоришоти иқтисоддонон миқдори пулҳои ба муомилот зарур бояд ҳамчун таносуби зайл ҳисоб карда шавад:

$$M_п = \frac{ЕН_м}{Ш_ч}$$

Дар ин ҷо: $M_п$ – миқдори пулҳои барои муомилот зарур; $ЕН_м$ – ҳосили ҷамъи нархи молҳо ва ё маҷмӯи маҳсулоти миллӣ (МУМ); $Ш_ч$ – шумораи гардиши пулҳо.

Бояд дар назар дошт, ки гӯё дар ин нақшаи овардашуда вазифаҳои пул комилан ба ҳисоб гирифта нашудаанд. Аз ҳамин сабаб барои ҳисоб кардани миқдори пули барои муомилот зарур пешниҳоди зери-

ни Карл Маркcро истифода мебаранд:

$$M_п = \frac{\Sigma Н_м - Қ + П - М_м}{Ш_ч}$$

Дар ин чо: Қ – молҳои ба қарз (насия) фурӯхташуда,
Мм – табодули мол, П – пардохти мӯҳлати адояш расида.

Дар назари мо ин усули ҳисоби миқдори пулҳо, ки онро дар солҳои 60-уми асри X1X Карл Маркс пешниҳод карда буд, то замони мо ҳам мавқеи намоёни худро гум накардааст ва дар бисёр мавридҳо ҳалли дурусти масъаларо мефаҳмонад. Аммо дар китоби нашршудаи "Экономикс" муодилаи зайлро истифода мебаранд:

$М_п \times V = Н \times G$ Дар ин чо: $М_п$ – миқдори пул дар муомилот, V– суръати гардиши пулҳо, Н – нархи молҳо, G – миқдори молҳои ба бозор баровардашаванда.

Ҳалли ин муодиларо мо ба худи хонандагон ҳавола менамоем.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи маи соли 1995 аввалин маротиба пулҳои миллӣ ба муомилот бо номи "рубл" ворид карда шуда буданд. То имрӯз ҳам муомилоти мамлакатро ҳамон пулҳои барориши соли 1995 хизмат мерасонад. Барои ин ки вазъи иқтисодии мамлакатамон ба хонандагони арҷманд намудор гардад, ҳамонро қайд карданием, ки худи ҳамон сол таносуби доллари амрикоӣ ва рубли тоҷикӣ 1 = 50 буд. Дар муддати сипаришуда қурби пули тоҷикӣ назарнамо паст рафт. Ин ҳолатро ба назар гирифта, ҳукумати Тоҷикистон чанд карат масъалаи афзун намудани музди кормандонро ба миён гузошт. Ва 30 октябри соли 2000 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷои пули муваққатии «рубл» пули доимӣ бо номи «сомонӣ» ва «дирам» (пули майда) ворид карда шуд.

# БОБИ 4. БОЗОР ВА НИЗОМИ ХОҶАГИДОРИИ БОЗОРӢ

## 4. §1. БОЗОРУ МУБОДИЛА ЧӢ МАЪНО ДОРАНД?

Бозор – як ҷузъи таркибӣ ва ҷудонашавандаи хоҷагии молӣ аст. Аз давру замонҳои қадим вай ба маънои соддаю маҳдуд чун макони тиҷорат ё хариду фурӯши маводи рӯзгор омадааст. Барои ташкили сатҳи дилхоҳи иқтисодиёт зарурати аз шакли молии маҳсули ҷамъиятӣ ба намуди пул ва мутақобили ин амал табодул гардидан ҳамеша вуҷуд дорад.

Барои хубтар шинос шудан бо моҳияти бозору муносибатҳои пулию молӣ, мо беихтиёр дар навбати аввал нақши поягии инкишофи ҷараёни мубодила, тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва мустақилона пеш бурдани хоҷагидориро пеши назар меорем. Воқеан, мубодила аз нигоҳи таърихӣ, одатан ба ду намуд зуҳур мeёбад. Якум, бо тарзи хеле содда – ивази мол ба мол; дуввум – мол танҳо тавассути пул ва баръакси ин амал, табодул мешавад. Ва намуди охир, шакли нисбатан инкишофёфтаи ҷараёни мубодила ба ҳисоб меравад, ки имрӯз ҳамчун муносибатҳои молию пулӣ ва боз ҳам соддатар карда гӯем, муносибатҳои тиҷоратию бозорӣ эътироф гардидааст.

Мубодила, тиҷорат ва бозор дар ҳақиқат вожаҳои аз назари маъно бо ҳам бениҳоят наздик буда, манбаъҳои умумии заминавии пайдоиш доранд.

Нуктаи ибтидоӣ ва қувваи ҳаракатдиҳандаи мубодиларо, хоҳ дар шакли соддаи он –ивази як маҳсулот ба маҳсулоти дигар (м–м), хоҳ мол бо пул (м–п), ки эквиваленти умумӣ дар низоми истеҳсолоти молӣ аст, талабот ва манфиати доимотағйирёбандаи инсон ташкил медиҳад.

Талаботи инсон ба неъматҳои моддӣ ва ҳатто маънавиёт як зарурати зиндагӣ, иҷтимоӣ – биологии шахс буда, он бояд ҳаддалимкон мунтазам қонеъ гардонда шавад. Ва беихтиёр ҳамин зарурати қонеъ намудани ин ё он намуди талабот ва дархост инсонро ба иҷрои фаъолияти меҳнати самарабахш ҳидоят менамояд. Дар ҳақиқат, талаботи инсон бениҳоят гуногун буда, ин нуктаи басо муҳим кайҳо инҷониб назари олимони бахшҳои мухталифи илмро ба худ ҷалб кардааст. Масалан, олими машҳури амрикоӣ, равоншиноси риштаи иҷтимоиёт А. Маслоу талаботу эҳтиёҷоти зиндагии инсонро иборат аз панҷ зинаи бо ҳам алоқаманд донистааст:

* талаботи физиологӣ;
* талаботи худнигоҳдорӣ;
* талаботи дӯстдорӣ;
* талаботи иззату ҳурмат;
* талаботи худэътирофкунӣ.

Мутобиқи моҳияти ин таснифот, муҳимтар он аст, ки ҳар як намуди талаботи минбаъда танҳо пас аз қонеъ гардидани талаботи пешина имконпазир мегардад. Вале қонеъ намудани талаботи физиологии инсон, яъне талабот ба неъматҳои моддӣ, ҳамеша дар пеш, дар ҷои аввал меистад.

Бояд зикр намуд, ки имрӯз аксари олимони иқтисодшинос, назарияи талаботи А. Маслоуро ҷонибдорӣ менамоянд.

Яке аз иқтисоддонони бузург ва машҳури миқёси ҷаҳонӣ К. Маркс низ талаботи инсонро ба маводи моддӣ, яъне талаботи физиологии инсонро дар ҷои аввал гузоштааст, ки мантиқи комилан солим дорад. Вай аслан талаботро ба се гурӯҳ: физикӣ, интеллектуалӣ (ақлонӣ) ва иҷтимоӣ ҷудо кардааст. Дараҷа ва таркиби истеъмоли физикӣ – асоси модии тарзи зиндагонии инсон буда, бояд дар навбати аввал қонеъ гардида ва танҳо пас аз ҳаллу фасли пурраи ин муаммои зиндагӣ, шароит барои қонеъ намудани дигар намудҳои талабот, ба мисли талаботи иҷтимоӣ ва ақлонӣ ё зеҳнӣ пайдо мегардад.

Имрӯз ақидаҳои тамоман бар хилофи ин назария низ вуҷуд доранд, ки талаботи маънавӣ ва қонеъ намудани онро ҳатто аз талаботи физиологӣ заруртар медонанд. Ҳамин тариқ, пеш аз он ки ин ё он маҳсулот бевосита ба дасти истеъмолгар расад ва талаботи ҳаррӯзаи инсонро қонеъ гардонад, вай бояд ҳатман дар ҷараёни истеҳсолот тавлид гардад. Даромади миллӣ бошад, дар асоси шумора ва сифати меҳнати сарфшудаи инсон дар корхона ва умуман дар ҳудуди як ҷомеа тақсим гардад, вале ин амалан бояд аз ҳама хубтар зимни ташкили муносибатҳои молию пулӣ дар бозор, бо роҳи хариду фурӯши мол ба истеъмолгарон чун моликияти хусусии онҳо табдил дода шавад. Аз ин лиҳоз, истеҳсолоти ҷамъиятӣ, чӣ тавре илми иқтисодӣ гувоҳи медиҳад, аз чор зинаи ба ҳам пайваст таркиб ёфтааст, ки ҳар кадоми онҳо моҳият ва хусусиятҳои иқтисодии хосае доранд: истеҳсолот, тақсимот, мубодила, истеъмолот.

Дар ҷараёни истеҳсолоти ҷамъиятӣ ҳар як зина, бешубҳа мавқеи муайян ва зинаҳои мушаххаси ташаккул ва инкишоф дорад.

Истеҳсолот бе шак, зинаи ибтидой буда, вазъи тараққиёти он ба дараҷа ва таркиби зинаҳои дигари иқтисодиёт: тақсимот, мубодила ва истеъмолот таъсири калон мерасонад.

Истеҳсолот ва инкишофи самараноки он ҳадафи яктарафа набуда, танҳо ба хотири пурратар қонеъ гардонидани талабот ва дархости инсон ба неъматҳои моддӣ аст, ки зарурати аввалиндараҷаи онро андаке болотар тибқи назарияи талабот зикр намудем.

Мубодила дар ташкил ва рушди иқтисодиёт саҳми махсус ва нишонрас дорад, зеро зимни он маҳсулоти тавлидгардида бо роҳи тиҷорат, хариду фурӯши мол бо иштироки пули дар дасти истеъмолгарони мол буда сурат гирифта, бо ин васила барои минбаъд ва босуръат пеш бурдани истеҳсолот шароит фароҳам месозад. Тавлидгари мол танҳо пас аз фурӯхтани маҳсулот ва иҷрои ҳар гуна хизматрасониҳои пулӣ маблағҳои зарурии молиявиро соҳиб шуда, аз ин ҳисоб хароҷоти истеҳсол ва фурӯши молро пур карда, боз ба манфиати худаш фоида ба даст меорад. Фоида бошад, пас аз оне, ки як ҳиссаи муайяни он дар навбати аввал барои буҷети давлат қисмат мегардад, боқимондааш дар ихтиёри корхонаи истеҳсолӣ мемонад, ки барои аз рӯи натиҷаҳои меҳнаташон ҳавасманд намудан ва равнақу ривоҷ додани истеҳсолот истифода мешавад.

Мубодила ва ташкили он боз дар ҳалли як вазифаи муҳимми дигар – қонеъ намудани талаботи истеъмолгарон заминаи воқеӣ мегузорад. Тавре мебинем, нақши муносибатҳои мубодила ва бозор бениҳоят муҳим аст ва ин танҳо нақши миёнарави оддӣ дар байни истеҳсолот ва истеъмолот набуда, дар ҳақиқат, моҳияти мутақобил дорад ва хело судманд аст. Якум, маҳсулоти тавассути тиҷорату бозор аз корхонаи истеҳсолӣ ба зудӣ, дар мӯҳлати кӯтоҳтарин ба дасти истеъмолгаронаш мерасад. Дуюм, хароҷоти фурӯши мол, агар онро дар миқёси мамлакат ҳисоб кунем, чандон зиёд нест. Сеюм, самаранокии истеҳсолот ва ҳам тиҷорати мол тадриҷан меафзояд, ба шарте, ки фаъолияти тиҷоратӣ дуруст ва мутобиқи талабот ва қоидаҳои мутамаддини низоми иқтисодиёти бозорӣ ба роҳ монда шавад.

Аз ин хотир, бозор танҳо ҷои хариду фурӯши мол тавассути пул набуда, балки мафҳуми мураккаб ва категорияи махсуси иқтисодӣ аст. Вай, аз як тараф, вожаи муҳимми иқтисодӣ буда, ҷузъиёти таркибии муносибатҳои иқтисодӣ, истеҳсолоти ҷамъиятӣ ё иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Аз лиҳози дигар, бозор – ин маҷмӯи муносибатҳои мутақобилаи молию пулӣ буда, ба ташкили самарабахши ҷараёни мубодилаи мол бо пул ва баръакси он, алоқамандии мунтазами иқтисодии тавлидгарони мол ва харидорони онҳо, бо мақсади хубтар қонеъ гардондани талаботи истеъмолгарон ба мол ва хадамот ва ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ барои соҳибкорони фардӣ ва коллективӣ, мебошад.

Моҳият ва мазмуни бозорро иқтисоддонҳо дар адабиёти иқтисодии муосир бо ақидаҳои гуногун шарҳ додаанд. Бархе аз иқтисоддонҳо ақида доранд, ки бозор ин як соҳа ё механизмест, ки харидоронро бо истеҳсолгарони молу хадамот мепайвандад. Албатта, дар ин нуқтаи назар ҳақиқате ҷой дорад. Сабаби асосӣ дар он аст, ки ҳар як тадқиқотқунанда вобаста ба мавзӯъ ва вазифаи дар пеш гузоштааш ба ин мафҳуми мураккаб ва гуногунпаҳлӯи иқтисодию иҷтимоӣ баҳои муносиб медиҳад.

Масалан, олими амрикоӣ Роҷер Вуд ба саволи бозор чӣ маъно дорад?

иброз дорад: Соҳаест, ки дар он харидорон ва фурӯшандаҳои мол-ҳои алоҳида бо ҳам дар робитаҳои зичи иттилоотӣ буда, нархи молҳо дар доираи ин соҳа барои якхела ва ҳамоҳанг шудан, ҳаракат дорад[1]. Олими бозоршиноси машҳури дунё Ф. Котлер, ки муаллифи китоби дарсии "Асос-ҳои маркетинг" аст, дар ин боб навиштааст, ки бозор – ин маҷмӯи харидорони воқеӣ ва имконпазири мол аст[2]. Дар китоби дарсии имрӯз дар хориҷа ва кишвари мо маълуму шинохташуда "Экономикс" омадааст, ки бозор – ин иститут ё механизмест, ки харидоронро (пешниҳодгарони талаботро) бо фурӯшандагон (интиқолгарон) – и молу хадамот дар як ҷой мепайвандад.

Боз ақидаҳои дигареро барои қиёс дар ин мавзӯъ овардан мумкин аст. Вале танҳо як нуқтаро зикр намудан ҷоиз аст, ки бо вуҷуди гуногунии фикру ақидаҳо, ҳеҷ кадоме аз иқтисоддонҳо қувваи бузург ва ҳаракатдиҳандаи бозорро чун маҷмӯи муносибатҳои иқтисодии соҳаи мубодилаи пулу мол инкор накарда, баръакс механизми амали хоҷагидории бозориро дар вобастагӣ бо вазифаҳои хоси бозор маънидод менамояд.

## 4. §2. УНСУРҲОИ ТАРКИБӢ ВА ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ БОЗОР

Бозор аз се унсури асосӣ таркиб ёфтааст:

а) арза ё пешниҳодоти мол;

б) тақозо ё талаботи аҳолӣ;

в) нарх, чун воситаи бо ҳам пайвастани арзаи мол ва тақозои аҳолӣ.

**Арза ё пешниҳодоти мол** маҷмӯи арзиши истеҳсоли мол дар қаламрави мамлакат, воридоти мол аз хориҷи он, захираи молҳоро дар анбору корхонаҳои савдои яклухт ва чакана дар бар мегирад. Дар ин маврид, ҳаҷм ва таркиби арзаи мол, сифат ва номгӯи маҳсулот аҳамияти махсус дорад.

**Тақозо ё талаботи аҳолӣ,** яъне эҳтиёҷот ва дархости аҳолӣ, қобилияти харидории онҳо, миқдори даромадҳои пулии аҳолӣ, ҷараёни таваррумии пул ё устувории нисбии он, нишондиҳандаи хело хассос буда, бо таъсири омилҳои гуногуни иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва вазъи сиёсию – ҷамъиятӣ тағйир меёбад.

**Нарх** – унсури бениҳоят муҳим ва пурзӯри иқтисодиёти бозорӣ буда, арзаи мол ва тақозои аҳолиро бо ҳам пайваста, тавозуни байни онҳоро амалӣ менамояд. Нархи бозорӣ ба ақидаи асосгузори назарияи муносибатҳои озоди бозорӣ А. Смит қувваи ноаён ё пинҳонест, ки иқтисодиётро ба ҳаракат медарорад. Нарх ба қавли шахсияти маъруфи дигар –Д. Рикардо ҳавосанҷ ё барометри бозор аст. Аз ин хотир, мақоми нарх ва стратегияи нархгузории бозорӣ – яке аз масъалаҳои поягии иқтисоди бозорӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамзамон бозор амалӣ гардондани як миқдор вазифаҳои мураккабро ба ӯҳда дорад.

Бозор иҷрои се вазифаро ба ӯҳда дорад:

*** Аз истеҳсолот то ба истеъмолгарони воқеӣ расонидани молу хадамот**
Мубодила, аз ҷумла бозор чун зинаи миёнарав дар байни истеҳсолот

---

[1] Waud R N Economics N. V, 1989, P 42

[2] Котлер Ф. Основы маркетинга. –М., 1990. –с.54

ва истеъмолот хизмат мекунад. Вай маҳсулоти тайёри истеҳсолгардидаро ба дасти истеъмолгари он, бо роҳи фурӯхтан расонида, аз ин хотир, ду зинаи бузурги чараёни такрористеҳсоли маҳсулоти ҷамъиятиро – истеҳсолот ва истеъмолотро бо ҳам мепайвандад, ки ин хело муҳим аст. Аз ҷониби дигар, мубодила дар ин ҳолат чун шакли мустақили муомилоти мол амал мекунад.

*** Бо ҳам ба тарзи мутақобил алоқаманд намудани истеҳсолгарон ва истеъмолгарон**

Моҳияти ин вазифа аз он маълум мегардад, ки бозор як шакли муносибати иқтисодии одамон буда, дар ҷараёни ҳаракати маҳсули меҳнат, одатан нақши қонеъ намудани талаботи ҷамъиятиро ба сомон мерасонад.

*** Ташкили самарабахши иқтисодиёт**

Бозор моҳиятан дар асоси васеъ намудани робитаҳои мутақобилаи судманд ва ташкили дурусти рақобат, боисрор талаб менамояд, ки истеҳсолот барои қонеъ намудани талаботи ҷамъиятӣ ва сарфа намудани маблағҳои молиявӣ ва кам кардани хароҷот муваффақ гардад.

## 4. §3. НАМУДҲОИ МУХТАЛИФИ БОЗОР

Дар шароити амалиёти иқтисодиёти бозорӣ яку якбора бояд бозорҳои намудашон мухталиф, вале бо ҳам алоқаманд ташаккул ёбанд ва тараққӣ кунанд:

- бозори воситаҳои истеҳсолот;
- бозори нерӯи коргарӣ;
- бозори маводи истеъмолӣ;
- бозори пул ва дигар коғазҳои арзишдор;
- бозори хизматрасонӣ ё хадамот;
- бозори сармоягузорӣ;
- бозори манзил;
- бозори замин;
- бозори махсули меҳнати зеҳнӣ (иттилоот, навоварӣ ва ғ.)

Дар ҳолати фаъолият надоштани ин ё он намуди бозор, бо ҳар гуна сабабҳо, густариш наёфтани ҳатто як намуди алоҳидаи он, бешубҳа, амалиёти механизми хоҷагидории бозорӣ халалдор мегардад, иқтисодиёт самаранок ва устувор инкишоф намеёбад. Ин нуктаро мо бояд ҳеҷ гоҳ аз хотир набарорем. Ҳоло иқтисодиёти кишвари мо дар даврай гузариш ба низоми хоҷагидории бозорӣ қарор дорад ва бо ин сабаб бозорҳои алоҳида ва умуман иқтисоди бозорӣ роҳи душвори ташаккулёбиро аз сар мегузаронанд.

## 4. §4. СУБЪЕКТҲО ВА ИНФРАТАРКИБИ БОЗОР

Субъектҳои бозор – ин иштирокчиёни бевоситаи амалиётҳои молию пулӣ бо роҳи хариду фурӯш ба ҳисоб меравaнд. Онҳоро ба се гурӯҳи асосӣ қисмат менамоянд:

- давлат;
- корхонаҳо;
- хоҷагиҳои оилавӣ.

Молу хадамоте, ки дар доираи ин се гурӯҳ мавриди хариду фурӯш қарор мегиранд, аз ҷадвали 4.1 дидан мумкин аст.

*Чадвали 4.1.* Тасвири нақшагии пояҳои бозор

| СУБЪЕКТИ БОЗОР | ПРЕДМЕТИ ФУРЎШ | ПРЕДМЕТИ ХАРИД |
|---|---|---|
| Давлат | Хизматрасонӣ аз ҷониби корхона ва ташкилотҳои давлатӣ | Молҳои мавриди истифодаи ҷамъиятӣ ва давлатӣ, барои мудофиаи миллӣ, идораи давлатӣ, хифзи тартиботи ҷамъиятӣ, нигоҳ доштани мероси маданӣ (иморат, таҷҳизот, шабакаи коммуникатсионӣ, тадқиқоти илмии фундаменталӣ, асарҳои адабӣ, лавозимоти ҳарбӣ ва г.) |
| Корхонаҳо | Молҳо, хизматрасонӣ ва арзишҳои молие, ки ба онҳо мансубанд, моликияти зеҳнӣ | Қувваи коргарӣ, замин, захираҳои табиӣ, нимфабрикатҳо, молҳо, пул, коғазҳои арзишдор |
| Хоҷагиҳои оилавӣ | Меҳнат, арзишҳои амволӣ, молҳо, хизматрасонӣ | Маводи истеъмол, хизматрасонӣ, арзишҳои амволӣ |

Зерсохтори бозор ё инфраструктураи бозор маҷмўи зарууртарини унсурҳои поягие мебошанд, ки амалиёти самарабахши механизми бозорро таъмин менамоянд. Вазифаи асосии инфраструктураи бозор – ин бо ҳамдигар хубтар алоқаманд намудани ҷузъиёти алоҳидаи иқтисодиёт аст.

Ҳар як намуди алоҳидаи бозор, бешубҳа сохтори ба худ хоса дорад. Масалан, бозори сармоя фаъолияти мунтазами биржаи сармоя, ширкати бима, фирмаи брокарӣ, бонки саҳҳомию тиҷоратӣ, умури андозу назорат, хазинаи амволи давлатию сармоягузорӣ ва ғайраро талаб менамояд. Бозори воситаҳои тавлидотӣ аз ин лиҳоз аз биржаи мол, хонаи тиҷоратӣ, ширкати миёнарави тиҷоратӣ, маркази бозаргонӣ, ширкати лизингӣ, музояда, намоишгоҳ, хазинаю сохторҳои давлатӣ ва ғайра иборат мебошад.

Бозори нерўи коргарӣ бошад, аз маҷмўи муассисаҳои махсуси корёбию ба кортаъминкунӣ, шуғли аҳолӣ ва таъминоти онҳо иборат аст. Аз ҷумла, биржаи кор, маркази тайёр кардан ва такмил додани тахассуси кадрҳо, хазинаи шуғли аҳолӣ, марказҳои тиҷоратию бозаргонӣ, хазинаҳои дастгирии соҳибкории хурду миёна, нафақа, шафқат ва ғайра иборат аст.

Соҳибкории хурд дар қиёс бо соҳибкории бузург, имрўз дар Тоҷикистон хело босуръат инкишоф меёбад. Аммо ин бахши иқтисодиётро бе бунёд ва тараққӣ додани инфраструктураи маҳз ба он хос, тасаввур кардан имконнопазир аст. Ба қатори бахшҳои таркибии инфраструктураи бозор инҳо дохиланд:

- корхонаҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва хизматрасонӣ;
- бонкҳои тиҷоратӣ ва бонкҳои эмиссионӣ;
- сохтори гумрук;
- биржаҳо (молӣ, ашёи хом ва молиявӣ);

- музоядахо, намоишгоххо;
- низоми танзими шуғли аҳолӣ ва марказҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, биржаи меҳнат;
- технологияи иттилоотӣ ва воситаи кордонии коммуникатсионӣ;
- низоми андоз ва назорати андоз;
- низоми бимакунонии таваккалӣ – тиҷоратӣ ва хоҷагӣ. Ширкати суғуртакунонӣ;
- оҷонсии иттилоотӣ ва корхонаҳои таблиғотӣ;
- марказҳо ё компанияҳои машваратӣ (консалтингӣ);
- фирмаҳои аудиторӣ;
- хазинаҳои ҷамъиятӣ, давлатию ҷамъиятӣ;
- минтақаҳои махсуси соҳибкории озод;
- оҷонси миллии дастгирӣ ва тараққии соҳибкории назди Ҳукумати мамлакат;
- кумитаи давлатии амволи мамлакат ва сохторҳои поинии он дар назди Ҳукуматҳои маҳаллӣ;
- Ассотсиатсияи миллии бизнеси хурду миёна дар мамлакат ва сохторҳои поинии он дар ноҳияҳо;
- ташкилоти иттифоқи касаба ва ғайра.

Хулоса, зерсохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатии бозор, бунёд ва инкишофи босуръати онҳо ҳоло дар Тоҷикистон ба аҳамияти калон молик аст. Ташкил ва ҷойгиркунонии дуруст ва мақсадноки онҳо имкон медиҳад, ки фаъолияти соҳибкорӣ дар саросари қаламрави мамлакати мо ба таври бояду шояд ба роҳ монда шавад, фазои кордонӣ ва мустақилияти тиҷоратии иштирокчиёни бевоситаи бозор бемайлон авҷу равнақ гирифта, боз ҳам қавитар гардад, сатҳи самаранокии иқтисодиёти бозорӣ баланд гардад.

## 4. §5. КОНЪЮНКТУРА ВА ҒУНҶОИШИ БОЗОР

Нишондиҳандаи махсусе, ки вазъи мушаххаси бозорро дар як муддати муайян бо назардошти таъсири омилҳои гуногун нишон медиҳад, конъюнктураи бозор номида мешавад.

Дар қатори омилҳои асосии ба конъюнктураи бозор таъсиррасонанда дохиланд:

— тағйирёбии ҳаҷм , суръат, нарх, номгӯй ва сифати маҳсулот;

— даромадҳои пулии аҳолӣ ва сатҳи он дар мамлакат;

— вазъи демографӣ: афзоиши шумораи аҳолӣ, тағйирёбии таркиби он, миқдор ва андозаи нисбии бекорон;

— сиёсати молиявӣ, қарзию пулӣ дар мамлакат;

— стратегияи андозгузорӣ ва гумрукӣ;

— сиёсати берунии иқтисодии корхонаҳо ва воридшавии мамлакат ба бозори ҷаҳонӣ;

— стратегияи ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқ, кафолат ва дастгирии давлат барои суръат бахшидан ба шаклҳои самараноки фаъолияти соҳибкорӣ.

Конъюнктураи бозор нишондиҳандаи воқеан ҳассос ва тағйирёбанда буда, он бо назардошти таъсири чунин омилҳо, ба монанди таварруми пул,

вазъи рақобат дар бозор, амалӣ гардидани раванди ислоҳоти иқтисодӣ бо роҳи гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ, ташаккул ва инкишофи инфрасохтори бозор ва ғайра баҳои муносиб медиҳанд.

Бозор дар кадом сатҳе, ки амал кунад, ҳатман як гунҷоиши муайян дорад.

Гунҷоиши бозор – ин маҷмӯи фурӯши молу хадамот ба истеъмолгарон бо иштироки пул аст, ки он дар натиҷаи фаъолияти тиҷоратии субъектҳои гуногуни бозор дар равобит бо шаклҳои моликият ба вуҷуд меояд.

Ин нишондиҳанда ҳаддалимкон ҳаҷми умумии фурӯши молҳоро дар ҳудуди бозори муайян дар бар мегирад. Масалан, гунҷоиши бозори молҳои истеъмоли халқ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳаҷми умумии гардиши чаканаи мол баробар аст, ки он аз ҳисоби тиҷорати мол дар корхонаҳои савдои хусусӣ, давлатӣ,кооперативӣ, саҳомӣ, муштарак ва дигар субъектҳои тиҷоратию ғайридавлатӣ пайдо мешавад.

Барои баҳо додан ба вазъи бозор ё конъюнктураи он, мо бояд иттилооти пурраи заруриро дар бораи тиҷорати мол ва омилҳои муайянкунандаи асосӣ дастрас намуда, тадқиқи ҳамаҷонибаи бозоршиносӣ гузаронем, ки он тартиботи махсус ва ҷузъиёти таркибии худро дорад.

Низоми бозоршиносӣ ё илми маркетинг чун тадбири муҷтамаи иқтисодӣ дар баррасии конъюнктураи бозор ва идоракунӣ имкон медиҳад, ки тарзу усулҳои гуногуни таъсиррасонии судманд, стратегияи афзун намудани истеҳсол ва фурӯши мол бо мақсади қонеъ гардондани талаботи истеъмолгарон бо молу хадамот дар чорчӯбаи хоҷагидории муосир амалӣ гардад.

# БОБИ 5. ТАҚОЗОИ АҲОЛӢ ВА АРЗАИ МОЛ ДАР НИЗОМИ ИҚТИСОДИЁТИ БОЗОРӢ

## 5. §1. ТАҚОЗОИ АҲОЛӢ: МАФҲУМ, ҲАҶМ ВА ТАРКИБ

Яке аз омилҳои муҳим ва асосие, ки ба вазъи бозор хусусан ба сатҳи нархҳои бозорӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад, тақозои аҳолӣ аст.

Истеҳсолот маҳз барои мунтазам амалӣ гардондани мақсаду мароми истеъмол бояд рушду инкишоф ёбад. Самаранок истифода бурдани захираҳои иқтисодӣ ва қонеъ намудани талаботи истеъмолгарон ба молу хадамот вазифаи муҳим ва пояғузоранда иқтисодии бозорӣ ба ҳисоб меравад.

Талабот ва хоҳишу дархости инсон воқеан омили басо тағйирёбанда буда, паҳлӯҳои гуногун ва маънои васеъ дорад.

Дар адабиёти иқтисодӣ мафҳуми "талабот" бо шарҳу тавзеҳоти гуногун оварда шудааст. Агар ба маънои аслии калима назар андозем, пас маълум мешавад, ки вай умуман заруррату эҳтиёҷоти инсонро ба маводи хӯрокворӣ, молҳои ғайрихӯрокворӣ ва дигар заруриёти ҳаёту зиндагонӣ мефаҳмонад.

Талаботи инсон метавонад шакли моддӣ, маънавӣ ва иҷтимоиро гирад. Чӣ тавре, ки дар мавзӯи аввал хотиррасон намудем, майлу рағбат ба маводи моддӣ, яъне зарурат барои қонеъ гардондани талаботи моддии инсон аввалиндараҷа буда, заминаи асосии зиндагии осудаҳолонаи инсонро ташкил медиҳад. Албатта, вазифаи қонеъ намудани дигар шаклҳои та-

лабот низ дар ҳаёти одам мавқеи назаррас дорад, ки мо бояд ин нуктаро фаромӯш накунем. Вале на ҳар як хоҳишу дархости одамон фавран ва бе алоқамандӣ бо натиҷаҳои фаъолияти иқтисодӣ, қонеъ гардонда мешавад. Дар шароити амалиёти механизми бозор, фақат ҳамон қисмати хоҳишу талаботи инсон қонеъ гардонида мешавад, ки агар ба он маблағи даромадҳои пулии аҳолӣ андоза гардида, бо назардошти сатҳи ин нишондиҳанда, маҳдуд бошад. Бинобар ин, дар бозор талаботи инсон аз фондҳои харидории аҳолӣ, ки барои харидани мол ва пардохти ҳаққи хизматрасонӣ харҷ мешавад, вобаста аст. Дар ин маврид, хоҳишу дархости истеъмолгарони молу хадамот зимнан бо сатҳи даромадҳои пулии аҳолӣ аз манбаъҳои гуногун маҳдуд буда, дар ҳолати ин хоҳишро бо мол иваз намудан, мафҳуми "тақозои аҳолӣ" –ро мегирад. Аз ин хотир, мо метавонем иброз дорем, ки тақозои аҳолӣ ё қобилияти харидории аҳолӣ умуман ба маводи зиндагӣ ва намудҳои алоҳидаи он, як шакли махсуси ифодаи пулии талабот дар шароити истифодаи муносибатҳои пулию молӣ мебошад. Аммо вай на ҳамаи талаботро, балки танҳо ҳамон қисмати онро, ки бо даромадҳои пулии аҳолӣ маҳдуд аст, фаро мегирад.

Ҳамин тариқ, дар мафҳуми тақозои аҳолӣ мо се нуктаи муҳим ё нишонаи фарқкунандаро мушоҳида менамоем: якум, тақозои аҳолӣ сарогоз як нав талабот аст; дуюм, тақозои аҳолӣ танҳо як қисмати талаботро, ки тавассути даромадҳои пулии қобилияти пардохткунандагӣ дошта ифода менамояд; сеюм, тақозои аҳолӣ – ин ҳамон талаботест, ки бо маблағҳои пулӣ маҳдуд мебошад ва барои харидани молу хадамот дар бозор равона гардидааст.

Тақозои аҳолӣ ҳаҷми умумӣ, "микро" ва "макро" таркиб, сатҳи қонеъшуда ва сатҳи тамоман қонеъногардида дорад.

Ҳаҷми умумии тақозои аҳолиро дар саросари мамлакат, дар ҳудуди як вилоят, шаҳр ва ноҳияи маъмурӣ – территориявӣ бо усули тартиб додани тавозуни дахл ва харҷи пули аҳолӣ барои як муддати мушаххас (масалан, сол, нимсола, квартал, моҳ) муайян менамоянд. Ҳамин гуна тавозун, бояд аз як ҷониб, маҷмӯи умумии даромадҳои пулии аҳолӣ ва манбаъҳои пайдоиши онҳо, аз тарафи дигар, хароҷоти пули аҳолӣ ва самтҳои асосии онро фаро гирад. Вай барои давраи ҳисоботӣ чун **тавозуни ҳисоботӣ**, пас аз анҷоми сол, квартал; **тавозуни пешакии** дахл ва харҷи пули аҳолӣ (дар ҳолати пурра вуҷуд надоштани факту рақамҳои ҳисоботӣ) ва дар охир дар шакли **тавозуни нақшавӣ** (барои сол ё квартали оянда) асоснок карда мешавад.

Аз рӯи иттилооти дар тавозуни дахл ва харҷи пули аҳолӣ ҷой дошта, ҳаҷми умумии талаботи аҳолӣ ба мол дар бозор, ки зимни пул пардохта мешавад, чун фарқияти байни ҷамъи даромадҳои пулӣ (қисмати чапи тавозун, ҳамагӣ, рубл) ва маблағи пардохтҳои ғайримолӣ ва ҳар гуна ҳиссаҷудокуниҳо аз ҳисоби даромадҳои пулии аҳолӣ, ҳисоб карда мешавад (ниг. ҷадвали 5.1.)

*Ҷадвали 5.1.* Тавозуни дахл ва харҷи пули аҳолии Тоҷикистон дар соли 1999 (рақамҳои шартӣ)

| Дахли пули аҳолӣ ва манбаъҳои он | ҳаз. сомонӣ | Харҷи пули аҳолӣ ва самтҳои асосии он | ҳаз. сомонӣ |
|---|---|---|---|
| Музди меҳнат | 4200 | | |
| Даромад аз хоҷагиҳои коллективӣ | 800 | | |
| Даромади хоҷагиҳои деҳқонӣ, фермерҳо ва дигар соҳибкорон | 600 | | |
| Даромади аҳолӣ аз фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ | 200 | | |
| Нафақаҳо ва кӯмакпулӣ | 400 | | |
| Кӯмакпулӣ ба коргарону хизматчиён аз ҳисоби корхонаҳо | 100 | | |
| Даромадҳо аз саҳмия, облигатсия ва коғазҳои арзишдор | 60 | Хариди мол дар бозор (ҳамаи намудҳои хариди мол аз шабакаҳои тиҷоратӣ новобаста аз шакли моликият) | 5210 |
| Даромадҳо аз идораҳои молиявӣ, бурди аҳолӣ аз вомбаргҳои давлатӣ,бозиҳои лотерея ва г. | 40 | | |
| Даромадҳо аз бонкҳои тиҷоратӣ, --фоизи пасандозҳо дар хазинаҳои амонатӣ | 80 | Хароҷоти ғайримолии аҳолӣ (пардохтҳои хизматрасонии пулакӣ, ҳар гуна ҳиссаҷудокунӣ аз маблағи даромадҳои пулӣ) | 1320 |
| Даромадҳои дигар (воридшавии пул бо интиқоли он тавассути почта ва г.) | 50 | | |
| Ҳамагӣ (тавозун) | 6530 | Ҳамагӣ (тавозун) | 6530 |

Аз ин рақамҳои шартии тавозуни дахл ва харҷи пули аҳолии мамлакат маълум мешавад, ки ҳаҷми умумии фондҳои харидории аҳолӣ ба 5210 *ҳазор* сомонӣ баробар аст (6530 *ҳаз.* сомонӣ – 1320 *ҳаз.* сомонӣ). Ин маънои онро дорад, ки дар бозор ҳаҷми пешниҳодоти мол – аз як тараф ва ҳаҷми умумии гардиши чаканаи мол дар мамлакат – аз тарафи дигар, бояд ба фонди харидории аҳолӣ, ки мо ҳоло бо тарзи ҳисоби он шинос шудем, баробар бошад. Танҳо дар ҳолати риоя гардидани ин таносуб, дар байни се нишондиҳандаи номбаршуда вазъи бозор то андозае устувор мегардад.

Фарз кардем, ки агар ҳаҷми умумии фондҳои харидории аҳолӣ ё талаботи бо пул пардохтшавандаи аҳолӣ аз ҳаҷми моли ба бозор пешкашшаванда, хело зиёд, (масалан 70%) бошад, он гоҳ суръати бекурбшавии пул баланд шуда, сатҳи нархи молҳо ва хадамот дар бозор бемайлон боло меравад, ки ин ба дараҷаи зиндагонии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад. Ё баръакси ин ҳолат рух медиҳад, агар бозор аз мол фаровон гардида, аммо даромадҳои пулии аҳолӣ ва хусусан, табақаҳои алоҳидаи он бо суръати хело паст тағйир ёбанд ё умуман сатҳи онҳо ба куллӣ афзоиш наёбанд.

**Макроталабот бошад** – ин тақозои аҳолӣ ба гурӯҳи молҳо мебошанд, ки одатан аз рӯи таъйиноти истеъмолиашон муттаҳид карда шудаанд, масалан, талабот ба маводи хӯрокворӣ, аз ҷумла ба шир ва маҳсулоти аз он тавлидгардида;

**Микроталабот** – ин навъи дигари тақозои аҳолӣ нисбат ба намудҳои алоҳидаи гурӯҳи молҳо мебошад. Мисол, талабот ба гурӯҳи газворҳои пахтагин, алоҳида барои газворҳои шоҳӣ, ҷутӣ, пашмин ва ғайра ҷудо гардад.

Ба ҳаҷм, таркиб ва сатҳи тақозои аҳолӣ дар як муддати муайян омилҳои зиёде таъсир мерасонанд. Қисмате аз онҳо, талаботи аҳолиро дар бозор баланд, қисмати дигар, онро то андозае паст мекунанд. Дар ин ҳолат, тадқиқи таъсири гурӯҳи омилҳои асосӣ (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, демографӣ, иқлимӣ ва ғайра) ба тақозои аҳолӣ вазифаи басо муҳим аст. Аммо дар байни омилҳои гуногун, муқаррар намудани таъсири ҳаҷм ва суръати тағйирёбии истеҳсоли маҳсулот, даромадҳои пулии аҳолӣ, музди меҳнат, нафақаҳо ва кӯмакпулӣ, бахусус, дараҷа, таркиб ва таносуби нархи чаканаи молҳо, дар шароити кунунӣ бениҳоят зарур ва муҳим мебошад.

## 5. § 2. ҚОНУНИ ТАҚОЗОИ АҲОЛӢ. ХАТТИ КАҶИ ТАҚОЗО, КОЭФФИТСИЕНТ (ЗЕРИБ) ВА СЕ ҲОЛАТИ ЧАНДИРИИ ТАҚОЗО

Дар бобати нақши нарх чун унсури таркибии бозор, моҳияти раванди нархгузории бозорӣ дар бахши алоҳида муфассалтар таваққуф хоҳем кард. Алҳол – ҳаминро тазаккур бояд дод, ки байни тақозои аҳолӣ ва дараҷаи тағйирёбии нархи мол дар бозор вобастагии мутақобил вуҷуд дорад. Маҳз андозаи тағйирёбии нарх ба баланд ё паст шудани сатҳи тақозои аҳолӣ сабаб мегардад. Дар навбати худ, тақозои аҳолӣ ва сатҳи тағйирёбии он, ба дараҷаи нархҳои бозорӣ таъсири калон мерасонанд. Ана ҳамин вобастагии дутарафаи байни тақозои аҳолӣ ва нарх моҳияти қонуни махсуси бозорӣ – **Қонуни тақозои аҳолӣ, хатти каҷи он ва андозаи зерибі чандирии тақозоро дар вобастагӣ бо тағйирёбии дараҷаи нархи мол** муайян мекунад.

Қонуни тақозои аҳолӣ чӣ маъно ва моҳияти иқтисодӣ дорад? Барои сарфаҳм рафтан ба маънои мантиқӣ ва моҳияти амалиёти ин қонун дар бозор, фарз кардем, ки рақамҳои зерин оид ба миқдор ё ҳаҷми фурӯ-ши нахи пахта ва нархи 1 кг он дар бозор, ба тарзи зайл аст: (ниг. ба ҷадвали 5.2.)

*Ҷадвали 5.2.* Рақамҳои шартӣ оид ба фурӯши нахи пахта дар солҳои 1991–1999

| Нишондиҳанда | Солҳо | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1991 | 1992 | 1993 | 1994 | 1995 | 1996 | 1997 | 1998 | 1999 |
| Миқдори фӯруши нахи пахта, тонн | 100 | 150 | 200 | 250 | 300 | 350 | 400 | 450 | 500 |
| Нархи 1кг нахи пахта, сомонӣ | 4,5 | 4,0 | 3,5 | 3,0 | 2,5 | 2,0 | 1,5 | 1,0 | 0,5 |

Аз рӯи ин рақамҳои шартӣ, дар бораи вазъи тиҷорати нахи пахта дар нӯҳ соли охир маълумоти зарурӣ ба даст меоварем. Хатти каҷи тақозои аҳолиро дар вобастагии миқдори фурӯши нахи пахта (бо тонн) бо тағйирёбии нархи 1 кг нахи пахта дар бозор дида мебароем. Пеш аз ҳама, ин нишондиҳандаҳоро дар хатти абсиса ва ордината, бо тақсимоти меъёрӣ нишон медиҳем, ки ин тавр намуд дорад (нақшаи 5.1).

*Нақшаи 5. 1.* Хатти каҷи тақозои нахи пахта дар солҳои 1991–1999 (рақамҳои шартӣ).




Миқдори фурӯши нахи пахта (тонна) ва солҳо

Хулоса, аз хатти каҷи нақшаи 5.1 мебинем, ки бо паст шудани нархи як воҳиди мол бо назардошти шароити якхела, миқдори моли харидашаванда бемайлон меафзояд, яъне қобилияти харидорӣ баланд мешавад. Ҳамин гуна вобастагиро қонуни афзоиши тақозои аҳолӣ меноманд.

Аз ин хатти каҷи тақозо, **моҳияти қонуни тақозои аҳолиро маънидод кардан** осон аст. Зеро моҳияти ин қонун, аз он иборат аст, ки ҳар қадар дар бозор нархи мол паст шавад, торафт миқдори фурӯши мол меафзояд. Ба амали ин қонун пеш аз ҳама истеъмолгарони мол ҳавасманд буда, дар натиҷа манфиат мебардоранд. Бо арзон шудани нархи ин ё он мол ва устувории вазъи бозор қобилияти харидории вай афзуда, истеъмолгар бештар мол мехарад ва талаботаш хубтар қонеъ мегардад, ё ин ки қисмати муайяни маблағҳои пулашро барои харидани маводи дигари истеъмол харҷ мекунад.

Боз як нуктаро таъкид кардан лозим меояд. Аҳолӣ бо нархҳои арзон, одатан миқдори муайяни хӯрокворин заруриро мехарад. Масалан, одам наметавонад ҳар рӯз 3 кг гӯшт ё аз ин миқдор бештар, истеъмол намояд. Ҳамин ки истеъмоли маҳсулот ба як меъёри аз нигоҳи сиҳатӣ асоснок расид, сипас, судмандии арзиши истеъмолии ин маҳсулот тадриҷан кам шудан мегирад. **Иқтисоддонҳо ин ҳолатро камшавии "интиҳои манфиатнокӣ"** меноманд ("эффект предельной полезности").

Дар зери мафҳуми судмандӣ , альон имконияти ба манфиати шахсии одам истифода бурдани мол ва хадамот фаҳмида мешавад. Ин истилоҳ имконият медиҳад, ки мо сабаби афзудани андозаи тақозои аҳолиро бо таъсири паст шудани нарх дурустар шарҳ диҳем. Молҳое, ки дар бозор бо нархҳои нисбатан баланд бо нияти фурӯхтан барои истеъмолгарон пешкаш мегарданд, одатан бо мақсади барои ягон вақти дигар нигоҳ доштан ё захира кардан харида намешаванд. Агар нархи мол дар ҳақиқат арзон ва дастрас бошад, он гоҳ харидорон онро аз эҳтиёҷот ҳатто зиёдтар мехаранд ва аз ин амал ҳеҷ гоҳ зарар намебинанд.

Шакл ва майли хатти каҷи тақозои аҳолӣ барои молҳои алоҳида аз ҳамдигар фарқ мекунад. Бо тағйирёбии сатҳи нарх ҳамзамон тақозои аҳолӣ ҳам дигар мешавад. Лекин андозаи тағйирёбии ин ду нишондиҳандаи бо ҳамдигар вобаста якхела набуда, қимати гуногун дорад. Иқтисоддонҳо барои ин вобастагиро муқаррар кардан, зериби чандирии тақозоро дар робита бо нарх ё даромади харидорон пешниҳод карданд. Қобилияти баланд ё паст шудани тақозои аҳолӣ бо таъсири омилҳои нарх ва даромадҳои пулии аҳолӣ, чандирии тақозо номида мешавад.

Зариби чандирии тақозои аҳолиро (Зч.т.) аз рӯи тағйирёбии сатҳи нархи мол бо формулаҳои зерини 1 ва 2 ҳисоб кардан мумкин аст.

$$З_{чт} = \frac{\Delta_s}{\Delta_p} \cdot \frac{P}{S} \quad (1) \qquad ё \qquad З_{чт} = \frac{\Delta_s}{S} : \frac{\Delta_p}{P} \quad (2)$$

Дар ин ҷо: $\Delta_s$ – андозаи афзоиши миқдор ё ҳаҷми талабот;

$\Delta_p$ – андозаи афзоиши нархи мол;

P – нархи мол дар давраи қиёсшаванда (гузашта);

S – миқдор ё ҳаҷми талабот дар давраи гузашта.

Ба ҷои омили нархи мол (P), мо метавонем дар ин формулаҳои риёзӣ омили дигар-даромади аҳолиро ($Д_а$) гузошта, таъсири онро ошкор намоем.

Зариби чандирии тақозо ба таври возеҳу равшан нишон медиҳад, ки агар сатҳи нархи мол ба андозаи 1% боло равад, пас, тақозои аҳолӣ ба кадом андоза, бо ҳисоби фоиз бояд зиёд шавад.

Бархе гумон мекунанд, ки андозаи тағйирёбии нишондиҳандаҳои бо ҳам вобаста бояд якхела сурат гирад ва аз ин ҷиҳат зариб ба 1 баробар аст. Вале амали хоҷагидорӣ собит намудааст, ки ин нишондиҳанда метавонад ба се қимати гуногун соҳиб бошад, яъне $З_{чт}<1$; $З_{чт}>1$; ва $З_{чт} = 1$ бошад.

Дар ҳолати $З_{чт} < 1$ будан, масалан баробари 0,4, тақозои аҳолӣ ғайричандирӣ мебошад. Ин мазмуни онро дорад, ки тағйирёбии сатҳи нархи мол ба тақозо чандон таъсири ҳалкунанда ва асосӣ надорад. Ин ҳолатро мо бештар дар бозори молҳои аз нигоҳи истеъмол заруратӯ аҳамияти дараҷаи аввалин дошта, ки барои худ дигар варианти ивазшаванда надоранд, ҳамзамон молҳои нархашон нисбатан арзон ё дар вазъи ногувор мондани харидор ва бо сабабҳои дигар мушоҳида менамоем.

Дар ҳолати $З_{чт}>1$ қимат доштан, тақозои аҳолӣ басо чандирӣ аст. Яъне паст шудани нархи мол ё афзудани даромади пулии аҳолӣ дар сатҳи 10%, ба тағйирёбии аз ин фоиз ҳам бештари тақозои аҳолӣ мусоидат менамояд. Самараи таъсири ин омил ба сатҳи тақозо дар ҳақиқат хело калон аст.

Агар $З_{чт} = 1$ бошад, он гоҳ чандирии тақозои аҳолӣ моҳияти якхела дошта, сатҳи тағйирёбии нархи мол мутобиқан ба дигаршавии баробарвазни тақозо оварда мерасонад. Мисол, дар ҳолати 40% паст шудани нархи мол, ҳамзамон тақозо низ 40% зиёд мешавад, ки самараи таъсири ин омил баланд аст. Умуман, таъсири ин омили асосӣ – нарх ба тақозои аҳолӣ бевосита буда, дар мавриди қимати мусбат гирифтани зериби чандирии тақозо таҳлили сатҳи алоқамандии байни нарх ва тақозо, чун нишондиҳандаи натиҷавӣ аз нигоҳи назария ва амали хоҷагидории бозорӣ аҳамияти калон дорад.

Албатта, дар ҳолати бетағйир мондани нархи мол, тақозои аҳолӣ дар як қатор мавридҳои муайян метавонад бо таъсири омилҳои гуногуни дигар, масалан, тағйирёбии даромадҳои пулии аҳолӣ, вазъи муҳити зист, хариди қиёсан бештари молҳои ҳамдигарро дар ҷараёни истеъмол ивазкунанда, таъсири таблиғот оид ба сифати молҳои алоҳида, паст ё баланд шавад.

## 5. §3. ҚОНУНИ ЭНГЕЛ ВА ШАРҲИ МУХТАСАРИ ОН

Дар ин ҷо, вобастагии байни тақозои аҳолӣ ва даромадҳои пулии истеъмолгаронро зикр намудан бамаврид аст. Ин омил низ ба сатҳи тақозо таъсири ҷиддӣ мерасонад. Маҳз ин масоили муҳимми иқтисодӣ ҳанӯз дар асри XIX диққати оморшиноси пруссиягӣ, Эрнест Энгелро, ки дар таълифоти иқтисодӣ бо номи Қонуни Энгел шинохта шудааст, ба худ ҷалб карда буд. Вай вобастагии байни шаклҳои хариди мол ва даромади истеъмолгаронро аввалин бор аз нигоҳи илмӣ хело хуб ва равшан исбот намудааст. Мувофиқи моҳияти қонуни кашфкардаи ӯ, бо афзудани даромад ё музди меҳнат, ҳамон ҳиссаи маблағе, ки барои харидани молҳои зарурати аввалин дошта харҷ мешавад, торафт кам шуда, ҳамзамон ҳиссаи хароҷот барои харидани маводи қиматаш нисбатан баланд, меафзояд. Инчунин, омилҳои синну сол, хусусиятҳои хос ва нозукиҳои истеъмоли ин ё он намуди мол, андешаи истеъмолгарон дар бобати вазъи оянда ё дурнамои иқтисодиёт низ ба сарфи пул дар бозор таъсири бағоят бузург мера-

сонад. Қонуни кашфкардаи Энгел то имрўз ҳам аҳамияти илмӣ ва амалии худро гум накардааст.

## 5. §4. ПЕШНИҲОДОТ Ё АРЗАИ МОЛ: ХАТТИ КАҶ, МОҲИЯТИ ҚОНУНИ ОН. ЗАРИБИ ЧАНДИРИИ ПЕШНИҲОДОТ

Мо бо мазмун ва амали Қонуни тақозои аҳолӣ андаке пештар шинос шудем. Дар ин бахш ба қонуни дигари бозорӣ – Қонуни пешниҳод ё арзаи мол ва амали он огоҳӣ пайдо хоҳем кард.

Пешниҳодоти мол омили пурзўру муайянкунандаи вазъи бозор буда, ҳамеша дар муқобили тақозои аҳолӣ меистад. Моҳияти Қонуни пешниҳодоти мол дар он ифода меёбад, ки тавлидгарони молу хадамот кадом миқдор ё ҳаҷми пулии онҳоро, бо кадом андозаи нархи як воҳиди маҳсулот барои фурўхтан дар бозор пешкаш менамоянд.

Арзаи мол низ ҳаҷми умумӣ ва таркиби ба худ хосае дорад.

Ҳаҷми арзаи мол аз манбаъҳои гуногун: истеҳсолоти маҳсулот дар корхонаҳои дохилии ҷумҳуриявӣ, бо роҳи аз хориҷи кишвар ворид намудани як миқдори муайяни маҳсулот, ҳамчунин молҳое, ки дар анбору шабакаҳои савдои яклухту чакана ва дар роҳ буда, пайдо мешавад.

Ба ин нишондиҳанда омилҳои зиёде, ба мисли сатҳ ва пўёии (динамикаи) нархҳо, шумора ва истифодаи қудрати истеҳсолии корхонаҳои ватанӣ, номгўй ва сифати маҳсулот, самаранок ҷойгиркунонии қувваҳои истеҳсолкунанда дар қаламрави мамлакат, арзиши аслии маҳсулот, сиёсати берунаи иқтисодии давлат, вазъ ва рушди соҳибкорӣ ва ғайра таъсири амиқ мегузоранд.

Истеҳсолгари мол дар шароити амали муносибатҳои бозорӣ ҳамеша манфиати худашро дар мадди аввал мегузорад. Вай саъю кўшиш менамояд, ки дар натиҷаи фаъолияти хоҷагиаш фоидаи иқтисодӣ ба даст оварад ва он торафт зиёдтар гардад. Ба ин хотир, вай бешак саъй мекунад, ки маҳсулотро ба бозор бароварда, бо нархи ҳар чи гаронтар, ба харидорони мол фурўшад. Ҳар қадаре, ки ў ба ин ҳадафи асосӣ зудтар ноил гардад, ҳамон қадар имконияти манфиат бардоштанаш воқеӣ гашта, андозаи фоида ва фоиданокии истеҳсолот баланд мегардад (албатта дар ҳолати бетағйир мондани сатҳи арзиши аслии маҳсулот). Танҳо бо ҳамин роҳ истеҳсолот метавонад босуръат инкишоф ёбад, хароҷоти иловагии истеҳсолот пур карда шуда, боз фоидаи кифоя ба даст ояд.

Аммо, тавре дар боло дидем, истеҳсолгар бояд моларо танҳо дар бозор бевосита ба истеъмолгарони зиёде, ки пул дар дасти онҳост, фурўшад.

Истеъмолгарон бошанд, ҳамеша кўшиш ва талош мекунанд, ки молро бо нархи арзон дастрас намоянд. Дар ин ҳолат, манфиати истеҳсолгарони мол бо манфиати истеъмолгароне, ки онҳо молро маҳз тавассути маблағҳои маҳдуди даромадҳои пулиашон харидорӣ менамоянд, зиддият дорад. Дар шароити амали хоҷагидории бозорӣ ин зиддият дар байни фурўшандагон ва

харидорони танҳо мустақилона ва бо роҳи созиши барои ҳар ду тараф маъқул ҳаллу фасл мегардад.

Акнун бо моҳияти Қонуни арзаи мол ва зериби чандирии арзаи мол дар вобастагӣ бо нархи мол шинос мешавем. Барои ин аз рақамҳои зерини миқдори истеҳсоли нахи пахта ва нархи пешниҳоди он дар бозор ба ҳисоби 1 кг/рубл истифода намуда, тамоюли тағйирёбии арзаи молро дар хатти абсиса ва ордината ҷойгир мекунем (ниг. ба ҷадвали 5. 3).

*Ҷадвали 5.3.* Рақамҳои шартӣ оид ба истеҳсоли нахи пахта дар солҳои 1991–1999

| | СОЛҲО | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Нишондиҳанда | 1991 | 1992 | 1993 | 1994 | 1995 | 1996 | 1997 | 1998 | 1999 |
| Истеҳсоли нахи пахта, тонн | 100 | 150 | 200 | 250 | 300 | 350 | 400 | 450 | 500 |
| Нархи арзаи 1 кг. нахи пахта, сомонӣ | 500 | 1000 | 1500 | 2000 | 2500 | 3000 | 3500 | 4000 | 4500 |

Он гоҳ, дар асоси ин рақамҳо хатти каҷи арзаи мол, аз кунҷи поёни тарафи чапи расми 5.2 ба тарафи рости болои хатти абсиса ва ордината майл мекунад:

*Нақшаи 5.2.* Хатти каҷи арзаи нахи пахта (рақамҳои шартӣ) дар солҳои 1991-1999.



Тавре хатти каҷи арзаи нахи пахта нишон медиҳад, бо афзудани сатҳи нархи 1 *кг* нахи пахта бо ҳисоби рубл, ҳаҷми истеҳсоли пахта тамоюли зиёдшавӣ дорад. Моҳияти Қонуни арзаи мол дар ин амал ифодаи пурраи худро меёбад. Тавлидгарони нахи пахта мутобиқи ин қонун, барои бо нархи баланд тиҷорат кардани маҳсулот манфиатдор мебошанд. Ба арзаи мол мисли тақозои аҳолӣ омилҳои зиёде таъсир мерасонанд. Таъсири сатҳи тағйирёбии нарх ба арзаи мол низ бениҳоят калон аст.

Вобастагии арзаи мол ва тағйирёбии сатҳи нархро ҳам бо зариби чандирии арзаи мол (З ч.а.м) андоза менамоянд, ки формулааш чунин аст:

$$З_{чам} = \frac{\Delta_a}{\Delta_p} \cdot \frac{P}{S} \quad (3) \text{ ё } \qquad З_{чам} = \frac{\Delta_a}{S} : \frac{\Delta_p}{P} \quad (4)$$

Дар ин ҷо: $\Delta_A$ – андозаи афзоиши миқдор ё ҳаҷми арзаи мол;
$\Delta_P$ – андозаи афзоиши нархи мол;
P – нархи мол дар давраи базавӣ (гузашта);
S – миқдор ё ҳаҷми арзаи мол.

Чунон ки дар бобати зариби чандирии тақозои аҳолӣ се ҳолати онро зикр намудем, дар ин ҷо низ, ҳамон се ҳолати зериби чандирии арзаи мол дар вобастагӣ бо нарх, яъне $З_{чам} < 1$; $З_{чам} > 1$ ва $З_{чам} = 1$ метавонад дар амал ҷой дошта бошад. Дар ҳолати кимати зериби чандирии арзаи мол аз 1 хурд будан, вобастагии байни арза ва нарх чандон зич нест. Агар $З_{чам} > 1$ бошад, он гоҳ вазъияти чандирнокӣ бениҳоят калон аст. Дар ҳолати $З_{чам} = 1$ будан, вобастагии бевоситаи чандирӣ вуҷуд дорад, ки муқаррар намудани он аз тарафи таҳлилгари вазъи бозор аз аҳамият холӣ нест.

## 5. §5. ТАВОЗУНИ АРЗА ВА ТАҚОЗО. НАРХҲОИ МУВОЗИНАТИИ БОЗОРӢ

Иқтисоди бозорӣ қатъан талаб менамояд, ки арзаи мол ва тақозои аҳолӣ бо якдигар дар як таносуби муайян, бо ибораи дигар гӯем, дар тавозун бошанд. Асоси ин тавозунро нархҳои баробарвазн ё мувозинатӣ ташкил медиҳанд, ки ба сабаби бо ҳам баробар шудани миқдори моли ба бозор пешкаш гардида ва миқдори талаботи аҳолӣ имконпазир мегардад.

Нуқтаи баробарии арзаи мол ва тақозои аҳолӣ дар ҳамон лаҳзае пайдо мешавад, ки дар як шароити мувофиқ хатҳои каҷ якдигарро ҳатман мебуранд. Дарвоқеъ, нуқтаи ҳамдигарро буридани ду хатти каҷи нисбат ба ҳамдигар майли муқобил дошта аз баробар шудани миқдори арзаи мол бо миқдори тақозои аҳолӣ гувоҳӣ медиҳад. Ҳар гоҳ, ки миқдори онҳо аз ҳамдигар фарқ кунад, тавозун вайрон шуда, сатҳи нархи мол дар бозор паст ё боло меравад.

Дар нақшаҳои зер (нақшаҳои 5.3 – 5.6) чандин ҳолати якдигарро буридани хатти каҷи арзаи мол ва хатти каҷи тақозои аҳолӣ, дар натиҷа пайдо шудани сатҳи нархи мувозинатии бозориро мо мушоҳида карда метавонем.




*Нақшаи 5. 3.* Алоқаи мутақобили арзаи мол ва тақозои аҳолӣ




*Нақши 5.4.* Зиёдии миқдори арзаи мол нисбат ба миқдори тақозои аҳолӣ




*Нақшаи 5.5.* Зиёдии миқдори тақозои аҳолӣ нисбат ба миқдори арзаи мол




*Нақшаи 5.6.* Афзоиши зиёди миқдори арзаи мол нисбат ба миқдори тақозои аҳолӣ

Хулоса, арзаи мол, тақозои аҳолӣ ва нарх – се ҷузъи таркибии бозор ба ҳисоб мераванд.

Бозор, бешубҳа чун мафҳуми мураккаби иқтисодӣ маҷмӯи муносибатҳои пулию молӣ буда, ҷараёни мубодилаи озоди мол тавассути пул ва баръакси онро бо иштироки бевоситаи харидору фурӯшандагон дар бар мегирад. Нақши иқтисоди бозорӣ дар таъмини пешрафти ҷомеа ва бемайлон баланд бардоштани некӯаҳволии одамон басо бузург аст.

Бозор – нерӯи воқеан пурзӯр буда, имкониятҳои калони потенсиалӣ дорад, гарчанде ҳамзамон истифодаи он дар шароити феълӣ аз камбудӣ ва нуқсонҳо низ чандон холӣ нест.

Механизми бозорӣ аз дастгоҳ ва тарзу қоидаҳои махсус иборат мебошад, ки моҳият ва раванди худтанзимшавандагӣ дорад. Асоси кори ин механизмро тавозуни байни арзаи мол ва тақозои аҳолӣ бо иштироки фаъолонаи нархҳои озод чун унсури бо ҳамдигар ҳамоҳанг ва баробар кардани ҷузъиятҳои дигари бозор, ташкил менамояд.

Иктисодиёти бозориро баъзеҳо тавре маънидод кардаанд, ки гӯё нарх онро идора мекунад. Ин ба ҳақиқат наздик аст. Дар ҳолати боло рафтани сатҳи нарх, тавлидгари мол ба имконоти тараққӣ додани истеҳсолот ноил мегардад. Аммо, дар муқобили ин раванд харидорони молу хадамот ба нархи ҳар чи арзонтар дастрас кардани мол ҳавасманд мебошанд, зеро даромадҳои пулии онҳо хело маҳдуданд. Ҳамин тариқ, харидорон ва фурӯшандагони мол дар бозор ба ду самти муқобил майл карда, оқибат дар зери таъсири механизми худтанзимшаванда ва зуд тағйирёбандаи арза ва тақозо дар бозор харидорон ва фурӯшандагон ба як созиш меоянд, дар бобати нархи мол ба якдигар гузашт мекунанд. Чунон ки мебинем, дар ин маврид иштироки давлат ва дастгоҳҳои он дар нархгузорӣ, то андозаи муайян, чандон зарурат надорад.

Дар шароити амалиёти иқтисоди бозорӣ сатҳи нархи бозории мол метавонад дар натиҷаи вобастагии мутақобилаи арза бо тақозо тадриҷан паст ё баланд гардад. Ин вазифа бо шарте зудтар ҳаллу фасл мегардад, ки агар дар бозор фазои рақобати озод торафт фароҳам омада, беш аз пеш қавитар гардад. Бояд гуфт, ки ҳоло мамлакати мо давраи гузариш ба муносибатҳои бозориро аз сар мегузаронад ва ин раванди бебозгашт дар муҳити рақобати шакли инҳисории иқтисодиёт ҷараён дорад. Ҳар қадар иқтисодиёти кишвари мо зудтар аз ин чорчӯбаи инҳисорот раҳоӣ ёбад, ҳамон қадар бештар ба амали истифодаи механизми бозорӣ роҳи васеъ пайдо мегардад ва мардуми мо аз он баҳраи дилхоҳ хоҳанд бардошт.

# БОБИ 6. БОЗОРИ ОМИЛҲОИ ИСТЕҲСОЛОТ ВА МАСНУОТ

## 6. §1. БОЗОРИ САРМОЯ

Дар мавзӯи хоҷагидории бозорӣ мо ба маънии мафҳуми "бозор", унсурҳои таркибӣ, гунҷоиш, механизми амалиёти бозор ва бо як қатор нуктаҳои муҳимми ба моҳияти ин масоили мубрам алоқаманд, то андозае шиносоӣ пайдо кардем. Дар ин боб бошад, дар бораи мазмуни бозори омилҳои алоҳидаи истеҳсолот дар намуди сармоя, қувваи коргарӣ, захираҳои табиӣ ва маснуоту хизматрасонӣ тасаввурот пайдо хоҳем кард. Омили дигар – қобилияти соҳибкориро дар мавзӯъҳои алоҳида баъдтар дида мебароем.

Чӣ тавре ки илму амали иқтисодӣ гувоҳӣ медиҳанд, устувории рушди иқтисодӣ ва ҷараёни мунтазами такрористеҳсоли васеи маҳсулоту хадамот аз сатҳи самаранок истифода бурдани чор гурӯҳи омилҳои истеҳсолот, ки онҳоро одатан чун ресурсҳои иқтисодӣ низ мешиносанд, вобастагии мустақим дорад. Ба ин қатор захираҳо /ресурсҳо/ мансубанд: сармоя, захираҳои табиӣ, нерӯи коргарӣ ва ҳунари соҳибкорӣ.

Ҳар яке аз ин ресурсҳои иқтисодӣ, бешубҳа дар инкишофи босуботи иқтисодӣ мавқеъ ва аҳамияти хоса дорад. Вобаста бо ин мо бояд дар ин маврид бо мазмун ва мароми ин гуна бозорҳо ва дар навбати аввал бо моҳияти таркиби бозори сармоя ва зарурати самаранок истифода бурдани он ба таври мухтасар иттилоот пайдо намоем.

Маълум аст, ки корхона зинаи ибтидой ва тақдирсози ҳаёти иқтисодӣ ба шумор меравад. Фаъолияти хоҷагӣ ва бурду бохти он дар соҳаи иқтисодиёт аз кифоя будани маблағҳои молиявӣ, алалхусус аз истифодабарии арзиши сармоя, ки дар шакли воситаҳои асосию гардон амал мекунанд ва албатта ба сиёсати давлатии ҷалби сармоягузорӣ барои рушду нумӯи истеҳсолот аз ҳисоби манбаъҳои гуногун /бардошти истеҳсолнокӣ, ҳиссаҷудокунӣ аз фоидаи корхонаҳо ва соҳибкорони воқеӣ, сармоягузории хориҷӣ ва ғайра/ хеле зич алоқаманд мебошад. Дар ин ҳолат, корхонаҳо ва шахсони алоҳидаи соҳибкор дар шароити амали хоҷагидории бозорӣ пайваста саъю кӯшиш менамоянд, ки ҳаҷми талаботи истеҳсолотро бо ашёи хом, ҳар гуна маводи зарурӣ, таҷҳизот, техника, иншооту иморат, сӯзишворӣ, қувваи барқ ва ғайра бо роҳи озод харидани ресурсҳои иловагии онҳо дар бозор амалӣ гардонанд.Ин як тарафи масъала аст, зеро амали ҳатман харидани ҳар як воҳиди иловагии ашё ва воситаҳои меҳнат харҷҳои якбораи истеҳсолотро зиёд карда, оқибат ба арзиши сармояи асосӣ ва востиаҳои гардони корхона илова мегардад.

Ҳамин тариқ, ба таври илова харид кардани як воҳиди иқтисодиро дар шакли сармоя, яъне воситаҳои асосӣ ва гардонро дар шароити иқтисодиёти бозории рақобатнок одатан «харҷи ҳудудии ресурс» меноманд.

Аз нигоҳи дигар, ҳар як корхона вазифадор ва бешак ба он ҳавасманд аст, ки ин гуна арзишҳои сармоявиро хело самарабахш, бо чашми кордонӣ ва хоҷагидорӣ истифода барад, ки минбаъд фоидаи иқтисодии корхона ва сатҳи нисбии он – фоиданокӣ ҳаддалимкон зиёдтар гардад. Ҳалли ин вазифаи муҳимми иқтисодӣ барои ҳар як соҳибкор зарурияти аввалиндараҷа дорад.

Корхона дар бозори сармоя бо мақсади харид кардани ҳаҷми муайяни ашё ва воситаҳои меҳнат, яъне арзиши сармоя бо назардошти боз ҳам пеш бурдани истеҳсолот, зиёд намудани миқдор ва баланд бардоштани сифати маҳсулоти бозоргир, ҳам дар дохили мамлакат ва ҳам дар хориҷи он, бояд ба тарзи кордонию навоварӣ рафтору амал кунад ва дар натиҷа аз ин фаъолият даромад ё фоидаи иловагӣ ба ҳар як воҳиди маҳсулот ба даст орад. Ин чунин маъно дорад, ки даромади иловагии корхона бояд ҳатман аз ҳаҷми харҷҳои ҳудудии захираҳо, бо ҳисоби ҳар як воҳиди маҳсулот зиёд бошад. Баръакси ин ҳолат, корхона метавонад ба ҷои фоидаи иқтисодӣ зарар бинад. Рафтори судманди корхона дар ҳамон ҳолат имконпазир мегардад, ки дар ҳақиқат бозори рақобатдор вуҷуд дошта бошад ва имконияти бо нархи арзон дастрас кардани сармоя, чун омили муҳимми захираи иқтисодӣ вуҷуд дошта бошад. Ин гуна имконият маҳз дар ҳолати дар бозор зиёд будани шумораи фурӯшандагони предмет ва воситаҳои меҳнат, ҳаҷми пешниҳод нисбат ба талабот бештар мегардад.

Ҳамин тариқ, бозори сармоя низ чун бозорҳои дигар, аз миқдори талабот, пешниҳод ва нарх иборат аст. Агар миқдори пешниҳоди захираи иқтисодӣ—сармоя ба миқдори талабот дар сатҳи якхела истад, он гоҳ даромади ҳудудии корхона ба хароҷоти ҳудудии корхона баробар мешавад. /ниг. ба нақшаи 6.1.)

*Нақшаи 6.1.* Талабот ва пешниҳодот дар бозори рақобатноки омили истеҳсолот–сармоя/




Тавре ки аз нақшаи 6.1. мебинем, хатти каҷи талабот ба захираи иқтисодӣ /Д/ даромаднокии ҳудуди захираро нишон медиҳад, ки онро истеъмолгари захира аз истифодабарии ҳар як воҳиди иловагии он ба даст меорад. Хатти каҷи пешниҳоди захира /S/ бошад, аз вазъи харҷи корхона огоҳӣ медиҳад, ки ин харҷи ҳудудии ҳамин захира иқтисодӣ дар натиҷаи истифодабарии як воҳиди иловагии он мебошад. Дар натиҷа, нуқтаи буриши хатҳои каҷ /К/ аз он шаҳодат медиҳад, маҳз дар ин нуқта, дар ҳамин лаҳза, даромаднокии ҳудудии захира ба харҷи ҳудудии захира дар шароити бозори рақобатнок бо ҳамдигар баробар мебошанд. Албатта, дар амали хоҷагидории бозорӣ, миқдори талабот ва пешниҳод ба намудҳои алоҳидаи захираи иқтисодӣ дар бозори сармоя, бо таъсири омилҳои гуногун, тағйир ёфта меистанд, ки таҳлил ва омӯхтани таъсири онҳо муҳим аст.

## 6. §2. БОЗОРИ МЕҲНАТ

Оқилона истифода бурдани захираҳои меҳнатӣ ё кормандон дар тараққиёти иқтисодӣ нақши ҳалкунанда дорад ва яке аз ҷузъҳои таркибии омилҳои истеҳсолот мебошад. Маҳз бемайлон баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва самаранокии меҳнат ба пешрафти иқтисодиёт бештар мусоидат намуда, барои таъмини сатҳи зарурии зиндагии инсон заминаи устувор мегузорад.

Меҳнат – ин фаъолияти бошууронаи инсон мебошад, ки бо таъсири пайвастаи он вазъи иқтисодӣ дигар гашта, маҳсулот, хадамот, арзиш ва арзиши изофа пеш аз ҳама дар шакли фоида ба даст меояд. Вай сарчашмаи бузурги зиндагии осудаҳолонаи инсон аст. Меҳнати пурсамар, софдилона ва аз сидқи дил боиси ифтихор ва шарафмандии ҳар як инсон аст. Аз ин лиҳоз, дар ҳамаи давру замонҳо меҳнати манфиатнок ё ҳосилнок шарти асосии пайдоиши боигарӣ, таъмини рушди иқтисодӣ ба шумор меравад.

Дар баробари ин, пурсамар кор ё меҳнат кардан аз инсон сарфи нерӯи ҷисмонӣ ва ақлонӣ, заҳмати махсус ва бешубҳа сарфи муайяни вақтро тақозо менамояд. Чунон ки бузургони ақлу хирад таъкид кардаанд, худи вақт ва мақсадноку сарфакорона истифода бурдани он сабаби ҷиддии афзун намудани боигарӣ, тараққиёти иқтисодӣ аст. Вақте ки инсон ба иҷрои ин ё он кори манфиатнок даст мезанад ва бо тамоми имконияташ меҳнат мекунад, пас вай дар ин ҳолат аз дигар лаҳзаҳои барои ҳаёт зарууртарин – истироҳат,

тамошо барин амалиёт бошуурона даст мекашад. Шахсе, ки меҳнат мекунад, қувваи ҷисмонӣ ва аклониашро сарф мекунад, бояд ба ивази меҳнат, ҳатман музди кифоя гирад, то ин ки зиндагиашро осудаҳолона пеш барад. Ҳамин тариқ, зарурати меҳнат кардан, самаранок истифода бурдани захираҳои меҳнатӣ ё кадрҳо агар зурурати иқтисодию–иҷтимоӣ бошад, аз нигоҳи дигар дар ҳудуди як корхона, соҳаи иқтисодиёт ва мамлакат маблағи харҷҳои истеҳсолотро афзун мегардонад.

Аз ин рӯ, бозори махсус – бозори меҳнат мустақилона амал мекунад. Хусусияти фарқкунандаи ин бозор чист, талабот ва пешниҳоди меҳнат чӣ тавр ташаккул меёбад ва кадом омилҳо ба онҳо таъсири бевосита мерасонанд? Барои ҷавоби саҳеҳ пайдо кардан ба ин гуна саволҳо, аввал бо мазмуни талаботи меҳнат шинос мешавем.

Дар шароити амали хоҷагидории бозорӣ, умуман талабот ба меҳнат одатан аз ҷониби корхонаҳо ва соҳибкорон пешкаш мегардад, ки ба ду омили асосӣ: якум, андозаи муайяни ҳосилнокии меҳнат ва дуюм-пешниҳоди дигар омилҳои истеҳсолот вобастагӣ дорад. Роҳбари корхона, ки хоҳиши киро намудани кормандро дорад, талаботи меҳнатро пештар аз лаҳзае, ки андозаи манфиат /ҳосилнокии меҳнатро/ аз истифодаи меҳнати корманд бо харҷи истифодаи он, яъне музди меҳнат бояд ҳатман муқоиса гардад, муайян менамояд. Бинобар ин, хатти каҷи талабот ба меҳнат дар асл вобастагии байни андозаи ҳосилнокии меҳнат ва музди меҳнатро инъикос менамояд. /нигар. ба нақшаи 6.2./

*Нақшаи 6.2.* Хатти каҷи талабот ба меҳнат




Нақшаи 6.2 нишон медиҳад, ки хатти каҷи талабот ба меҳнат тамоюли манфӣ дорад, зеро моҳият ва мазмуни қонуни камшавии ҳудудии ҳосилнокии меҳнатро таҷассум менамояд. Маънии ин нукта он аст, ки корхона ҳар қадар шумораи зиёди кормандонро ба истеҳсолот ҷалб намояд, ҳатман дараҷаи ҳосилнокии меҳнатро паст гардонида, оқибат ба кормандон музди камтар медиҳад. Ба ибораи дигар гӯем, афзоиши талаботи корхона ба шумораи кормандон дар бозор ба паст гардидани сатҳи музди меҳнат мусоидат менамояд. Ва баръакс, баланд гардидани ҳосилнокии меҳнат сабаби афзоиши музди меҳнат мегардад, зеро ҳосилнокии меҳнатро бо роҳи тақсим кардани ҳаҷми истеҳсол /фурӯши маҳсулот/ ба шумораи кормандони корхона ҳисоб мекунанд.

Акнун мебинем, ки дар шароити амали муносибатҳои бозорӣ, яъне унсури дигари бозори меҳнат – пешниҳоди меҳнат аз чӣ вобаста аст?

Дар бозори меҳнат хатти каҷи пешниҳоди меҳнат, дар қиёс бо хатти каҷи талабот ба меҳнат, одатан тамоюли мусбат дорад. Ин чунин маъно дорад, ки бо зиёд шудани андозаи музди меҳнат, пешниҳоди меҳнат дар бозор меафзояд. /ниг. ба нақшаи 6.3./

*Нақшаи 6.3.* Хатти каҷи пешниҳоди меҳнат




Нақшаи 6.3. нишон медиҳад, ки бо зиёд шудани сатҳи музди меҳнат /$A^1$.............$A^n$/, пешниҳоди меҳнат, яъне шумораи кормандон /$В_1$ ........$В_n$/ дар бозори меҳнат меафзояд.

Музди меҳнати баробарвазн дар ҳамон ҳолат ҳосил мегардад, ки андозаи талабот ба хизмати меҳнат /$Д_м$/ ба сатҳи пешниҳоди меҳнат /$S_м$/ баробар гардад. Дар ин бобат ниг. ба нақшаи 6.4.

*Нақшаи 6.4.* Тавозун дар бозори меҳнат




Ба вазъи бозори меҳнат, ба рафтори соҳибкорон ва талаботи онҳо ба меҳнат омилҳои гуногун, андозаи музди меҳнат ҳамчун нархи қувваи коргарӣ, афзудани ҷойҳои холии корӣ, амали иттифоқҳои касаба, инкишофи

соҳибкории хурду миёна дар мамлакат ва ғайра таъсир мерасонанд. Дар ин ҷо таъсири дархосту пешниҳоди иттифоқҳои касаба барои баланд бардоштани музди меҳнатро зикр кардан лозим меояд.

Онҳо манфиатҳои ҳаётии кормандро ҳифз карда, дар аксар мавридҳо барои баланд бардоштани андозаи музди меҳнат ва сатҳи ҳадди ақали он ба соҳибкорон ва сиёсати иҷтимоии давлат таъсири назаррас мерасонанд ва дар натиҷаи ин амал, то андозае, миқдори талабот ва пешниҳоди меҳнат метавонад тағйир ёбад. Бозори меҳнат гарчанде моҳияти худтанзимшаванда дошта бошад ҳам, ба дахолату танзими муайяни давлатӣ ниёз дорад.

Ба ин тариқ – дар бозори меҳнат ба ҳайси харидорон корхонаю фирмаҳо ва соҳибкорони алоҳида фаъолият менамоянд. Маҳз онҳо талаботро ба хизмати меҳнат пешкаш менамоянд. Дар байни корхонаю соҳибкорон бошад барои бо нархи арзон харидани қувваи коргарӣ, ки сатҳи савияи донишашон баланд аст, рақобат вуҷуд дорад.

Фурӯшандаҳо дар бозори меҳнат пеш аз ҳама хоҷагиҳои меҳнатӣ, яъне шахсоне мебошанд, ки хизмати меҳнаташонро мехоҳанд бар ивази музди меҳнати ҳарчи баландтар, ки нақши нархи бозориро дорад, фурӯшанд.

Дар бозори меҳнат, одатан на танҳо меҳнат чун истилоҳи иқтисодӣ, балки аниқтараш хизмати меҳнат хариду фурӯш мешавад. Аз ин лиҳоз, худи меҳнат моликияти аслии корманд буда, ҳеҷ гоҳ фурӯхта намешавад. Дар ин маврид, хизмати меҳнат фурӯхта мешавад ва талаботу пешниҳоди хизмати меҳнат – ду унсури тавонои ин бозор мебошад.

Нархи хизмати меҳнат – унсури саввуми бозори меҳнат мебошад. Ин нарх сатҳи /ставкаи/ музди меҳнати кормандро барои ҳар як воҳиди вақти сарфгардида – як соат, як рӯзи корӣ, як ҳафта, як моҳ/ муқаррар менамояд. Сатҳи музди меҳнат бошад, ба сатҳи ҳосилнокии меҳнати кормандон вобастагӣ дорад, ки ин нуктаро мо бояд ҳамеша дар хотир нигоҳ дорем.

## 6. §3. ЗАХИРАҲОИ ТАБИӢ. БОЗОРИ ЗАМИН

Ба захираҳои табиӣ–замин, канданиҳои фоиданок, обу ҳаво, ҷангал ва ғайра мансубанд. Нақши онҳо ҳамчун омили истеҳсолот ё захираҳои табиӣ иқтисодӣ низ дар таъмини рушду инкишофи иқтисодӣ басо калон аст. Вақте ки сухан дар бобати захираҳои табиӣ меравад, иқтисоддонҳо бештар заминро дар навбати аввал дар назар мегиранд ва ҳатто дар китобҳои иқтисодӣ бозори замин бештар ба назар мерасад. Мо ҳам дар бобати хусусияти бозори замин ва рентаи замин дар ин ҷо, шарҳи мухтасар медиҳем.

Замин чун бузургтарин сарчашмаи боигарии табиӣ тавассути меҳнати пурсамари инсон ва оқилона истифода бурдани он чун моликият имконоти воқеӣ дорад, ки тараққиёти минбаъдаи иқтисодиёти мамлакатро таъмин кунад. Тавре ки мардум мегӯянд, замин инсонро ҳам мехӯронад ва ҳам мепӯшонад. Ин ҳақиқатро мардум аз замонҳои хеле қадим медонанд ва то имрӯз ягон лаҳза аз хотирашон фаромӯш намекунанд. Ақидаи Зардушт дар бобати нақш ва аҳамияти истифодаи оқилонаи замин имрӯз низ хеле ҷолиб аст. Гуфтаҳои ӯ дар китоби "Авасто" омадааст: "Замин – сарчашмаи ҳаёт ва идомаи он аст. Ҳар шахсе, ки заминро шудгор мекунад ва ба он дона мепошад, ба замин манфиати зиёде меорад...." Замин низ дар навбати худ мегӯяд: " Инсоне, ки маро мавриди коркард қарор медиҳад ва мекорад, ман

доимо ӯро бо хӯрокворӣ таъмин менамоям. Касе, ки ба замин гандум мекорад, ба он шахсе шабоҳат дорад, ки ҳаёт ва некӣ мекорад"[1].

Ба ин хотир – замин ҳамчун яке аз унсурҳои таркибии омили истеҳсолот бо чандин нишонаҳои хеш аз дигар захираҳои иқтисодӣ, масалан, сармоя ва қувваи коргарӣ фарқ дорад. Якум, замин омили табиӣ буда, вайро ба маънои комилу томмаш натиҷаи меҳнати инсон шуморидан шояд дуруст набошад. Дуюм, вай сармояи ғайри манқул мебошад, онро аз як ҷой ба ҷои дигар кӯчонидан ё интиқол додан имкон надорад. Сеюм, заминро муддатҳои тӯлонӣ, дуру дароз мавриди истифода қарор медиҳанд. Чорум, замин низ дар натиҷаи истифодабарии оқилонаи тӯлонӣ, бештар манфиат медиҳад ва баръакс, муносибат ва рафтори нодурусти инсон ба заминҳои истифодашаванда, ҳосилнокии онро паст менамояд.

Бинобар ин – замин ҳам чун як шакли боигарию моликият бояд соҳиби ҳақиқии худро дошта бошад. Истифодаи оқилонаи замин дар соҳаи кишоварзӣ, оқибат даромади иқтисодӣ медиҳад, ки намуди маълуми он рента мебошад.

Рента – як шакли даромади иқтисодӣ дар натиҷаи истифодабарии замин аст. Соҳиби замин рентаи мутлақ ба даст меоварад, соҳибкорон бошанд дар натиҷаи истифодаи замин ва сарфи нерӯи соҳибкориашон, фоида мегиранд.

Замин дар шароити бозор метавонад объекти хариду фурӯш қарор гирад. Вале дар ҳолати хеле маҳдуд будани заминҳои корами ҳосилхез, мутобиқи қонунгузории ин ё он давлат ин масоил ҳалли мушаххаси худро дорад. Масалан, дар Тоҷикистон, ки заминҳои корам ва истифодашаванда танҳо 7% фоизи масоҳати умумии онро ташкил медиҳанд, хариду фурӯши ин қабил заминҳои корамро қонун манъ кардааст. Ба истиснои он заминҳое, ки солҳои тӯлонӣ бо сабабҳои гуногун /ботлоқзор, серсанг, баъзе талу теппаҳо ва ғ./ истифода намешаванд. Вале ин, ҳеҷ гоҳ маънои онро надорад, ки замин объекти хариду фурӯш шуда наметавонад. Баръакс, бозори замин бояд вуҷуд дошта бошад, зеро сарватҳои зеризаминӣ, ки дар қаламрави Тоҷикистон хело фаровонанд, аз рӯи хулосаҳои мутахассисони соҳаи геология ва дигар манбаъҳои расмӣ миқдори умумии онҳо ба 400–то мерасад. Албатта, истифодаи оқилонаи заминҳои басо ҳосилхези мамлакатҳо ва ҳамзамон зиёд намудани миқдори коиҳои истифодашавандаи канданиҳои фоиданок ба пешрафти иқтисодиёт кӯмаки калон мерасонад.

Замин ҳам чун омили истеҳсолот талаботу пешниҳод дорад. Дар бозори замин низ як навъ талабот ва пешниҳод ба замин, бо иштироки нархи махсус – рента вуҷуд дорад. Аз ин лиҳоз, талаботро нисбат ба замин ба ду гурӯҳ қисмат намудан ба мақсад мувофиқ аст – якум, талаботи кишоварзӣ, яъне корхонаю соҳибкорони ҳуқуқию воқеӣ ба замин: дуюм, талаботи ғайрикишоварзӣ – талабот ба замин барои сохтмони манзил, объектҳои инфрасохтор, талаботи саноатӣ ва ғайра.

Ҳар ду шакли талабот ба замин тамоюли ҳархела доранд ва ба онҳо талабот ба хӯрокворӣ ва намудҳои он, сиёсати дастгирии давлат оид ба

[1] Ниг. Э.Рахмонов. Оиди чорахои беташхири устувор намудани ва тараққиёти комплекси агросаноатии мамлакат. Журнали Иқтисодиёти Тоҷикистон: стратегияи тараққиёт, 2000, №1, саҳ.5.

соҳаи кишоварзӣ ва тараққиёти босуръати ин соҳа, даромадҳои пулии аҳолии деҳот, сиёсати сармоягузории хориҷӣ, ҷудо кардани як қисми замин ба деҳқонон бо қарори ҳукумат, нархи маҳсулоти кишоварзӣ ва сатҳи таварруми пул дар мамлакат таъсир мерасонанд.

### 6. §4. БОЗОРИ МАСНУОТ ВА ХИЗМАТҲО

Дар параграфҳои 1–3–и ҳамин мавзӯъ мо ба моҳият ва мазмуни механизми амалии намудҳои алоҳидаи бозори омилҳои истеҳсолот /сармоя, меҳнат, замин/ то як андоза сарфаҳм рафтем. Ҳоло бошад, ба бозори маснуоти истеъмолӣ ва хизматҳо, хусусиятҳои фарққунандаи онҳо шинос хоҳем шуд.

Чун ин ҷо сухан аввал аз хусуси бозори маводи истеъмолӣ – хӯроквории ва ғайрихӯрокворӣ меравад, зикр кардан лозим аст, ки истеъмоли шахсии инсон ва қонеъ гардонидани он мақсаду мароми рушди иқтисодӣ ва умуман истеҳсолот мебошад. Ҳамаи он неъматҳои моддие, ки табиат ба шакли тайёр офаридааст ва хусусан тавассути фаъолияти судманди корхонаҳою соҳибкорон дар шакли молу хизматҳо тавлид мегардад, бо роҳи хариду фурӯш, ба истеъмолоти шахсӣ ворид мегардад.

Яке аз хусусиятҳои хоси бозори маводи истеъмолӣ он аст, ки харидорон – аҳолӣ ҳамчун истеъмолгарони бевоситаи маҳсулоти тайёр баромад мекунанд ва хоҷагиҳои хонагӣ субъекти асосии бозор ба шумор мераванд. Аз ин нигоҳ, маҳз онҳо миқдор ва ҳаҷми талаботро муайян менамоянд. Аммо тақозои аҳолӣ оддӣ набуда, тамоюли доимо тағйирёбанда дорад, зеро бо таъсири омилҳои хеле гуногун, масалан, даромадҳои пулии аҳолӣ, сатҳи нархи чаканаи молу хадамот, афзоиши шумораи аҳолӣ ва вазъияти демографӣ, анъанаҳои миллӣ ва ғайра зуд сатҳашро дигар менамояд.

Аз ҷониби муқобил бошад, дар ин бозор фурӯшандагони молу хадамот, яъне корхонаю фирмаҳо амалиёт менамоянд. Онҳо унсури дигари бозор – пешниҳодот ё арзаи молро ташкил медиҳанд, ки ба он низ омилҳои гуногун / сатҳи истеҳсоли мол, суръати тағйирёбии он, нархи пешниҳоди мол, номгӯй, сифат ва технологияи истеҳсолӣ, соҳибтахассусии кормандони соҳаи истеҳсолот ва ғайра/ таъсири калон мерасонанд.

## БОБИ 7. МОЛИКИЯТ ВА ХУСУСИГАРДОНИИ КОРХОНАҲОИ ДАВЛАТӢ

### 7. §1. МАЗМУНУ МАРОМИ МОЛИКИЯТ

Моликият аз зумраи масоили поягӣ ва сарнавиштсози ҷомеа буда, ҳанӯз аз давру замонҳои хеле қадим таваҷҷӯҳи мардуми оддии меҳнаткаш, давлатдорон, донишмандони бахшҳои мухталифи илмро, ба мисли, ҳуқуқшиносон, иқтисоддонон, файласуфон ва г. ба худ ҷалб кардааст. Ҳоло бошад, амали ташаккул ва густариш ёфтани низоми нави хоҷагидории бозорӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ бо мафҳум, гуногуншаклии моликият ва умуман раванди тезонидани суръатиислоҳоти моликият дар ҳамаи хоҷагии халқи мамлакат робитаи қавӣ дорад.

Раванди гузаштан ба иқтисодиёти бозорӣ боисрор талаб менамояд, ки

ҳамчун қадами ҷиддию нахустин–ислоҳоти моликият гузаронида шавад, ки дар натиҷаи ин амал муҳити ҳақиқатан гуногуншаклӣ ва баробар-ҳуқуқии моликият дар мамлакат фароҳам оварда шавад. Маҳз бо ин сабаб ин масъала аҳамият пайдо мекунад, зеро муносибати одамон оид ба моликият тахкурсии иқтисодии мамлакат ва тамоми муносибатҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Пас, моликият чӣ маъно дорад? Мафҳуми моликият, дар воқеъ бо ҳар гуна молу мулк–воситаҳои истеҳсолот /иморату иншоот, таҷҳизот, техника, амвол, замин ва ғ. воситаҳои меҳнат/, маводи истеъмолӣ / ашёи хом, маҳсулоти тайёр/, маблағҳои пулӣ, ҳамчунин муносибати байни одамон ва ҳуқуқи онҳо нисбат ба соҳибии молу амвол ва захираҳои иқтисодӣ, ки дар ҷомеа ҳамеша нодиру маҳдуд мебошанд, алоқамандии бевосита дорад. Иқтисоддонҳо нишонаи асосии моликиятро одатан бо назардошти воситаҳои истеҳсолот маънидод мекунанд ва он ба саволи молу амвол аз они кист ё соҳиби ҳақиқиаш дар асоси қонун-ҳои амалкунандаи мамлакат кист, ҷавоб медиҳад.

Вобаста аз посухи саволе, ки молу мулк дарвоқеъ ба кӣ тааллуқ дорад, масалан ба шахси алоҳида, гурӯҳи одамон, давлат ва ғ., мақсади ташкили ин ё он тарзи фаъолияти хоҷагидорӣ ва дар маҷмӯъ низоми муайяни иқтисодӣ дар кишвар, натиҷаҳои ниҳоии истеҳсолот, сатҳи манфиатбардории ҳақиқии инфиродӣ, коллективӣ ва давлатӣ; таносуби байни онҳо, албатта фарқ мекунад. Барои амиқу равшан дарк намудани моҳияти аслии ин масъала ба шакли моликияти ҷамъиятӣ ба воситаҳои истеҳсолот, ки асоси иқтисодии собиқ давлати Шӯравиро ташкил медод, назар меандозем. Дар ин шакли муносибати моликиятдорӣ ҳиссаи моликияти умумидавлатӣ яъне бо ном умумихалқӣ, аз рӯи сарчашмаҳои расмӣ, ки тақрибан ба 80–85 фоиз баробар буд. Ин рақам маънои онро дорад, ки соҳиби яккаю ягона ва комилҳуқуқи молу мулк асосан худи давлат буд. Аҳолӣ танҳо ба ном, дар рӯи коғаз ҳуқуқи ин моликияти бузургро дошта, дар амал аз он манфиати нисбатан ночизро мебардошт. Таҷрибаи зиёда аз ҳафтодсолаи хоҷагидорӣ дар заминаи истифодаи чунин шакли давлатии моликият ба воситаҳои истеҳсолот дар қиёс бо давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон, ба сатҳи пасттари самаранокии иқтисодиёт ва некӯаҳволии мардум мусоидат намуд. Баръакс, дар давлатҳое, ки ҳиссаи моликияти хусусӣ дар иқтисодиёти бозорӣ 70–80%–ро ташкил медиҳад ва ҳамзамон ба гуногуншаклию баробарҳуқуқии ҳар гуна моликият аҳамияти аввалиндараҷа дода шудааст, сатҳи баландтари самаранокии иқтисодиёт ва зиндагии аҳолӣ мушоҳида шудааст.

Масъалаи марказии моликият – ин ҳуқуқи моликӣ аст, ки дар низоми қонунгузории мамлакат инъикос мегардад. Таъмини воқеии волоияти ин ҳуқуқ ба густариши бемайлони рақобат ва соҳибкории озод сабаб мегардад.

Аз ин хотир яке аз нахустин қонунҳои иқтисодӣ бо номи "Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи моликият" ҳанӯз дар охири соли 1989 қабул гардидааст. Вале бо назардошти зарурати дохил намудани як қатор тағйироту иловаҳои басо муҳим ин қонун соли 1997 бори дигар аз тарафи ҷаласаи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шуда, бо таҳрири нав ба тасвиб расид, ки асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии муносибатҳои моликиятро дар мамлакат танзим менамояд.

Муносибати моликиятдорӣ ба воситаҳои истеҳсолот ҳалли се масъалаи ба ҳамдигар вобастаро дар бар мегирад:

– аз они худ кардан ё соҳибӣ кардани molу мулк;

– истифодаи моликият ба воситаҳои истеҳсолот дар асоси роҳҳои гуногуни хоҷагидорӣ /ба иҷора додан, фурӯхтани амвол дар музояда ба шахсони алоҳида, коллективҳои меҳнатӣ ва г./;

– муносибати амалӣ гардондани ҳуқуқи моликият ва ба даст овардани манфиати иқтисодӣ дар шакли фоида.

Муносибати тасарруф кардан ё аз они худ кардани моликият ба воситаҳои истеҳсолот аз ҷониби як шахс, корхона ва давлат танҳо дар ҳамон ҳолат имконпазир мегардад, ки ҳуқуқи моликӣ ба ягон чиз, молу мулк бо талаботи қонунҳои ҳуқуқӣ ва дигар санадҳои меъёрии расмӣ тасдиқ гардад. Баъди қабул шудани қонун ҳуқуқи молу мулкдорӣ эътироф ва ҳифз мегардад, ки ин тавр зоҳир мешавад: якум, ҳуқуқ барои соҳибӣ кардани моликият, дуввум, барои истифода бурдани он бо тарзу роҳҳои гуногуни хоҷагидорӣ, сеюм, дар натиҷаи истифодаи самараноки моликият ба даст овардани даромад дар шакли фоида, андоз, иҷорапулӣ, девиденд, фоиз ва ғайра.

Масалан, дар қонуни ҶТ "Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон" ки Маҷлиси Олии ҶТ 13 декабри соли 1996, №327 тасдиқ намудааст, ҳуқуқи моликият ба замин, аз ҷумла ҳуқуқҳои зерини истифодабарандагони замин зикр ёфтааст:

– мустақилона дар замин хоҷагидорӣ намудан;

– молики маҳсулоти кишоварзию даромади фурӯши он будан;

– аз канданиҳои фоиданоки маъмул, торф, ҷангал, манбаъҳои об,инчунин дигар ҷиҳатҳои муфиди замин мувофиқи тартиботи муқарраргардида истифода бурдан;

–молики кишти зироатҳою ниҳолҳои шинондашудаи кишоварзӣ будан;

– қитъаи заминро ба иҷора додан;

– ихтиёран аз қитъаи замин даст кашидан.

– Замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моликияти истисноии давлат буда, баробари ин гуна ҳуқуқҳои Қонунӣ, давлат истифодаи самараноки онро ба манфиати халқ кафолат медиҳад.

– Даъвои заминҳои авлодӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳеҷ ягон эътироф надорад.

– Заминро мувофиқи мақсад ва шартҳои муайяншуда истифода баранд.

– Замини додашударо самаранок истифода баранд ва аз технологияи барои ҳифзи табиат пешниҳодшудаи истеҳсолот истифода намуда, ба бад шудани вазъи экологии маҳал дар натиҷаи фаъолияти хоҷагидорӣ роҳ надиҳанд.

– Сари вақт андоз ва иҷорапулии заминро супоранд.

– Маълумоти дар қонуни замин муқаррааргардидаи оид ба вазъи истифодаи заминро сари вақт ба мақомоти дахлдори ҳокимияти иҷроия пешниҳод намоянд.

Ҳуқуқи молик будан ба воситаҳои истеҳсолот дар амали имрӯзаи хоҷагидорӣ татбиқи возеҳу равшани худро дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи корхонаҳо" низ ёфтааст. Мутобиқи ин қонун дар давраи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ шаклҳои мухталифу баробарҳуқуқи корхонаҳо: хусусӣ, саҳомӣ, кооперативӣ, муштарак, давлатӣ, шарикиятҳо ва ғайра амал карда метавонанд, ки асоси иқтисодии онҳо шаклҳои гуногуни моликият мебошанд.

## 7. §2. ШАКЛҲОИ МУХТАЛИФИ МОЛИКИЯТ ДАР ДАВРАИ ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТҲОИ БОЗОРӢ

Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи моликият" /1997/ зарурати таъмини гуногуншаклию баробарҳуқуқии моликият ва усулҳои нави хоҷагидорӣ ҳукми ҳуқуқӣ гирифтааст. Дар мамлакат се шакли асосии моликият амал мекунанд, ки ба талаботи давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ мутобиқат менамоянд:

хусусӣ;
коллективӣ;
давлатӣ.

Як нуқтаро хотиррасон бояд кард, ки ҳоло дар низоми қонунгузории Тоҷикистон ба моликияти хусусӣ, ҳуқуқи шаҳрвандон ва нақшаи минбаъдаи он дар ташаккул ва инкишофи муносибатҳои бозорӣ, бори нахуст мутобиқ ба мавқеи он дар бозор аҳамияти махсус дода шудааст. Зеро иқтисоди бозориро воқеан бе моликияти хусусӣ ва суръати нисбатан баланди инкишофи он тасаввур кардан мушкил аст. Бо ин сабаб, ҳоло раванди хусусигардонии моликияти давлатӣ дар аксар соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар бомуваффақият идома дорад ва аллакай як қатор натиҷаҳои мусбат дар ин ҷода ба назар мерасанд.

Моликияти хусусӣ ва ҳуқуқи тасарруф кардан, истифода бурдан ва фармон додан дар ду намуди асосӣ: моликияти хусусии инфиродӣ ва моликияти хусусии коллективӣ дар амалияи хоҷагидорӣ зуҳур дорад.

**Моликияти коллективӣ** бошад дар намудҳои хеле гуногуни корхонаҳо, ҷамъиятҳои саҳомӣ, ширкату шарикиятҳои тиҷоратӣ, кооперативҳо, хоҷагии муштараки соҳибкорӣ, хоҷагии иҷоравӣ ва ғайра мавриди истифодаи аҳолӣ қарор гирифтааст.

**Моликияти давлатӣ** бо сабаби хусусигардонии корхонаҳои давлатӣ ва босуръат инкишоф ёфтани шаклҳои нави хоҷагидорӣ мавқеи пешинаи худро дар иқтисодиёт бо таъсири омили вақт то як андозаи муайян тадриҷан аз даст медиҳад. Вале ин маънои тамоман аз байн рафтани ин шакли моликиятро надорад. Дар шароити гузаштан ба бозор, ҳиссаи бахши давлатии иқтисодиёт, бешубҳа, воқеан нисбат ба ҳиссаи пештараи он кам гардида, вале он бояд дар як миқдори оптималӣ, масалан дар сатҳи 20–25% қарор гирад.

Дар китобҳои иқтисодии муосир, баъзан моликиятро ба ду гурӯҳ тақсим мекунанд:

– моликияти хусусӣ;
– моликияти ҷамъиятӣ.

Ба гумони мо, ин гуна қисмат кардани моликият шояд мантиқан дуруст бошад, зеро моликияти коллективӣ ва намудҳои гуногуни онро, ки низоми қонунгузории мамлакат ба расмият даровардааст, моликияти давлатиро низ ба ҳайси шакли мустақил ва рақобаткунанда эътироф мекунад ва дар ҳақиқат, вай ба моликияти ҷамъиятӣ шомил аст.

Ҳамчунин моликиятро шартан ба ду гурӯҳи асосӣ:

– моликияти умумиҷумҳуриявӣ;
– моликияти маҳаллӣ ё мунисипалӣ ҷудо менамоянд, ки аҳамияти амалӣ дорад.

Таснифоти муносибати моликиятро ба воситаҳои истеҳсолот дар Тоҷикистон аз нақшаи зерин хубтар мушоҳида кардан мумкин аст. /ниг. нақ-шаи 7.1./

*Нақшаи 7.1.* Таснифоти моликият ба воситаҳои истеҳсолот




Маънидоду шарҳи бевоситаи ин нақша мушкилие надорад, бинобарин онро ба худи хонандагони арҷманд ҳавола мекунем.

## 7. §3 ЗАРУРАТ, МАҚСАД, ПРИНСИПҲО ВА ШАКЛҲОИ ХУСУСИГАРДОНИИ МОЛИКИЯТ

Ташаккули шаклҳои мухталифи моликият ва умуман самаранокии раванди ислоҳоти иқтисодӣ дар мамлакат бо зарурату мақсад, принсипҳо ва тарзу суръати хусусигардонии моликияти давлатӣ робитаи қавӣ дорад.

Мафҳуми хусусигардонӣ аз калимаи лотинии «privatvs–хусусӣ» ибтидо гирифта, бештар маънои додани ҳуқуқи моликияти давлатию маҳаллиро бо роҳи пардохти қимат ё ройгон ва моликияти хусусиро мефаҳмонад.

Вале дар шароити хоҷагидории нави Тоҷикистон ва тибқи як қатор қонунҳо "Дар бораи моликият" /1997/,"Дар бораи ғайридавлатигардонӣ ва хусусигардонии моликияти давлатӣ "/4 ноябри соли 1995, №194/","Дар бораи

хусусигардонии моликияти давлатӣ /16 май соли 1997, №464/,"Дар бораи хусусигардонии фонди манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" /1996/, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи чораҳои тезонидани саҳомикунонии корхонаҳо" –/29 декабри соли 1996, № 631/ ва "Дар бораи ҷорӣ намудани ҳисобҳои хусусигардонии исмӣ" /25 марти соли 1996, №442/, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи барномаи хусусигардонии моликияти давлатӣ барои солҳои 1996–1997", "Дар бораи тасдиқ намудани дастурамал барои баҳо додан ба арзиши объектҳои хусусигардонӣ" /4 май соли 1997, №184/ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии хусусигардонӣ ба миён оварда шуд. Ҳамчунин дар ин асос зарурат, мақсад, принсипҳо, зинаҳо, механизми амалӣ гардонидани объектҳои хурд, миёна ва бузурги соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат бо роҳи хусусигардонӣ муайян гардида, маънои ҷараёни хусусигардонӣ вобаста бо шарту шароити Тоҷикистон шарҳу эзоҳ дода шудааст.

Хусусияти ҷиддии хусусигардонӣ дар Тоҷикистон аз он иборат аст, ки ҳалли амалии ин масъаларо давлат танзим намуда, аз номи худаш ҳуқуқи моликияти корхонаҳои давлатиро мувофиқи талаботи муқарраршуда натанҳо ба моликияти хусусии шаҳрвандон ба тариқи фурӯхтан медиҳад, балки онро ба шахсони ҳуқуқӣ (юридикӣ) – соҳибони нави шаклҳои моликияти ғайридавлатӣ пешкаш менамояд.

Боз як нукта муҳим аст, ки хусусигардонии моликият танҳо ба як ҳиссаи муайяни моликияти давлатӣ дахл дорад. Мақсади асосӣ аз ин иқдом танҳо ба даст овардани маблағҳои иловагӣ барои буҷети умумидавлатӣ ва буҷети шаҳру ноҳияҳо набуда /гарчанде ин бояд фаромӯш нагардад/, балки дар натиҷаи хусусигардонӣ ва тағйир додани ҳуқуқи ихтиёрдории моликият самаранокии истеҳсолот нисбат ба тарзи давлатии хоҷагидорӣ боз ҳам баландтар гардад. Ин яке аз ҳадафҳои стратегӣ ба ҳисоб меравад.

Раванди хусусигардонӣ имрӯз бо душворӣ ҳам бошад, тадриҷан дар Тоҷикистон татбиқи амалии худро меёбад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов 21 ноябри соли 1997 дар маҷлиси васеи Ҳукумати мамлакат зикр намуда буд, ки мувофиқи Барномаҳои дигаргунсозии иқтисодӣ мо бояд то соли 2000 зина ба зина аз се ду ҳиссаи моликиятро ғайридавлатӣ гардонем, то ин ки барои гуногуншаклии моликият, ҳавасмандии моликон ва самаранок истифода бурдани воситаҳои истеҳсолот заминаи иқтисодӣ фароҳам оварда шавад.

Зинаи аввали хусусигардонӣ, яъне "хусусикунонии хурд" дар ҷумҳурӣ ба итмом расид. Дар маҷмӯъ қариб 2800 иншооти хурду бузурги давлатӣ ба шакли моликияти ғайридавлатӣ табдил ёфт. Шакли дигари хусусигардонии моликият, ки мо пеш гирифтаем, ин таъсиси ҷамъиятҳои саҳомӣ мебошад. Ҳоло дар ҷумҳурӣ қариб сад ҷамъияти саҳомӣ бо иштироки давлат, ҳамчун яке аз муассисони саҳмдор фаъолият доранд.[1]

[1] Э. Раҳмонов. Ислоҳоти иқтисодӣ – тақозои замон. Суханронӣ дар маҷлиси васеи Ҳукумати мамлакат, 21 ноябри соли 1997. Душанбе: Ирфон, 1998.с.7

Хусусигардонии моликияти давлатӣ идома дорад. Тибқи маълумоти оҷонсии давлатии омори назди Ҳукумати Тоҷикистон дар соли 1999–ум 1460 корхона ва объектҳои давлатии ҷумҳурӣ хусусӣ карда шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 1998–ум 1,2 баробар ё ки 202 объект зиёд аст, 26,3 фоизи миқдори умумии объектҳои аз аввал хусусишударо ташкил медиҳад.

Дар қиёс, дар ҳудуди минтақаҳои ҷумҳурӣ ҳиссаи объектҳои хусусишуда дар соли 1999 чунин аст: вилояти Хатлон –40,4 фоиз, вилояти Суғд–25,5 фоиз, шаҳри Душанбе – 13,8 фоиз, ВМКБ – 2,1 фоиз ва дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ –18,2 фоиз. Умуман, дар ин сол аз ҳисоби хусусигардонӣ ба буҷети ҷумҳурӣ 17747 *млн.* рубл ворид гашт.

То 1 январи соли 2000 дар ҷумҳурӣ 228,8 ҳазор квартира хусусӣ гардид, аз ҷумла зиёда аз 194,8 ҳазори он фурӯхта, 2,9 ҳазор квартира бо пардохти қисми қиматаш ба аҳолӣ дода шуд ва 31,3 ҳазор квартира ройгон хусусӣ гардонида шуд. Масоҳати умумии квартираҳои хусусишуда 11,1 *млн.* метри мураббаъро ташкил доданд.

Дар соҳаҳои алоҳидаи иктисодиёт бошад, хусусигардонӣ дар давоми солҳои 1992–2000–ум асосан бо суръати баланд дар соҳаҳои савдо, хӯроки омма, хизматрасонии маишӣ, хоҷагии манзил гузаронида шуд. Дар дигар соҳаҳои хоҷагии халқ–саноат, сохтмон, нақлиёт, алока, хоҷагиҳои комплекси агросаноатӣ ҳиссаи объектҳои хусусишуда ҳоло ҳам чандон калон нест ва ин раванди ислоҳоти иктисодӣ дар оянда наздиктарин бояд бештар суръат гирифта, сатҳи самаранокии иктисодиёти корхонаҳои аллакай хусусишуда баланд гардида, вазъи рушди иктисодию иҷтимоӣ дар мамлакат бояд тарафт устувор гардад.

Хусусигардонӣ ҳамчун фаъолияти маҳз аз тарафи мақомоти давлатӣ идорашаванда, бояд бо принсипҳои он, мисли риояи ҳатмии қонунҳои қабулшуда, ошкорбаёнӣ, таъмини баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар бобати гирифтани ҳиссаи амволи корхонаҳои давлатӣ, рақобатнокӣ, ворисияти ҳуқуқӣ ва масъулияти байниҳамдигарии тарафҳои ҳавасманд, такя намояд.

Хусусигардонӣ бояд бо шаклҳои зерин сурат гирад:

– ба савдо гузошта фурӯхтани амволи давлатӣ;

– аз рӯи лоиҳаи инфиродии хусусигардонӣ дар асоси ташкили озмун.

Муайян намудани шаклҳо ва шартҳои хусусигардонӣ,тартиботи гузаронидани савдо, ҳамчунин тасдиқи лоиҳаҳои инфиродии хусусигардониро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

Савдои амволи давлатӣ бо намуди музояда ва тендер гузаронида мешавад. То гузаронидани савдо фурӯшанда вазифадор аст, ки бо талаби харидор ба ӯ оид ба объекти хусусигардонидашаванда маълумоти пурра диҳад.

Лоиҳаи инфиродии хусусигардонӣ, ки бояд барои объектҳои махсусан муҳим, ки номгӯи онҳоро Ҳукумати Тоҷикистон тасдиқ мекунад, унсурҳои зеринро муттаҳид менамояд:

- таҳлили ҳамаҷонибаи фаъолият ва қобилияти рақобати объект;
- муайян намудани арзиши маҷмӯи амволии он;
- муайян намудани андозаи умумии давлатии саҳмияҳои фурӯхташаванда;
- низоми дигаргуниҳои пешниҳодшудаи ташкилию сохторӣ, технологӣ

ва тағйироти дигар;

– интихоб намудани шакли хусусигардонӣ.

Ҳуқуқи моликият ба объекти хусусишуда аз лаҳзаи ба тартиби муқаррарнамудаи қонун ва ба қайди давлатӣ гирифта шудани моликият эътибор пайдо мекунад.

## 7. §4. КОРХОНАҲО ВА АСОСҲОИ ҲУҚУҚИЮ ИҚТИСОДИИ ОНҲО

Чуноне ки дар қисмати гузашта ёдрас шуд, моликият бо вожаҳои "корхона" ва "соҳибкорӣ" робитаи бевосита дорад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи корхона" /25 июни соли 1993, №783/ дар шакли нисбатан комил асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоии таъсис додан ва фаъолияти корхонаҳоро дар шароити гуногуншаклии моликият, намудҳо, ҳуқуқу масъулияти корхонаҳоро, ҳамчун субъекти мустақили соҳибкорӣ ва шахси ҳуқуқии аз тарафи давлат расман қайдшуда, муқаррар намудааст.

Мутобиқи мазмуни ин қонун корхона—субъекти хоҷагидории мустақили дорои ҳуқуқи шахси юридикӣ буда, барои таълиди маҳсулот, иҷрои ҳар гуна корҳои хизматрасонӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талабот дар бозор ва гирифтани фоида таъсис мeёбад ва мунтазам фаъолияти иқтисодӣ мебарад. Вай ҳуқуқ дорад, ки мустақилона ва озодона фаъолияти хоҷагиро самаранок пеш барад, истеҳсол ва фурӯши молро пайваста бо иҷрои хизматрасонӣ дар асоси талаботи бозорӣ ба роҳ монад, фоида гирад ва баҳри беҳбуди вазъи фаъолияти хоҷагӣ—молиявии хеш минбаъд чораю тадбирҳои судманди амалӣ андешад.

Иқтисоддонон корхонаро одилона ҳамчун нуқтаи ибтидоӣ ва асосии идораи иқтисодиёти мамлакат маънидод мекунанд, ки далели воқеӣ дорад, зеро саҳми он дар рушди иқтисодӣ босазо ва ҳалкунанда аст. Қабл аз ҳама ҳалли умдатарин масоили иқтисодӣ чиро, чӣ тавр ва барои кӣ бояд истеҳсолу тиҷорат намуд, маҳз аз фаъолияти самарабахши корхона вобаста аст. Воқеан, амалиёти ноустувор ва истифодаи нопурраи иқтидори корхонаҳои гуногуни соҳаҳои хоҷагии халқ шумораи аз талаботи ҳуқуқӣ бе асос ва нокифояи онҳо, нобаробар ҷойгиршавии корхонаҳо дар қаламрави мамлакат оқибат иқтисодиётро рӯ ба таназзул мекашад. Аз ин хотир, вазифаи аввалиндараҷаи корхона суръат бахшидан ба кори таълид, фурӯши мол, иҷрои хизматрасонӣ дар шароити амали муносибатҳои бозорӣ мебошад.

Вазифаи марказии солим гардонии молиёти корхона - ин ба даст овардани андозаи фоидаи кифоя ва зиёд намудани он мебошад, зеро ба рушду равнақ ёфтани иқтисодиёт бештар мусоидат менамояд, коллективи корхо-наро ба истеҳсол ва тиҷорати иловагии молу хадамот беш аз пеш ҳавасманду дилгарм менамояд.

Дар баробари зиёд шудани маблағи фоидаи корхонаҳо, хоҳ—нохоҳ муҳити фаровонии мол дар бозор пайдо гардида, ҳалли вазифаи ниҳоии иқтисодиёт, корхонаҳо ва соҳибкорони дар бозор-харҷи пурратару бештар қонеъ гардонидани талаботи истеъмолгарони молу хадамот имконпазир мегардад.

Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки корхона дар ҳаллу фасли се масъа-

лан бағоят муҳим: якум, истеҳсол ва тиҷорати мол ва иҷрои ҳар гуна хизматрасонӣ, дуввум, ба даст овардани як миқдор фоидаи кифоя ва саъю кӯшиши доимӣ барои зиёд намудани андозаи мутлақ ва нисбии он, сеюм, сахми бештар гирифтан дар амали бениҳоят заруртарин—қонеъ намудани талаботи аҳолӣ бо роҳи хариду фурӯши мол ба онҳо бар ивази даромадҳои пулӣ, мунтазам фаъолият менамоянд.

Барои муваффақ шудан ба ин мақсадҳои бузург корхонаҳо ҳуқуқ доранд, ки дар мавриди зарурӣ зеркорхонаҳо ва ҳатто иттиҳодияҳоро ба таври ихтиёрӣ бо ном ва оинномаи ба онҳо муносиб созмон диҳанд ва метавонанд аз он берун оянд. Ташкили шакли иттиҳоди корхонаҳо, ассотсиатсияҳо, консернҳо, трестҳо ва дигар иттиҳодияҳои байнисоҳавӣ ва ноҳиявӣ то андозае ҳуқуқи шахси юридикӣ ва мустақилияти корхонаи алоҳидаро маҳдуд намекунад.

Иттиҳодияҳои корхонаҳо бо риояи шартҳои зерин таъсис дода мешаванд:

– ихтиёрӣ ва мустақилона дохил шудани корхона ба ҳайати иттиҳодия;
– берун омадан аз он бо риояи шарт ва тартиботи дар Оинномa зикргардида;
– ҳатман риоя намудани қонунгузории зидди инҳисорӣ;
– ба таври озод интихоб намудани шаклҳои ташкилии иттиҳодия;
– ташкили муносибат дар байни корхонаҳое, ки ба иттиҳодия дохил гардидаанд ва дар асоси мустақилияти хоҷагӣ ва шартномаҳои қонунӣ амал мекунанд.

Корхонаҳо вобаста ба ин ё он шакли моликият дар шароити кунунӣ метавонанд дар намудҳои хеле гуногун фаъолият намоянд. Аз ин нуқтаи назар, чор намуди корхонаҳоро бо назардошти шакли моликият ба амволи онҳо, аз ҳамдигар фарқ кардан зарур аст:

– корхонаҳои фардӣ ё хусусӣ;
– ширкатҳои шарикӣ;
– ҷамъиятҳои саҳомӣ;
– корхонаҳои давлатӣ /ниг. ба ҷадвали 7.1/

*Ҷадвали 7.1.* Намудҳои асосии корхонаҳо ва фарқи онҳо аз рӯи моликият ва ҷавобгарии иқтисодӣ

| Намудҳои корхонаҳо | Шакли моликият ба воситаҳои истеҳсолот | Ҷавобгарии иқтисодӣ |
|---|---|---|
| Корхонаҳои фардӣ | Моликияти комилан хусусӣ | номаҳдуд |
| Ширкати пурра ва омехта | Моликияти коллективӣ, ки вобаста ба ҳиссаи иштирокчиён қисмат шудааст. | номаҳдуд ё маҳдуд |
| Ҷамъиятҳои саҳомӣ (шакли кушода ё пӯшида) | Моликияти саҳомӣ, ки бо роҳи харидан ва интишору фурӯши саҳмияҳо асос ёфтааст | маҳдуд |
| Корхонаҳои давлатӣ | Моликияти давлатӣ | маҳдуд |

Тавре аз ҷадвали 7.1 воқиф гаштем, корхонаҳои фардӣ дар заминаи моликияти хусусӣ амал мекунанд. Ин гуна корхонаро имрӯз мутобиқи қонунгузо-

рии Ҷумҳурии Тоҷикистон, метавонад як шаҳрванд, аъзоёни як оила ё якчанд нафарони ҳамакидаю ҳаммаксад хеле бо осонӣ таъсис дода, ягон намуди фаъолияти иқтисодиро дар шароити амали иқтисодиёти бозорӣ пеш баранд.

Дар кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон соҳибкорӣ дар асоси моликияти хусусӣ дар пешрафти иқтисодиёт саҳми бениҳоят бузург дорад. Ҳоло дар Тоҷикистон низ ба туфайли амалӣ гаштани раванди умедбахши ислоҳоти иқтисодӣ бо роҳи гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ рӯз то рӯз ҳиссаи моликияти фардӣ меафзояд, ки зуҳуроти мусбат дар ҳаёти иқтисодии мамлакат аст.

Устувор гардидани ин шакли моликият як фард ё гурӯҳи одамони ҳаммаслаку ҳамкорро ба натиҷаҳои фаъолияти иқтисодӣ хубтар ва бештар ҳавасманд мегардонад, зеро пас аз супоридани андоз ба хазинаи давлат, фоидаи ба даст омада дар ихтиёри соҳиби комилҳуқуқи корхона мемонад. Агар корхона зарар оварад, ин ҳам пурра ба зимма ва ҷавобгарии худи молики амволи корхона ҳавола мешавад ва давлат дар ин бобат ягон ӯҳдадориро ба худ намегирад. Боз як масъала бениҳоят муҳим аст, ки корхона ва соҳиби он пурра мустақил аст ва корро мувофиқи қобилият, имкониятҳои иқтисодӣ, талаботи бозор ва бо салоҳдиди худаш ташкил менамояд.

Корхонаҳои хусусӣ одатан ҳуқуқ доранд фаъолияти истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, миёнаравӣ, хизматрасониро дар асоси принсипи ҳисоби тиҷоратӣ—ҳисобу китоби даромадҳо, харҷ ва фоида ба роҳ монда, ҷавобгарии иқтисодиро дар шакли номаҳдуд, яъне пурра ба зиммаи худ ё дар шакли маҳдуд ё бо нишонаи "ЛТД" пеш баранд.

Ширкатҳо ё ҳамкорон, шарикон яке аз намудҳои мустақили корхонаҳо мебошанд, ки аз тарафи ду ё аз ин зиёдтар моликон (асоси ҳиссагузории таъсисдиҳандагон бо мақсади инкишоф додани соҳибкорӣ) таъсис дода шудаанд. Моликияти ширкатҳои тиҷоратӣ—моликияти коллективӣ аст, зеро тибқи Оинномa ва қонунҳои амалкунандаи Тоҷикистон дар таъсиси фонди ибтидоии оинномавӣ ҳар як ҳамкори амалиёти соҳибкорӣ ҳиссаи муайяни худро мегузорад ва моликият бо назардошти ин саҳм ва афзоиши минбаъдаи он аз ҳисоби устувори молиёти ба даст омада қисмат мешавад.

Ҷавобгарии иқтисодӣ дар ширкатҳо ба он вобаста аст, ки худи ширкат шакли пурра унвон гирифтааст ё ин ки дар шакли омехта ё ғайрифаъоли саҳмгарон, ки онҳоро бо номи "командитҳо" мешиносанд, амал мекунанд. Вобаста ба ин ду шакл, ҷавобгарии иқтисодӣ дар ҳолати ширкати пурра буданаш, номаҳдуд мебошад. Дар акси ҳол, яъне ширкати командитӣ будан, ҷавобгарии иқтисодӣ шакли маҳдудро мегирад. Ин маънои онро дорад, ки иштирокчиён-саҳмгарони корхонаи ҳамкор, як қисми ҷавобгариро ба зиммаи худ мегиранд ва андозаи ин ҷавобгарии тобеъ ба ҳиссаи маблағгузории онҳо дар иқтисодиёти корхона мебошад.

Ин шакли хоҷагидорӣ, ки ба моликияти коллективӣ асос ёфтааст, ҳоло дар кишварҳои хориҷа ва дар Тоҷикистон низ торафт бештар татбиқи амалии худро, хусусан дар соҳаҳои савдо, хӯроки умумӣ, хизматрасонӣ, хоҷагии қишлоқ ва ғайра меёбад.

Яке аз шаклҳои навтарини корхонаҳои тиҷоратӣ-ҷамъиятҳои саҳомӣ мебошанд, ки дар давлатҳои хориҷа онҳоро бештар чун компания ва корпоратсияҳо мешиносанд. Ин гуна шакли ташкили корхонаҳо нисбатан бузург буда, бо роҳи муттаҳид намудани сармояи шахсони алоҳида, харидани саҳмияи корхонаҳои давлатӣ, ҳамзамон иштирок намудани саҳмияҳои

худашон ва фурўхтани онҳо ба саҳҳомон, фаъолият мекунанд. Саҳмдорон вобаста ба арзиши гузоштаашон дар шакли саҳмия чун коғазҳои қиматнок ва намудҳои алоҳидаи онҳо /исмӣ ё имтиёзнок/ дивиденд мегиранд, дар идора кардани фаъолияти корхона, тибқи Оинномаи ҷамъияти саҳомӣ то андозаи муайян ширкат меварзанд.

Ҷамъияти саҳомиро метавонанд танҳо ду шаҳрванд ё шумораи зиёдтари одамон бо қайди ҳуқуқӣ созмон диҳанд. Онҳо дар ду намуд: ҷамъиятҳои саҳомии пўшида ва ҷамъиятҳои саҳомии кушода амал мекунанд. /ниг. ба нақшаи 7.2./

*Нақшаи 7.2.* Таркиби ҷамъиятҳои саҳомӣ




Корхонаи саҳомӣ дар ҳамон маврид ҷамъияти саҳомӣ унвон мегирад, ки агар сармояи оинномавиаш ба миқдори муайяни саҳмияҳои дорои арзиши якхелаи номиналӣ қисмат шавад. Арзиши номиналии умумии саҳмияҳо бояд ба маблағи сармояи ибтидоӣ баробар бошад.

Мақомоти олии идоракунандаи ҷамъияти саҳомӣ маҷлиси умумии саҳмдорон мебошад, ки самтҳои асосии фаъолияти корхона, раёсат ва комиссияи ревизионӣ, интихоби аъзоёни шўрои мушоҳидакорӣ ё шўрои директорон, тағйир даровардан ба Оинннома ва фонди ибтидоӣ ва дигар масоили рўзмарраро ҳаллу фасл менамояд. Раёсат ҳамчун ҳайати иҷроияи коллективона буда, одатан аз ҷониби директори генералӣ вазифаи роҳбариро бевосита ба фаъолияти корхона иҷро мекунад. Комиссияи ревизионӣ бошад, назорати доимии фаъолияти хоҷагӣ–молиёти корхонаро амалӣ мегардонад.

Ба ҳамин тариқ, оид ба ин мавзўъ мо бояд ба моҳияти вожаҳои саҳмия, саҳмдор, саҳмияи оддӣ, саҳмияи имтиёзнок, коғазҳои қиматнок, дивиденд, сармояи оинномавӣ ё ибтидоӣ, сармояи эҳтиётӣ, интишори саҳмия, ҷамъияти саҳомии пўшида, ҷамъияти саҳомии кушода ва раёсати ҷамъияти саҳомӣ шинос шавем.

Саҳмия – як намуди коғази қиматнок мебошад, ки арзиш дорад, чун дигар намудҳои мол дар бозор хариду фурўш мешавад. Вай дар бобати саҳми як шахси воқеӣ ва шахси ҳуқуқӣ дар сармояи ҷамъияти саҳомӣ гувоҳӣ дода, ба дорандаи он /яъне саҳмдор/ барои ба даст овардани дивиденд кафолат медиҳад.

Саҳмдор – аъзои ҷамъияти саҳомӣ буда, ҳуқуқи идоракунии корхонаро вобаста ба миқдор ва намуди саҳмаш дорад.

Саҳмияи оддӣ – танҳо ҳамон коғази қиматнокест, ки ба дорандаи он ҳуқуқи овозро дар ҷаласаи умумии саҳмдорон медиҳад.

Саҳмияи афзалиятнок – коғази қиматноки махсус буда, ба дорандаи он ҳуқуқи ба даст овардани як ҳиссаи ба қайд гирифтаи дивендро бо ҳисоби фоиз нисбат ба арзиши номиналии саҳмия, медиҳад. Аз он миқдори фоидае, ки бояд дар байни саҳмдорон тақсим шавад, дар навбати аввал як ҳиссаи аниқи он ба саҳмияҳои имтиёзнок равона мегардад ва боқимондаи фоида ҳамчун дивиденд ба манфиати саҳмдорони оддӣ қисмат мешавад.

Дивиденд – як шакли фоидаи пулиест, ки саҳмдорон аз ҳисоби фоидаи ҷамъияти саҳомӣ дар давоми сол ё семоҳа ба даст меоранд. Андозаи дивидендро танҳо маҷлиси умумии саҳмдорон муқаррар мекунад.

Дар охир, корхонаҳои давлатӣ комилан ба моликияти ҷамъиятӣ асос ёфтаанд. Корхонаҳои мақомоти маҳаллиро низ ба ҳамин гурўҳи муассисаҳои ягона ё унитарӣ дохил менамоянд. Сармояи ибтидоии ин гуна корхонаҳо аз воситаҳои буҷети давлат пайдо шуда, минбаъд аз маблағи фоида пурра мегардад. Таҷрибаи хоҷагидорӣ собит менамояд, ки корхонаҳои давлатӣ танҳо дар ҳолатҳои заруртарин ва дар соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқ бо як ҳиссаи оптималӣ, бо мақсади ҳифзи манфиатҳои давлатӣ ва аҳолӣ, рушду инкишофи рақобати озод дар бозор ба назардошти дигар шаклҳои моликият вуҷуд дошта метавонанд.

Ҳар як намуди корхонаҳое, ки дар боло номбар кардем, албатта хоҳ корхонаи фардӣ бошад, хоҳ ширкат, ҷамъиятҳои саҳомӣ ва муассисаи давлатӣ, албатта афзалият ва нуқсонҳои муайян доранд. Барои хубтар огоҳӣ ёфтан аз ин бобат нигаред ба иттилооти ҷадвали 7.2.

### 7.2. Афзалият ва нуқсонҳои намудҳои корхонаҳо

| Намудҳои корхона | Афзалият | Нуқсонҳо |
|---|---|---|
| Корхонаҳои фардӣ | Бо роҳи нисбатан сабук таъсис додан; мустақилияти комил ва озодии фаъолият; далелнокии пурраи иқтисодӣ бо роҳи ба даст овардани фоида; молики амвол-соҳиби комил; оддӣ будани ташкили соҳибкорӣ | Маҳдуд будани захираҳои худии молиявӣ ва моддӣ; низоми идоракунӣ чандон инкишоф наёфтааст; масъулияти номаҳдуд |
| Ширкатҳо | Бо роҳи нисбатан оддӣ таъсис додан; махсусгардонӣ дар вазифаи идоракунӣ; масъулияти маҳдуд дар ширкатҳои командитӣ; имконияти якҷоя кардани маблағҳои молиявии чандин шахсон | Маҳдуд будани захираҳои молиявӣ ва моддӣ, масъулияти номаҳдуд дар ширкати пурра, мувофиқат накардани манфиатҳои шарикон; ноустувории нисбии фаъолияти ширкат |
| Ҷамъияти саҳомӣ | Махсусгардонии вазифаҳои идоракунӣ; бо зудӣ ҷалб кардани маблағҳои молиявӣ; масъулияти маҳдуд; устувории нисбии фаъолияти корхона; имконияти якҷоя кардани маблағҳои молиявии чандин шахсон; ҳуқуқи харидан ва фурӯхтани саҳмияҳо бе ягон зарар дар фаъолияти корхона | Имконият барои сӯистеъмол дар натиҷаи қисмат намудани функсияи моликият ва идоракунӣ, аз даст додани ҳуқуқи назорати саҳмдорон , гарчанде вай соҳиби моликият аст; имконияти дубора андозгузорӣ; ҳамоҳанг набудани амалиёти саҳмдорон, нисбатан мушкил будани таъсис додан ва бақайдгирии корхона |
| Корхонаи давлатӣ | Кафолати давлатӣ дар ҳолати зарар овардани корхона; дар секторҳои алоҳидаи иқтисодиёт (мудофиа, гидроэнергетика, роҳи оҳан, алоқа ва ғайра) ба мақсад мувофиқ аст; кафолати бо ҷои кор таъмин кардани кадрҳои соҳибтахассус | Самаранокии фаъолияти корхона дар аксар мавридҳо чандон баланд нест; дар ҳолати зарар овардан имконияти ҷудо намудани маблағҳо аз буҷети умумидавлатӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ; идоракунии беҳад мар казонидашуда; тақсимоти марказонидашудаи маҳсулот |

Ҳамин тавр, чунонки аз ҷадвали 7.2. мебинем, ҳар гурӯҳе ё намуде аз корхонаҳои номбаршуда афзалият ва нуқсонҳои хоси худро доранд. Бинобар он дар мамлакатҳои бо роҳи иқтисоди бозаргонӣ инкишофёфта шаклҳои ҳархелаву намудҳои гуногуни корхонаҳо фаъолият мебаранд. Баъзан онҳо имкониятҳоро моҳирона истифода бурда, самарабахш ривоҷ меёбанд. Баъзан камбудиҳо онҳоро ба шикасту муфлисӣ мебаранд. Аммо ҳаракату тағйироти сатҳи иқтисодӣ давом меёбад.

## 7 § 5. ТАРЗУ УСУЛҲОИ ИДОРАКУНИИ КОРХОНА

Корхона – сохтори поёнии идоракунӣ ва тақдирсози иқтисодиёт ба шумор меравад, зеро нақшаҳои истеҳсол ва фурӯши мол маҳз дар ин ҷо ҳалли мусбати худро меёбанд. Аз ин нигоҳ, фаъолияти самарабахши корхона ба механизми идораку̀нӣ, интихоби тарзу усулҳои идоракунӣ, ба истифодаи дастовардҳои илми ҳозиразамон оид ба идоракунӣ, яъне менеҷмент ва сатҳҳои ҷудогонаи он вобастагии хеле зич дорад.

Идоракунӣ – ин ҷараёни дар асоси иттилооти кифоя муқаррар кардан ва амалӣ намудани таъсири чораҳои хоси идорӣ мебошад. Тартиб додан ва баррасии чораҳои таъсиррасонандаи идорӣ ҳатман ҷамъоварӣ, коркард, таҳлили иқтисодии иттилоот ва аз он баровардани хулосаю пешниҳодҳо, дар охир қабули қарори асоснок ва ташкили назорати иҷрои онро дар бар мегирад. Дар сатҳи корхонаю муассисаҳо иҷрои ин гуна вазифаҳои идорӣ ба зиммаи гурӯҳи кормандони роҳбарикунанда ва мутахассисон гузошта шудааст. Дар воқеъ, нақши онҳо дар ҷараёни идоракунӣ бениҳоят калон аст.

Умуман, дар низоми идоракунӣ мо бояд ду қисмати бо ҳам алоқамандро, яъне "объекти идорашаванда" ва "субъекти идоракунанда" ё умури идоракунандаро фарқ намоем. Барои ба таври самарабахш таъсир расонидан ба объекти идорашаванда, масалан молияи корхона, пеш аз ҳама, омӯхтан ва таҳлили вазъи молиявии корхона бениҳоят зарур аст. Пас аз ба анҷом расонидани таҳлили ҳамаҷонибаи нишондиҳандаҳои вазъи молиявии корхона, субъекти идоракунанда қарорҳои дахлдор қабул намояд, то ин ки вазъи молиявӣ беҳтару солим гардад, самаранокии фаъолияти хоҷагӣ баланд гардида, қобилияти пардохтпазирии корхона минбаъд устувор ва баланд бардошта шавад.

Бинобар ин, низоми идоракунӣ ба принсипҳои поягии хос такя карда, аз сохторҳои алоҳидаи ташкилӣ, мақсадҳои стратегӣ ва тактикӣ ва меъёрҳои баҳодиҳӣ нисбат ба ҳар як ҷузъи сохтори ташкилии идоракунӣ иборат аст.

Дар ин бобат, мо метавонем бо ёрии ҷадвали 7.3. оид ба мақсади функсионалии мақомоти идоракунии корхона хубтар ошноӣ пайдо кунем.

*Ҷадвали 7.3.* Мақсади функсионалии мақомоти идоракунии корхона

| Объектҳои идорашаванда | Мақсади идоракунӣ | Меъёрҳои баҳодиҳӣ |
|---|---|---|
| Идоракунии умумӣ | фоида | иҷрои стратегия |
| Ҳисоботи корхона | арзиши аслии маҳсулот хароҷоти муомилот | харҷҳои истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ |
| Молия | боздеҳи сармоя | пайдо намудани ҳисса дар бозор |
| Маркетинг | Ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши маҳсулот | пайдо намудани ҳисса дар бозор |
| Кадрҳо | муқаррар намудани сохтори ташкилии идоракунӣ | самаранок истифода бурдани захираҳои иқтисодӣ |
| Истеҳсолот | самаранокии кору амалиёт | — // — |

Менечмент, чун илми махсусе оид ба идоракунии корхона бо назардошти талаботи истеъмолгарон дар бозор ба ҳалли ду масъалаи мубрами идоракунӣ мусоидат мекунад. Якум, ин таъмини қабули қарори асоснок дар соҳаи бизнес, ки ба таҳлили комплексии омилҳои ба он таъсиркунанда асос ёфтааст. Дуюм, ташкили кори самарабахши кормандони соҳаи идоракунии корхона ва истифодаи тарзу усулҳои таъсирбахши менечмент ба фаъолияти кормандони сохторҳои гуногуни корхона бо мақсади хубтар иҷро кардани вазифаҳои онҳо ва ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ. Барои ноил шудан ба муваффақияту комёбиҳо тавассути тарзу усулҳои менечмент дар ҷараёни идоракунӣ, аз функсияҳою шаклҳои хоси менечмент ба мисли: **нақшагирӣ** – мақсад, сиёсат ва интихоби стратегия, **ташкил** ва интихоби моделҳои сохтори ташкилии идоракунӣ, **роҳбарӣ** – далелнокнамоии меҳнат, пешрафт, тарзу усулҳои роҳбарии иқтисодӣ (нархгузории бозорӣ, музддиҳӣ мутобиқи натиҷаи кор), маъмурию психологӣ ва дар охир аз функсияи назорат – иҷрои қарорҳои қабулшуда бо назари кордонии ба талаботи иқтисоди бозорӣ мутобиқ, моҳирона ва ба таври судбахш истифода менамоянд.

# БОБИ 8. ДАВЛАТ ВА ИҚТИСОДИЁТ

## 8. §1. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ДАВЛАТУ ДАВЛАТДОРӢ

Давлат сохтори сиёсию ҳукмрон ва назорату таъминкунандаи ҳаёти орому осоиштаи мардумон мебошад. Пайдошавии давлатро ба замонҳои хеле қадим мансуб медонанд. Тамоми ёдгориҳои хаттии мавҷуда дар бобати ҷой доштани давлатҳои пуриқтидори давраҳои қадим шаҳодат медиҳанд. Мувофиқи далелҳо давлат ҳамчун сохтори зери итоат нигаҳдорандаи мардумон ҳанӯз дар зинаҳои болоии даврони қабилагии инсоният арзи вучуд кардааст. Пешрафти минбаъдаи қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷомеа боиси микёсан васеъ калон гардидани давлат мегарданд. Сонитар давлатҳо дар микёси мавзеъҳо, шаҳрҳои қадима фаъолият мебаранд. Кӯшишҳои ҷангҳои забткорона боиси васеъшавии масоҳати давлатҳо мегарданд. Давлатҳо ниҳоят калон шуда, мавзеъҳову кишварҳои сершуморро дар бар мегиранд.

Муҳаққиқони сершумор таъкид кардаанд, ки аввал ҳокимияти сардорони авлодҳо, қабилаҳо устувор мегарданд. Минбаъд ин мавқеи ҳукмронӣ бар шумораи зиёди авлодҳову қабилаҳои ба ҳамдигар наздик паҳн карда мешаванд. Оқибат давлатҳои ғуломдории калону қудратманд пайдо мешаванд, ки шуғли асосиашон ҳукмрониву забткорӣ будааст. Маҳз ҳамин хислатҳо умри давлатҳоро кӯтоҳ мегардонанд. Зуд-зуд давлатҳо иваз шуда меистоданд. Дар садаи XX ба давлатҳо фаъолияти нисбатан тӯлониву устувор хос шуд. Ҳарчанд хислати даргузарию бадалшавандагии онҳо ин замон ҳам идома меёбад.

Барои фаъолияту мавҷудияти давлатҳо маблағҳои зарурӣ лозиманд. Маҳз ба туфайли маблағҳои гирдовардаашон давлатҳо мавқеу қувваи иқтисодиро соҳиб мегарданд. Одатан маблағҳои дар ихтиёри давлатҳо мавҷудбуда аз ҳисоби чунин корҳо ба даст оварда мешудаанд:

1) фаъолияти хоҷагидории давлат;
2) забткории кишварҳову мамлакатҳои ғайр;
3) гирдоварии маблағ бо роҳи андозситонию боҷгирӣ ва ҳар гуна инъомҳову бозёфтҳо.

Дар замони мо роххои якуму сеюм боқӣ мондааст, аммо роҳи дуввум аз байн рафтааст. Ин ҳолат натиҷаи комёбиҳои тамаддун дониста мешавад.

Таърих то замони мо давлатҳои ниҳоят гуногуну хархеларо ба саҳна овардааст. Дар замони мо бошад, амалан давлатҳои ҳукмронии мутлақ, давлати ҳуқуқбунёди демократӣ, давлатҳои фармонию фашистӣ ва монанди инҳоро ҷудо мекунанд. Дар Қонуни асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт шудааст, ки мо давлати демократии дунявию ҳуқуқбунёд барпо хоҳем кард.

Инак дар замони мо ҳамон тарзу усули давлатдориро қобили қабул медонанд, ки бо қувваи он волоияти қонунҳо, озодии тамоми шаҳрвандон, сатҳи дилхоҳи зисту зиндагонии сокинон таъмин карда шавад.

Албатта, давлати ҷавони тоҷикон ҳоло амалан ба ин гуна хислату мақсадҳо ноил нагардидааст, чунки вай ҳамагӣ дар аввали солҳои 90 – ум ҳамчун давлати соҳибистиқлолу мустақил ба фаъолият шурӯъ намуд. Аммо тамоми кӯшишу ғайрати қувваи сохторҳои давлатӣ ба иҷрои амалии ҳамин мақсадҳо нигаронида шудаанд.

Ҳамин тариқ аз ақидаҳои овардашуда хулоса бароварда, хислатҳои муҳимтарини давлатро дар нақшаи зер тасвир карда метавонем (ниг. ба нақшаи 8.1.)

*Нақшаи 8.1.* Тасвири нақшагии хислатҳои асосии амалиёти давлат.




Албатта, бояд дар назар дошт, ки вазифаҳои сиёсию ҳукмронӣ, ҳуқуқию тобеъкунӣ аз тарафи илмҳои ҳуқуқшиносӣ маънидоду тавсиф карда мешаванд. Барои мо бошад, давлат ҳамчун сохтори қонунгузории хоҷагӣ, идораву танзимкунандаи иқтисодиёти мамлакат мавриди таваҷҷӯҳ аст.

Ҳанӯз асосгузорони илми иқтисодӣ Адам Смит ва Давид Рикардо ақида доштанд, ки давлат дар иқтисоди бозоргонӣ бояд мавқеи бетарафонаю кунҷакиро ба худ гирифта, истеҳсолотро ба ҳоли худ гузорад. Қувваи ниҳонии "дасти ноаён" ва рақобати озод мустақилона фаъолият бурда, равишҳои иқтисодии дар ҳаёти мардумон ҷой доштаро худ аз худ идора мекунанд ва ба низоми дилхоҳ медароранд. Ҳақиқатан ҳам дар иқтисодиёт қувваҳое вуҷуд доранд, ба монанди, зиддиятҳо, рақобат, ҳарифӣ ва дигар-ҳо, ки ҳамчун воситаҳои идораву танзими иқтисод хизмат мерасонанд. Аммо баробари пешрафти тамаддун зарурати идораву танзими марказонидашудаи иқтисодиёти ҷомеа зиёдтару намоёнтар мегардад. Аз ин рӯ вазифаҳои давлат низ васеътар мешаванд.

Омӯхтани сабақҳои бӯҳрони шадидтарини қариб тамоми ҷаҳонро фарогирифтаи асри XX дар солҳои 1929 -1933 ба иқтисодшиноси бар-частаи онзамона Ҷ. М. Кейнс маълум карда буд, ки даврони даҳолати давлатии иқтисодиёт фаро расидааст. Аз ин сабаб ҳам Ҷ.М.Кейнс ба давлатҳо ногу-

зирии танзиму идораи иқтисодро тавсия мекард ва нишон медод, ки маҳз бо ҳамин роҳ тамаддун минбаъд аз таконҳову бӯҳронҳои харобиовару шадид худро хифз карда ва ё эмин дошта метавонад.

Бояд иқрор шуд, ки ҳеҷ гоҳ амалан давлат худро аз иқтисодиёт комилан ҷудо карда наметавонад. Маҳз ба туфайли иқтисод давлат ба мавҷудияту фаъолияти худ кувваи даркорӣ, мазмуну мароми дилхоҳро бахшида метавонад. Бинобар он дар замони мо аллакай давлатҳо ба пуррагӣ зарурату ногузирии бо иқтисод пайвастанро пазируфтаанд. Аммо масъалаи сатҳу дараҷаи ин пайвандшавиро дар ҳар як марҳалаи таърихӣ давлатҳо ба таври худ ҳаллу фасл мекунанд ва аз он натиҷа мегиранд.

## 8. §2. ВАЗИФАҲОИ РОҲНАМОИЮ ТАНЗИМГАРИИ ДАВЛАТИИ ИҚТИСОД

Давлат дар иқтисодиёт мавкеи духеларо ба худ гирифта метавонад. Аз рӯи ин нишона давлатҳое дучор мешаванд, ки ҳиссаи афзалиятнок ва ё тамоми иқтисодро ба зери тасарруфи худ мегиранд ва ё дар он ба монанди хоҷагиҳои ҷудогона нақши маълумро соҳиб мешаванд. Дар Иттиҳоди Шӯравии собиқ зиёда аз 90% даромади миллии мамлакат бо воситаи сохторҳои давлатӣ ҷудо ва аз нав тақсим карда мешуданд. Дигар мамлакатҳои собиқи сотсиалистӣ ҳам таи даҳсолаҳои 60 – 80–уми садаи XX дар ҳамин дараҷа даромади миллиро гирд оварда, онро аз нав тақсим мекарданд. Аз рӯи ҳамин нишона муҳаққиқон он мамлакатҳоро давлатҳои фармонфармоию тобеъияти мутлақ ҳисоб мекарданд.

Дар назари мо, даҳсолаҳои аввали фаъолияти Иттиҳоди Шӯравии собиқ давлат тамоми иқтидору захираҳоро ба ихтиёри худ гирифта, сохтмонҳои азиму сершуморро ба роҳ монда ва барномаҳои азими коллективонии хоҷагии қишлоқу индустрикунонии мамлакатро ба амал бароварда буд. Зери таъсири ин комёбиҳои намоён мамлакатҳои дигари ҷаҳон ҳам солҳои 30 – 50–ум богайратона ба иқтисод ворид шуданро пеш гирифта буданд. Аммо, мутаассифона, ҳанӯз солҳои 50–ум дар ИҶШС моликияти хусусию шахсӣ ба воситаҳои истеҳсолот барҳам дода шуда, имконияти фаъолияти меҳнати инфродӣ ҳам бартараф карда шуда буд.

Ин ҳолат имконоти пешрафти иқтисодро бакуллӣ аз байн рабуда буд. Таҷрибаи мамлакатҳо нишон дод, ки фаъолияти соҳибкории давлатӣ дар ҳадду ҳудуди муайян самарабахш буда метавонад. Ва ин хислатро вай доимо нигаҳ намедорад. Бинобар он бо гузашти вақт ҳадди давлатигардонии иқтисод ҳам бояд дигаргун шуда истад. Маҳз ҳамон мароми равиши давлатигардонии иқтисодро давлатҳои европоӣ бо муваффақият амалӣ мекунанд. Ҳиссаи бо ёрии сохторҳои давлатӣ тақсимшавандаи даромади миллӣ дар ин мамлакатҳо дар ҳудуди аз 10% то 40–50% мерасад.

Мақсаду мароми дахолати давлатии иқтисод дар замони мо аз худи вазифаҳои амалии давлатҳо бармеоянд. Аз ҳама пеш давлат ҳамчун сохтори ҳукмрони тобеъкунанда бояд пешрафти иқтисодро ба назорат гирад. Маҳз бо ҳамин шарт давлатҳо ҳоло дар тамаддуни имрӯза нақши муайян дошта метавонанд. Албатта, давлат натанҳо ба фаъолияти соҳибкории худ, балки якбора бо роҳи қонунгузориҳои хоҷагӣ, мусоидат ба корхонаҳову соҳибкорон, дастгирию мададгорӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои қонунӣ бо

иқтисодиёт алоқаманд гардида метавонад.

Дар мамлакатҳои ҳозираи иқтисоди бозоргонии мутараққӣ давлатҳо моҳирона фаъолияти хоҷагиҳо ва сармояи хусусию давлатиро мутобиқан равнақ медиҳанд. Дар мавридҳои зарурӣ бо кӯмаку дастгирӣ ва ё маҳдуду танг кардани онҳо мусоидат менамоянд. Ба туфайли мутобиқати фаъолияти ҳамҷояи давлатӣ ва хусусӣ иқтисодиёти онҳо босуръат пеш бурда мешавад. Яъне дар ин равишҳо давлатҳо вазифаҳои панҷгонаи худро, ба монанди:

- роҳнамоӣ,
- танзимгарӣ,
- идоравӣ,
- маҳдудкунӣ,
- ҳавасмандгардонӣ

моҳирона ба иҷро мерасонанд. Ҳамаи ин равишҳои идораву танзими иқтисод ба ҳамин нигаронида мешаванд, ки қувваҳову фишангҳои дохилии бозор бе монеаҳо фаъолият бурда, ба танзими дилхоҳу пешрафти босуръати он мусоидат кунанд.

Одатан давлатҳо баробари сиёсати хоси давлатӣ, шохаи махсуси он – сиёсати иқтисодиро баррасӣ мекунанд. Бо воситаи сиёсати асосноки иқтисодии давлат ҷамеи вазифаҳои иҷтимоию иқтисодии вай ба иҷро расонида мешаванд. Сиёсати иқтисодии давлат равияҳои асосии зеринро дар бар мегирад:

а) бо мақсади таъмини фаъолияти бомароми бозор асосҳои ҳуқуқиву муҳити мутобиқ фароҳам овардан;

б) ҳифзи рақобати солим;

в) мусоидат ба истеҳсолоти зарурӣ, таъйиноти иҷтимоӣ;

г) бар нафъи мардумон ба роҳ мондани тақсимот;

д) планкашии стратегӣ ва пешгирии бӯҳронҳо;

е) ҳифзи аҳолӣ аз соҳибкории зарарнок;

ж) ҳифзи муҳити зист;

з) таъмини ривоҷи соҳаҳои нави истеҳсолот ва диг.

Албатта, дар ин равиш боз баъзе вазифаҳои дигари мушаххасро ба ёд овардан имконпазир аст. Аммо амалан ҷамеи вазифаҳоро ном бурдан муҳол аст, чунки онҳо мутобиқи вақт ва гузашти замон дигаргун шуда меистанд.

Давлат вазифаҳои иқтисодиашро бо ду роҳи асосӣ ба иҷро мерасонад:

1) мустақим;

2) ғайри мустақим.

Роҳи мустақими танзиму идора ва ё дахолати давлатии иқтисод ҳамонро дар назар дорад, ки давлат аз ҳисоби маблағҳову захираҳои дигари дар ихтиёраш буда, бо ин ё он роҳ фаъолияти иқтисодро мададгорӣ мекунад. Пас аз ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ҷамлакатҳои сершумори ҷаҳонии сармоядорӣ танзиму идораи мустақими иқтисодро бо роҳи ширкат ва ба вуҷуд овардани муассисоту корхонаҳои таркиби дохилии иқтисод, масалан, хизмати маишӣ, нақлиёт, алоқа, ахборот ва монанди инҳо мусоидат мекарданд. Масалан, барои кашидани хатҳои телефонии мавзеъҳои алоҳида, сохтмони роҳҳо, мактабу муассисоти фарҳангӣ соҳибкорон имкони кофӣ надоранд. Дар ин ҳолат сохтмони корхонаҳои истеҳсолӣ, бозори фурӯши молҳоро давлат ба

зиммаи соҳибкорони хусусӣ ҳавола карда, бо иқтидори худаш инфратаркиби даркориро ба вуҷуд меоварад. Бо ҳамин васила дар муддати кӯтоҳ мавзеъҳои нав аз худ карда мешаванд, шоҳроҳҳои замонавӣ барпо мегарданд ва ҳаёти мардумон ба таври дилхоҳ ба роҳ монда мешавад.

Ҳоло қариб дар ҳамаи мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳони имрӯза соҳаҳои инфратаркибию хизматрасонии аҳолӣ ба таври бояду шояд тараққӣ кардаанд. Ин вазъият ҳамчун натиҷаи ширкати мустақими давлат ва танзимгарии вай ба миён оварда шудааст. Шояд бо ҳамин сабаб ҳам ин соҳаҳо ба талаботи замонавӣ ҷавобгӯй мебошанд ва ба афзоиши назаррамои ҳосилнокии меҳнати кормандони соҳаҳои истеҳсолӣ мусоидат мекунанд. Дар он мамлакатҳое, ки барномаҳои ривоҷу равнақи инфратаркибу соҳаҳои хизматрасонӣ вуҷуд надоранд, ҳосилнокии меҳнат дар истеҳсолот ба қадри дилхоҳ афзун намешавад. Ғайр аз он ин соҳаҳо дар ҳаҷми умумии он ҳам хеле намоён буда, то ҳадди 25-30 фоиз мерасанд.

Идораву танзимгарии мустақими давлатии иқтисод бо роҳи зери назорат гирифтани қурби пул, пешгирии беқурбшавии асъор, танзими баланси пардохт, савдои берунӣ, муомилоти пулҳо, қонунгузории андоз ва монанди инҳо ба роҳ монда мешаванд. Яъне дар ин равиш давлат муомилоти пулҳоро зери назорату идора гирифта, бо ҳамин васила дар иқтисодиёт ба қувваҳою ҷараёнҳо кӯмак мерасонад ва ё садди роҳи онҳо гардида, бо ҳамин усул монеаи пастшавии сатҳи қурби пулро ба миён меоварад. Монанди ҳамин оид ба идораи баланси пардохт, савдои берунӣ ва дигар равияҳо ҳам қарордоду чораҳо андешида мешаванд.

Ҳамаи ин қарордоду чораҳо имкон медиҳанд, ки вазъи иқтисодиёти мамлакат зери назорат гирифта, идораи дилхоҳу мақсаднoки он пиёда карда шавад.

Таҷрибаи мамлакатҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки идораю танзимгарии мустақиму ғайри мустақими давлатии иқтисод на алоҳидаву ҷудогона, балки дар пайвандию ҳамбастагии алоқамандона ба роҳ монда мешаванд. Маҳз тавассути ҳамин давлатҳо ба муваффақият расида, натиҷаҳои дилхоҳро соҳиб мегарданд. Яъне бо ҳамин равиш мамлакатҳои ҷудогона дар муддати муайяне дар натиҷаи чораҳои мушаххас ба тараққиёт ва шукуфоии иқтисодиёти кишварашон ноил мегарданд.

## 8. §3. МАВҚЕИ ДАВЛАТ ДАР ТАШАККУЛИ ДАРОМАДҲО

Бояд дар назар дошт, ки фаъолияти давлатии танзимгарию идораи иқтисод бидуни маблағҳои гирдовардашаванда ва сармоя берун аз имкон аст. Яъне давлат барои пиёда кардани чораҳои андешидааш бояд дар ихтиёри худ захираҳои муайянро дошта бошад. Ҳиссаи намоёни ин захираҳо аз маблағҳои гирдовардашуда – сармоя ва дороиҳои дигар иборат буда метавонад. Дар замони ҳозира роҳҳои асосии даромадгирии давлат инҳо мебошанд:

1) андозгирӣ аз аҳолию корхонаҳо;
2) даромади фаъолияти берунии иқтисодӣ;
3) даромади фаъолияти соҳибкорӣ;
4) даромадҳои ҳархелаи ғайриодатӣ.

Равияҳои номбаршудаи даромадгирии давлат имкон медиҳанд, ки вай соҳиби маблағҳои муайян гардида, даромади буҷети худро ташкил намо-

яд. Шояд бо ҳамин сабаб ҳам онро молияи давлат низ ном мебаранд. Аммо молияи давлат натанҳо аз даромад, балки хароҷот (масрафҳо) низ иборат аст. Яъне давлат маблағҳои гирдовардаашро бо мақсадҳои асосии зайл сарф карда метавонад:

1) хароҷоти нигоҳдории сохторҳои давлатӣ;
2) хароҷоти мудофиаю ҳифзи ҳуқуқ;
3) чораҳои иҷтимоию фарҳангии сокинон;
4) хароҷоту кӯмакҳои дастгирии иқтисод;
5) хароҷоти ҳифзи муҳити зист;
6) ширкат дар фондҳову чораҳои байналмилалӣ;
7) харидани молҳову хизматҳо.

Албатта, мо дар ин ҷо имкони муфассал тафсир додани хароҷоти давлатро надорем. Ғайр аз он ба ин масъалаҳо боз чанд бори дигар муроҷиат хохем кард. Бинобар он танҳо ҳамонро ёдрас карданием, ки давлат мавриди бо ҳамдигар мувозинат надоштани даромаду хароҷоташ ба ҳар гуна қарзҳо рӯй меоварад. Ин қарзҳо аз шаҳрвандон, соҳибкорон, хонаводаҳо ва субъектҳои хориҷӣ, бонкҳову муассисоти молиявии байналмилалӣ ва ё давлатҳои ҷудогона гирифта мешаванд. Ин роҳ одатан нисбат ба иқтисод мақбул нест, чунки имконоти рушди иқтисодии мамлакатҳоро маҳдуд мегардонад. Вай дар замони ҳозира мамлакатҳои сершумори тараққикунандаро бо роҳи афзудани маблағи қарзашон ба вазъияти ногувор ворид кардааст. Шояд аз ин сабаб масъалаи қарздориро яке аз масъалаҳои ҷиддитарини ҷаҳонӣ дар қарни XX ва оянда ҳисоб мекунанд.

Ҳаминро ҳам ёдрас шудан зарур аст, ки давлат ҳоло сиёсати муайяни андозситониро ба роҳ монда, бо ҳамин роҳ сиёсати тақсимотро ҳам татбиқ мекунад. Дар мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон сиёсати тақсимоти давлат ба ҳамон нигаронда шудааст, ки даромадҳои ҳадди ақал ва аксар бо ҳамдигар наздик карда шаванд. Бо ҳамин мақсад давлатҳо ҳадди ақалли музди кормандонро ба таври қонунгузорӣ танзим менамоянд.

Мавриди муайян кардани меъёри андоз аз даромадҳои шаҳрвандон ва низому меъёри афзояндаи андоз аз даромад ба роҳ монда мешавад. Яъне аз музди паст андози камтар гирифта, баробари зиёдшавии даромад сатҳи андоз баландтар таъйин карда мешавад. Ин гуна усули ҳисобу рӯёнидани андоз имкон медиҳад, ки даромади каму зиёд бо ҳамдигар наздик карда шуда, то андозае адолати иҷтимоӣ ҳамчун маҳаки танзимгарӣ истифода бурда шавад.

Илова бар ин давлатҳо як ҳиссаи даромадҳои худро бо мақсади кӯмаку имтиёзҳо ба шаҳрвандони камдаромад ҳамчун трансфертҳо – ёрмандии бегаразона пешниҳод мекунанд. Бо ҳамин мақсад давлатҳои алоҳида чораҳои муайяни иҷтимоию иқтисодиро ҳам таҳия карда, онҳоро амалӣ мегардонанд.

Дар ҳолатҳои ҷудогона хароҷоти давлат афзуда, дар навбати худ талаб менамояд, ки меъёри андозҳо зиёд карда шавад. Чунки як роҳи асосии зиёд кардани даромади давлат афзоиши андоз ба шумор меравад. Одатан давлатҳо кӯшиши зиёд кардани андоз аз аҳолиро камтар истифода мебаранд, чунки ин гуна сиёсат ва давлати пешгирифтаи он "писанди" халқ дониста намешавад. Бо мақсади ҳалли мушкилот зиёд кардани андози корхонаҳо ва ё андози фоидаро пеш мегиранд. Аммо амалан зиёд шудани андози фоида

сатҳи худи фоидаро паст гардонида, бо ҳамин роҳ имкони зиёдшавии даромади давлатро барҳам медиҳад. Бинобар он ин гуна сиёсату карордод бояд мулоҳизакорона пеш гирифта шавад.

Баъзан харочоти зиёдро бо интишори пулҳои иловагӣ ба муомилот пӯшониданӣ мешаванд. Аммо ин чорабинӣ бекурбшавии пулҳоро ба миён овар-да, ба даромади шаҳрвандон, махсусан табақаҳои камдаромаду камбизоат таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин сабаб роҳи беҳтарин-кам кардани харочоти давлат аст.

## 8. §4. БАРНОМАҲОИ ИҶТИМОИИ ДАВЛАТ

Китобҳои дарсӣ асоси фаъолияти давлатро дар иқтисодиёт ба ҳамон вобаста мекунанд, ки дар ҳаёти ҷомеа баъзе хизматҳову неъматҳое вуҷуд доранд, ки мувофиқи қонунҳои бозор – дар асоси харочоту нарх, фоида пешниҳод кардани онҳо берун аз имкон аст. Масалан, хизмати ҳифзи ҳуқуқҳову мудофиаи мамлакат барои ҳамаи шаҳрвандон зарур аст. Аммо шахсони ҷудогона барои эҳтиёҷоти мудофиа ё ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ маблағ ҷудо кардан намехоҳанд. Давлат ҳам ҳиссаи хизматҳои бо ҳар як шаҳрванд мувофиқу ростояндаро муайян карда наметавонад. Дар ин ҳолатҳо давлат харҷи таъминоту пешниҳоди ин гуна хизматҳоро бар зиммаи худ гирифта, бо ҳамин васила ҳалли муаммоҳоро осон мегардонад. Давлат бошад, маблағҳоро барои пешниҳоди ин гуна хизматҳо аз шаҳрвандон бо роҳи андозситонӣ гирд меоварад.

Вазъияти дигар ҳам ҷой дошта метавонад. Мисол, давлат чораҳову кӯшишҳои бо ҳамдигар наздик кардани даромадҳои хонаводаҳо ва шаҳрвандонро пеш мегирад. Вале бо сабабҳои маълуму ҳархела ҳеҷ гоҳ даромадҳои шаҳрвандон бо ҳамдигар баробар намешаванд. Илова бар ин дар ҷомеа табақаҳову гурӯҳҳои одамоне ҷой дошта метавонанд, ки бо сабабҳои бекорӣ, маъюбӣ, пирсолӣ ва монанди инҳо ба қадри кофӣ фаъолияти бодаромадро дарёфта наметавонанд ва ё имкони пеш бурдани ҳамин гуна фаъолиятро надоранд. Ин гуна гурӯҳҳо вазъи ҳаётии ҷомеаро аз меъёру одатҳо берун кашида метавонанд. Бинобар он ҳам давлат чораҳову кӯшишҳо ва барномаҳои мушаххаси иҷтимоию иқтисодиро тахия намуда, аз пайи иҷрои онҳо мешавад.

Дар мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳони имрӯза махсусан баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, аниқтараш аз нимаи дуюми садсолаи бистум сар карда, кӯшишҳои намоёну аниқ оид ба таъмини беҳбудии мардумони ин мамлакатҳо пеш гирифта мешаванд. Ин гуна иқдомҳову чораҳо махсусан дар ИМА хеле назаррасамо мебошанд. Ҳанӯз охирҳои солҳои 50 –ум ҳукумати мамлакат ба хулоса меояд, ки барномаҳои муайян дар бобати таъминоти иҷтимоии бечорагону камбизоатон, пиронсолон, оилаҳои бесаробон ва монанди инҳо пеш гирифта шаванд.

Барои асоснок кардани чораҳои кӯмаку ёрмандӣ даромади хонаводаҳоро омӯхта муайян мекунанд, ки ҳадди ақалли даромад барои бо ғизову пӯшок ва манзилгоҳ таъмин будан (тақрибан 18–20 номгӯи ғизову молҳо ва хизматҳо) чӣ қадар бошад. Хонаводаҳою оилаҳои аз ҳадди ақал камтар даромад дошта ба гурӯҳи бечораву камбизоат мансуб донист мешаванд. Давлат ба ин гуна оилаҳову шаҳрвандон кӯмакҳои ҳархела пешни-

ҳод мекунад. Мувофиқи ҳисобҳои тақрибии муҳаққиқон то 8 – 10% МУМ (ВНП) барои ҳамин гуна мақсадҳо сарф карда мешуданд.

Мувофиқи қоидаҳои дар ИМА чорӣ кӯмакҳои пулӣ ба пиронсолони нафақаашон ночиз, бекорон, оилаҳои танҳои кӯдакдор, маъюбон, шахсони қобилияти меҳнатиашон гум карда ва дигарҳо пешниҳод карда мешаванд. Ғайр аз ин кӯмакҳо дар намуди чиптаҳои (талонҳои) барои гирифтани озуқаи бепул имтиёзҳо ва ё хизмати тандурустии ройгон, манзилгоҳ аз ҳисобу имконоти давлат, нафақаҳои давлатӣ ва монанди инҳо ба роҳ монда мешаванд.

Гурӯҳи иқтисодшиносони ин мамлакат ақида доранд, ки хизматҳои тандурустии бепул, нафақаҳо ва ёрмандиҳо ба оилаҳои камдаромад аз ҳисоби андозҳо аз аҳолӣ таъмин карда мешаванд. Бинобар он онҳо ба қонуниятҳои иқтисодии бозоргоӣ мувофиқат намекунанд. Илова бар ин онҳо гӯё боиси тағйироти нархҳову талабот ба хизмати тандурустӣ ва монанди инҳо мешаванд. Аммо ҷомеаи америкоӣ ва ё мамлакатҳои мутараққии европоӣ гадову бенаво будани ҳамон 8–10 ё то 14–15 фоизи аҳолии мамлакаташонро, ки нисбат ба ҳадди ақал даромади камтар мегиранд, намехоҳанд ва ташкилоту сохторҳои ёрмандирасони давлатию хусусиро ҷонибдорӣ мекунанд.

Ногуфта намонад, ки дар мамлакатҳои мутараққии ҳозира натанҳо ёрмандию кӯмаки давлатӣ ба бечорагону камбизоатон пешниҳод карда мешаванд, балки ҳамин гуна кӯшишҳоро соҳибкорону шаҳрвандони алоҳида низ пеш мегиранд. Мувофиқи маълумот тақрибан 2,0 – 2,5% МУМ ба фондҳои хайрияи хусусӣ ҷудо карда мешаванд. Аз ҳамин ҳисоб музейҳо, мактабҳои олӣ, ҳиссаи китобхонаҳо ва дигар муассисот таъмин гардида, хизматҳои алоҳидаи бепулу ройгон пешниҳод карда мешаванд. Маҳз ҳамин хислатҳои мамлакатҳои мутараққиро муҳаққиқони алоҳида ба асос гирифта, онро ҷомеаи хайрияти умум ном гузоштаанд.

Албатта, номгӯи хизматҳои ройгон, ҳадди ёрмандиҳову кӯмакҳо ба аҳолӣ дар мамлакатҳо фарқ карда меистанд. Дар баъзе мамлакатҳо ҳатто хизматҳои бепули соҳаи маориф низ пешниҳод карда мешаванд.

Ба хонандагони арҷманд ёдрас карданием, ки дар Иттиҳоди Шӯравии собиқ хизматҳои тандурустию маориф, фарҳанг асосан ройгон ба аҳолӣ пешниҳод мешуданд. Аммо давлат ба ин соҳаҳо маблағҳои ниҳоят каму ночиз ҷудо мекард. Аз ин рӯ онҳо имкони инкишофро аз даст дода буданд. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабаби вазъи бӯҳрони иқтисодии мамлакат имконоти ҳамаҷониба аз ҳисоби давлат таъмин кардани хизматҳои бепули тандурустию маориф вуҷуд надорад.

Илова бар ин аҳолии мамлакат ҳам аксаран бо сабабҳои камбизоативу камдаромадӣ хизматҳои муассисоти ин соҳаҳоро бо даромади худ харида гирифта наметавонанд.

Нигаҳдории муассисаҳои тандурустию маорифи мамлакат ба дастгирию кӯмакҳои мамлакатҳои ҳомӣ, қисман маблағгузории давлатӣ ва аз ҳисоби даромади шаҳрвандон бо роҳ монда мешавад.

Торафт сатҳи дилхоҳи пешрафтро соҳиб гардидани иқтисодиёт, зиёд шудани даромади буҷети давлатию маҳаллӣ, зиёд шудани ҷойҳои корӣ, афзудани сатҳи музди кори кормандон имкон медиҳад, ки дар ташкилу пешниҳод ва истифодаи хизматҳои тандурустию маориф, фарҳанг, таъминоти иҷтимоии мардум дигаргуниҳои дилхоҳи нек ба вуҷуд оварда шаванд.

## 8. §5. ДАВЛАТ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ

Чунонки дар боло ёдрас карда шуд, давлату давлатдорӣ таҷрибаи ниҳоят қадимист. Давлат дар тӯли ҳазорсолаҳои сершумор фаъолият бурда, дар давоми ин умри тӯлонии худ таҷрибаву сабақҳои кофие андӯхтааст. Ин таҷрибаҳо баъзан муфиду самарабахш, баъзан зарароварy номақбул буданд. Бо ҳамин монанд фаъолияти танзимгарию роҳнамоии давлатии таъмини рушди иқтисод ҳам ҳархела мебошад. Империяҳои беҳамтои таърихии Миср, Юнону Рими Қадим, Чин, Шоҳаншоҳ Доро, Искандар сабақҳои намоёну ибратбахши идораи давлатии иқтисодро пешниҳод кардаанд. Дар қарни XVII мамлакати бойтарини ҷаҳон Испания буд, дар асри XIX ҷои вайро Британия ва дар арафаи асри XX Аргентина гирифт. Дар тӯли асри XX ба ҷои аввал аз рӯи инкишофу рушди иқтисод ИМА мебарояд, 2–3 даҳсолаҳои охир бошад, босуръатона ба вай Ҷопон ниҳоят наздик мерасад. Ин ҳама натиҷаҳо шаҳодати танзиму идораи давлатии иқтисод мебошанд.

Бинобар ин ҳамон хулоса асоснок мебошад, ки давлат дар фаъолияти худ аз ҳама пеш бояд танзиму идораи мақсадноки хоҷагидорию иқтисодро ба роҳ монда, бо ҳамин васила ба комёбиҳои беҳтарину натиҷаҳои дилхоҳ комёб гардида метавонад.

Зарурати идораю танзимгарии давлатии иқтисодро хислати ҷомеа ва муносибатҳои иқтисодии бозоргонӣ тақозо менамоянд. Махсусан, фаъолияти мулки хусусӣ дар ин равишҳо мавқеи намоёнро ишғол менамояд. Вай ба ҳамон натиҷа меоварад, ки шахсони ҷусту чолок, пухтаву кордон маҳорати худро ҳамаҷониба истифода бурда, дар иқтисоди бозорӣ ба иҷрои мақсадҳои худ комёб мегарданд ва соҳиби сарвату сармояи калоне мешаванд. Ҳиссаи ин гуна шахсон 5–10% мардумонро дар бар мегирад. Одамони боқимонда бошанд, амалан вазъу ҳоли миёна ва ё тоқатфарсо ва ҳатто тақрибан 10–20% вазъи ниҳоят баду пастро дошта метавонанд. Барои он ки зиддияту муқобилияти байни ин табақаҳои одамон зиёдтар тузетунд нагарданд, мардум дар амонию осоиш ва рафоқат умр ба сар баранд, идораю танзимгарии давлатӣ ногузир шуда мемонад.

Давлат бо роҳи танзими хоҷагӣ ва муносибатҳои иқтисодии одамон вазъи барои ҳамаи табақаҳои мардумон тоқатпазиру мувофиқи ҳаётро ба миён оварда, пешрафти хоҷагидорӣ, инкишофи қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъият, осоишу тинҷии ҳаётро ба роҳ мемонад. Ғайр аз он давлатҳо дар қарни XX роҳҳои замонавии идораи иқтисодро ба миён оварда, дар кӯшиши қонунгузории рӯзмарраи худ онро пиёда мекунанд.

Ҳоло давлатҳои алоҳидаи ҷаҳони ҳозира танзими иқтисод ва таъмини рушди мамлакатро дар равияҳои асосии зерин ба роҳ мемонанд:

1) қонунгузории хоҷагӣ;
2) таҳияву тартиб додани пешгӯиҳо (прогноз);
3) тарҳрезиву бариомасозӣ;
4) пешниҳоди кӯмакҳову имтиёзҳо ва ё маҳдудиятҳо.

Мо ба масъалаҳои қонунгузориҳои давлатии хоҷагидорӣ ва пешниҳоди кӯмаку имтиёзҳои молиявию моддӣ, ҳуқуқӣ ба соҳибкорону корчаллонони моҳир пештар дахл карда будем, бинобар он дар ин ҷо танҳо дар тафсилоти пешгӯиҳову барномасозиҳо ва тарҳрезиву нақшагириҳоро мухтасар таваққуф менамоем.

Ҳанӯз дар нимаи аввали асри XX якчанд давлатҳои нав пайдо шуда, тамоми иқтидори иқтисодии мамлакатро моликияти давлатӣ эълон карда, онҳоро ба тасарруфи комили худ даровварда буданд. Дар ин давлатҳо нақшагирӣ мароми хоҷагидорӣ эътироф шуда, барои мӯҳлатҳои панҷсола ин нақшаҳо таҳия мешуданд. Аммо рафта-рафта ин гуна нақшаҳо ба шиорҳои оддии баъзаи иҷро нашаванда табдил ёфта буданд, ҳарчанд онҳо ҳамчун "қонунҳои" давлатӣ тасвир карда шудаанд. Амалан ин қонунҳо иҷро намегаштанд.

Дар мамлакатҳои иқтисоди бозаргонӣ бошад, ҳанӯз пас аз ҷанги дуюми ҷаҳонӣ кӯшиши тартиб додани пешгӯиҳоро (прогноз) пеш гирифтаанд. Ин пешгӯиҳо имкон медоданд, ки равиши иқтисодиёт дар ИМА, Фаронса, Ҷопон, Шветсия ва дигар мамлакатҳо барои 3–5, 5–10 соли оянда муайян карда шуда, ба чараёнҳои дилхоҳ ва номақбул баҳои даркорӣ дода шавад ва дар ҳамин асос стратегияи давлатии пешрафти иқтисодиёту хоҷагидорӣ муайян карда шавад. Ин иқдому чорабиниҳо имкон ба вуҷуд овардаид, ки таи 2 – 3 даҳсолаҳои охир мамолики мутараққии ҷаҳон бӯҳронҳои шадиду ҳалокатборро пешгирӣ намуда, иқтисодиёти мамлакаташонро босуръат тараққӣ диҳанд, сатҳи ҳосилнокии меҳнатро бо роҳи истифодаи комёбиҳои илмию техникӣ назарнамо баланд бардошта, ба боло рафтани сатҳи зиндагонии аҳолӣ, пешгирии қашшоқиву бечорагии қисми аҳолии мамлакат муваффақ шаванд.

Солҳои баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ давлати Британия корхонаҳои саноати ангишт, металлургия, энергетика, қисми намоёни саноати электротехника ва автомобилу муассисоти бонкиро ҳамчун мулки давлатӣ ихтиёрдорӣ мекард.

Ҳукумати Фаронса бошад, охирҳои солҳои 50 -ум қариб ҳамаи корхонаҳои саноати ангишт, газ, авиатсия, автомобил ва қисми асосии корхонаҳои саноати нафт, мудофиа, нақлиёти роҳи оҳан, системаи бонкҳоро миллӣ кунонида, ба ихтиёри худ гирифта буд. Ҳамон солҳо давлат тақрибан 40% сарвати миллатро дар ихтиёри худ нигоҳ дошта, дар корхонаҳои давлатӣ зиёда аз 13% МУД-ро истеҳсол мекард.

Солҳои 50–60-ум ҳукумати ИМА дар маблағгузорию сохтмони корхонаҳои нави замонавӣ кӯшиши зиёд ба харҷ дода, ҳиссаи маҳсулоти корхонаҳову муассисоти давлатиро дар МУД то 20% расонида буд. Аммо солҳои минбаъда як қисми ин корхонаҳо аз нав ғайридавлатӣ гардонида шуда буданд. Ҳамин тавр, давлатҳои мамлакатҳои мутараққӣ чараёни ба вуҷуд овардани корхонаҳои давлатӣ, харида гирифтани баъзе корхонаҳо ва минбаъд ба соҳибони хусусӣ фурӯхтани корхонаҳоро истифода бурда, бо ҳамин васила ба пешрафти истеҳсолот, тараққиёти соҳаҳои ҷудогона, таъмини мувозинати макроиқтисодӣ ва монанди инҳо мусоидат мекунанд.

Бояд ба назар гирифт, ки солҳои охир тарҳрезиву барномасозии индикативӣ (маслиҳатомезона) дар мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон ҳамаҷониба истифода бурда мешавад. Ин барномасозиҳо дар равияҳои нигоҳ доштани суръати пешрафти иқтисодиёт, таъмин кардани инкишофи соҳаҳои ҷудогонаи истеҳсолот, пешниҳоди дилхоҳи хизматҳои ҷудогонаву молҳо, ҳимояи манфиатҳои иқтисодии шаҳрвандон, истифодаи комёбиҳои илмию техникӣ, ривоҷу равнақи маориф, касбу ҳунарҳо, фароғати аҳолӣ ва монанди инҳо ҳамаҷониба истифода мешаванд.

Албатта, барномаҳои давлатӣ дар шароити ҳукмрон гаштани иқтисоди бозоргонӣ, қувваи қонуниву доимӣ дошта наметавонад. Чунки дар ин ҳолат чунин барномаҳо садди роҳи қувваҳои ниҳонии бозору рақобати комил мегарданд ва барои пешрафти иқтисодиёт монеаҳо ба вуҷуд меоваранд. Барои зиддияту норасоиҳои тарҳрезии давлатии иқтисодро бартараф сохтан онҳоро доимо ба ҳаёт мутобиқу мувофиқ карда истодан зарур аст. Танҳо бо ҳамин шарт барномаҳо қобилияти иҷро пайдо мекунанд ва бар нафъи пешрафти иқтисодиёти мамлакату мардумон ва баланд бардоштани сатҳи зиндагонии онон хизмат карда метавонанд.

Таҷрибаи даҳсолаҳои охир нишон медиҳад, ки барномаи давлатӣ на бар зидди манфиати фирмаҳо, соҳибкорону аҳолӣ, балки ҳатман бояд дар асоси мадди назар доштани манфиатҳои иқтисодии онон нигаронида шавад. Дар ин ҳолат барномаҳо натиҷаҳои дилхоҳ меоваранд.

## 8. §6.ҲИССАГУЗОРИИ ДАВЛАТИ ТОҶИКИСТОН ДАР ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ ҶОМЕА

Давлати Тоҷикистон таи фаъолияти қариб даҳсолааш ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Дар ин муддати аз диди таърих ниҳоят ночиз давлати Тоҷикистон пойдоргардонии сохторҳои замонавиро анҷом бахшида, қонунгузории сиёсию хоҷагиро ба эътидол овард. Солҳои сипаришуда барои вай солҳои нисбатан хеле душвор буданд, чунки вазъи бӯҳрониву ҷанги шаҳрвандӣ кишвари бе он ҳам қафомондаю қашшоқи моро ба қаъри зиддиятҳову нокомиҳо тела дода буд. Дар ин муддат ба ҳукумат таҳти роҳнамоии фарзанди содиқи миллат Раҳмонов Э.Ш. муяссар гардид, ки қувваҳои бо ҳамдигар муқобил истодаро ба муросои милливу ваҳдат оварда, сохтмони ҷомеаи башарии ҳуқуқбунёдро оғоз бахшад.

Бо мақсади мароми дилхоҳ, суръат ва мазмун бахшидан ба раванди пешравии иқтисодиёт ҳукумат барномаи иқтисодии мушаххасеро барои солҳои 1995–2000 таҳия намуда, аз паи амалӣ гардонидани вай кӯшиш ба харҷ медиҳад. Ҳанӯз соли 1996 муяссар гардид, ки қафоравии беамони истеҳсолот боздошта шавад. Корхонаҳои сершумори аз кор монда, тадриҷан ба кор даровarda мешаванд, зиёда аз 280 корхонаҳои муштараку ҳамҷоя (охири соли 1999) барпо карда шуданд ва ё фаъолияти истеҳсолии худро идома бахшиданд.

Дар мамлакат барномаи мушаххаси ғайридавлатӣ гардонидани молу мулк, корхонаҳо, муассисаҳо баррасӣ карда шудааст. Соли 1990 дар Тоҷикистон 92% воситаҳои истеҳсолот моликияти давлатиро ва 8% моликияти колхозию кооперативҳоро ташкил медоданд. Зери таъсири ислоҳоти иқтисодии солҳои охир гузаронидашуда шумораи субъектҳои хоҷагии мамлакат соли 1998 ҳамагӣ 31413 (100%) бошад, аз он ҷумла хоҷагиҳои ғайридавлатӣ 24257 – то 77,2% буданд. Яъне ҳиссаи корхонаҳову хоҷагиҳои давлатӣ ҳамагӣ 22,8 фоизро ташкил дод. Ҳаҷми маҳсулоти корхонаҳои давлатӣ тақрибан 1/4 ҳиссаи МУМ-ро ташкил дода буд.

Бояд иқрор шуд, ки ҳарчанд ҳукумати мамлакат кӯшиши барномаи калони ғайридавлатӣ гардонидани моликиятро дар амал татбиқ мекунад, вале амалан на ҳамаи корхонаҳову муассисот бояд хусусӣ гардонида ша-

вад. Чунки дар ин ҳолат давлат вазифаҳои идораю танзимгариашро ба таври бояду шояд ба иҷро расонида наметавонад. Ҳоло дар Фаронса қисми намоёни муассисоти нақлиёту алоқа, маориф дар ихтиёри давлат меистанд. Давлат андозаи хизмати ин соҳаҳои фаъолиятро ба аҳолӣ бо нархҳои миёнаву тоқатпазир пешниҳод намуда, қисми дигари хизматҳоро аз ҳисоби худаш ройгон (бепул) медиҳад.

Ҳамин тавр, ҳоло тамоми равияҳои инкишофи иқтисодиёти ҷумҳуриамонро барои 10 – 20 соли минбаъда пешгӯӣ кардан душвориҳои зиёде доранд ва гарчанде иҷрои ин амал аз манфиат холӣ нест.

Аммо ислоҳоти иқтисодии дар мамлакат пеш гирифта шуда бояд ба ҳамон нигаронида шавад, ки миқдори корхонаҳои дар ихтиёри давлат буда назарнамо кам карда шуда, барои фаъолияти соҳибкорони хусусӣ, корхонаҳои муштараку ҳамҷоя, соҳибкорони ҷолок имкониятҳои мусоид фароҳам оварда шаванд. Давлат бошад танҳо ҳуқуқи идораю танзими ин корхонаҳоро ғайри мустақиму мустақим ба зиммаи худ гирифта метавонад.

Дар назари мо, дар соҳаҳои саноат ба корхонаҳои азими мавқеи инҳисорӣ дошта, дар хоҷагии қишлоқ хоҷагиҳои тухмипарварию зотпарварии чорво бо муассисоти тадқиқотии онҳо зери таъсири кӯмаку ҳимояи давлат нигоҳ дошта шуданашон ба мақсад мувофиқ мебошад. Давлат инчунин чораҳои муайян ё хизматҳои алоҳидаи соҳаҳои тандурустию маориф, илм, фарҳанг ва монанди инҳоро зери назорати худ гирифта метавонад.

Ҳамонро дар назар доштан зарур аст, ки корхонаву муассисоти тахти назорати давлат буда ва ё комилан ба давлат мансуббуда дар бисёр мавридҳо самараи дилхоҳ намеоваранд. Аз ҳамин рӯ идораву ташкили ин гуна корхонаҳову муассисот бояд дар асоси конкурсҳои ба натиҷаҳои баланди иқтисодӣ такякунанда, бояд ба роҳ монда шаванд.

Ҳамин тавр, дар замони мо мувофиқи ақидаҳои кейнсчигӣ давлатро комилан аз иқтисодиёт кандан нашояд, балки танзиму идораи давлатии иқтисод дар ҳудуди меъёрҳои муайян мувофиқи дастовардҳои судбахши илмиву техникии замонавӣ бояд ба роҳ монда шавад.

# ҚИСМИ СЕЮМ
# МАСЪАЛАҲОИ МАРКАЗИИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

## БОБИ 9. БОЗОР ВА ШАКЛҲОИ РАҚОБАТ

### 9. §1. РАҚОБАТУ ҲАРИФӢ ҲАМЧУН ҚУВВАИ ҲАРАКАТДИҲАНДАИ ФАЪОЛИЯТ

Ҳанӯз дар асарҳои классикони иқтисоди сиёсӣ Адам Смит ва Давид Рикардо таъкид мерафт, ки иқтисодиёт қувваи ниҳониеро дорост. Вай ба туфайли ҳамин сарчашмаи қувва инкишоф ёфта, тараққӣ мекунад ва ба зинаҳои нави ривоҷу равнақ, намудҳои замонавии фаъолият мерасад. Дертар ошкор карда шуда буд, ки қувваи ҳаракат маҳз дар рақобату ҳарифӣ ниҳон аст. Баъзе тадқиқгарон таъкид мекунанд, ки рақобат гӯё ба ҳамаи равишҳои табиӣ хос аст. Вайро ҳатто дар мавҷудияти рустаниҳою ҳайвонот дучор меоянд. Ба туфайли рақобат рустаниҳо ва ё ҳайвоноти алоҳида дар мубориза байни намудҳо ғолиб омада мавҷудияту ҳаёти худро давом медиҳанд. Дигарҳо дар ин мубориза ба ҳалокат расида нобуд мегарданд.

Дар назар доштан зарур аст, ки рақобат дар ҷабҳаи иқтисод ва ҳаёти мардумон шакли фаъолияту амалиёте мебошад, ки субъектҳои иқтисод ва бозор онро бо мақсади ба нафъи худ истифода бурдан пеш мегиранд. Рақобат амалан дар равияҳои муборизаи оштинопазири байни равишҳо, ҷараёнҳои иқтисодӣ, ҳарифӣ, мусобиқа, ҳамкорӣ, рафоқат ва монанди инҳо ҷой дошта метавонад. Баъзан рақибонро душманони ҷонӣ ҳам ҳисоб мекунанд. Вале барои мардумон аз ҳама зиёдтар рақобат дар мазмуни рафоқату ҳамкорӣ, ҳарифӣ, мусобиқа, таассуб, кӯшишу ҳидоят ба афзалияту бартарӣ ва монанди инҳо зоҳир шуда метавонад. Амалан рақобат муборизаро фаҳмонад ҳам, вай муборизаи осоишноки ҷабҳаи иқтисодро дар назар дорад.

Дар давоми чунин мубориза фирмаҳо, хонаводаҳо истеҳсолот ва ё тавлидгарии молу хизматҳоро торафт беҳтару хубтар ба роҳ монда, натиҷаҳои беҳтарину самаранокро ба даст меоваранд. Бо ҳамин сабаб ҳам, ҳамчун натиҷаи рақобат беҳбудии мардумон, афзоиши самараи иқтисодиро нигарон шудан ҷоиз аст.

Албатта, дар рафти ҳарифию муборизаи рақибона хоҷагиҳо, фирмаҳо доимо тарзу усули нави фаъолият, коркарди маснуот, пешниҳоди натиҷаҳо ва монанди инҳоро ба миён оварда, бо ҳамин ҳамчун сабабгори такомули истеҳсолоту хоҷагидорӣ баромад мекунанд. Аз ҳамин сабаб ҳам натиҷаи рақобат афзудани самараи иқтисодӣ ва беҳбудиҳо дар фаъолияти тавлидгарии одамон мебошад. Чунки дар муборизаи рақибона танҳо ҳамон фирмаю хонаводаҳо ва ашхосе дастболо мегарданд, ки натиҷаҳои беҳтаринро ба даст оварда, соҳиби самараи калон мегарданд.

Гуфтаҳои боло имкон медиҳанд, ки рақобатро ҳамчун яке аз қувваҳои ба ҳаракат оварандаи иқтисодиёт дар ҳамаи зинаҳои он тасаввур намоем. Ба туфайли рақобат натиҷаҳои беҳтарини иқтисодӣ зуд дастраси дигарон

гардида,барои равнақи иқтисодиёт шароити мусоид муҳайё карда мешавад.Илова бар ин бо воситаи рақобат захираҳои дохилии истеҳсолот ошкор гашта, барои афзун гардонидани самараи иқтисод истифода мешаванд.

Муносибатҳои истеҳсолии хонаводаҳо ва фирмаҳо байни ҳамдигар ва бо дигарон бидуни бозор ҷой надоранд Баръакс, ин муносибатҳо танҳо бо ёрию воситаи бозор ба миён омада, амалан марому равиши дилхоҳро соҳиб мегарданд. Бинобар ин ҳам пештару бештар рақобати дар иқтисодиёт ҷой доштаро ҳамчун рақобати бозор ба тасвир меоваранд Зеро маҳз дар бозор истеҳсолкунандагону истеъмолгарон бо ҳамдигар рӯ ба рӯ гашта, ба мақсаду мароми худ мерасанд Соҳибони молу хизматҳо дорониашонро мефурӯшанд Истеъмолгарон бошанд ин молҳову хизматҳоро харида мегиранд.

Барои он ки тарафҳои номбурдаи бозор ба фаъолият шурӯъ намоянд, ҳар яке аз онҳо бояд комилҳуқуқ , озод ва имкони фаъолияти соҳибкориро дошта бошанд. Ин имконияти дар асоси ҳархелагии шаклҳои моликият, мавҷудияти бозори фурӯши молҳову хизматҳо, қувваи коргарӣ ва дигар захираҳо ба вуҷуд меоянд. Ҳангоми ҷой доштани омилҳои номбаршуда рақобат ҳамчун асоси ҷони бозор фаъолият мебарад.Дар он ҷое, ки рақобат нест, фаъолият ва ҳаракат оҳиста–оҳиста ба душвориҳо дучор гардида, оқибат хомӯш мешавад. Дар мавриди ҷой доштани рақобат ҳаракат торафт қувваи наву навтарро дарёфта, ба ҷӯшу хурӯш омада метавонад. Бо мақсади сабук гаштани таҳлили масъалаи рақобат ду равияи асосии онро ҷудо мекунанд:

1) рақобати комил ё озод,
2) рақобати нокомил ё маҳдуд.

Агар ба мамлакатҳои ҷаҳони имрӯза назар андозем, якчанд сатҳи инкишофи бозорро дучор омада метавонем. Бояд дар назар дошт, ки дар замони ҳукмрон будани режими сотсиалистӣ бозор ба маҳдудиятҳои зиёду сершумор дучор гардонида шуда, амалан вай фаъолияти озодро соҳиб набуд. Албатта, бозор дар замони сотсиализм ҷой дошт, вале мазмунан вай ҳамаҷониба маҳдуд буда, амалан танҳо ба неъматҳои истеъмолии мардумон дахл дошт. Бинобар он модели бозории сотсиализм ҳамаҷониба (аз ҳама тараф) маҳдуд карда мешуд.

Пас аз соли 1991 ба истиқлол расидани Ҷумҳурии Тоҷикистон имконоти ба вуҷуд овардани муносибатҳои ҳақиқатан бозоргоӣ муҳайё шудаанд. Вале бозори пайдошуда ҳоло қадамҳои аввалину нахустини худро мегузорад. Аз ин сабаб қисми зиёди муносибатҳои бозоргоӣ навтавлиданд ва баъзе қисмҳо ҳатто ба вуҷуд наомадаанд. Бинобар он бозори амалии ҷумҳуриамонро ҳамчун бозори навтавлид ишора кардан ҷоиз аст.

Хислати хоси муносибатҳои бозргонии амрикоӣ аз ҳамон иборат аст, ки давлат бештар фаъолияти иқтисодиро ба зиммаи хонаводаҳо, фирмаҳо, корпоратсияҳо вогузоштааст. Танҳо бо ёрии андозҳову имтиёзҳо давлат иқтисодиётро назорат мекунад, ба вай таъсир мерасонад. Дар сатҳи муайян давлат чораҳои иҷтимоиро бар зиммаи худ гирифтааст. Ҳайрот хеле ривоҷ дода шудааст.

Хусусияти муносибатҳои бозоргонии шведӣ аз ҳамон иборат аст, ки давлат андозҳои баланд таъйин карда, қисми зиёдтари даромади миллии мамлакатро бо воситаи буҷети худ аз нав тақсим мекунад, чораҳои зиёди

иҷтимоиро мегузаронад ва маблағҳои калонро барои иҷрои ин мақсад сарф мекунад. Ғайр аз он иқтисодиёт ба рақобат ва мулки хусусӣ асос ёфтааст, сохторҳои иҷтимоии ривоҷёфта ба миён оварда шудаанд.

Азбаски муносибатҳои бозории Ҷумҳурии Тоҷикистон нав ба фаъолият омада истодаанд, ҳоло дар бобати мазмуни онҳо сухани зиёд гуфтан бемавқеъ аст. Аммо ин равиш маҳз дар асоси омӯхтани таҷрибаи муфиди халқҳои ҷаҳон, тамаддуни башарӣ сурат гирифта метавонад. Президенти мамлакат Э.Ш. Раҳмонов борҳо таъкид карда буд, ки мо кӯшиши такрор кардани роҳи таърихии кадом як мамлакату халқро надорем, чунки ҳар як халқ бояд роҳи таърихии худро дошта бошад. Аммо муносибатҳои барпошавандаи мо бояд ҳатман дар ҳамкорӣ бо тамоми халқҳои ҷаҳон ба нафъи мардумон нигаронида шаванд.

## 9. §2. РАҚОБАТИ КОМИЛ Ё ОЗОД

Яке аз равияҳои тадқиқоти мо ба тасвири механизми бозории комил нигаронида мешавад. Аксаран тадқиқгарон ақида доранд, ки механизми бозории рақобати комил ба якчанд шартҳои пешакӣ такя менамояд. Аввалан рақобати комил ба истеҳсолоти молӣ мансуб мебошад. Сониян, барои ҷой доштани рақобати комил якчанд шартҳо заруранд. Аз ҷумла сершумор будани хоҷагиҳои истеҳсолкунандаи моли муайян, ҷой надоштани маҳдудияти ба соҳаи фаъолият ворид шудан ва аз он берун баромадан, ҷой надоштани имконоти тағйир додани нарх бо қувваи фирмаи ҷудогона, ҳукмрон будани мулки хусусӣ ва соҳибихтиёрии фирмаҳои амалкунанда.

Дар мавриди риоя шудани шартҳои номбурда фаъолияти фирма ба механизми бозории рақобати комил мувофиқат карда метавонад. Шояд хонандагони гиромиро огоҳ кардан зарур бошад, ки механизми бозории рақобати комил ҳамчун яке аз равияҳои таҳқиқоти илмӣ хизмат мекунад. Яъне амалан фаъолияти фирмаҳои зиёд ба вай мувофиқ намеоянд. Аммо маънидоди механизми бозории рақобати комил имкон медиҳад, ки он ҳамчун гузориши масъала ва ё нуктаи интихобӣ истифода карда шавад ва механизмҳои дигари бозорӣ нисбатан оддитар маънидод гардад. Боз як огоҳии дигар ҳамон буда метавонад, ки механизми бозории рақобати комил нисбат ба ҳамон фирмаҳову корхонаҳое истифода шуда метавонад, ки бо маснуоти якхела ва ё якнома, ба монанди гандум, ҷуворимакка, пахта, маъдан, аксияҳо ва монанди инҳо сару кор доранд. Зеро ҳангоми пайдо шудани имконоти гуногунии маснуот шарти дар боло гузоштаи мо аз байн меравад.

Инак барои маънидоди рақобати комил ба нақша муроҷиат мекунем (нигар. ба нақшаи 9.1.).

*Нақшаи 9.1* Нақшаи рақобати комил дар бозор




Чунонки аз нақша мебинем, фирма дар шароити амали рақобати комил нархи молашро пешакӣ муайян мекунад. Бинобар ин вай дар аснои фурӯши мол, нархро тағйир намедиҳад,чунки нархи мол пешакӣ муайян мебошад. Харидорони ин мол оид ба нарх маълумоти мукаммал доранд ва гӯё танҳо вазифаи фурӯши молҳоро бо ҳамон нарх пиёда мекунанд. Аз ин рӯ ҳаҷми талабот муайяну аниқ мебошад. Вале агар фирма кӯшиши дар дараҷаи муайян баланд кардани нархро пеш гирад, он гоҳ муштариён моли вайро намехаранд. Бинобар он баробари афзоиши нарх ҳаҷми фурӯш кам шуда меравад (ниг. ба нақшаи 9.2.).

*Нақшаи 9.2.* Нақшаи рақобату талабот дар бозор




Нақшаи 9.2. нишон медиҳад, ки ҳангоми тағйир ёфтани нархи мол ҳаҷми талабот торафт кам шуда, ба нул майл мекунад. Аз ҳамин сабаб ҳам дар ҳолати ҷо доштани механизми рақобати комил тавлидгарони мол нархро тағйир надода, кӯшиши ба пуррагӣ фурӯхтани молашонро амалӣ мекунанд. Маҳз бо ҳамин шарт механизми бозори рақобати комил ҷой дошта метавонад. Дар сурати риоя нашудани ин шарт механизми бозор дигаргун мешавад, ки ба таҳлили ин гуна механизм мо дар қисмати дигар хоҳем пардохт.

Ҳамин тавр, механизми бозории рақобати комил нишон медиҳад, ки омилҳои асосии идоракунандаи бозор: нархҳо, талаботу таклифот, рақобат ҳамчун ҳодисаву равишҳои озод фаъолият мебаранд ва танҳо дар асоси фаъолияти озоди онҳо бозор масъалаҳои хариду фурӯшро ба анҷом расонида натиҷагирии хонаводаҳо ва фирмаҳоро таъмин менамояд. Натиҷагирии

молдорон—фурӯши онҳо ва харидорон—соҳиб шудан ба молу хизматҳо мебошад. Аммо дар баробари ин натиҷаи иқтисодӣ ҳам ба даст оварда мешавад, ки онро фоида меноманд. Маънидоди нарх, талаботу таклифот пештар гузаронида шуда буд. Ҳоло мо ин ҷо рақобатро мавриди тавсиф қарор додем.

Дар замони мо ду роҳи асосии пешбурди рақобатро аз ҳамдигар ҷудо мекунанд, ки онро дар ҷадвал дидан имкопазир аст (ниг. ба ҷадвали 9.1.).

*Ҷадвали 9.1.* Шаклҳо ва усулҳои рақобат

| Рақобати нархӣ | Рақобат | Рақобати ғайринархӣ |
|---|---|---|
| Арзонкунии нарх, имтиёзу мукофот | | сифати баланди мол, намудҳои нави он |
| Бо нархи арзони якваќта фурӯхтан | | доштнокию эътимод |
| Арзонкунии мавсимии молҳо | | хислатҳои хоси алоҳида |
| Арзонкунии равишҳои дигар (барои ҳаҷми мол, вақти хариду фурӯш ва диг.) | | кафолатҳои иловагӣ |
| Пешниҳоди мукофот | | маҳрум кардан аз ашё, бозори захираҳо |
| Ҳар гуна бурдҳо | | харидани соҳибтахассусон, ҷосусии саноатӣ, патенту литсензияҳо, ташвиқу тарғиб, монеаҳои қонунӣ |

Ҳамин тавр, рақобати комил ҳамчун қувваи беҳамтои пешбарандаи истеҳсолоту бозор хизмат менамояд. Баъзан фирмаҳо бо мақсади дарёфтани захираҳо равишу усулҳои гуногуни муборизаро ҳам истифода мебаранд. Дар замони мо яке аз равияҳои намоёнтарин истеҳсоли намудҳои наву навтарини мол ба ҳисоб меравад. Фирмаҳо зуд маҳсулоташонро нав карда хосиятҳои онро зиёд тағйир надиҳанд ҳам, ба афзоиши фурӯш муваффақ мегарданд. Фирмаҳои дигар бошанд, бо мақсади мағлуб кардани ҳарифон иқтидорашонро афзун мегардонанд, ки ин боиси пайдошавии монополияҳо ва ба миён омадани монеаҳо дар рақобат мегардад.

## 9. §3. РАҚОБАТИ НОКОМИЛ ВА ИНҲИСОР

Шакли дуюми рақобат – рақобати нокомил номида шудааст. Вай нишон медиҳад, ки фирма ё бозор дар фаъолияти худ ба монеаҳои муайян дучор гардида метавонанд. Ин монеаҳо боиси ҳамон мешаванд, ки механизми бозору фаъолияти фирма ба рақобати нокомил табдил меёбанд. Дар ҳолати ҳукмрон гаштани рақобати нокомил омилҳои бозор ба монеаҳо дучор гардида, фаъолияти озодонаро гум мекунанд. Дар ин ҳолат механизми бозор ва

фаъолияти фирмаҳо ба қонуниятҳои дигар мутобиқ мешаванд. Яке аз нишонаҳои механизми бозории рақобати нокомил ҳамон буда метавонад, ки дар он фирма бе чуну чаро нархи таъйиншудаи молро қабул накарда, бо роҳу воситае ба он таъсир расонида, онро дигаргун – паст ё баланд карда метавонад.

Барои он ки фирма нархро дигаргун сохта тавонад, вай бояд дорои имконоти муайян бошад, аз ҷумла: 1) ин гуна фирма шояд қисми умдаи молро истеҳсол мекунад; 2) фирма бояд истеҳсолкунандаи ҳамон моле бошад, ки онро ба дигар маснуот иваз кардан берун аз имкон бошад. Дар сурати ҷой доштани ҳар ду ё яке аз ин имкониятҳо механизми бозории фаъолияти фирма рақобати нокомил номида мешавад. Чунки дар ин ҳолат фирмаҳои дигар ба фаъолияти фирмаи аввал бар мехӯранд.

Акнун барои осон шудани маънидод ҷадвали 9.2.–ро пешниҳод мекунем, ки дар он таркиби бозорҳои рақобати нокомил нишон дода мешаванд.

*Ҷадвали 9.2.* Таркиби бозории рақобати нокомил

| Намудҳои бозори рақобати нокомил | Шумораи фирмаҳо дар соҳаи фаъолият | Хислати маснуоти истеҳсолшаванда | Монеаҳои дохилшавӣ ба соҳа | Назорати нархҳо |
|---|---|---|---|---|
| Инҳисори холис | Фирмаи ягона дар соҳа | Маҳсулоти ягонаи ивазнашванда | Баланд | Пурра |
| Ҳукмронии дугона | Ду фирма | Ягона | Баланд | Қисман |
| Ҳукмронии гурӯҳӣ (якчандтоғӣ) | Шумораи ками фирмаҳо | Ягона ва дигаргунии ночиз | Баланд | Қисман |
| Рақобати инҳисорӣ бо гуногунии маснуот | Фирмаҳои сершумор | Маснуоти гуногун | Паст | Суст |

Дар ин ҷадвал мо намудҳои бозори рақобати нокомилро бо мазмуни нисбӣ овардем. Яъне ин намудҳо амалан дар танҳоӣ ба иқтисодиёти ягон мамлакат хос нестанд. Инро ҳатто аз рӯи ҳамон фаҳмидан имконпазир аст, ки иқтисодиёт дар ҳар як мамлакат корхонаҳои сершумори гуногунро дар бар мегирад. Аммо дар он корхонаҳои сершумори амалкунанда намунаҳои дар ҷадвал овардашударо ҳам комилан дучор омадан имконпазир аст. Вале азбаски ҳамаи онҳоро якбора тавсиф додан берун аз имкон аст, мо ҳар яке аз ин механизмҳои амалиро танҳо–танҳо таҳлил карда мебароем. Ин ҳолат ба баёни соддатар имкон фароҳам меоварад.

Аз ҳама пеш ба тавсифи рақобати монополӣ (инҳисорӣ) мегузарем. Амалан рақобати инҳисорӣ шакли рақобати нокомил мебошад. Чунки ҳангоми ҷой доштани он фирмаи истеҳсолкунанда ва ё фурӯшандаи моли ҷудогона мавқеи олои худро истифода бурда, метавонад кӯшиши баланд ё паст кар-

дани нархро пеш гирад. Ин ҷо баланду паст кардани нарх барои фирма қариб мазмуни якхела дорад. Зеро дар сурати ҷой доштани имконоти арзонкунии нарх, боз роҳи баланд бардоштани сатҳи нарх ҳам ҷой дорад. Ҳамин тавр, фирмае, ки бо мақсади зиёд кардани фоидааш нархро баланд мебардорад ва ё зиёд кардани ҳаҷми фурӯш нархро арзон мекунад, мавқеи инҳисорӣ номида мешавад.

Дар ин ҷо инҳисоргар ҳамон гуна корхона ё фирмае мебошад, ки имконоту иқтидори тағйир додани нархи молро соҳиб шудааст. Вожаи монополия мазмуни ҳукмронӣ ё фурӯшандаи якка ё ягонаро медиҳад. Гӯё фирмаи ҷудогона дар бозори фурӯши моли алоҳида мавқеи ҳукмрониро ба даст меоварад. Аммо фирмаҳои дигар ба ин гуна натиҷа бо осонӣ муваффақ шуда наметавонанд, чунки монеаҳои ворид шудан ба истеҳсолоти соҳа ва ё бозори фурӯши молҳои ҷудогона вуҷуд доранд. Ин монеаҳо ба фирмаҳо халал мерасонанд. Ба монеаҳои воридшавии фирма ба истеҳсолоти соҳа ва ё бозори ҷудогона инҳо мансубанд:

1) Ҳукумати мамлакат ба фирмаи ҷудогона ҳуқуқи махсус пешниҳод мекунад. Ин равиши маҳдудиятро "монополияи табиӣ" меноманд. Инҳисори табиӣ нишон медиҳад, ки масалан, барои фурӯши газ, ҷараёни барқ, хизмати телефон дар маҳалли зисти алоҳида фирмаҳо, корхонаҳо литсензия мегиранд.Дар як ноҳия шумораи зиёди ин гуна фирмаҳоро доштан ба мақсад мувофиқ нест.

2) Мулкдорӣ ба захираҳои нотакрори иқтисодӣ.

3) Ҳуқуқи муаллифӣ ва патентҳо.

4) Афзалияти истеҳсолоти калон, ки боиси камшавии хароҷот ба воҳиди маснуот мегардад.

5) Ба воридшавии фирмаҳо ба соҳа шартҳои ғайрирасмию ғайриқонунӣ ҳам монеъ шуда метавонанд, ба монанди таҳдиди яроқнок, куштор ва монанди инҳо.

Бояд дар хотир дошт, ки мавқеи инҳисории фирмаҳо доимию абадӣ нест, бо мурури замон вай тағйир меёбад, ё ин ки ҳамон мавқеъ хеле муддати мадид нигоҳ дошта мешавад. Баъзан фирмаҳо бо мақсади бартараф кардани мавқеи монополии дигарон аз худ кардани номгӯи ҳархела ва ё намуди дигари маснуотро истифода мебаранд. Ин вазъиятро аз рӯи ҳамон дида метавонем, ки дар мамлакатҳои ҷудогона ҳам даҳҳо ва садҳо намуди ҳамон як маснуот - яхдон, чангкашак, мошини ҷомашӯӣ, асбоби риштарошӣ, дарзмол ва монанди инҳо истеҳсол шуда ба фурӯш пешниҳод мегарданд. Ғайр аз ин ҳодисаҳои дигар низ ҷой дошта метавонанд. Масалан, фирмаҳо дар маҳсулоти истеҳсолшаванда дигаргунии ночизе ворид намуда, онро ҳамчун маснуоти нав ба харидорон пешкаш мекунанд. Ё ин ки баъзан ҳатто тарзи коғазпечкунӣ, андому намуд тағйир дода мешаваду халос. Ҳарчанд таъиноту мазмуни ҳақиқии маҳсулот тағйир наёбад ҳам, бо ёрии дигаркунии ночиз ва қувваи реклама фирма онро ҳамчун маснуоти тамоман нав пешниҳод мекунад.

Рақобати монополӣ ҳамонро низ дар назар дорад, ки механизми рақобати нокомили фирмаҳо қиёскунии хароҷоту истеҳсолот ва даромади гирифташавандаи фирмаро низ дар бар гирифта метавонад. Дар ин ҳолат фирма ҳамон гуна кӯшишро пеш мегирад, ки чораҳои андешидааш ҳатто дар сурати арзоншавии нарх ҳам бояд ба афзоиши даромад ва фоида мусоидат

намоянд. Бояд дар назар дошт, ки харочоти инхисор дар мӯхлати кӯтох ва дурудароз гуногун мешавад. Баъзе намуди харочот дар мӯхлати кӯтох баробари афзудани хачми истехсолот зиёд мешавад ва бархе дигар бошад, дар мӯхлати кӯтох бетағйир монда, дар муддати дурудароз зиёдтар меафзояд. Мо ба маънидоди риёзии ин ходисахо наистода, танхо ном бурдани онхоро кифоя медонем. Акнун ба маънидоди механизми бозории рақобати олигополӣ мегузарем.

## 9. §4. РАҚОБАТИ ОЛИГОПОЛӢ

Истилохи "олигополия" аз забони юнонӣ гирифта шуда, хукмронӣ ва ё фаъолияти гурӯхиро мефахмонад. Маънидоди механизми рақобати олигополӣ (сершумор) ё гурӯхӣ хамонро дар назар дорад, ки дар чабхаи фаъолият ё бозор ва ё сохаи истехсолот на як, балки якчанд фирмахо амал мекунанд. Агар фурӯшгорӣ дар назар дошта шуда бошад, он гох фурӯшгарони моли чудогона якчанд фирмахои мавкеи хукмронӣ дошта буда метавонанд. Яке аз зухуроти хукмронӣ ё рақобати олигополӣ хокимияти дугона (дуополия) мебошад. Хокимияти дугона ва ё хукмронии дугона дар бозор хамонро дар назар дорад, ки фурӯшандаи моли чудогона ду фирма мебошанд. Вале ин механизми рақобатхо барои мамлакатхои иктисоди бозоргоӣ назариамо хос нест. Чунки шояд дар ин вазъият мубориза равияхову шаклхои шадидро ба худ гирифта, боиси хукмроншавии мавкеи монополӣ (яккахукмронӣ) гардад.

Аз ин рӯ хам олимон тахти мафхуми хукмронии гурӯхӣ (олигополия) дар сохаи истехсолот ё бозори фурӯш фаъолият доштани се ва зиёда аз он фирмахоро дар назар доранд. Равиши хукмронии гурӯхӣ хамонро мефахмонад, ки якчанд фирмахои дар бозор амалкунанда бо хамдигар ба созиш меоянд. Шарти дигари хукмронии гурӯхӣ хамон мебошад, ки ба соха ва ё бозори муайян ворид гаштани фирмахо душворихои зиёде дорад. Гурӯхи фирмахо бошанд (одатан аз 3 то 5) бо имконоту махдудияти муайян худро хифз мекунанд ва барои ворид шудани фирмахои дигар монеъ мешаванд: 1) яке аз монеахои асосӣ микёси истехсолоту захирахо, 2) дигаре бо ихтиёри олигополистон ворид шудани манбаи ашёи хом, 3) масохати фаъолият, 4) мавкеъ, 5) стандартони махсулот, 6) патенту литсензияи барои технология ва монанди инхо буда метавонанд. Ин хама боиси хамон мегардад, ки фирмахои дигар ба ин бозор ворид шуда наметавонанд. Хангоми ин гуна кӯшишро пеш гирифтан иттиходи монополӣ монеахои нав барпо мекунад.

Хамин тавр, фирмахои ба олигополӣ мансубият дошта бо максади истодагарӣ кардан иттиходхои кушоду нихонӣ барпо мекунанд. Яке аз намудхои ин гуна иттиходи фирмахо картел мебошад. Фирмахои ба картел муттахид шуда одатан байни хамдигар шартнома баста, дар асоси хамон шартнома бозорро дар байни худ таксим мекунанд ва ё барои истехсоли маснуот хисса (квота) нишон медиханд. Аъзоёни картел нишондодхои созишномаро оид ба хиссаи истехсолот, номгӯи маснуот, сатхи нарх ва дигархо риоя менамоянд. Харчанд дар назар доштан зарур аст, ки шартномаи картелӣ доимию абадӣ нест. Аъзоёни картел бо максади расидан ба натичахои бехтарин, афзун гардонидани фоидаи худ кӯшиши баъзан аз шартномахо дур рафтан ё онхоро кисман риоя накарданро пеш мегиранд. Ин ходиса шахо-

дат медиҳад, ки иттиҳоди монополии нав, ба мананди **синдикат, трест, конгломерат** ба миён оварда шаванд.

Мақсади асосии ин гуна иттиҳодҳои монополӣ чунинанд: а) таъмини эътимодноки ҳукмронии гурӯҳҳо, б) ба даст овардани самараи эътимоднок, в) зиёд кардани фоида, г) ба таври дилхоҳ афзун намудани нархҳо. Вале ин иттиҳодҳо торафт тарафҳои зиёдтари фаъолияти фирмаҳоро дар бар мегиранд. Бинобар он ҳам рафта—рафта олигополияҳо натанҳо ҳаҷми фурӯши молҳо, номгӯи маҳсулот, ҳаҷми истеҳсолот, сатҳи нархҳо, дараҷаи фоида, маблаггузорӣ ва тақсимоти фоидаро ҳам зери назорату ҳимояти худ мегиранд. Яъне равиши механизми рақобати инҳисории ҳукмронии гурӯҳӣ (олигополӣ) ҳамаҷониба зери назорату идора гирифтани тамоми тарафҳои фаъолияти корхонаҳои ба ин гуна иттиҳод муттаҳид шударо дар назар дорад. Дар оқибати ин равиш иттиҳодҳои олигополӣ дар ҳамон сатҳ ҳаҷми истеҳсолу фурӯш, сатҳи нархҳоро зери назорат мегиранд, ки ба қувваи беҳамтое табдил меёбанд. Дигар дар ҷомеа ғайр аз давлат ягон қуввае намемонад, ки ба ин гуна иттиҳодҳо муқобилият ва истодагарӣ карда тавонад.

Вазъияти дар боло овардашуда фирмаҳои механизми рақобати олигополиро водор месозад, ки аз фаъолияти шартномаҳои кушод ба фаъолияти ниҳонию махфӣ рӯй оваранд. Зеро муборизаи қувваҳои муқобил ба онҳо таҳдид мекунад. Дар нимаи дуюми садаи XIX дар мамлакатҳои пешравандаи ҷаҳон як қувваи беҳамтои зидди иттиҳодҳои монополӣ ба миён омада буд,ки дар он қувваи давлатҳо ва табақаҳои мардумон якҷоя шуда буданд. Фишорҳои ҳамаҷонибаю муборизаи доимию шадиди мардумон давлатҳоро водор сохтанд, ки қонунҳои зидди инҳисорот (монополӣ) -ро таҳия намуда, онҳоро қабул намоянд.

Маҳз бо ҳамин сабабҳо дар давоми асри XX фирмаҳо ва корпоратсияҳо роҳу усули нави муттаҳид шуданро ё ин ки ба созиш омаданро дарёфта, онро васеъ истифода мебаранд. Ин роҳи ниҳонии расидан ба шартномаҳо ва иттиҳоду аҳдномаҳо мебошад. Яъне дар замони ҳозира фирмаҳо ба таври пинҳонӣ ба аҳдномаҳое меоянд, ки мувофиқи он аҳдҳо сатҳу нархи бозори фурӯши молҳо дар байнашон тақсим ва муайян карда мешавад. Албатта, ин гуна мушоҳидаҳо абадию доимӣ нестанд. Илова бар ин фирмаи пешраву воломақом одатан нархро худаш муайян намуда, онро ба фирмаҳои дигар пешниҳод мекунад. Фирмаҳои ғайрӣ бошанд, маҷбуранд ҳамон нархи пешниҳодшударо қабул намоянд. Яъне онҳо ҳамчун фирмаҳо озодона фаъолият баранд ҳам, амалан бояд аз нишондоди фирмаи бузургтарин берун набароянд. Ҳарчанд рақобати байни фирмаҳо оид ба муайян кардани сатҳи нарх ҳеҷ гоҳ қатъ намеёбад. Ғайр аз он баъзан фирмаҳои хурду миёна ҳам кӯшиши паст кардани нархи молро бо мақсади зиёд кардани ҳаҷми фурӯш пеш гирифта метавонанд. Вазъияти дар ин ҷо тасвиршударо иқтисоддонон "ҷанги нархии" монополияҳо номидаанд. Дар ин ҷанг ҳамон фирмаҳое ғолиб мебароянд, ки имконоти афзунсозии фоида ва паст кардани хароҷоташонро дарёфта, онро моҳирона истифода мебаранд. Оқибати иқтисодии ин ҷараён ҳамҷояву калоншавии (консентратсияи) корхонаҳо номида шудааст.

Ҳамҷояву калоншавии фирмаҳо ҳамчун ҷараён нишон медиҳад, ки қуввaю иқтидори корхонаҳо ва фирмаҳою корпоратсияҳо муттаҳиду якҷоя гардида, дар натиҷа иттиҳодҳои калону беҳамтое пайдо мешаванд. Ин гуна

иттиҳодҳо қисми намоёни маҳсулот ва бозори молҳоро ба ихтиёри худ гирифта, аз ин ҳисоб нафъи калонро соҳиб мешаванд. Ҳоло истеҳсолоти саноатии ИМА –ро дар сатҳи баланди корпоратсия ҳисоб мекунанд, ки онро аз далелҳои поин мушоҳида кардан имконпазир аст. Дар соҳаи автомобилсозӣ, сатҳи ҳамҷоявӯ калоншавии корхонаҳо ба 92%, истеҳсоли пиво – 77%, таҷҳизоти суратгирӣ –72%, самолётсозӣ – 72%, саноати резина – 66%, атриёт –60%, мошинсозии кишоварзӣ –53%, коркарди фулузот –50%, мошинҳои сохтмон, саноати пӯлодгудозӣ –72% мебошад. Яъне аз рӯи рақамҳои овардашуда бармоеяд, ки зиёда аз 8 соҳаи саноати мамлакат сатҳи ниҳоят баланди ҳамҷояву калоншавии олигополии корхонаҳоро доранд. Тақрибан 4–5 фирма ҳиссаи асосии маснуоти ин соҳаҳоро дар ихтиёри худ нигоҳ медоранд.

Ҳамин гуна вазъиятро дар саноати мамлакатҳои дигари мутараққӣ низ дучор омада метавонем. Мувофиқи маълумоти расмӣ дар ИМА тақрибан 4 фирмаи калонтарин дар 40% соҳаҳои саноат аз 40 то 100% маҳсулотро ихтиёрдорӣ мекунанд.

Даҳсолаҳои охир дар нимаи дуюми асри XX тарафт шумораи зиёди иттиҳодҳо бо номи конгломерат пайдо шудаанд. Хислати хоси ин иттиҳодҳо ҳамон аст, ки қонунҳои зидди монополӣ барои комилан ба даст овардани тамоми истеҳсолоти соҳа имкон намегузоранд. Бинобар он фирмаҳо кӯшиши дигари ба миқёси умумиҷаҳонӣ–байналмилалӣ баромадан ва ноил гаштан ба гуногунрангии истеҳсолотро (диверсификасия) пеш мегиранд. Яъне фирмаҳо бо мақсади давом додани чараёни афзуншавии сармоя ва захираҳои дар ихтиёрашон буда, намудҳои наву навтарини истеҳсолотро аз худ мекунанд.

Мисол, кони ангишт бар илова истеҳсоли занбӯругро дар конҳои холӣ ба роҳ мемонад ва ё фирмаи мошинсозӣ истеҳсоли бозичаҳо, асбобу анҷоми рӯзгор ва монанди инҳоро аз худ мекунад.

## 9. §5. ФАЪОЛИЯТИ КОРПОРАТСИЯҲОИ БАЙНАЛМИЛЛӢ

Дар назар доштан зарур аст, ки фирмаҳо мавқеи инҳисориро ба даст оварда, муборизаи рақибонаро давом медиҳанд. Дар марҳалаи дигар ин мубориза боиси ба саҳнаи фаъолият баромадани иттиҳоди монополӣ (олигополияҳо) мегардад, аммо олигополия ҳам интиҳои равиши мазкур нест. Ин равиш боз ҳам давом ёфта, сабабгори пайдо шудани фирмаҳо ё монополияҳои фаромиллатию байналхалқӣ мегардад. Агар ба ин ҳодиса мазмунан назар андозем, давом ёфтани муборизаи рақибонаи фирмаҳоро дучор меоем, ки фаъолияташонро ба миқёси фаромиллалӣ паҳн мегардонанд. Аввалин иттиҳодҳои байналмилалӣ ҳанӯз дар охирҳои асри XVIII пайдо шуда, шумораи онҳо дар асри XIX ниҳоят зиёд мегардад. Шояд ҷангҳои ҷаҳонии якуму дуюм ба фаъолияти ин гуна иттиҳодҳои монополӣ монеъ мешуданд. Мо дар нимаи дуюми асри XX ниҳоят сершумору бонуфуз гардидани монополияҳои фаромиллатиро дучор меоем.

Акнун сабаби иқтисодии пайдо шудани монополияҳо ва ё корпоратсияҳои фаромиллатиро дида мебароем. Дар дараҷаи муайяни инкишоф

монополияҳо комилан имконоти афзунгардонии фоидаро истифода бурда, ба монеаҳои бартарафнашавандаи иқтисодӣ дучор мегарданд. Ин монеаҳо аз имконоти дохилии ҳар як мамлакат бармехезанд. Бинобар он ҳам монополияҳо ба натиҷаҳои дар дохили мамлакат ноилгаштаашон қаноатманд нашуда, барои худ масоҳату майдони наверо меҷӯянд, ки дар он ин гуна монеаҳо набошанд ва ё имконоти афзун гардонидани фоида зиёдтар бошанд. Ин гуна масоҳату имконотро дар мамлакатҳои дигар (хориҷа) дарёфтан мумкин аст. Ҳамин хел, монополияҳо кӯшиши ба хориҷа баровардани молҳо ва дарёфтани бозорҳои нави фурӯшро пеш мегиранд.

Кӯшиши инҳисоргарон барои ба хориҷа баромадан ҳанӯз дар Аврупо охирҳои асрҳои XVIII огоз гардида буд. Аммо вай дар садаи XX ҳамчун як равишу мароми одатӣ шуда мемонад. Зери таъсири ҳамин равиш ташаккули хоҷагии ҷаҳонӣ ва фаромиллатӣ шудани фаъолияти иқтисодию хоҷагидорӣ ба миён оварда мешавад. Дар натиҷа шумораи зиёди монополияҳо мавқеи байналмилалию байнидавлатиро ба худ мегиранд. Чунки дар ибтидо агар танҳо муборизаи рақибона барои аз худ кардани бозори ҷаҳонӣ ба таври васеъ бурда шавад, сонитар вай бо содироти сармоя пурратар мешавад. Дар аснои содироти мол монополияҳо ҳақиқатан фоидаи худро зиёд мекунанд, аммо ҳангоми содироти сармоя ҳам, ба фоидаи баланду дилхоҳ расида, дар баробари ин бозорҳои наву захираҳои нави бозори арзони қувваи коргарию ашёи хомро дарёфта метавонанд. Бо ҳамин минвол монополияҳое пайдо мешаванд, ки корхонаҳои худро дар мамлакатҳои зиёд ба кор медароранд. Яъне онҳо ба монополияҳои фаромиллатию умумиҷаҳонӣ табдил меёбанд.

Инҳисоргарони фаромиллатӣ ҳоло дар мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон ниҳоят сершумор мебошанд. Ин гуна монополияҳо дар асри XX ва даҳсолаҳои охири вай асосан ҳамон соҳаҳоеро дар бар мегирад, ки маҳсулоташон дар он мамлакатҳо талабот доранд.

Яке аз корпоратсияи фаромиллатии ҳанӯз асри пештара пайдошуда "Пепси Кола" мебошад. Вай дар асри XX тавонист, ки дар 148 мамлакат корхонаҳояшро кушояд. Ин иттиҳод дар мамлакатҳои ҷаҳон зиёда аз 600 заводи нӯшокиро ба кор даровардааст. Вай ҳатто дар ҷумҳуриамон ҳам яке аз аввалинҳо шуда заводи худро дар шаҳри Кофарниҳон солҳои аввали ба истиқлол расидан ба кор омода карда буд. Ҳар яке аз ин заводҳо аз ашёи хоми маҳалҳо, вале технология ва таҷҳизоти стандартӣ нӯшокиҳо истеҳсол карда, ба фурӯш мебарорад. Бинобар он зарурат ба кашонидани маҳсулот аз дигар минтақаву мамлакат намемонад.

Дигар иттиҳод, ки соли 1960 ташкил шуда буд – Иттиҳоди мамлакатҳои содиркунандаи нафт (ОПЕК) мебошад, ки 12 мамлакатро дар бар гирифтааст. Ин картели фаромиллатӣ андак зиёдтар (тақрибан 56%) аз нисфи нафтро истеҳсол карда ба фурӯш мебарорад. Солҳои 1973 - 1974 ва 1970–1980 ду мавҷи маҳдудкунии истеҳсоли нафт ва баланд кардани нархи он ҷой дошт. Дар солҳои гузашта нархи нафт ба ҳисоби миёна 8 – 10 карат баланд карда шуд. Ин равиш ҳоло ҳам давом дорад. Ҳоло ин гуна картелҳои фаромиллатӣ хеле сершумор мебошанд.

Картелу корпоратсияҳои ҷудогона дар мамлакатҳои сершумор зеркорхонаҳои худро барпо кардаанд. Мисол, "Эксон" дар 80, "Шелл-Ройал" – 87, "Мобил ойл" – 22, " Митсубиси" – зиёда аз 80, "Бритиш петролеум" дар 70, "Митсуи" дар зиёда аз 80 мамлакат корхонаҳо доранд.

Монополияҳои фаромиллатӣ дар шакли картелҳо ва корпоратсияҳои байналмиллӣ амал карда, ба иқтисодиёти мамлакатҳо таъсири муайян мерасонанд. Ба туфайли фаъолияти ин монополияҳо байналмилалишавии муносибатҳои иқтисодию фаъолияти хоҷагӣ торафт пурзӯртар мегарданд. Онҳо ҳамон равишро ҳам мусоидату ҳимоят менамоянд, ки дар замони мо равишҳои ҳамгирой ( интегратсия) номида шудаанд. Ба таври умумӣ натиҷаи амику равшани фаъолияти монополияҳои фаромиллатӣ то ҳол ҳам муайян нашудаанд. Бояд дар назар дошт, ки онҳо ба умумияти наву муттаҳидии халқҳо низ кӯмак карда метавонанд. Ҳарчанд тезутунд шудани зиддиятҳои иқтисодии ҷаҳони имрӯзаю фардоина низ аз эҳтимол дур нест. Аз ин рӯ фаъолияти монополияҳои фаромиллатӣ низ бояд зери назорату танзимгарии давлатҳо бошанд.

## 9. §6 МАВҚЕИ ДАВЛАТ ДАР РАҚОБАТИ ИНҲИСОРӢ

Чунонки нишон дода будем, рақобати комил боиси ҳаракати сармояву захираҳои дигар ва аз ин соҳа ба соҳаи дигар гузаштани онҳо шуда, бо ҳамин васила имкон медиҳад, ки захираҳои мавҷуда беҳтар истифода бурда шаванд ва ҷомеа самараю нафъи зиёдтар бинад. Вале инҳисорот аз рақобати комил сабзида расида, дар назди худ кӯшиши бартараф кардани рақобати комилро мегузоранд. Ва дар бисёр мавридҳо ба ин мақсадашон мерасанд. Чунки монополияҳо кувваю иқтидори беҳамторо муттаҳид карда, бо ҳамин роҳ мавқеи ҳукмронӣ пайдо мекунанд. Фишанги марказиву асосии бозор нарх мебошад. Инҳисор ба туфайли иқтидори беҳамтояш нархро ба таври худ пасту баланд карда, аз бозор харифонро берун месозад ва зимоми ҳукмрониро ба дасти худ мегирад.

Мавқеи инҳисориро на танҳо фирмаҳои истеҳсолкунандаи хизмату маснуоти алоҳида, балки истеъмолкунанда (харидори) ягонаи онҳо низ соҳиб шуда метавонанд. Дар ин ҳолат фирмаҳо монопсония номида мешаванд. Фирмаҳои монопсонӣ ҳамон гуна харидорону корхонаҳое мебошанд, ки дар равиши харидории маснуоту хизматҳо мавқеи монополию ҳукмрониро ба даст овардаанд. Умуман равиши монополикунонӣ ва ё монопсонишавӣ гӯё чараёни пешқадам мебошад. Чунки зери таъсири он корхонаҳо иқтидорашонро дучанду даҳчанд афзун намуда, ба натиҷаҳои беҳтарини иқтисодӣ (афзоиши фоидаву камшавии хароҷот) муваффақ мегарданд. Яъне зери таъсири инҳисорӣ кунонидан самаранокии фаъолияти соҳаҳои алоҳидаи истеҳсолоту хизматрасонӣ меафзояд. Илова ба ин захираҳои иқтисодии соҳа зиёдтар ошкор гардида, бар нафъи самаранокӣ истифода мешаванд. Ғайр аз он одатан монополияҳо устувории иқтисодӣ пайдо карда, барои истифодаи комёбиҳои илмию техникӣ мусоидат мекунанд. Ҳатто мавридҳои ҷудогона ин гуна имконотро муҳайё месозанд ва ҷомеаро ба дигаргуниҳои намоёни илмию техникие ҳидоят мекунанд, ки самараи калони иқтисодӣ меоваранд. Ҳамин тавр, дар назари умумӣ афзалияту бартариҳои инҳисорӣ кунониданро дар нақша тасвир карда метавонем (ниг. ба ҷадвали 9.3.).

*Ҷадвали 9.3.* Афзалиятҳои асосии ҷараёни инҳисоргардии истеҳсолоту бозор ё натиҷаҳои мусбати ин ҷараёни

| |
|---|
| 1. Бузургшавии корхонаҳо ва бозор |
| 2. Камшавии хароҷот ба воҳиди молу хизматҳо |
| 3. Афзуншавии самаранокии фаъолият |
| 4. Назарнамо зиёдшавии фоида |
| 5. Истифодаи пурратару ҳамҷонибаи захираҳо |
| 6. Мусоидат ба кашфиёту ихтирооти техникӣ |
| 7. Истифодаи комёбиҳои илмию техникӣ |
| 8. Ба миён омадани имконоти афзалиятҳои иҷтимоӣ |

Чуноне ки аз ҷадвал дида мешавад, ҷараёни инҳисорӣ кунонидани иқтисодиёт аз ҳама пеш ҳамчун зуҳуроти самарабахшу нафъовар ҷой дошта, боиси комёбиҳои муайяни ҷомеа дар ҷабҳаҳои инкишофи истеҳсолоту хизматрасонӣ ва бозору бозоргонӣ, пешрафти илмию техникӣ мегардад.

Аммо дар баробари он ҷараёни мазкур натиҷаҳои номақбули манфиро ҳам ба миён оварда метавонад, ки онҳоро дар ҷадвали поён дидан мумкин аст (ниг.ба ҷадвали,9.4.).

*Ҷадвали 9.4.* Натиҷаҳои манфӣ ва номақбули ҷараёни инҳисорталабии фаъолияти иқтисодӣ

| |
|---|
| 1.Тақсимоти нобаробари захираҳои ҷомеа |
| 2. Номураттаб истифода шудани захираҳо |
| 3. Афзоиши нархи молҳову хизматҳо |
| 4. Пурзӯршавии нобаробарии даромадҳо |
| 5. Пайдо шудани имконоти монеъшавӣ ба пешрафти илмию техникӣ |
| 6. Ба миён омадани равишҳои манфии иҷимоӣ |
| 7. Пайдо шудани монеаҳои афзоиши некӯаҳволӣ |
| 8. Хатарҳо дар равиши демократонии ҷомеа |

Чунонки аз ҷадвали 9.4.мебинем, ҷараёни иҳисорӣ гардонидан, ки рақобати комилро бартараф намуда, ба ҷои он шаклҳои дигари рақобатро ба миён меоварад, натиҷаҳои манфиро рӯи саҳна меоварад. Зеро фирмаҳои инҳисории бар сари қудрат омада бо тамоми қувва ин вазъиятро ҳифз ме-

намоянд ва монеаи роҳи дигаркуниҳою пешрафт мешаванд.Худи ҳамин ҳолат талаб менамояд, ки ҷомеа ба муқобили инҳисоргарон ягон қувваи дигареро гузорад. Ин гуна қувва давлат ва ё сиёсати он буда метавонад. Чунки қувваи танзиму идоракунандаи ҳаёти ҷомеа маҳз давлату сохторҳои мансуби он мебошанд. Давлатҳо бо ёрии қонунгузории муайян, барпо намудани сохторҳои дахлдор ва дигарҳо метавонанд садди роҳи "зулму истибдоди" инҳисоргарон ва ҳукмронии мутлақи онҳо шаванд.

Маҳз ба туфайли амалиёту фаъолияти танзимгарию маҳдудкунии давлат инҳисорот ба ҳамон роҳе ворид карда мешаванд, ки мазмуни номақбулу манфиро бартараф карда метавонад. Давлат қуввае мебошад, ки инҳисоротро ром карда, натиҷаи фаъолияти онҳоро ба мазмуни муайян бар нафъи пешрафти ҷомеаю беҳбуди мардумон равона сохта метавонад. Ин мақсад аз ҳама пештар дар кӯшишҳои қонунгузории давлатӣ пиёда карда мешавад.

## 9. §7. ЗАРУРАТУ МАЗМУНИ ҚОНУНҲОИ ЗИДДИ ИНҲИСОРӢ (МОНОПОЛӢ)

Яке аз равишҳои фаъолияти инҳисорӣ - ин пеш гирифтани "рақобати нархӣ" бо мақсади ба худ таъмин кардани фоидаи баланд ва шикаст додан ба ҳарифони мебошад. Баъзан инҳисоргарон барои ба мақсад расидан ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро бадқасдона паст намуда, номувофиқии талаботу пешниҳодро ба миён меоваранд ва нархҳоро баланд мебардоранд. Ин гуна кӯшишҳои монополияҳоро истибдоди онҳо ҳисоб мекунанд. Ҳанӯз дар нимаи дуввуми асри XIX чараёни шадиди зидди монополӣ рӯи об мебарояд. Дар ин мубориза аҳли меҳнат, истеъмолгарон, сохторҳои давлатӣ ва дигарҳо иштирок доштанд. Давлатҳо ҳам аз ин ҳаракат берун набуданд. Шояд дар ҳар як мамлакат таърихи хоси ҷараёни мубориза бар зидди монополияҳо ҷой дошта бошад. Барои тасвири намунавии ин таърих мо ба ИМА муроҷиат мекунем.

Дар Амрико даҳсолаи охири асри XIX ба таҳияи қонунҳои зидди инҳисорӣ шурӯъ карда буданд. Яке аз аввалин қонунҳо "Қонуни Шерман" ном дошт, ки соли 1890 қабул шуда буд. Қонуни дигар бо номи "Қонуни Клейтон" соли 1914 ва қонуни сеюм бо номи "Қарори Комиссияи Федералӣ оид ба тиҷорати ИМА" соли 1914 қабул шуда буданд.

Қонуни аввал хеле равиши қатъӣ дошта, ҳар як калоншавии корхонаҳоро ҳамчун зуҳуроти инҳисорӣ гардонидан маънидод карда, кӯшиши паҳн кардани рақобати комилро пеш мегирифт. Аммо на ҳар як кӯшиши калоншавии фирмаҳо номақбулу манфӣ мебошад. Чунки фирмаҳо маҳз бо роҳи калон шудан, васеъ кардани масоҳати фаъолият, барои фурӯш самараи иқтисодӣ ба даст оварда, фоидаашонро зиёд мекарданд ва захираҳоро босамар истифода мебурданд.

Аз ин рӯ дар қонуни дуюми зидди инҳисорот нишон дода мешуд, ки фаъолияти бадқасдонаи ба муқобили ҳарифон, харидорони молҳо нигаронида шавандаро ва ё кӯшиши бадқасдонаи танг кардани онҳоро, маҳдуд намудани рақобатро маҳкум кардан зарур аст. Вале агар кӯшишҳою фаъолият нияти тазйиқу фишороварии барқасдона, маҳдуд кардани ҳарифону истеъмолгаронро надошта бошад ва комёбиҳои илмию техникӣ истифода шуда, нархи мол паст карда шавад, он гоҳ қонун ин гуна амалиётро маҳкум намекунад.

Яъне аз ин нишондодҳо бармеояд, ки қонунҳои зидди инҳисорот торафт такмил дода мешаванд ва зиёдтар сайқал меёфтанд.

Ҳамон солҳо ҳукумат комиссияҳои сершуморе таҳия мекард, ки фаъолияташонро ба ҳифзи ҳуқуқи харифон, харидорон, истеъмолгарон менигаронианд. Ин комиссияҳо назорату танзимро пеш гирифта, бо ҳамин васила дар муқобили кӯшиши бадқасдонаи фирмаҳо худро мегузоштанд ва гунаҳкоронро ба ҷазо мекашиданд. Қонунҳои дар ин равиш дар ИМА қабул шуда номи қонунҳои зидди картелӣ ва ё зидди трестиро гирифтаанд. Ҳифзкунандагони қонун медонанд, ки дар мубориза зидди инҳисорот ба муқобили калоншавию пешрафти фирмаҳо ҳам мубориза бурдан ва ба он монеъ шудан имконпазир аст. Бинобар он минбаъд дар аввалҳои садаи XX қонунҳои алоҳидаи мазмуни ҳифзи иҷтимоӣ дошта низ қабул карда мешуданд.

Яке аз нишонаи аввалини танзими иҷтимоӣ дар иқтисодиёти ИМА соли 1906 ташкил карда шудани Маъмурият оид ба назорати сифати маснуоти озуқаворӣ ва дорувор ба шумор меравад. Минбаъд сохторҳои сершумору гуногуни назоратию танзимгарӣ ташкил карда шудаанд. Солҳои 80–90-уми садаи XX олимон ба хулосаи дуруст омадаанд, ки сохторҳои танзими назоратӣ ҳам дар мазмуни муайян ҳамчун воситаи таъминкунандаи мавқеи инҳисорӣ хизмат карда метавонанд. Аз ин рӯ ҳоло масъала оид ба такмили сохтору фаъолияти онҳо гузошта шудааст.

Дар Тоҷикистон қонуни зидди инҳисорот танҳо соли 1994 бо номи "Дар бораи маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ ва равнақ додани рақобат" қабул шуда буд*. Мувофиқи талаби ин қонун то соли 1999 -ум ягон корхонае дар Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида нашудааст. Худи ҳамин ҳодиса шаҳодат медиҳад, ки оид ба риояи қонун дар амали хоҷагидорӣ ҷои таҳлил нест. Шояд сабабгори асосии ин вазъият фаъолият надоштани қонуни мазкур набуда, балки пештару бештар вазъи бӯҳрониву касодии иқтисодиёти мамлакат бошад.

# БОБИ 10. ҲАРОҶОТИ ИСТЕҲСОЛОТ ВА ФОИДА

## 10. §1. МАСОРИФИ ИСТЕҲСОЛОТ ВА ТИҶОРАТ

Хароҷот ва фоида -нишиондиҳандаҳои иқтисодии басо муҳимме мебошанд, ки дар асоси онҳо ба фаъолияти корхонаҳо баҳо медиҳанд. Ҳамчун хароҷоти истеҳсол ва тиҷорати маҳсулот дар бозор, андозаи фоида дар маҷмӯъ даромади умумии корхонаро ташкил намуда,ба сатҳи нархи мол ҳамчун омилҳои хеле ҷиддӣ таъсир мерасонанд. Аз ин хотир, дар ин мавзӯъ мо бояд дар навбати аввал ба мафҳум, моҳият, намудҳо ва таркиби хароҷоти истеҳсолот, хароҷоти муомилот, фоидаи иқтисодӣ ва фоидаи бухгалтерӣ шинос шавем.

Хароҷоти истеҳсолот - ин маҷмӯи харҷҳо барои истеҳсоли маҳсулот дар як давраи муайян, масалан моҳ, семоҳа ва сол мебошанд, ки бо пул ифода мешаванд.

Тавре ки аксари иктисоддонон эътироф кардаанд, нарх – ин ифодаи пу-

* Ниг. Садои мардум, 20 январи соли 1994.

ли **арзиши мол** аст. Арзиши молро бошад, чун категорияи поягии нархи мол дар заминаи сарфи меҳнати зарури ҷамъиятӣ (СМЗҶ) муайян кардан шояд дуруст бошад.Аммо СМЗҶ-ро дар амал ҳисобу китоб кардан кори саҳлу осон нест, зеро вай хароҷоти истеҳсолии ин ё он арзиши мушаххаси истеъмолии молро дар мавриди вуҷуд доштани шароити мӯътадили истеҳсолот ва сатҳи миёнаи техналогияю техника, тахассуси кормандон, ҳосилнокӣ ва шиддатнокии меҳнат дар бар мегирад.

Бо сабаби мушкилоти вокеии ҳисоби дақиқи СЗМҶ ҷомеа, дар иқтисодиёт хароҷоти истеҳсолотро ноҷор дар шакли арзиши аслии маҳсулот, ки низ бо пул андоза мегардад, ҳисоб, таҳлил ва ба нақша мегирад. Ҳамин тавр, се омили асосӣ – арзиши аслии маҳсулот, фоида ва андозҳои гуногун бо назардошти таъсири талабот ва пешниҳодотии мол ба сатҳи ниҳоии нарху мол дар бозор таъсири бузург мерасонанд.

Арзиши аслии маҳсулот – ифодаи пулии арзиши истеҳсол ва фурӯши маҳсулот мебошад, ки дар натиҷаи истифодабарии захираҳои табиӣ, ашёи хом, маводҳо, сӯзишворӣ, нерӯи барқ, фондҳои асосӣ, захираҳои меҳнатӣ, фоизи қарзи бонк ва ғайра хароҷотҳо ба вуҷуд меоянд. Ҳисобу аниқ кардани ин нишондиҳанда ҳамеша ба афзудани маблағи фоидаи корхона мусоидат менамояд ва аҳмияти махсуси иқтисодӣ дорад.

Арзиши аслии маҳсулот аз номгӯи алоҳидаи хароҷоти зерин таркиб ёфтааст:

– ашё ва маводҳо /тарҳи хароҷотҳои баргардондашаванда/ ҳамчун хароҷоти молӣ;
– музди меҳнати коргарони истеҳсолкунанда /хароҷоти меҳнат/;
– сӯзишворӣ ва намудҳои он барои мақсадҳои истеҳсолӣ /хароҷоти моддӣ/;
– нерӯи барқ барои мақсадҳои истеҳсолӣ /хароҷоти моддӣ / ;
– ҳиссаҷудокунӣ барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ /фонди нафақа, фонди бимаи иҷтимоӣ, фонди давлатии шуғли аҳолӣ, фонди ҳатмии бимаи тиббӣ/
– харҷҳо барои нигоҳ доштан ва истифодаи таҷҳизот / боздошти истеҳсолӣ ва ғайра/ ;
– иҷорапулӣ;
– фоизи қарзи бонк;
– харҷҳои сехӣ

---

ҷамъ: арзиши аслии сехӣ
– харҷҳои умумихоҷагӣ
хар гуна хароҷот

---

ҷамъ: арзиши аслии истеҳсолӣ ё фабрикӣ – заводӣ
– харҷҳои ғайриистеҳсолӣ

---

ҳамагӣ «арзиши аслии пурра /тиҷоратӣ/»

Таҳкурсии нархи молро арзиши аслии пурра ё тиҷоратӣ ташкил медиҳад. Дар ҷараёни таҳлили хароҷоти истеҳсолот ба арзиши аслии пурраи маҳсулоти молӣ, таркиби хароҷот аз рӯи гурӯҳбандии онҳо, арзиши аслии ҳар намуди истеҳсоли маҳсулот ва дараҷаи нисбии хароҷотноки бештар таваҷҷӯҳ зоҳир кардан муҳим аст.

Харочоти истеҳсолотро одатан ба гурӯҳҳои бо моҳият ва мазмунашон наздик тасниф мекунанд, то ин ки дар ҳаллу баррасии масоили иқтисодӣ, ба монанди, ашёталабӣ, меҳнатталабӣ, барқталабӣ ва бо фондҳои асосию гардон таъмин будани корхонаҳо, афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва ғайра маълумоти зарурӣ ва кофӣ ба даст оранд.

Вобаста ба таъйиноташон харочоти истеҳсолотро ба ҳиссаҳои алоҳида ё калкулясионӣ қисмат мекунанд, ки барои омӯхтан ва баҳо додан ба вазъи намудҳои алоҳидаи харочот, ҳамзамон муқаррар намудани арзиши аслии як воҳиди номгӯи маҳсулот зарурати иқтисодӣ дорад.

Ҳиссаҳои асосии калкулясионӣ инҳоянд: ашё ва материалҳо, партовҳои баргарданда /тарҳ мешаванд/, маводи харидашуда ва нимфабрикатҳо, сӯзишворӣ ва барқ барои мақсадҳои технологӣ, музди меҳнати асосӣ ва иловагии коргарони истеҳсолот, ҳиссаҷудокунӣ ба бимаи иҷтимоию тиббии коргарони истеҳсолот, харҷҳо барои нигоҳ доштану истифода бурдани мошину таҷҳизот, харҷҳои умумиистеҳсолӣ, харҷҳои тиҷоратӣ.

Арзиши аслии маҳсулот танҳо харочоти истеҳсол ва фурӯши маҳсулотро дар доираи корхонаҳо ва соҳаҳои алоҳидаи истеҳсолот /саноат, кишоварзӣ ва ғайра/ нишон медиҳад.

Вале барои моли истеҳсолшударо аз корхонаи истеҳсолӣ то ба дасти истеъмолгарон бурда расонидан, ҳатман харҷҳои кашонидани бор ба воситаи ҳар гуна наклиёт /роҳи оҳан, автомобил, роҳи ҳавоӣ, ароба ва ғайра/ ба назар гирифта мешавад.

Инчунин барои захира кардани мол дар анборҳои савдои яклухт ва чакана, кадок ва когазпеч кардани молҳо, пардохти музди меҳнати кормандони соҳаи тиҷорат, бардошти истеҳсоли фондҳои асосӣ, иҷораи иморату иншоотҳои тиҷоратӣ ва умуман барои таъмин ва ташкили фаъолияти тиҷоратию бозоргонӣ харҷҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ хеле заруранд.

Ифодаи пулии кулли харҷҳое, ки барои кашонидани маҳсулот аз истеҳсолот то ба шабакаҳои тиҷоратӣ, бо мақсади ташкил ва идора кардани тиҷорати мол ба истеъмолгарони ниҳоӣ—аҳолӣ сарф мегардад, **харочоти муомилот** номида мешавад. Онҳо низ дар қатори арзиши аслии маҳсулот ба нархи мол дохил мешаванд.

Фарқи куллии харочоти муомилот аз арзиши аслии маҳсулот он аст, ки дар корхонаҳои тиҷоратӣ ба таркиби харҷҳои ҷорӣ арзиши моли харидашуда ворид намегардад.

Харочоти муомилотро бо маблағи мутлақи пул /масалан, рубл, доллар ва ғайра/ ва нишондиҳандаи нисбӣ – бо фоиз нисбат ба ҳаҷми гардиши чаканаи мол андоза мекунанд. Дараҷаи харочотнокӣ – Дх-ро бо роҳи тақсим намудани маблағи харочот /$\Sigma$ХМ/ ба ҳаҷми гардиши чаканаи мол /$\Sigma$ЧМ/ тақсмт намуда, натиҷаи ҳосилшударо ба сад зарб мезананд, яъне

$$Д_x = \frac{\Sigma ХМ}{\Sigma ЧМ} \cdot 100$$

, ки ҳиссаи харочоти муомилотро бо ҳисоби фоиз дар сатҳи муайяни нархи моли муайян ё умуман дар соҳаи тиҷорат нишон медиҳад. Масалан, харочоти муомилот ба 10 *ҳазор* сомонӣ, ҳаҷми фурӯши чаканаи мол ба 100 *ҳазор* сомонӣ баробар аст. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки дараҷаи харочотнокӣ 10 фоизи ҳаҷми моли фурӯхташударо

$\left/ \frac{10\ ҳазор}{100\ ҳазор} \cdot 100 \right/$ ташкил додааст.

Харочоти муомилот таркиби зайл дораид:

– харчҳои наклиётӣ;
– харчҳо барои музди меҳнат;
– харчҳо барои ичора ва нигоҳубини иморату иншоотҳо, тачҳизот ва инвентарҳо;
– харчҳо барои таъмири чории фондҳои асосӣ;
– фарсудашавии либоси санитарӣ ва махсус, зарфу асбобҳои корхонаҳои хӯроки омма;
– харочоти сӯзишворӣ, газ, барк, барои максадҳои истехсолӣ;
– харчҳо барои захира кардан, кадок ва когазпеч кардани молҳо;
– харч барои таблиғот /реклама/;
– харч барои додани фоизи карзи бонк;
– талафоти табиии молҳо ва партовҳои технологӣ;
– харчҳо барои ҳар гуна зарфҳо;
– истехлоки фондҳои асосӣ;
– харчҳои идораи тичорат ва дигар масорифи чории маблағҳои пулӣ.

Вазифаи аввалиндарачаи ҳар як корхона, соҳибкор ва корманди соҳаи истеҳсолот, тичорат ва дигар соҳаҳои таркибии иқтисодиёти мамлакат ба сарфи самарабахшу афзоиши иловагии истеҳсоли мол вобаста аст, зеро махз бо ин тарзи хочагидории ҳақиқӣ, мо андозаи фоидаи иқтисодиро зиёдтар карда метавонем.

## 10. §2. НАМӮДҲОИ АСОСИИ МАСОРИФ

Дар таълифоти муосири иктисодӣ харочоти истеҳсолот ва тичоратро одатан дар робита бо назарияи таҳлили марчиналӣ меомӯзанд. Мо пештар ба чунин фаҳмиш одат кардаем, ки гӯё харочоти истеҳсолот–ин пардохтҳои пулӣ барои истифодаи ҳамаи намудҳои захираҳои иқтисодӣ мебошад. Аммо дар боло ошно гардидем, ки арзиши аслии маҳсулот ва харочоти муомилот аз номгӯи муайяну мушаххас расман таркиб ёфтааст, ки дар оянда метавонад ба зарурати ҳаёти иқтисодӣ зиёд ё ихтисор гардад. Гузашта аз ин ба таркиби харочот агар як катор андозҳо ва ҳиссачудокуниҳо ворид гашта бошанд, аз тарафи дигар, чандин намудҳои харчҳои воқеӣ дохил нестанд ва онҳо бевосита ба сатҳи фоида пайваст карда шудаанд. Ба назар, шояд ин масъала ҳоло то андозае баҳснок бошад, зеро дар шароити гузаштан ба бозор далелноккунии иловагиро такозо менамояд. Ҳоло инро ба як сӯ гузошта, зикр менамоем, ки иқтисодшиносони хорича харочотро имрӯз аз се гурӯҳи асосӣ иборат медонанд:

– харочоти аён ё беруна;
– харочоти ноаён ё дохила;
– харочоти иқтисодӣ (1+2).

Дар шароити иқтисоди бозорӣ харочотро ҳамин тавр тасниф мекунанд.

Харочоти аён ё беруна – шакли пардохтҳои бевоситаи корхона тавлид-

гарони омилҳои истеҳсолот /ашёи хом, амвол, маводҳо, мошину таҷҳизот ва ғайра/ мебошад. Ба таркиби онҳо ҳамчунин музди меҳнати коргарони кироя, менеҷерҳо, хизматчиён, пардохт ба бонкҳо ва дигар таҳвилгарони хизмати молиявӣ ва моддӣ, пардохти харҷи наклиётӣ дохиланд. Бухгалтерияи корхона маҳз ин гуна хароҷоти истеҳсолотро ҳисоб намуда оид ба сарфи нақшавии онҳо дар мӯҳлати муайян, ҳисобот медиҳад.

Хароҷоти ноаён ё дохила – бештар ба истифодаи захираҳои худии корхона робита дорад. Фарқи онҳо аз харҷҳои аён аз он иборат аст, ки пардохта намешаванд ва дар ҳисоби бухгалтерӣ низ инъикос намегарданд.

Тибқи назарияи иқтисоди бозорӣ иқтисоддонон харҷҳои ноаёнро чун харҷҳои алтернативии истифодабарии аз даст рафтаи захираҳо маънидод мекунанд ва ҳуқуқи моликӣ дар ин маврид ба корхона ё шахси соҳибкор тааллуқ дорад. Мисол меорем. Корхона дар тавозуни муҳосибии худ арзиши иморати дуқабатаи истеҳсолӣ ва як дона таҷҳизоти нодири истеҳсоли хориҷаро сабт кардааст, вале дар муддати бештар аз 9 моҳ аст, ки аз онҳо тамоман истифода намебарад. Аммо вай ин воситаҳои асосиро ба иҷора дода, аз ҳисоби иҷорапулӣ ҳамчун хароҷот дар шакли истеҳлок ва дар ҳолати хуби корӣ нигоҳ доштани ин намудҳои фондҳои асосӣ, метавонист манфиат гирад, ки ба ҳақиқати хоҷагидорӣ наздик аст. Аз ин нигоҳ, ба харҷҳои алтернативӣ маҳз ҳамин имконияти ба иҷора додани иморату таҷҳизот ва ба даст овардани як миқдор маблағҳои молиявӣ дар шакли даромад дохил мешаванд.

Хароҷоти аён ва ноаён дар маҷмӯъ мафҳуми "харҷҳои иқтисодиро" ташкил медиҳанд, ки дар назарияи иқтисодии кишварҳои Ғарб боз фоидаи соҳибкориро дар бар мегирад.

Ба харҷи ҳисобдорӣ бошад, маблағи фоидаи соҳибкор дохил нест.

Дар иқтисоди бозорӣ хароҷоти умумии корхонаҳоро дар вобастагӣ ва алоқамандӣ бо ҳаҷми истеҳсолот шартан ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд:

– доимӣ;
– тағйирёбанда.

Харҷҳои доимӣ бо он нишонаи махсус фарқ мекунанд, ки бо тағйирёбии ҳаҷми истеҳсол ё фурӯши мол зуд ё мутаносибан дигар нашуда, қариб бетағйир мемонанд. Ба ин зайл харҷҳо бардошти истеҳлокӣ, ҳаққи иҷораи фондҳои асосӣ, харҷи барқ, харҷи идоракунӣ ва ғайра дохиланд.

Вале як қисмати хароҷоти корхона бо сабаби зиёд ё кам шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ҳатман тағйир меёбад ва аз ин рӯ, онҳоро **харҷҳои тағйирёбанда** меноманд /музди меҳнат, харҷи ашёи хом, маводҳо ва ғайра/.

Таснифи хароҷот ҳамчун қисмати доимӣ ва алоҳида дар намуди тағйирёбанда натанҳо аҳамияти хоси таҳлилу таҳқиқӣ дорад, балки ин тарзи тасниф дар масъалаи аз назари иқтисоди бозорӣ асоснок намудани даромади маржиналӣ, яъне **даромади ҳудудӣ**, аз ҷумла **ҳисоби нуқтаи безарарии корхона,** бениҳоят зарур мебошад.

Бо мақсади хубтар шинос шудан бо харҷҳои умумӣ ва намудҳои алоҳидаи онҳо – доимӣ ва тағйирёбанда, дар поин нақшаи /графикаи/ онҳоро пешкаш менамоем /ниг. ба нақшаи 10.1; 10.2; 10.3/.




*Нақшаи 10.1.* Вобастагии харҷҳои доимӣ бамиқдори истеҳсоли мол




*Нақшаи 10.2.* Вобастагии хароҷотҳои тағйирёбанда ба миқдори истеҳсоли мол




*Нақшаи 10.3.* Вобастагии харҷҳои умумӣ ба миқдори истеҳсоли мол

Тавре, ки аз нақшаҳои 10.1; 10.2 ва 10.3 мушоҳида мегардад, бо тағйирёбии миқдори истеҳсоли мол харҷҳои доимӣ қариб бетағир монда, аммо харҷҳои тағйирёбанда бошанд, ҳатман миқдорашон кам ё зиёд мешавад.

## 10. 3. ДАРОМАД ВА ФОИДА

Дар шароити амали хоҷагидории бозорӣ барои ҳар як корхона ё соҳибкор ба даст овардани даромад ва фоидаи торафт афзоянда шарту вазифаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Натиҷаи ниҳоӣ – молиявии фаъолияти корхонаҳо одатан дар **маблағи муайяни фоида** ва **сатҳи фоиданокӣ** ифода мeёбад. Фоида – нишондиҳандаи асосии самаранокии истеҳсолот низ мебошад. Аз ин рӯ, ҳар як корхона ва соҳибкор ба ҳарчи зиёд шудани он ҳавасманд аст.

Даромади корхона аз ҳисоби фурӯши як миқдори муайяни маҳсулот тавассути нархи озоди як воҳиди он пайдо мегардад. Мисол, корхона дар муддати як моҳ 200 дона /К/ яхдони тағмаи "Помир" истеҳсол намуда, онро ба ниёзмандонаш бо нархи 100 сомонӣ /Р/ фурӯхт. Дар натиҷа, ҳаҷми умумии фурӯши яхдон КхР=ФМ, яъне ба 20 *ҳазор* сомонӣ (200 х 100) баробар аст.

Тасаввур мекунем, ки ин корхона барои истеҳсол намудани миқдори номбаршудаи яхдонҳо 15 *ҳазор* сомонӣ харҷҳои ҷорӣ дар намуди арзиши аслии пурраи маҳсулот кардааст. Андоз аз арзиши иловашуда – 2 *ҳазор* сомонӣ, дигар намудҳои андоз аз фурӯш – 1 *ҳазор* сомонӣ. Пас, агар мо аз ҳаҷми даромади умумии корхона аввал андозҳоро ва баъд хароҷоти истеҳсолотро барорем /20–2–1/–15, боқимонда 2 *ҳазор* сомонӣ маблағи фоидаи софро ташкил

медиҳад ва дараҷаи фоиданокӣ дар корхона $\frac{2\ \text{ҳазор}}{20\ \text{ҳазор}}$ х 100 ба 10 фоизи ҳаҷми фурӯши маҳсулот баробар аст. Фоида чист?

Ба ин тарик, **фоида** – ин як қисмати даромади умумии корхона мебошад, ки ҳамчун фарқи байни даромад аз фурӯши мол (хадамот) ва хароҷоти истеҳсолии корхона, баъди пардохти андози арзиши иловашуда, андози аксиз ва дигар ҳиссаҷудокуниҳои ҳатмӣ аз маблағи фурӯши мол ба фондҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, муайян карда мешавад.

Корхона фоидаро дар натиҷаи фаъолияти хоҷагиаш асосан пас аз фурӯх-

тани маҳсулот ва тавассути дигар амалиёту тадбирҳои иқтисодӣ, мустақилона ба даст меорад. Аз ин ҷиҳат маълум мешавад, ки соҳибкор дар истеҳсолот фоидаро танҳо баъди ба харидорон фурӯхтани маҳсулоти тавлидгардида соҳиб шуда метавонад ва бо роҳи аз ҳисоби даромадҳои пулӣ пӯшонидани хароҷоти истеҳсолот, андозаи фоида муқаррар мегардад. Гузашта аз ин, вай ҳар қадар бештар маҳсулоти фоиданокро дар бозор фурӯшад, ҳамон қадар маблағи фоида зиёд гашта, вазъияти молиявиаш устувору қавӣ хоҳад гашт. Бинобар ин, натиҷаи молиявии корхонаро ҳамеша дар вобастагӣ ва алоқамандӣ бо ҳаҷми маҳсулот, таркиби он, андоза ва намудҳои андозҳо ва ҳиссаҷудокунӣ аз ҳисоби даромад аз фурӯши маҳсулот, инчунин ҳаҷм, таркиб ва сатҳи хароҷоти истеҳсоли намудҳои алоҳидаи маҳсулот, таҳлил намудан бамаврид ва муфид аст.

Бо мақсади асоснок ва пурра намудани андоза ва таркиби фоида намудҳои алоҳидаи онро аз ҳамдигар фарқ намудан зарур аст: фоидаи тавозунӣ; фоида аз фурӯши маҳсулот, корҳо ва хадамот; фоида аз ҳисоби фурӯши маводи дигар; фоида аз амалиёти ғайритиҷоратӣ, фоидаи андозбандӣ ва дар охир фоидаи соф.

Андозаи **фоидаи тавозунӣ** /ФТ/ натиҷаи молиявиро аз ҳисоби фурӯши маҳсулот, корҳо ва хадамот /ФФМХ/, андозаи фоидаро аз ҳисоби фурӯши маводи дигар /ФМД/, фоидаро аз амалиёти бидуни фурӯши мол /$ФА_{бф}$/ ва фарқи дахлу харҷҳоро аз амалиёти ғайритиҷоратӣ /$Д_{ғт} - Х_{ғт}$/ дар бар мегирад. Инро ба таври дигар, яъне мухтасар ин зайл навишта метавонем:

$$\Sigma ФТ = \Sigma ФФМХ + \Sigma ФМД + \Sigma ФА_{бф} + \Sigma Д_{ғт} - \Sigma Х_{ғт}$$

Мисол. Дар корхонаи №1 ш. Душанбе тибқи ҳисоботи солона маблағи фоида аз ҳисоби фурӯши маҳсулот ва иҷораи ҳар гуна хизматрасонӣ ба 870 сомонӣ, фоида аз ҳисоби фурӯши активҳои асосӣ /таҷҳизот ва дигар намудҳои амвол/ – 130 сомонӣ, фоида аз амалиёти бидуни фурӯши мол ва активҳои асосӣ – 150 сомонӣ, даромадҳои ғайритиҷоратӣ / ситонидани ҷарима аз ташкилоту муассисаҳои гуногун дар ҳолати иҷро накардани ӯҳдадориҳои шартномавӣ, рӯёнидани воқеии қарзҳои дебиторӣ ва ғ./ –60 сооӣ ва харҷҳои ғайритиҷоратӣ /додани ҷарима ба корхонаҳои дигар, афзудани маблағи қарзҳои дебиторӣ, талафотҳои ғайричашм-дошт дар фаъолияти корхона, ки дар вазъият ва рӯйдодҳои форс–мажорӣ–сӯхтор, обхезӣ, дуздию гораттарӣ ва ғайра, ки дар амал баъзан рух медиҳанд / – 30 сомониро ташкил доданд.

Аз ин чо, андозаи фоидаи тавозунӣ /ё куллӣ/ -и корхонаро муқаррар менамоем, ки ба 1180 сомонӣ баробар мешавад /870+130+150+60–30/

Фоида аз фурӯши мол, тавре дар параграфи якуми ҳамин боб зикр намудем, фарқи мусбати байни даромад аз фурӯши маҳсулот ва арзиши аслии пурраи /тиҷоратии/ ин маҳсулот мебошад. Танҳо барзиёдии даромад назар ба хароҷоти истеҳсолот, нишонаи пайдо шудани фоида мебошад. Баръакс, агар хароҷот аз маблағи даромад зиёд бошад, он гоҳ ба ҷои фоида, танҳо зарари иқтисодӣ ҳосил мегардад, ки бар хилофи манфиати корхона ва соҳибкорон мебошад.

Фоидаи андозбандӣ – ин ҳамон намуди фоидаест, ки тибқи қонунҳои мавҷудаи мамлакат аз андозаи тавозунии он маблағи имтиёзҳои андоз аз фоида, тарҳ ё бароварда мешавад.

Фоидаи соф – як маблағи муайяни фоида мебошад, ки баъд аз супоридани андоз аз фоида, ҳиссаҷудокунӣ ба хазинаи хайрия, пурра ва комилан дар ихтиёри корхона мемонад.

Аз ин нуктаи назар, таҳлили иктисодии фоида аз рӯи намудҳо ва нишонаҳои алоҳидаи он дар субъектҳои хоҷагидорӣ, аҳамияти калон дорад. Дар ин бобат, шахси таҳлилгар бояд ба усулҳои таҳлили фоида ва фоиданокӣ, хусусан бо тарзи ҳисобу китоби дақиқ ва саҳеҳи таъсири омилҳои асосии ба онҳо таъсиррасонанда: ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, тағйирёбии таркиби онҳо, захираҳои моли тайёр дар анборҳо, сифат ва нархи маҳсулот, хароҷоти истеҳсолот – ҳаҷм, таркиб ва сатҳи нисбии он, натиҷаҳои дигар намудҳои фаъолияти хоҷагию молиявиро чуқур ва ҳамаҷониба – ҳам аз нигоҳи назария ва малакаи амалии таҳлили иқтисодӣ донад ва аз онҳо дуруст ва моҳирона истифода намояд.

Дар ин бобат, ба ҷадвали 10.1 – намудҳои фоидаи тавозунии корхонаи истеҳсолӣ ва омилҳои асосии ба он таъсиррасонанда нигаред:

*Ҷадвали 10. 1.*




Ба омилҳои асосие, ки барои афзун намудани маблағи фоида ва сатҳи нисбии он -- фоиданокӣ сабаб гашта, ба он дохил мешаванд: зиёд намудани ҳаҷми фурӯши маҳсулот, баланд бардоштани сифати маҳсулот, боло рафтани нарх, паст гардидани арзиши аслии маҳсулот, омӯхтани вазъи бозор ва ҷустуҷӯи бозорҳои судманд барои фурӯши мол ба ниёзмандон, дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин ва бо усулҳои пешқадам ташкил ва идора кардани истеҳсол ва тиҷорати мол.

Дар чараёни таҳлили фоида, ба сатҳи фоиданокӣ, ки бо фоиз ифода мегардад, диққати махсус зоҳир намудан ба мақсад мувофиқ аст.

Фоиданокиро дар корхонаҳои саноатӣ, кишоварзӣ, тиҷоратӣ ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ бо ҳар гуна усулҳо муайян мекунанд. Масалан, дар саноат ва як қатор дигар соҳаҳои иқтисодиёт сатҳи фоиданокиро бо роҳи

тақсим намудани маблағи фоидаи тавозунӣ ($\Sigma$Ф) ба маблағи миёнаи солонаи фондҳои истеҳсолии асосӣ ($\Sigma$ФА) ва воситаҳои гардони меъёрӣ ($\Sigma$ФГ) ва натиҷаи ҳосилшударо ба 100 зарб кардан муайян мекунанд. Мо инро бо формулаи зайл менависем: $Фк = \frac{\Sigma Ф}{\Sigma Ф_{АИ} + \Sigma Г_{М}} \times 100 = \%$ нисбат ба фондҳо.

Ҳамчунин фоиданокиро дар корхонаҳо бо роҳи тақсим намудани маблағи фоидаи тавозунӣ ба маблағи фурӯши маҳсулот /$\Sigma$Фм/ ё маблағи арзиши аслии маҳсулот /Ам./ ва ҳосили тақсимро ба 100 зарб задан, муқаррар мекунанд.

Хулоса, нишондиҳандаи нисбии андозаи фоида метавонад якто не,балки якчандто бошанд, ки дар оқибат истифода аз тарзу усулҳои гуногуни онҳо мазмун ва натиҷаи таҳлили иқтисодиро пурра мегардонанд.

## 10. §4. ТАҚСИМ ВА ИСТИФОДАБАРИИ ФОИДАИ КОРХОНАҲО

Фоида ҳамчун натиҷаи молиявии фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳалли вазифаҳои гуногун нақши босазо дорад. Дар навбати аввал, як қисмати муайяни фоидаи тавозунии корхонаю ташкилот дар шакли андоз ва ҳиссаҷудокуниҳои ҳатмӣ аз рӯи тартиботи муқарраргардида ба буҷети давлат ворид мегардад. Бо ин амал, андоз аз фоида ва дигар намудҳои саҳмгирӣ дар пурра кардани қисмати даҳли буҷет, яке аз манбаъҳои боэътимод ва доимии ташаккулёбии молияви давлат буда, аз ҳисоби ин воситаҳои пулӣ минбаъд вазифаҳои аввалиндараҷаи инкишофи иқтисодию иҷтимоӣ ба таври марказонидашуда баррасӣ ва ҳаллу фасл мегарданд.

Пас аз ҷудо кардани як қисмати фоидаи тавозунӣ дар шакли андоз аз фоида ва ҳиссаҷудокунӣ ба фондҳои ғайрибуҷетӣ, инчунин баровардани андозҳою ҳар гуна имтиёзҳои қонунӣ аз фоидаи умумии корхона, фоидаи соф ба як қатор фондҳои мақсаднокн аҳамияти дохиликорхонавӣ дошта, тақсим ва истифода мегардад.

Фоидаи софе, ки комилан ба ихтиёри худи корхона мемонад, барои тараққӣ додани базаи моддию техникии корхона, ҳавасмандгардонии кормандон ба натиҷаҳои меҳнати онҳо ва нишондиҳандаҳои ниҳоии фаъолияти корхона, пурра намудани арзиши фондҳои гардони худи муассиса, пардохти ҷаримаҳои иқтисодӣ, додани дивидендҳо ба саҳмгузорон ва дигар мақсадҳои мушаххас равона мегарданд.

Корхона бевосита ба афзоиши устувори андозаи фоидаи соф, ки комилан ба ихтиёри он мемонад ва мустақилона минбаъд бояд ба таври оқилона тақсим ва истифода намояд, ҳавасманд мебошад. Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки ҳар қадар меъёр ё ставкаи андозбандӣ аз маблағи фоида баланд бошад, ҳамон дараҷа қисмати ночизи он ба ихтиёри корхона монда, онро ба инкишофи фаъолияти иқтисодию иҷтимоӣ, ба зиёд намудани истеҳсол, номгӯй ва сифати мол, фурӯши он, баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аъзоёни коллективи меҳнатӣ, ҳавасманд намегардонад. Бинобар ин, ҳам ставкаҳои андоз аз корхонаҳои шакли моликияташон гуногун ва ҳам меъёри тақсимоти фоида барои таъсис додани фондҳои дохилии иқтисодӣ / фонди андӯхт, фонди истеъмол, фонди резервӣ, дивидендҳо, фонди пардохти талафоти бозорӣ ва ғайра/ бояд аз назари иқтисодӣ оптималӣ ё оқилонаю самарабахш бошад.

Дар давраи хозираи хочагидорӣ, фоидаи тавозунии корхона дар шакли зайл тақсим мегардад /ниг. ба накшаи 10.4./.

*Нақшаи 10.4.* Нақшаи тақсимоти фоидаи тавозунӣ




Чӣ тавре, ки аз нақша 10.4. мебинем, аз фоидаи ҳосилшуда пеш аз ҳама андози фоидаю ҳиссачудокуниҳоро мепардозанд. Минбаъд ҳиссаи боқимондаи фоида ҳамчун маблаги дар ихтиёри корхона мондаи вай бо мақсадҳои ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ва ташаккули фондҳои инкишофи истеҳсолот истифода бурда мешавад.

## 10. §5. НУҚТАИ БЕЗАРАРИИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНАРО ЧӢ ТАВР МУАЙЯН МЕКУНАНД?

Дар фаъолияти хоҷагии ҳар як корхонаи истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ ба даст овардани фоида вазифаи басо муҳим ба шумор меравад. Аз ин рӯ, муайян кардани нуктаи безарарӣ дар фаъолияти корхона аҳамияти калони амалӣ дорад. Худи мафҳуми безарарӣ чӣ маъно дорад?

Безарарӣ – ин як ҳолати махсуси иқтисодиёт аст, ки корхона аз фаъолияти хоҷагиаш на фоида мегирад ва на зарар. Аз ин нигоҳ, ошкор сохтани нуқтаи безарарӣ ва сипас аз ин ҳолат гузашта, оғози гирифтани фоида бениҳоят зарур мебошад. Соҳибкор корро бояд тавре ташкил намояд, ки аз истеҳсол ва фурӯши миқдори муайяни маҳсулот дар бозор ҳатман фоида гирад, зеро ин шарти асосии хоҷагидорӣ мебошад. Барои ин ба саволи – кадом миқдор маҳсулотро истеҳсол намуда, баъд онро тиҷорат намоем, ки дар натиҷа корхона фоида гирад? Ин савол дар назари аввал хеле оддӣ бошад ҳам, ба он ҷавоб ёфтан кори чандон саҳл набуда, ҳисобу китоби ҷиддии иқтисодиро талаб менамояд.

Иқтисоддонон дар ин бобат, одатан аз ҳисоб ва таҳлили марҷиналии бо ҳам вобастаи ҳаҷми фурӯши маҳсулот, хароҷоти истеҳсолот ва фоида истифода мебаранд.

Мисоли зеринро дида мебароем. Фарз кардем, ки тавоноии истеҳсолии корхонаи саноатӣ, ки дар шаҳри Душанбе ҷойгир аст, дар як сол ба 100 ҳазор воҳид маҳсулоти тайёр баробар аст. Як воҳиди маҳсулот дар бозор бо нархи шартномавӣ – 10 дирам ба харидорон фурӯхта мешавад. Ҳамин тариқ, ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши маҳсулот бо ҳам баробар буда, ҳазор сомониро /100 ҳазор воҳид х 10 дирам/ ташкил медиҳад.

Истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, албатта харҷҳои пулӣ, яъне арзиши аслии маҳсулотро, ногузир талаб мекунад. Аз рӯи ҳисобу китоби бухгалтерӣ харҷҳои доимии истеҳсолот /бардошти истеҳлокӣ ва иҷорапулии фондҳои асосӣ, харҷи маблағҳои сарфшуда барои идора намудани корхона, харҷи қувваи барқ ва ғайра/ – 2ҳазор сомонӣ ва хароҷотҳои тағйирёбанда /арзиши музди меҳнат, ашёи хом, маводҳо ва ғайра/ ба ҳар як воҳиди маҳсулот 6 дирам, барои ҳаҷми умумии маҳсулоти тавлидгардида ба 6 *ҳазор* сомонӣ (100 000 х 6) баробар аст. Дар ин ҳолат маблағи фоидаи корхона /$\Sigma$ Фк/ ҳамчун фарқи байни ҳаҷми фурӯши маҳсулот /$\Sigma$ Фм/ ва хароҷотҳои доимию /$\Sigma$ хд/ тағйирёбандаро /$\Sigma$ Хт/ ҳисоб карда меёбем. Агар ин вобастагиро бо формула ишорат намоем, он гоҳ $\Sigma$ Фк = $\Sigma$ Фм – $\Sigma$ Хд – $\Sigma$ Хт навишта метавонем.

Дар мисоли овардаи мо, маблағи фоидаи корхона – 2 ҳазор сомониро /10 ҳазор – 2 ҳазор – 6 ҳазор/ ташкил менамояд.

Бо назардошти ин факту рақамҳо оид ба фаъолияти корхона нақшаи 10.5.-ро тартиб медиҳем.

*Нақшаи 10.5.* Вобастагии байни ҳаҷми фурӯши маҳсулот, арзиши аслии маҳсулот ва фоида дар корхонаи истеҳсолӣ




Тавре ки аз нақшаи 10.5 ба таври возеҳу равшан мебинем, дар ҳолати истеҳсоли маҳсулотро ба зиёда аз 70 ҳазор воҳид (ё 5 ҳазор сомонӣ) расонидан, корхона, аз нуқтаи безарарӣ /К/ гузашта, ба минтақаи гирифтани фоида ворид мегардад ва минбаъд ҳам бояд саъю кӯшиш намояд, ки ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши мол дар бозор аз ин андозаи бехавф паст нафарояд.

Барои ҳалли ин гуна масъалаи иқтисодӣ аз тарзу усулҳои гуногун истифода бурдан мумкин аст. Яке аз ин усулҳо, чуноне ки шинос шудем, ин тартиб додани ҷадвал аст, ки вобастагии байни ҳаҷми фурӯши мол, харҷҳои истеҳсолӣ ва фоидаро нишон медиҳад.

Мо мисолро аз фаъолияти корхонаи истеҳсолӣ дида баромадем. Вале дар амали хоҷагидории бозорӣ, боз корхонаҳои дигарро, масалан, тиҷоратӣ, ки танҳо барои фурӯши мол фаъолият менамоянд, мушоҳида кардан мумкин аст. Дар ин мавриД, ҷадвали муайян кардани нуқтаи безарариро дар корхонаи тиҷоратӣ вобастагии байни ҳаҷми гардиши чаканаи мол, хароҷоти муомилот ва фоида ба таври аёнӣ инъикос менамояд.

Усули дигари муайян кардани нуқтаи безарарии корхона – ин ҳисобу китоби махсуси иқтисодӣ аст, ки одатан дар таҳлили иқтисодии марҷиналӣ истифода мебаранд. Бо ин мақсад, аз мафҳумҳои навтарин, ки бо сабаби амалӣ шудани иқтисодиёти бозорӣ пайдо шудаанд, масалан, маблағи умумии даромади марҷиналӣ /ΣДм/, фоида /ΣФ/, харҷҳои доимӣ /ΣХд/, вазни қиёсии даромади марҷиналӣ дар ҳаҷми фурӯши маҳсулот /ΣДм.к./, меъёри даромади марҷиналӣ дар нархи як воҳиди маҳсулот /ΣДм.м./, сатҳи хароҷотҳои тағйирёбанда /ΣХт/ фаровон истифода менамоянд. Инчунин нуқтаи безарарии ҳаҷми фурӯши маҳсулотро бо ΣХб, нархро бо ҳарфи Н, харҷҳои доимиро –ΣХд, ҳаҷми фурӯши маҳсулотро бо ΣХф.м., миқдори фурӯши маҳсулотро бо воҳиди натуралӣ бо Мм ишорат намуда, аз назари математикӣ формулаи даромади марҷиналиро ин тавр навишта метавонем:

$$\Sigma Д_м = \Sigma Ф + \Sigma Х_т \text{, аз ин ҷо } \Sigma Ф = \Sigma Д_м - \Sigma Х_т$$

Аз мисоли дар боло овардаи мо маблағи умумии даромади марҷиналӣ ба 4 ҳазор сомонӣ баробар аст. /2 ҳазор+ 2ҳазор/. Ин нишондиҳандаро боз ҳамчун фарқияти байни ҳаҷми фурӯши маҳсулот /$\Sigma Ф_м$/ ва харҷҳои тағйирёбанда /$\Sigma Х_т$/ ҳисоб намудан имкон дорад, яъне:

$\Sigma Д_м = \Sigma Ф_м - \Sigma Х_т$

ё ин ки 4 ҳазор сомонӣ /10 ҳазор сомонӣ– 6 ҳазор сомонӣ/

Дар ин ҷо $\Sigma Х_т$ ба ҳосили зарби миқдори $М_м$ ба андозаи харҷҳои тағйирёбанда ба як воҳиди маҳсулот /$Х_{т.р}$/, яъне $М_м \cdot Х_{т.р}$ ё 100 ҳазор × 6 дирам =6 ҳазор сомонӣ баробар аст.

Формулаи ҳисоби нуқтаи безарарии ҳаҷми фурӯши маҳсулотро ин тавр навиштан ба мақсад мувофиқ аст:

$$Н_б = \frac{\Sigma Ф_м \cdot \Sigma Х_д}{\Sigma Д_п}$$

Дар мисоли мо $Н_б = \frac{10 \text{ ҳазор} \cdot 2 \text{ ҳазор}}{2 \text{ ҳазор}} = 10\text{ҳаз}$ сомонӣ маҳсулот мебошад.

Аз ин ҳисоби иқтисодӣ маълум мешавад, ки корхонаи истеҳсолӣ дар ҳолати ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши маҳсулоташро аз ҳаҷми хатарнок (дар мисоли мо, 5 *ҳазор* сомонӣ), яъне аз ҳаҷми безарарӣ зиёд намудан, воқеан дар минтақаи гирифтани фоида фаъолият хоҳад намуд. Дар акси ҳол, яъне дар ҳолати аз ин маблағ камтар истеҳсол намудани маҳсулот корхона зарар мебинад, ки комилан мантиқи солими хоҷагидорӣ дар шароити амали му-

носибатҳои бозорӣ, надорад.

Ҳамин тариқ, соҳибкорон ва корхонаҳои шакли моликияташон гуногун бо роҳи ҳисоб кардани нуқтаи безарарии ҳаҷм ё миқдори истеҳсолу фурӯши маҳсулот ва барои ба даст овардани фоидаи доимоафзоянда, дар амали хоҷагидорӣ ниёз доранд.

# БОБИ 11. ТАШАККУЛИ НАРХҲОИ БОЗОРӢ

## 11. §1. НАРХ ВА МОҲИЯТИ ИҚТИСОДИИ ОН

Ифодаи пулии арзиши мол **нарх** номида мешавад. Арзиш бошад, меҳнати ҷамъиятиест, ки барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот сарф мешавад. Андозаи арзиш дар асоси харҷи миқдори меҳнати зарури ҷамъиятӣ муайян шуда, дар воқеъ таҳкурсии нархро ташкил медиҳад. Аммо барои фаҳмидани моҳият ва механизми нарх дар иқтисодиёт ва бахусус тағйир додани дараҷаи зисту зиндагонии мардум нақши бозор хеле калон аст, зеро танҳо тавассути он мо метавонем дар бораи арзиши воқеӣ ва ҷамъиятии он хулосаи дуруст барорем. Арзиш ба истеҳсол ва фурӯши мол вобаста буда, маҳз тавассути бозор бевосита ба дасти истеъмолгарон бурда расонидани он, қадру қимати ҳақиқии худро меёбад. Агар мол, масалан, бо сабаби паст будани сифаташ ва баландии дараҷаи нархаш дар бозор ба фурӯш наравад, пас маълум мешавад, ки меҳнати ба истеҳсоли он сарфшуда ҳам аз нигоҳи ҷамъиятӣ меҳнати зарур набуда, танҳо истифодаи беҳудаи меҳнат аст. Бинобар он моле, ки хароҷоти инфиродии истеҳсолаш аз андозаи меҳнати зарури ҷамъиятӣ пасттар аст, ҳатман бо нархи бозорӣ фурӯхта мешавад ва бо ин восита истеҳсолгари ин гуна мол дар бозор самараи иқтисодӣ, яъне фоида мегирад. Ва баръакс, онҳое, ки арзиши инфиродии молашон аз арзиши зарури ҷамъиятӣ баланд аст, дар шароити бозор зарар мебинанд, зеро нархи бозорӣ аз хароҷоти истеҳсолии он пасттар аст. Танҳо бо роҳи равнақу ривоҷ додани рақобати мол дар бозор, арзиши ҳақиқии мол бо назардошти арза ва тақозо дар бозор муайян мегардад. Бозор сарфи меҳнати инфиродиро, ки дар мол таҷассум ёфтааст, бо сарфи меҳнати зарури ҷамъиятӣ муқоиса менамояд.

Бояд таъкид кард, ки дар шароити иқтисоди бозаргонӣ нархи мол танҳо аз арзиши мол вобаста нест, гарчанде ин омил дар муайян намудани андозаи нарх нақши марказиро дорад ва инро ҳамеша дар хотир бояд нигоҳ дошт. Аммо ба андозаи нархи мол, боз як омили хеле муҳим – таносуби арзаи мол ва тақозои аҳолӣ таъсири бузург мерасонад. Дар натиҷаи тағйир ёфтани ин таносуб нарх аз арзиши мол метавонад ба ин ё он тараф ҳаракат намояд. Чунон як қонунияти хоси бозорӣ амал менамояд, ки мувофиқи он агар миқдори тақозои аҳолӣ аз андозаи арзаи мол зиёд бошад, дар натиҷа нарх аз арзиши мол баланд мегардад. Дар акси ин ҳолат, агар арзаи мол аз тақозои аҳолӣ хеле зиёд бошад, нарх албатта дар бозор паст мешавад. Ниҳоят алоқамандии нарх бо арзиши мол тавассути тағйирёбии таносуби арза ва тақозо таъмин гардида, ин алоқамандӣ дар амалиёти ду қонуни асосии иқтисоди бозорӣ – қонуни арзиш ва қонуни арза ва тақозо ифодаи худро меёбад.

## 11. §2. НАМУДҲОИ НАРХ ВА ШАРҲИ МУХТАСАРИ ОНҲО

Навъҳо ва намудҳои гуногуни нарх низоми нархҳоро ташкил медиҳанд. Ба ин низом нархҳои яклухтфурӯшӣ ва чаканафурӯшӣ ва намудҳои гуногуни онҳо (тарифаҳо) дохил мешаванд.

Нархи яклухтфурӯшӣ як шакли нархест, ки ба воситаи он маҳсулоти тавлидгардидаи кишоварзию саноатӣ дар доираи фаъолияти худи ҳамон корхона ё муассиса хариду фурӯш мешавад. Корхонаҳои тиҷоратӣ бевосита аз тавлидгарони мол ё анборҳои савдои яклухтфурӯшӣ молро бо ҳамин нархҳо, яъне нархҳои яклухтфурӯшӣ харидорӣ мекунанд.

Нархи яклухтфурӯшӣ нархест, ки бо истифодаи он корхонаҳои саноатӣ маҳсулоташонро ба дигар корхонаҳои саноатӣ, кишоварзӣ, савдо, сохтмон, нақлиёт, соҳаи хизматрасонӣ ва дигар ниёзмандони коллективӣ мефурӯшанд. Бо ин нарх, асосан маҳсулоти таъйиноти истеҳсолӣ–техникӣ ва молҳои истеъмоли халқ фурӯшу харид мешаванд.

Ҳоло дар таҷрибаи хоҷагидорӣ нархи яклухтфурӯшии корхона ва нархи яклухтфурӯшии саноат истифода бурда мешавад.

Нархҳои хариди маҳсулоти кишоварзӣ ҳам моҳиятан як намуди мустақили нархи яклухтфурӯшианд. Бо ин нархҳо корхонаҳо ва дигар истеҳсолгарони соҳаи кишоварзӣ маҳсулотро бештар ба давлат мефурӯшанд.

Нархи яклухтфурӯшии корхона аз арзиши аслии маҳсулот ( яъне арзиши ашёи хом ва маводҳо, харҷи музди меҳнат, андозаи бардошти истеҳсолӣ, сӯзишворӣ, барқ, харочотҳои сехӣ ва умумизаводӣ ё умумикорхонавӣ), фоидаи корхонаи тавлидотӣ ва андоз аз арзиши иловашуда таркиб ёфтааст.

Дараҷаи нархи яклухтфурӯшии саноат аз нархи яклухтфурӯшии корхона андаке баландтар аст. Сабаб дар он аст, ки ба таркиби ин нарх омили дигар – скидка (тахфифи) савдои яклухт дохил мешавад. Таъйиноти ин скидкаҳо аз пӯшонидани харочоти муомилот дар савдои яклухт ва инчунин додани кафолат барои гирифтани андозаи муайяни фоида ба манфиати тараққиёти минбаъдаи ин соҳа аст.

Нархи чаканафурӯшӣ як шакли пахншудатарини системаи нарх аст, ки арзиши ниҳоию воқеии моводи истеъмоли халқро нишон медиҳад. Бо ин нарх маҳсулот ба истеъмолгарони бевоситаи он, яъне аҳолӣ асосан аз корхонаҳои тиҷоратӣ фурӯхта мешавад.

Нархи чаканафурӯшӣ ба молҳои истеъмоли халқ дараҷа, таркиб ва намудҳои гуногун дорад.

Корхонаҳои тиҷоратӣ аслан молҳоро аз корхонаҳои истеҳсолӣ ё анборҳои яклухтфурӯшии савдо бо нархи арзонтар, масалан, нархи яклухти саноат, харида, онро оқибат бо нархи баландтар – чакана ба аҳолӣ ба ивази пули нақди дар дасти онҳо буда мефурӯшанд. Бинобар ин, ба ғайр аз ҷузъҳое, ки дар боло номбар кардем, боз скидкаҳо (тахфифи) савдои чакана ва нархи бариловa (натсенка) ба манфиати корхонаҳои хӯроки умумӣ гузошташуда, дохил мешаванд. Аз ҳисоби ин скидкаю бариловаҳо харочотҳои муомилот дар савдои чакана ва хӯроки умумӣ бояд пӯшонида шаванд ва дар баробари ин онҳо низ фоида ба даст оваранд. Дараҷаи скидкаҳои савдо барои аксарияти моводи истеъмолӣ, хоҳ моводи хӯрокворӣ бошад, хоҳ моводи саноатӣ, бо ҳисоби фоиз нисбат ба арзиши чаканаи ин ё он намуди мол гузошта шудааст.

Дар холате, ки сухан дар бобати таркиби нархи чаканафурӯшии ягон номгӯи алоҳидаи мол меравад, масалан, газвори пахтагини артикли П–и иттиҳодияи газворбарории ш. Душанбе, пас мо бояд он унсурҳои асосиро пеши назар орем, ки нархи чаканаи ин мол аз онҳо таркиб ёфтааст.

Аз ин лиҳоз, таркиби як метр газвори пахтагин унсурҳои зерро дар бар мегирад: арзиши аслии маҳсулот, фоидаи корхона, андоз аз арзиши иловашуда, тахфифи савдои яклухтфурӯшӣ ва тахфифи савдои чаканафурушӣ.

Нархи чаканафурӯшӣ намудҳои гуногун дорад. Намудҳои асосии нархи чаканафурӯшӣ инҳоанд: нархи моводи хӯрокворӣ дар бозорҳои ғайридавлатӣ, нархи маҳсулот (аз ҷумла таомҳои гарм) дар корхонаҳои хӯроки умумӣ, нархи моводи мавсимӣ, нархи чаканафурӯшии танзимшаванда, нархи арзоншудаи баъзе намудҳои маҳсулоти истеъмоли халқ, нархи чаканафурӯшии озод ба маснуот ва ғайра.

**Нархи маҳсулоти сохтмон** одатан аз арзиши сметавии ҳар як объекти сохтмон иборат мебошад.

**Тарифаҳои хизматрасонӣ** – як шакли махсуси нарх мебошанд, ки корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ ба аҳолӣ (нақлиёти мусофиркаш, кино, театр, ҳаммом ва г.) бар ивази хизмати онҳо пешкаш менамоянд. Инчунин нархҳои музоядавӣ ва нархҳои биржавиро фарқ кардан зарурат дорад.

Таъйиноти асосии кулли намудҳои нарх, ки дар қаламрави ҷумҳурӣ истифода мегарданд, аз он иборат аст, ки харҷҳои истеҳсолӣ ва тиҷоратиро пӯшонида, боз барои ба даст овардани фоидаи иқтисодии кифоя имконият фароҳам созанд.

Вақте, ки мол берун аз марзи мамлакат ба давлатҳои хориҷӣ фурӯхта мешавад ё баръакс аз онҳо харида шуда, ба қаламрави он ворид мегардад, дар ин маврид мо нархҳои тиҷоратии хориҷиро истифода менамоем. Онҳо дар навбати худ бо нархҳои содиротӣ ва нархҳои воридотии молу хадамот қисмат мешаванд.

Низоми нархи маҳсулот ва хадамотро вобаста аз омилҳои ба он таъсиррасонанда ба панҷ гурӯҳи асосӣ қисмат кардан мумкин аст:

1) аз рӯи хизматрасонӣ ба соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ ва берунаи иқтисодӣ (нархи яклухти маҳсулоти саноатӣ; нархи хариди маҳсулоти корхонаҳои кишоварзӣ; нархҳои маҳсулоти сохтмон; тарифаҳои нақлиёт ва намудҳои он (ҳавоӣ, роҳи оҳан, обӣ, автомобилӣ); нархи моводи истеъмоли шахсӣ; тарифаҳои хизматрасонӣ ба аҳолӣ; нархҳои савдои ҷаҳонӣ);

2) аз рӯи сатҳи иштироки давлат дар нархгузорӣ (нархҳои бозорӣ; нархҳои озод; нархҳои инҳисорӣ; нархҳои демпингӣ; нархҳои танзимшаванда; нархҳои сатҳашон қайдшуда ё ҳудудӣ);

3) аз рӯи зинаҳои нархгузорӣ (нархҳои яклухти тавлидгарони маҳсулот; нархҳои яклухти тиҷоратӣ; нархҳои яклухти хариди маҳсулоти кишоварзӣ; нархҳои чаканафурӯшии мол);

4) аз рӯи таъсири омили нақлиёт (нархҳои франко–анбори тавлидгари мол; нархҳои франко – вагони интиқолдиҳандаи мол; нархҳои франко – вагони стансияи интиқолдиҳандаи мол; нархҳои франко – вагони стансияи таъйингардида; нархҳои франко – вагони анбори истеъмолгари мол;) Дар ин ҷо, вожаи франко маънии озод буданро дорад, ки таҳвилгари мол агар молро бо шарти франко – вагони стансияи таъйингардида дар асоси шартнома ба харидори мол (масалан, корхонаи савдои чакана) фурӯшад, он гоҳ

харочоти боркашонӣ ба воситаи роҳи оҳан пурра ба арзиши аслии маҳсулоти таҳвилгари мол дохил мегардад. Корхонаи савдо аз пардохти ин гуна харочотҳои наклиётӣ мувофиқи қарордод ва шарти интиқоли мол комилан озод мебошад;

5) аз рӯи моҳияти иттилоот оид ба нарх (нархҳои аҳдномаҳои ҳақиқӣ; нархҳои музоядавӣ; нархҳои биржавӣ; нархҳои шохисӣ; нархҳои индивидуалӣ ё фардӣ).

Таркиби нархҳои яклухт ва чаканаи мол аз унсурҳои зерин иборат аст.

Нархи яклухти корхона = арзиши аслии истеҳсол ва фурӯши мол + андозаи фоидаи корхонаи истеҳсолӣ;

нархи яклухти саноатӣ = нархи яклухти корхона + андози аксиз + андози арзиши иловашуда;

нархи яклухти хариди маҳсулоти кишоварзӣ = арзиши аслии маҳсулот + фоидаи корхонаи хариди маҳсулоти кишоварзӣ + харочоти корхонаи миёнарав + андоз аз арзиши иловашудаи корхонаи миёнарав;

нархи чаканафурӯшии мол = нархи яклухти саноатӣ + харочоти корхонаи савдои чакана + фоидаи корхонаи савдои чакана + андоз аз арзиши иловакардаи корхонаи савдои чакана.

Дар мавриди маводи истеъмолиро аз хорича кашонда овардан нархи чаканаи мол = нархи озоди хариди мол + андози аксиз + бочу хирочи гумрукӣ (пошлина) + андоз аз арзиши иловашуда ба арзиши гумрукии мол + нархи бариловаи савдои чакана (тахфифи чаканафурӯшии мол).

Нархҳои бозорӣ ва сатхи онҳо бошанд, ба таносуби байни арза ва тақозои мол дар бозор вобастагии зич доранд.

# ҚИСМИ ЧОРУМ
# МАКРОИҚТИСОД

## БОБИ 12. ХИСЛАТҲО ВА НАТИҶАҲОИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

### 12. §1. ТАРКИБУ РАВИШҲОИ ИҚТИСОДИЁТИ ТОҶИКИСТОН

Макроиқтисод – мухтасаран "иқтисоди калон" ҳисобида мешавад, яъне агар дар рафти таҳлилу омӯзишҳои макроиқтисодӣ равишҳову ҳодисаҳои иқтисодии хурд – дар микёси корхонаҳо, унсурҳои ҷудогонаи иқтисодӣ маънидод карда шаванд. Дар рафти таҳлилу омӯзиши макроиқтисодӣ ҳодисаи иқтисодии мансуби тамоми мардумон – ҷомеа дар назар дошта мешавад. Дуруст аст, ки асосу пояи иқтисоди калонро ҳам амалан равишҳои иқтисодии хурд ба миён меоваранд. Яъне дар байни иқтисоди хурд ва калон ҳамбастагию алоқамандии дутарафа ҷой доранд. Онҳоро аз ҳамдигар ҷудо кардан низ нодуруст мебошад. Аммо илм бо мақсади соддабаёнӣ ҳар як аз онҳоро ҷудогона маънидод мекунад.

Аз нуқтаи назари умумӣ чӣ гуна тавсиф ба иқтисодиёти Тоҷикистон мансуб аст? Ҳанӯз соли 1991–ум зери таъсири парокандашавии ИҶСШ–и собик, ҷумҳуриамон мамлакати соҳибистиқлол гардид. Мутаассифона аз паи он ба ҷои рушду камол марҳалаи бӯҳрони шадиди иқтисодиву сиёсӣ, афкори ҷомеа ва хоҷагидорӣ фаро расид. Ин бӯҳронро қувваҳои ғаразноку мансабталоши дохилию берунӣ ба миён оварданд. Инкишофи ватан ба якчанд муддат боздошта шуд. Робитаҳои иқтисодии пештара канда шуданд, касодию фалокат ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти мардумонро фаро гирифт.

Қувваҳои мансабхоҳу меросталош торафт ҷоннок гардида, ҷумҳуриро ба вартаи ҳалокат ворид намуданд. Корхонаҳои сершумор аз фаъолият бозмонданд, истеҳсолот катъ гардида буд ва вазъи бӯҳронӣ ҳаёти мардумонро фаро гирифт. Қувваҳои зидди пешрафт иқтидори худро зам карда, ба ҳуҷуми кушод гузаштанд. Инак ҷанги шаҳрвандии мардумони мамлакат ба миён омада, боиси талафоти беназири иқтисодию сиёсӣ, фарҳангию ахлоқӣ ва

амсоли инҳо гардид. Мардумони сершумор рӯй ба ҳиҷрати иҷборӣ оварданд. Тамоми ҳаёт равиши бомароми худро гум карда, ба ҷараёни ҳалокатовар дохил гардид. Корхонаҳо ва соҳаҳои ҷудогонаи истеҳсолот муддати дароз фаъолиятро қатъ намуда, рӯй ба таназзулу қафоравӣ оварданд. Ин корхонаву соҳаҳо ба 3–4 даҳсола қафо партофта шуданд. Ғорату харобгардонии саросари хоҷагиҳо ба миён омад. Кормандони сершумор истеҳсолотро тарк намуда, зери таъсири нобасомониҳо тарки ватан карданд ва ё аз паи дастрас гардонидани қути лоямут ба ҷойҳои дуру наздик ҳиҷрат карданд. Зиддияту норасоиҳо ва касофату ҷароҳатҳои ҳаёти ҷомеа рӯи об баромада, боиси вайроншавии ахлоқ, ба саҳна омадани ҷинояткорӣ, гардиданд. Ин ҳолат то соли 1995–ум давом ёфта ба ҷумҳурӣ харобиҳои зиёде овард. Мардумони ҷумҳурӣ ба мӯхтоҷию қашшоқии саросар гирифтор гардиданд. Иқтисодиёт фалаҷ шуда монд.

Зери таъсири кӯшишҳои қувваҳои дохилию берунӣ ватанхоҳию идроки солим ҷанги шаҳрвандӣ қатъ карда шуда, чораҳои солимгардонии иқтисодиёт пеш гирифта шуданд. Аз соли 1996–ум қафоравии истеҳсолот тадриҷан боздошта шуд. Ҳукумат чораҳои солимгардонии иқтисодро ҷуста, ислоҳоти иқтисодии ҷумҳуриро пеш гирифт. Оҳиста—оҳиста корхонаҳо аз нав барқарор карда мешуданд. Фаъолияти истеҳсолию соҳибкорӣ аз нав ҷоннок гардид. Қисме аз корхонаҳои пештара аз нав ба фаъолият шурӯъ мекарданд. Гӯё ҷомеа аз хоби гарону амиқ бархеста, андак ба ҳаракат меомад. Ворид шудани муносибатҳои бозорӣ ба ҳаёти мардумон боиси ҷоннокшавии тиҷорат гардид. Зери таъсири қонунҳои нави қабулшуда, иқтисодиёт аз нав фаъолияти худро барқарор менамуд. Вазъи истеҳсолот ногувор бошад ҳам, фаъолияти тиҷорат торафт авҷ гирифта, соҳибкорону кормандони зиёдтарро ба доираи худ мекашид.

Ҳамин тавр дар оғози нимаи дуввуми солҳои 90—уми асри XX иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳолати баъди бемории вазнинро дошт. Дар намуди умумӣ Тоҷикистон ҷумҳурии кишоварзию саноатӣ мебошад. Лекин корхонаҳои саноатии вай оид ба коркарди маҳсулоти кишоварзию канданиҳои фоиданок афзалиятноканд. Илова бар он ҳиссаи сершумори корхонаҳои саноатӣ дар арафа ва солҳои ҷанги дуюми ҷаҳонӣ барпо карда шудаанд. Аз ин ҷиҳат таҷҳизоту технологияи онҳо таи даҳсолаҳои охир ҳеҷ нав карда нашудаанд. Бинобар он ба тақозои замон ҷавобгӯй нестанд. Сонияи ин корхонаҳо соҳибтахассусони худро аксаран аз даст дода, қобили фаъолияти фоиданок нестанд.

Норасоии кормандони соҳибтаҷриба, ашёи хом, сармоя, тарзи кӯҳнаи коркард, гаронии нархҳо ба фаъолияти дилхоҳи онҳо монеъ мешуданд.

Вале хушбахтона қафоравии истеҳсолот боздошта шуда, то рафт ҷоннокшавии он амри воқеъ мегардид. Бо қадамҳои ноустувору ноаён бошад ҳам, иқтисодиёт майли пешравиро ба худ гирифта буд. Аз соли 1997 афзоиши ҳаҷми умумии маҳсулоти дохилӣ шурӯъ гардид, вай назар ба соли пештара 101,7%, соли 1998 – 105,3% ташкил дода буд. Ҳамин тавр иқтисодиёт аз қафоравӣ рӯ ба инкишоф овард. Таъминоти мардумон бо нону озуқа, маҳсулоту хизматҳо бештар шуд. Вазъи сиёсии мамлакат ҳам тадриҷан ба беҳбудиҳо нигаронида шуд.

Иқтисодиёти мамлакатро дар ҳадди чорчӯбаи он иқтисодиёти миллӣ меномапд. Ин гузориш ба мақсади аз иқтисодиёти мамлакатҳо ҷудо карда-

ҳам дучор меоем, ки номи ҳисобҳои такрориро гирифтааст. Барои аниқ муайян кардани натиҷаҳои истеҳсолот нишондиҳандаҳои маҳсулоти ниҳоӣ ва мобайниро фарқ мекунанд. Одатан маҳсулоти ниҳоӣ ҳамон неъматҳову хизматҳое мебошанд, ки ҷабҳаи тавлидгарию истеҳсолро тарк намуда, барои истеъмолот—қонеъгардонии талаботи мардумон истифода мешаванд. Масалан, пахтаи хом барои хоҷагиҳои деҳқонӣ, колхозҳову совхозҳо маҳсулоти ниҳоӣ мебошад. Онро заводҳои пахтатозакунӣ ҳамчун ашё истифода бурда, аз он наху чигит истеҳсол мекунанд. Нахи пахта дар корхонаҳои ресандагӣ ҳамчун ашёи асосӣ кор фармуда шуда, аз он ресмон тайёр карда мешавад. Ресмон минбаъд дар истеҳсолоти бофандагӣ барои тайёр кардани матоъ истифода мешавад.

Аммо матоъ ҳам маҳсулоти ниҳоӣ нест, чунки минбаъд аз он корхонаҳои дӯзандагӣ бояд либос тайёр намоянд. Либосҳои дӯхта маҳсулоти ниҳоии ин ҷабҳаи фаъолият ба шумор меравад.

*Ҷадвали 12.1* Тарҳи ҳисобкунии ҳаҷми маҳсулот

| № | Давраҳои коркард | Номгӯи маҳсулот | Маҷмӯи фурӯши маҳсулот сомонӣ | Арзиши иловашуда сомонӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Хоҷагии деҳқонӣ | як кг. пахтаи хом | 7 | 7 |
| 2 | Корхонаи пахтатозакунӣ | як кг. нахи пахта | 9 | 2 |
| 3 | Фабрикаи ресандагӣ | як кг. ресмон | 13 | 5 |
| 4 | Фабрикаи бофандагӣ | 1 метр матоъ | 17 | 4 |
| 5 | Фабрикаи дӯзандагӣ | 1 дона, либоси тайёр | 25 | 8 |
| 6 | Ҳаҷми умумии фурӯш | | 71 | 26 |

Чӣ тавре ки аз ҷадвал мебинем, агар ҳаҷми умумии маҳсулот мувофиқи ҳаҷми маҳсулот аз рӯи ҳаҷми фурӯши ҷамеи корхонаҳо муайян карда шавад, он гоҳ ҳамчун натиҷаи ҳисобҳои такрории маҳсулоти мобайни он ба 71 сомонӣ мерасад. Ҳол он ки ин рақам маҳсулоти ҳақиқиро тасвир намекунад. Бинобар он бо мақсади бартараф намудани таъсири ҳисобҳои такрорӣ андозаи арзиши иловашударо муайян мекунанд, ки мувофиқи ҷадвал ба 26 сомонӣ баробар аст.

Ҳамин тавр барои ҳисоби ҳаҷми маҳсулот нишондиҳандаи умумии арзиши иловашударо муайян менамоянд. Вай нисбатан аз ҳисобҳои такрорӣ то андозае соқит буда, вазъи амалии истеҳсолотро то андозае тасвир карда метавонад. Ҳоло мувофиқи тавсияи СММ ин нишондиҳанда дар шумораи зиёди мамлакатҳо ҳисоб карда мешавад. Тоҷикистон ҳам аз аввали солҳои 90–ум ба истифодаи он гузашта буд. Ғайр аз он бо мақсади баҳо додан ба вазъи иқтисодии мамлакат нишондиҳандаи истеҳсоли миёнаи арзиши иловашударо ба ҳар як нафар аҳолии мамлакат ва ё маҳсулоти миллиро ҳисоб мекунанд. Барои ҳосил кардани он ҳаҷми умумии маҳсулоти дохилиро ба

шумораи аҳолӣ тақсим мекунанд. Соли 1995 вай дар Тоҷикистон 1149,2 млн. сомониро ташкил дода буд.

Ба ҳар нафар аҳолии мамлакат вай ҳамон сол 197,8 сомонӣ ва ё 254,2 доллари амрикоиро ташкил карда буд. Ин нишондиҳанда соли 1995 дар Русия 3960 доллар, Ҷопон – 20169 доллар ва дар ИМА – 24034 доллар буд. Солҳои минбаъда дар Тоҷикистон ин нишондиҳанда боз пасттар шуда буд.

Бояд иқрор шуд, ки таи даҳсолаи охир зери таъсири беқурбшавӣ нархи молҳо якзайл баланд шуда мераванд. Афзоиши нархҳо худ ба худ ҳаҷми маҳсулотро дар ифодаи нархӣ зиёд мекунад. Барои бартараф кардани ин таъсир ҳаҷми муқоисавии маҳсулотро бо нархҳои доимӣ (қиёсшаванда)ҳисоб мекунанд.

Се роҳи асосии ҳисоб кардани ҳаҷми умумии маҳсулоти дохилиро ҷудо мекунанд:

1. Роҳи ҳамчун даромадҳо ҳисоб кардан.
2. Роҳи ҳамчун масориф ҳисоб кардан.
3. Роҳи ҳамчун ҳосили ҷамъи маҳсулоти корхонаҳо ҳисоб кардан.

Акнун ба таҳлили ҳисобкунии маҳсулот ҳамчун даромадҳо мегузарем. Ин қоида дар назар дорад, ки даромадҳои соҳибони омилҳои истеҳсолот: меҳнат, замин, сармоя, соҳибкорӣ ҷамъ карда мешаванд. Одатан соҳибони меҳнат мардумони дорандаи тахассус, қувваи коргарӣ мебошанд ва дар ивази меҳнат музди кор мегиранд. Сатҳи музди кор ба омилҳои сершумор тобеъ мебошад. Ҳоло дараҷаи он дар мамлакат ниҳоят паст аст. Соҳибони замин одатан рентаи заминро мегиранд. Дар мамлакати мо заминҳо мулки давлатӣ мебошанд. Соҳибони сармоя маблағи барқароркуниро (амортизасия) ва соҳибкорон натиҷаи музди амалиёти соҳибкориро ба даст меоваранд. Соҳибони сармоя дар ивази истифодаи он маблағи барқароркуниро (амортизасия) ҷудо мекунанд. Дар назар доштан зарур аст, ки гурӯҳи алоҳидаи кормандон, соҳибтахассусони алоҳида фаъолияти инфродӣ мебаранд ва ҳаққи меҳнатро аз мизоҷон меситонанд. Ғайр аз он давлат ба шаҳрвандон бо мақсадҳои кӯмаку ёрмандӣ маблағҳо медиҳад, ки номи трансфертҳоро гирифтаанд, ё ин ки маҳсулоту хизматҳоро ройгон пешниҳод мекунад. Ин масраф даромади шаҳрвандонро зиёдтар мегардонад.

Ҳисобкунии МУД ба роҳи ҳисоби хароҷот ба назар гирифтани чор ҳиссаи асосии онҳоро тақозо мекунад:

1. Истеъмолоти шахсӣ (сарф барои харидани молу хизматҳои ҳархела).
2. Маблағгузориҳои дохилии хусусӣ.
3. Масорифо давлатӣ.
4. Содироти холис.

Роҳи сеюми ҳисобкунии МУД–ро омори давлатии Тоҷикистон ҳамчун одат истифода мебарад. Барои бо ин усул ҳисоб кардани ҳаҷми маҳсулот одатан маҳсулоти ниҳоии корхонаву муассисоти тавлидгариро дар ҳар як соҳа муайян намуда, ҳосили ҷамъи онҳоро мебароранд. Ин усул ҳисоби такририро дар назари мо зиёдтар роҳ дода метавонад.

Дар омӯзишҳои иқтисодӣ мафҳуми «Маҳсулоти холиси миллӣ»–ро истифода мебаранд. Барои муайян кардани ҳаҷми он аз маҳсулоти умумӣ ҳиссаи маблағи барқароркунӣ (амортизасия)–ро тарҳ мекунанд. Ин нишондиҳанда танҳо дар шакли арзишӣ муайян шуда метавонад.

Нишондиҳандаи дигар "Маҳсулоти ниҳоӣ" мебошад. Одатан онро аз

рӯи таъйиноти молу хизматҳои дар корхона истеҳсолшаванда нишон медиҳанд. Ҳамон маҳсулот ниҳоӣ мебошад, ки дигар коркарди он дар корхона қатъ ёфта, одатан ба мубодила пешкаш мегардад. Дар ҳамин равиш молҳои нимтайёр, нимфабрикатҳо, хизматҳо барои дигарон низ ҷой дошта метавонанд. Мисол, комбинати абрешим ҳиссаи асосии абрешимҳоро барои бофтани шоҳӣ истифода мебарад, аммо ҳиссаи ками абрешимро ҳам ба корхонаҳои дигар мефурӯшад ва хизмати алоҳидаи дархостгаронро бо кувваи худ ба иҷро мерасонад.

Ғайр аз он бо мақсади таҳлили иқтисодӣ нишондиҳандаҳои маҳсулоти умумии миллии ҳақиқӣ ва умумиро низ ҳисоб мекунанд. Маҳсулоти умумии ҳақиқӣ бо роҳи муқоисаи ҳаҷми маҳсулот ва индекси нархҳо муайян карда мешавад. Нишондиҳандаи умумии маҳсулот бошад, ҳаҷми онро бо нархҳои ҷорӣ тасвир мекунад:

$$\text{МУМ ҳақиқӣ дар соли 1995} = \frac{\text{Ҳаҷми умумии маҳсулот}}{\text{Индекси нархҳо}}$$

Афзоиши ҳаҷми маҳсулот мавриди вазъи сокити иқтисодиёт имкон медиҳад, ки ҳиссаи зиёдтар барои истеъмолоти мардумон ҷудо карда шавад. Бинобар он вай ҳамчун омили афзун гардонидани сатҳи зиндагонии мардумон хизмат менамояд.

## 12. § 3. ИСЕҲСОЛ ВА ИСТИФОДАИ ДАРОМАДИ МИЛЛӢ

Даромади миллӣ – нишондиҳандаи муҳимтарини макроиқтисодӣ мебошад. Даромади миллӣ нишон медиҳад, ки дар давоми сол (нимсола) чӣ қадар неъматҳо ва воситаҳои истеҳсолоту хизматҳо истеҳсол карда шудаанд. Аз ин рӯ, даромади миллӣ сатҳи муайяни истеъмолоти мардумон ва дараҷаи некӯаҳволии онҳоро таъмин менамояд.

Ҳаҷми даромади миллиро омори ҳозира ҳамчун ҳосили ҷамъи даромадҳои холиси дар корхонаҳо истеҳсол шуда муайян менамояд. Дар ҳолати ҷудогона барои ҳосил кардани ҳаҷми даромади миллӣ аз Маҳсулоти умумии миллӣ (МУМ) ҳиссаи фонди таҷдид—барқароркунии сармояи доимӣ ва андозҳои ғайримустақимро тарҳ мекунанд. Рақами ҳосилшаванда ҳаҷми даромади миллиро нишон медиҳад, ки онро баъзан Маҳсулоти софи миллӣ (МСМ) ҳам меноманд. Ҳарчанд баъзе тафовутҳо низ дар байни ин ду нишондиҳанда гузошта мешавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки андозаи даромади миллӣ ба омилҳои истеҳсолот, сатҳи ҳосилнокии меҳнат тобеъ мебошад.

Замонҳои пеш ақидае ҳукмрон буд, ки мувофиқи он ҳаҷми даромади миллӣ ба вазъи ҷуғрофию муҳити мамлакат вобаста дониста мешуд. Ҳоло бошад, тамаддун намунаеро ба миён овардааст, ки ин ақидаро инкор мекунад. Масалан, мамлакати Ҷопон аз рӯи захираҳо нодору номувофиқ бошад ҳам, ҳоло яке аз мамлакатҳои беҳамтои ҷаҳони имрӯза дониста мешавад. Илму техника, тарзи камхарҷу пешқадами коркарди маҳсулот дар корхонаҳои мамлакат имкон додаанд, ки вай танзиму идораи дилхоҳи иқтисодро ба роҳ монда, дар мавқеи ҷаҳони имрӯз мақоми намоёнро ишғол менамояд.

Чунонки пештар таъкид кардем, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам соҳиби имконоти иқтидори беҳамто мебошад. Дар қаламрави Тоҷикистон зиёда аз

60% обхои софи Осиёи Марказӣ ҷорианд. Дарёҳову сойҳои сершумори пуртугёни кӯҳӣ захираи беҳамтои энергетикӣ мебошанд. Табиати солиму пок барои ҳаёту истироҳати бофарогат мутобиқ мебошад. Иқлими мамлакат имкон медиҳад, ки дар боғҳояш меваҳои сершумору гуногуни ширин, болаззати аз нигоҳи экологӣ пок парварида шаванд. Миқдори зиёди рустаниҳои худрӯй хислати шифобахшӣ доранд. Дар заминҳои обёришаванда тӯли сол якчанд ҳосил рӯёнидан имконпазир аст. Захираҳои табиии мамлакат ҳам беназиранд. Дар сурати оқилонаву ғамхорона истифода шуданашон шукуфонии ҳақиқии иқтисодро таъмин карда метавонанд.

Бояд эътироф кард, ки таи солҳои собиқи шӯравӣ иқтисодиёти мамлакат равиши яктарафаю ашёгӣ ва кишоварзиро ба худ гирифта буд. Аз се ду ҳиссаи неъматҳои зарурӣ, 75 – 80% воситаҳои истеҳсолот аз мамлакатҳои дигар кашонида мешуданд. Тоҷикистон аз рӯи захираҳои намаки ошӣ дар ҷаҳон ҷои аввалро ишғол кунад ҳам, барои эҳтиёҷоти мардум намаки ошӣ аз Арманистону Озарбойҷон кашонида мешуд. Ин далелҳо шаҳодат медиҳанд, ки таи солҳои шӯравӣ иқтисодиёти мамлакат такону пешравии намоёнро соҳиб гардида бошад ҳам, ин амалан пешравии яктарафаю камсамар буд. Ҳоло бошад, ба туфайли расидан ба истиқлолият ва ташкил ёфтани давлати соҳибихтиёр ин имконот ба нафъи пешрафти иқтисодию некӯаҳволии мардум истифода шуда метавонанд. Барои ба ин натиҷаҳо расидан давлати Тоҷикистон бояд ҳамчун қувваи роҳнамою танзимгар ва мусоидаткунандаи пешрафт хизмат намояд.

Албатта, Тоҷикистон дар роҳи ба комёбиҳои тамаддун расидан монеаҳову душвориҳои зиёдеро низ бояд паси сар намояд. Ин душвориҳо хеле зиёданд, вале намудҳои асосии онҳо инҳоянд: 1) норасоии сармоя, 2) сатҳи нокифояи инкишофи илму техника, 3) норасоии корхонаҳои саноатии мошину дастгоҳсоз, 4) дараҷаи нокифояи инкишофи роҳҳо, 5) канда буданн минтақаҳову масоҳатҳо аз ҳамдигар, 6) номутаносибии омодасозии соҳибтахассусон, 7) марҳалаи аввалро аз сар гузаронидани муносибатҳои бозорӣ, соҳибкорӣ ва монанди инҳо мебошанд. Яке аз равияҳои намоёнтарини инкишофи минбаъдаи иқтисодиёти Тоҷикистон тағйироти назарраси таркиби он буда метавонад.

Тамаддуни имрӯзаи башариро тамаддуни иттилоотӣ меноманд. Дар ин марҳала мавқеи илму фарҳанг ва таъсири он ба равишҳои иқтисодӣ ниҳоят пурзӯр мегардад. Албатта, имкони инкор нест, ки халқи мо аз замонҳои қадим халқи бофарҳангу илму маърифатдӯст буд. Вале маърифату фарҳанги қадима ҳоло комёбии таърихианд. Барои пешрафти имрӯзаи иқтисод бояд илмҳо ва тахассусҳои мутобиқи тақозои замон ривоҷу равнақро соҳиб гарданд. Махсусан равишҳои ба коркарди замонавии маҳсулот (технология) мусоидаткунанда, техника, иттилоот дар мадди аввал меистанд. Дар ин ҷабҳаҳо ҳоло комёбиҳо назаррасу сатҳи дилхоҳ надоранд.

Таъкид ҷоиз аст, ки мо то ҳол натиҷаҳои амалии фаъолияти иқтисодро мадди назар овардем, ки амалан эътироф шудаанд. Дар баробари ин бо мақсади таҳлилҳои иқтисодӣ ҳисоби ҳаҷми даромади миллии номию ҳақиқиро ҳам ҷудо мекунанд. Агар ҳаҷми даромади миллӣ бо нархҳои ҷорӣ муайяну ҳисоб шаванд, онро ҳаҷми номии даромади миллӣ ҳисоб мекунанд.Дар бисёр мавридҳо афзоиши даромади миллӣ ҳамчун натиҷаи бекурбшавию афзоиши нархҳо ҳам ҷой дошта метавонад. Барои ин таъсир-

ро бартараф сохтан ҳаҷми даромади миллиро бо нархҳои бетағйири соли муайян ҳисоб мекунанд. Ин гуна нишондиҳанда аз норасиҳои оморӣ холӣ ва барои қиёс комилан мувофиқ мебошад.

Дар таҳлилҳои иқтисодӣ дар асоси муқоисаи ҳосилнокии меҳнат, шумораи кормандону бекорон ҳаҷми имконпазири даромади миллиро ҳисоб намуда, талафоти ба миён омадаро низ ҳисоб карда метавонанд. Мисол, шумораи бекорони соли ҷориро ба сатҳи ҳосилнокии меҳнати кормандон зарб намуда, талафоти даромади миллиро ё ин ки талафоти бекориро муайян месозанд.

Нишондиҳандаи дигаре, ки барои омӯзишҳои иқтисодӣ зарур мебошанд, даромади шахсии ҳақиқӣ (ДШҲ) аст. Ҳаҷми умумии онро бо роҳи аз даромади миллӣ тарҳ кардани маблағи бимаи иҷтимоӣ, андоз аз фоидаи корхонаҳо, фоидаи тақсимшуда, андозҳои инфродӣ ва зам кардани пардохтҳои трансфертӣ, муайян мекунанд. Вай даромади амалии шаҳрвандонро нишон медиҳад, ки барои истеъмолот ва пасандоз сарф карда мешавад.

Одатан дар ҳаҷми маҳсулоти умумию даромади миллӣ ҳаҷми маҳсулоти иқтисодиёти ниҳонӣ дохил намешавад. Одатан иқтисодиёти ниҳонӣ фаъолияти муқобили қонунҳоро дорад. Бинобар он маҳсулоту фоидаи дар ин гуна корхонаву муассисот истеҳсолшуда ба таври расмӣ қайд намешавад. Ғайр аз он хонаводаҳо ҳам ҳиссаи маҳсулоту хизматҳои дар дохили оилаву хонавода масраф шавандаро ҳисоб намекунанд. Дар ин бобат маълумоти оморӣ ҳам пешкаш намегарданд. Аммо баъзан бо мақсади аниқӣ бо роҳи ҳисобҳо, тақрибан ин ҳиссаҳоро ҳам ба ҳаҷми умумии маҳсулот ворид мекунанд.

Муаммои дигар тақсимоту истеъмоли даромади миллӣ мебошад. Амалан ҳиссаи зиёдтари даромади миллӣ дар рафти истеҳсоли он тақсим карда мешавад. Воситаҳою роҳҳои дигари тақсим ва аз нав тақсимкунандаи даромади миллӣ андозҳо, ҳаққи аъзогӣ, нархҳо, тарифи хизматҳо мебошанд. Мардумон даромадашонро аз ҳама пеш барои эҳтиёҷоти худ ба ғизо, либос, манзилгоҳ, дигар молҳои саноатӣ ва монанди инҳо сарф мекунанд. Яъне онҳо дар ивази даромадашон молҳову хизматҳоро харида, истеъмолоташонро ба роҳ мемонанд. Чанд соли охир ҳиссаи намоёни даромадҳо барои харидани озуқаворӣ (то 80%) сарф карда мешавад. Дар ин хароҷот ҳиссаи намоёнро нон, қанд, равған, картошка ишғол мекунанд. Хароҷот барои харидани маҳсулоти чорво (гӯшт, шир, панир, тухм) хеле ночиз мебошад. Худи ҳамин ҳолат дар бобати ниҳоят паст будани сатҳи зиндагонии шаҳрвандони мамлакат шаҳодат медиҳад.

## 12. § 4. ТАРКИБИ САРВАТИ МИЛЛАТ

Сарвати миллат яке аз нишондиҳандаҳои иқтисодии мамлакат ба шумор меравад. Барои фаъолияти иқтисодиёт сарвати миллат аҳамияти ҳалкунанда дорад. Дар илми иқтисодӣ ду равияи асосии маънидоди сарвати миллат ба миён омадааст;

1) маънидоди маҳдуди сарвати миллат;
2) маънидоди васеи сарвати миллат.

Мувофиқи маънидоди равияи аввал зери мафҳуми "сарвати миллат" ҳамаи он неъматҳое фаҳмида мешавад, ки дар тӯли мавҷудияти давлат ё

мамлакат ба миён оварда шудаанд. Мувофиқи ин маънидод ба сарвати амалии миллат маҳсули меҳнати мардумони мамлакат дар замонҳои пешинаю ҳозира дохил карда мешаванд. Одатан ин неъматҳо бояд зери таъсири истеъмолу истифодабарии мардумон дар гузашта ва ё давраи ҳозира бошанд. Сарвати миллат мувофиқи мазмун ва таъйиноти худ бояд дастраси тамоми мардумон – аъзоёни ҷомеа бошад.

Маънидоди сарват дар ин равиш тамоми захираҳои истеҳсолӣ (фондҳои асосиву гардон), сарчашмаи энергия, маҳсулоти истеҳсолшудаю дар захира буда ва монанди инҳоро дар назар дорад. Ба сарвати миллат фондҳои ғайриистеҳсолӣ, иншооту сохтмонҳо, шаҳру деҳот, маҳалҳои аҳолинишин, роҳҳо, воситаҳои боркашонӣ, биноҳои истиқоматию таъйиноти фарҳангӣ ва монанди инҳо мансуб дониста мешаванд.

Гурӯҳи иқтисодшиносон маънидоди васеи сарвати миллатро ҷонибдорӣ мекунанд. Мувофиқи маънидоди ин равия ба мафҳуми сарват тамоми неъматҳо, имконот, шароити иқлиму муҳит, захираҳои табиӣ, комёбиҳову таҷрибаи истеҳсолӣ, илмию техникӣ, фарҳангии мардумон, сифату таҷрибаи қувваи коргарии ҷомеа, иттилоот, сарвати фарҳангию таърихӣ ва монанди онҳо мансуб дониста мешаванд. Маънидоди ин равия як нуқсоне дор, ки на ҳамаи таркибдиҳандаҳои дар боло номбурдаи сарвати миллатро муовизаву чен кардан имконпазир аст. Масалан, захираҳои табиии мамлакат ниҳоят зиёд буда метавонанд. Аммо барои истихроҷи онҳо маблағҳои зиёдеро масраф намуда, истеҳсоли онҳоро ҳамаҷониба тадқиқ мекунанд ва пасон ба истихроҷ шурӯъ менамоянд. Агар ҷустуҷӯву тадқиқот ва иктишофи (тадқиқу омӯзиши) геологии сарватҳои зеризаминӣ гузаронида нашуда бошанд, истихроҷи ин боигариҳо одатан ба роҳ монда намешаванд. Ё ин ки Тоҷикистон аз рӯи захираҳои энергетикии обӣ мавқеи мусоидро ишғол намуда, боигарии зиёдеро дорост, вале танҳо бо шарти бастани маҷрои дарёҳо ва сохтмони истгоҳҳои барқӣ истифода шуда метавонанд. Ҳангоми истифодаи намудҳои дигари сарвати миллат ҳам ҳамин гуна муаммоҳо пайдо шуда метавонанд.

Дар мамлакатамон қувваи коргарии соҳибтахассус ҳоло ҳам кам нест. Аммо ҳиссаи зиёди ин қувваҳо имкони истифода надоранд. Чунки корхонаҳои сершумор солҳои охир аз фаъолият бозмонда, мардумон ҷои кории худро гум кардаанд.

Барои аз нав ба фаъолияти меҳнати маҳсулнок баргардониданн ин шаҳрвандон таҷдиди фаъолияти корхонаҳои пештара зарур мебошад, ё ин ки мардумони бекормонда бояд касбу кор ва шуғли навро омӯхта, пасон аз паи ҷустуҷӯи ҷои корӣ гарданд. Ин муаммо яке аз масъалаҳои ҷиддитарини иқтисодиёти ҷумҳуриамон ба шумор меравад. Зеро ки корхонаҳои навбунёд мӯҳтоҷи кормандон бошанд ҳам, шумораи муайяни мардумон мувофиқи завқу хоҳиши худ ҷои кор ёфта наметавонанд.

Халқи тоҷик ба мардумони эронинажоди қадимтарин мансубият дорад. Мувофиқи маълумоти таърихнигорон ҳоло далелҳои зиёде дар ҳамон бобат шаҳодат медиҳанд, ки тоҷикон халқе мебошанд, ки дар поягузории тамаддуни имрӯза ҳиссаи алоҳидаву намоён гузоштаанд. Соли 1999-ум ҷашни 1100—солагии давлати шукӯҳманди Сомониён ҷашн гирифта шуд. Ба туфайли ин ҷашнвора тадқиқоту пажӯҳишҳои зиёде пеш гирифта шудаанд. ки ҳақиқатан бо далелҳои сершумор халқи қадимаву ҳиссагузор дар

тамаддуни башарӣ будани тоҷиконро бори дигар нишон доданд. Ин ҳолатҳо ҳам яке аз шохаҳои сарвати миллат шуморида мешавад.

Дар марҳалаи ҳозираи инкишоф, маҳз дар ҳамон замоне, ки башарият ба қарни нави XXI ва ҳазорсолаи сеюм қадам мегузорад ва тамаддуни пешояндаро пажӯҳишгарон тамаддуни иттилоотӣ ном мебаранд, мавкеи ахборот волову ҳалкунанда мегардад. Инсоният таи асрҳову ҳазорсолаҳои сершумор умр ба сар бурда, роҳу равишҳои мухталифи ҳаёт, тарзи коркарди маснуотро ба вуҷуд овардааст. Ҷамеи комёбиҳои зеҳнию ақлонии башарият ҳамчун иттилоот гирд оварда шудаанд. Ин ахборот қариб ба ҳамаи ҷабҳаҳои дирӯзу имрӯзу фардои мардумон дахл менамояд.Илова бар ин ахборот дар замони мо қувваи беҳамтои дигарсозандаи ҳаёти ҷомеаю мардумони алоҳида гардидааст. Бинобар он ҳам мавкеи он баръалову нишонрас ва воломақом гардидааст. Чунки инсоният ба роҳу усули истифодаи иттилоот метавонад қувваи тавлидгариашро ба таври дилхоҳ тағйир диҳад, дигаргун созад. Илова бар ин мувофиқи баъзе далелҳои тадқиқгарон инқилоби ахборӣ натанҳо истеҳсолот, балки табиату рафтори инсон, усули ҳаётгузаронӣ ва монанди инҳоро ҳам назарнамо тағйир хоҳад дод. Бинобар он ҳоло ҷомеа амалан дар сарғаҳи дигаргуниҳои назаррас қарор дорад. Ин дигаргуниҳо технологияи тавлидгарӣ ва ҳаёти мардумонро куллан тағйир дода, бо ҳамин роҳ дигаргуниҳои намоёнро ба миён хоҳад овард.

Албатта, ҳоло нишон додани тамоми натиҷаҳои инқилоби ахборӣ берун аз имкон аст. Аммо дар назари мо вай ҳамчун сабабгори дигаргуниҳои назарраси иҷтимоии ҳаёти мардумон, ба миён омадани тарзи коркарди навтавлид шуда метавонад, ки мақсаду мароми куллан дигарро ба миён оварад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифодаи комёбиҳои амалии инқилоби ахборӣ омодагии ҳақиқӣ надорад, чунки равиши он таи 40 – 50 соли охир ба ин гуна тағйирот мувофиқат намекард. Аммо кӯмаку ёрмандии мардумони ҷаҳон, сохторҳои байналмиллиро истифода бурда, дар асоси истиқлолият ва демократонии ҳамаҷонибаи ҳаёт метавонад ба ин натиҷаҳо омада расад. Инқилоби ахборӣ дар пешрафти башарият, расидани мардумон ба саодати ҳақиқӣ имконоти беназирро ба миён овардааст ва хоҳад овард. Бинобар он барои аз ин неъматҳои таърихию кайҳонӣ маҳрум нагардидан мардумони Тоҷикистон сулҳу осоиши дохилиро пойдор гардонида, минбаъд кӯшиш барои истифодаи ин комёбиҳо ба харҷ диҳанд. Маҳз бо ҳамин роҳ мамлакат ба қатори мамлакатҳои ҷаҳони кунунӣ боварибахшона ворид хоҳад гардид.

## 12. § 5. МУВОЗИНАТИ МАКРОИҚТИСОДӢ. ГУЗОРИШОТИ Ҷ.М.КЕЙНС

Мо дар боло оид ба макроиқтисод сухан рондем.Акнун ба маънидоди мувозинат ё мутаносибии макроиқтисод мегузарем. Бояд дар назар гирифт, ки мувозинат ва ё мутаносибӣ барои мо ҳодисаи нав нест. Чунки дар асноӣ омӯзиши бозор ва бозори омилҳои иқтисод ба ин масъала дахл карда мешуд. Вале он замон мо доир ба мутаносибии хурд сухан ронда будем. Мутаносибии хурд мувозинатро дар байни нарху миқдор, талаботу пешниҳоди молҳои алоҳида дар мадди назар дошт. Акнун бошад, мо бояд ба таҳлилу тавсифи мувозинат ва мутаносибӣ дар миқёси тамоми ҷомеа гузарем.

Бояд дар назар дошт, ки назарияи марксистӣ иқтисоди калонро дар он гузоришоту мазмуне, ки онро "Экономикс" пеш мегирад, намеомӯхт. Ҳарчанд вай масъалаҳои такрористеҳсолро дар миқёси тамоми ҷомеа ҳамаҷониба таҳлилу тавсиф мекард. Ва ба хулоса меомад, ки мувозинату мутаносибӣ ба туфайли планкашӣ (нақшагирии) давлатӣ ба роҳ монда мешаванд. Ҳарчанд нақшагирии ниҳоят қатъиян шӯравӣ ҳам дар равишҳо ба натиҷаҳои дилхоҳ оварда натавониста буд. Чунки худи ақидаи инкишофи нақшавии иқтисодиёти ҷомеа дар ҳамон мазмуну гузоришот ба қонунҳои илм мувофиқат намекарданд.

Бояд маълум бошад, ки масъалаҳои мувозинату мутаносибиро дар илми иқтисодӣ ҳанӯз классикони иқтисоди сиёсӣ гузошта буданд. Минбаъд ин равиши маънидоду таҳлилҳо идома ёфта дар нимаҳои аввали асри XX ба натиҷаҳои намоён комёб мегарданд. Иқрор шудан зарур аст, ки хоҷагидории нақшавии шӯравии собиқ 6 – 7 даҳсолаҳо фаъолият бурда 2 – 3 даҳсолаи аввал бо роҳи марказияти захираҳову қарордод ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардида буд. Аммо минбаъд номутаносибиву қобили инкишоф набудани он ошкор шуда буд. Яке аз хислатҳои намоёнтарини ин иқтисодиёт норасоию номутаносибии байни манфиатҳои иқтисодии мардумон (аҳли меҳнату идориён), беқурбшавию касри буҷет, номутаносибии таркиби хоҷагии халқ, танқисии торафт фароҳшаванда мушоҳида шуда буданд.

Ҷорӣ гардидани муносибатҳои иқтисоди бозоргонии ба рақобати комил ва нархҳои тағйирёбанда асосёбанда имкон медиҳанд, ки қувваҳои дохилии танзими иқтисодии равишҳои ҷомеа ба ҳаракат омада, мувозинатро дар байни истеҳсолоту истеъмолот, талаботу таклифот, масрафу (харҷу) даромад ва монанди инҳо баркарор гардонанд. Албатта, азбаски ҳаёти иқтисодии ҷомеа аз равишҳои гуногунтарафу сершумори зиёдқутба иборатанд, мувозинату мутаносибии он ҳамавақта вазъияти мураттабу дилхоҳро надошта, баъзан ба зиддиятҳо, номутаносибиҳо оварда метавонад. Аммо қувваҳои дохилии иқтисоди бозоргонӣ, ба монанди манфиатҳои иқтисодӣ, нарх, фоида ва дигарҳо ба ҳаракат омада, боиси тағйироту дигаргуниҳо дар сохтору таркиби хоҷагӣ хоҳанд гардид. Ин ҳолат бошад, имконоти барқароршавии мувозинату мутаносибии умумии иқтисодро то андозае таъмин карда метавонад.

Яке аз ҳодисаҳои намоёнтарини номувозинативу номутаносибии умумии иқтисод Депрессияи (бӯҳрони) солҳои 1929 –1933 ба шумор меравад. Ҷ.М.Кейнс сабақҳои ин бӯҳронро таҳлил карда, ба хулоса омада буд, ки ҳарчи дар ҳаёти ҷомеа қувваҳои дохилии татбиқи мувозинату мутаносибии умумӣ амал мекунанд, аммо фирмаҳо ва монополияҳо ба ин қувваҳо муқобилияти шадид нишон дода, бо ҳамин васила ҳамчун асоси вайроншавии мувозинат хизмат мекунанд.

Аз ин рӯ, ҷомеа бояд қувваи дигари монеъшавандаро ба муқобили вайронкунии мувозинату мутаносибӣ пайдо намояд. Ин гуна қувваро ҳам ҳаёти тамаддун ба миён овардааст, ки вай қувваи идорию танзимгарии давлат буда метавонад. Яъне дар марҳалаи инкишофи тамаддун давлат худро аз иқтисод ҷудо накарда, баръакс вазифаҳои танзиму идораи онро бояд ба зиммааш бигирад. Вале ин танзиму идора на бо роҳи фармону маҳдудкунии қатъона, балки бо воситаи истифодаи фишангҳои иқтисодӣ ба роҳ монда шавад. Ҳамчун фишангҳои иқтисодӣ андозҳо, имтиёзҳо, кӯмакҳо хизмат

карда метавонанд, ки бо ёрии онҳо мутаносибии байни даромаду харочот, талаботу таклифот, андӯхту маблаггузорӣ ва монанди инҳо таъмин карда мешаванд.

Ҳамин тавр, дар замони мо масъалаи марказии иқтисодиёти чомеа таъмин кардани Мувозинати умумии иқтисодӣ (МУИ – ОЭР) ба шумор меравад. Ҳоло ду равия ё модели (нақши) МУИ – ро фарқ мекунанд:

а) нақши классикии МУИ;

б) нақши кейнсиании МУИ.

Нақши классикии МУИ мадди назар дорад, ки мувозинат дар механизми бозоргонӣ бо ёрии чандирии сатҳи фоизи қарз ва нархҳо дар мавриди машгулии пурра иқтисодиётро ба мувозинат мебарад. Гӯё дар ин нақш фарз карда мешавад, ки номутаносибии байни талаботу таклифоти бозори меҳнат ва ё бозори неъматҳо хислати гузарандаву муаққатӣ доранд ва бо тағйироти нарх ба қимати (ҳадди) мувозинатии онҳо пойбанд мебошад. Ҳамчун намунаи ин нақшҳо нақшҳои Л. Валрас (назарияи мувозинати умумии рақибона) ва нақши В. Леонтев (назарияи харочот – маҳсулот) хизмат мекунанд.

Нақши кейнсиании МУИ иқтисоди бозориро дар ҳолати рақобати нокомил мебинад. Мувофиқи нишондоди вай қувваҳои ба мувозинат баранда маҳдуд карда мешаванд. Чунки гӯё дар муддати кӯтоҳ тағйироти нархҳо ба талабот таъсир намерасонад. Балки мувофиқи миқдори талабот кӯшиши ба мувозинатро ба миён меоварад. Яъне механизми худ ба худ таъминкунандаи машгулии комил ва мувозинати умумӣ чой надорад. Аз ҳамин лиҳоз ҳам ҳамчун қувваи танзимгар давлат хизмат хоҳад кард.

Ҳамин тавр, нақши классикӣ мувозинати умумии иқтисодиро дар мӯҳлати дароз ва нақши кейнсианӣ дар мӯҳлати кӯтоҳ тасвир менамояд. Аз ин рӯ даҳсолаҳои охир иқтисодшиносон нақши нави навклассикии МУИ-ро ба миён овардаанд, ки аз пайвандкунии нақшҳои боло ҳосил мешавад. Нақши навклассикии МУИ равиши пойдоршавии мувозинатро бо роҳи мутобиқати тарафайни маҷмӯи талабот ба маҷмӯи пешниҳодро дар асоси алоқамандии тамоми бозорҳо: бозори молҳо, арз, меҳнат ва сармоя тасвир мекунад. Ин нақш имкон медиҳад, ки таҳлилҳои иқтисодӣ оид ба тағйирот дар мӯҳлатҳои кӯтоҳу тӯлонӣ гузаронида шавад ва дар ин асос сиёсати идораи танзимгарии давлат баррасӣ гардад.

Дар ҳаёти воқеӣ умуман мувозинати иқтисодӣ мутобиқату мувофиқати захираҳои маҳдуд (замин, меҳнат, сармоя, арз)-ро ва талаботи афзояндаи чомеаро тасвир менамояд. Яъне афзоиши талаботи мардумон нисбатан назар ба зиёдшавии захираҳо тезтар ба вуқӯъ меояд. Бинобар он МУИ бо роҳи маҳдуд кардани талабот ё зиёд намудани иқтидорҳои истеъмолию самаранок кор фармудани онҳо ба даст оварда мешавад.

Дар замони мо ҳамчун нақшҳои исботу қабулшудаи МУИ инҳоро эътироф мекунанд:

1) нақши Ж.Б.Сэй – маҷмӯи пешниҳоди молҳо (AS) бояд ба маҷмӯи талабот (АД) мувозинат дошта бошад: AS = АД;

2) нақши В.Леонтев – "ҳисоби миллӣ" ҳаҷми харочоти ҳамчояи миллӣ (AE) бояд ба даромади миллӣ (N I) мувозинат дошта бошад: AE = N I;

3) нақши мувозинатӣ – маблаггузориҳо (S) бо пасандозҳо (I) бояд баробар бошад: S = I;

4) нақши баробарии качҳаттаи маҷмӯи талабот (I S) бо маҷмӯи маблағҳои пулӣ (LM): I S = LM.

Албатта, азбаски шарху маънидоди ин нақшҳо хеле ҳамаҷониба аст ва илова бар он вақти зиёд талаб мекунад, мо аз ин амал худдорӣ мекунем. Чунки дар ин ҷо мо танҳо мақсади номбар кардани ин нақшҳоро доштему халос.

Барои маънидоди риёзии нақши аввал китобҳои дарсии "Экономикс" системаи зайлро истифода мебаранд (ниг. ба нақшаи 12.3).

*Нақшаи 12.3.* Мувозинати талабот ва пешниҳод




Дар ин ҷо одатан талабот ҳамчун талаботи хонаводаҳо ва шаҳрвандон (C), маблағгузориҳо (I), масориф ё хариди давлатии молҳо (GP), фарқияти талаботи аҷнабиён ба молҳои ватанӣ ва талаботи ҳамватанон ба молҳои хориҷӣ (X) муайян мешавад. Ё ин ки;

АД = C + I + GP + X

AS = g x p   Дар ин ҷо; g x P – МУМ ё ин ки AS = Музди кор + Фоида + Рента + Фоиз.

## 12. § 6. ХИСЛАТИ ДАВРАГИИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОД

Чунонки аз гуфтаҳои боло аён мегардад, равиши истеҳсолоти ҷомеа рӯй ба пешравию афзоиш мебошад, ки онро дар илми иқтисодӣ рушд (инкишоф) номидаанд. Рушди иқтисод нишон медиҳад, ки баробари афзоиши талаботаш торафт маҳсулоти истеҳсолшаванларо зиёд менамояд. Ин зиёдшавӣ ҳам ҳаҷми ҷисмонии маҳсулот ва ҳам ифодаи арзиши онро дар бар мегирад. Яъне асоси пешрафти ҷомеаро афзоиши муайяни истеҳсолоту маҳсули он ташкил медиҳанд. Дар акси ҳол ҷомеа ба талаботи афзоянда ҷавоби дилхоҳ дода наметавонад.

Аммо афзоиши истеҳсолоту маҳсулоти ҷомеа мураттабу якзайл нест. Таи 175 соли охир ин афзоиш бо бозистиҳо, қафоравиҳо якҷоя ба миён омада меистад. Яъне пешравии истеҳсолоту афзоиши маҳсулот дар ҳолатҳои алоҳида боздошта мешаванд ва ё ба ҷои афзоиш камшавӣ ва ба ҷои пешравӣ қафоравӣ ба вуқӯъ меоянд. Таълимоти омӯзандаи ин ходисаҳо "назарияи бӯҳронҳо ва давраҳо" номида шудааст. Вай нишон медиҳад, ки дар пешрафти иқтисодиёти ҷомеа фосилаҳо, танаффусҳо ё бозистоданҳо рӯй дода меистанд.

Дар назари мо таназзулу бӯҳронҳо иқтисодро пештар ҳам фаро мегирифтанд, вале он замонҳо онҳо одатан хислату масоҳати хусусию ҷузъӣ доштанд. Аз ин сабаб ҳам ба назар аён намешуданд. Баробари ба камолот

расидан иқтисоди бозоргонӣ ва хислати ҳамгироию пайвандиро соҳиб гардидани иқтисодиёт маромӣ даврагии фаъолияти иқтисодиёт ба фикри мо андоми намоёну мушоҳидашавандаро ба худ мегирад, ки ин аз ибтидои асри XIX шурӯъ гашта буд.

Хислати даврагии фаъолияти иқтисод ҳанӯз аз тарафи классикони иқтисоди сиёсӣ ҳамаҷониба таҳлилу тавсиф карда шуда буд. Минбаъд қариб ҳамаи иқтисодшиносони намоёнтарин доир ба ин масъала изҳори ақида кардаанд.

Дар тадқиқоти Карл Маркс ҳам омӯзиши хислати даврагии истеҳсолот, ки номи "назарияи бӯҳронҳои иқтисодӣ" - ро гирифтааст, нақши намоён дорад. Вай бӯҳронҳои истеҳсолоти саноатиро ҳамаҷониба тадқиқ карда нишон додааст, ки ин бӯҳронҳо таи 12 – 8 сол такрор ёфта меистанд ва бӯҳрони такрористеҳсол ва ё мавҷҳои хурд номида шудаанд.

Давраҳои муайянкардаи иқтисодшиносони дигар С. Кузнес муддати 18 – 25 сол такрор шуда меистанд, ки номи "мавҷҳои миёна" –ро гирифтаанд.

Омӯхтани "мавҷҳои калон" аз тарафи К. Маркс ҳанӯз соли 1847 шурӯъ гашта буд. Минбаъд ин мавҷҳоро В. Ҷевонс муфассал тадқиқ карда буд. Солҳои 1920 иқтисодшиноси шӯравӣ Н. Д.Кондратев "мавҷҳои калон" –ро ҳамаҷониба омӯхта ба хулосаҳои умда расида буд. Минбаъд таҳқиқоти вай аз тарафи И. Шумпетер дастгирӣ ёфта буданд. Н.Д. Кондратев ҳаёти худро ҳамчун "душмани халқ" дар ҳабсхона ба поён расонида буд, зеро вайро ҳимояттари буржуазӣ хонда, ба ҷазои ҷиноӣ кашида буданд (ибтидои солҳои 30 –юм).

Бояд иқрор шуд, ки таи ду асри охирин хислати даврагии истеҳсолоти ҷомеа давом ёфта, дар ҳаёти мардумон бӯҳронҳои зиёде фаро расидаанд. Ин бӯҳронҳоро намояндагони иқтисоди бозоргонӣ "мавҷҳо" номидаанд. Мавҷҳои кӯтоҳ, миёна ва дароз дар муддатҳои муайян такрор шуда меистанд. Ҳарчанд сабабҳои асосии онҳо то ҳол ҳам аниқ баён нагаштаанд. Ё ин ки мактабҳои мухталифу намояндагони гуногун ҳар яке маънидоди худро пешкаш кардаанд ва сабаби мавҷҳоро ҳархела мебинанд.

Таҳлилҳои мо нишон медиҳанд, ки мавҷҳои ҳаракати иқтисодиёт доимо бо роҳи дигаргуниҳои назаррас ва навсозии ҷисмонии сармояи асосӣ, малакаю таҷрибаи истеҳсолии мардумон, иншооту сохтмонҳои асосӣ, роҳҳо, мавқеи аҳолинишин ва монанди инҳо сурат мегиранд.

Бояд иқрор шуд, хислати даврагӣ ба ҳаракати ҷирмҳои кайҳонӣ, табиат ва сайёраи Замин низ хос мебошад. Шояд ҳамин қонунияти табиии ҳаракат ба ҳаёти иқтисодии мардумон ҳам роҳ ёфта бошад ва мавҷҳои кӯтоҳ, миёна, дарозро ба миён оварад. Вале ин қонуният дар ҳаёти иқтисодӣ обу ранг ва мароми қонуниятҳои дигарро ба худ гирифтааст.

Ҳар як давр ва мавҷ аз сатҳи пасти бӯҳронӣ (қаър) оғоз гардида, дар ҳамин марҳалаи дигар анҷом меёбад. Давраи ҳаракат чор марҳаларо аз сар мегузаронад. Барои тасвири оддии ин ҳодиса ба нақша муроҷиат мекунем (нигар. ба нақшаи 12.4.).

Чӣ тавре ки аз нақша дида мешавад, давраи ҳаракати иқтисод ё бӯҳрони иқтисодӣ чор марҳалаи асосиро дар бар мегирад, ки ҳар яке аз он марҳалаҳо ба навбат иваз шуда меистанд:

*Нақшаи 12.4.* Тасвири нақшагии давраи (мавҷи) ҳаракат




а) беҳаракатӣ ё қаъри бӯҳрон (депрессия);
б) ҷоннокшавӣ, яъне аз нав тадриҷан ба ҳаракат омадан;
в) равнақ ё авҷи инкишоф;
г) бӯҳрон ё ин ки торафт тангшавии ҳадди истеҳсол, касодшавии бозору дигар робитаҳои иқтисодӣ.

Ин тасвир аз ҳама зиёдтар нақши кӯтоҳи ҳаракат ё бӯҳрони иқтисодии барзиёдистеҳсолро тавсиф карда метавонад, ки таи ҳар 8 –12 сол аз нав такрор ёфта, аз ҳама зиёдтар истеҳсолоти саноатиро фаро мегирад. Вале ҳар як даври ҳаракати иқтисод дар намуди умумӣ ҳамин марҳалаҳоро дар бар мегирад.

**Бӯҳрон** – ҳамон вазъияте мебошад, ки дар давоми он аз ҳама пеш бозори молҳо касод гардида, талабот паст мефарояд, нархҳо то андозае арзон шаванд ҳам, молҳо камхарид мебошанд, фаъолияти соҳибкорӣ , бонкҳо, тоҷирон низоми пештараи кори худро давом дода наметавонанд. Аксаран бӯҳрони иқтисод аз муносибатҳои пулӣ, муомилоти пулҳо, қарз огоз мегардад ва тадриҷан соҳаҳову чабҳаҳои дигарро фаро мегирад.

**Беҳаракатӣ** – дар ин марҳала истеҳсолот ҷисми захмин ё беморро мемонад, ки ҷӯшу хурӯш ва ҳаракат қатъ ёфтааст, ҳарчанд он ҷисм ҳоло зинда мебошад ва баъзе ҳаракатҳо ҳам ба мушоҳида мераванд.

**Ҷоннокшавӣ** – дар ин марҳала истеҳсолот аз нав қувват гирифта, маблаггузориҳо меафзоянд, корхонаҳо бо таҷҳизоти нав ҷиҳозонида мешаванд, саноат дархостҳои нав қабул мекунад, фаъолияти соҳибкорӣ ҷӯшу хурӯшро соҳиб мешавад.

**Равнақёбӣ** – дар ин марҳала иқтисодиёт ба тамоми иқтидораш кор карда, ба авҷи ҳаракат мерасад, захираи молҳо торафт афзудан мегиранд, вале тохти истеҳсолот суръатро боз ҳам метезонад. Ҳамин тавр, ҳиссаи молҳо назар ба талабот зиёд мебошанд, аммо соҳибкорон, фирмаҳо инро донистан намехоҳанд, равиши истеҳсолот суръати баландро гирифта , бо тамоми қувва пеш меравад ва бӯҳрони навро тайёр мекунад.

Дар миёнаҳои асри XX марҳалаҳои давраи ҳаракат дигаргуниро соҳиб гардиданд. Шояд аз ин сабаб такрористеҳсоли даҳсолаҳои охирро беҳаракатона (депрессионӣ) ҳисоб мекунанд. Ин тасдиқот нишон медиҳад, ки истеҳсолот ба марҳалаҳои ҷоннокшавию равнақёбӣ нарасида, аз марҳалаи

беҳаракатӣ бо осонӣ ба марҳалаи маҳдудшавии ҳаҷми талаботу истеҳсолот мегузарад. Баъзеҳо ақида доранд, ки ин вазъият ҳамчун натиҷаи чораҳои давлатии танзимгарию идории иқтисод ба миён меояд. Илова бар ин зери таъсири ҳамин равиш давраҳо ҳам тӯли 5—7 сол аз нав такрор ёфта меистанд.

Марксизм талқин мекард, ки бӯҳронҳои иқтисодӣ зиддияти иқтисодиёти бозоргониро боз ҳам тезутунд гардонида, онро ба ҳалокати ногузир мерасонанд. Гӯё бо ҳамин минвол ҷомеаи бозоргонӣ аз байн бардошта мешавад.

Таҳлилҳову омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки хислати даврагии фаъолияти иқтисод ва истеҳсолот аз зиддиятҳои дохилии он бар меоянд. Чунонки ҳамаи ҷисмҳои зинда имконоти ба носиҳатӣ дучор шуданро паси сар карда наметавонанд, монанди ҳамин иқтисоди бозоргонӣ ҳам дар марҳалаҳои муайян бо роҳи дучоршавӣ ба бӯҳронҳо маризию носиҳатии худро бартараф сохта, бо ҳамин васила барои пешрафти навбатӣ қувва зам мекунад.

Яке аз кӯшишҳои беҳамтои Ҷ. М. Кейнс ҳам ҳамин ҳолатро дар назар дошт. Вай нишон медод, ки маблағгузории навбатӣ ба қувваи фузунгар (мултипликатор) пайваст шуда, пешрафти навбатии иқтисодро таъмин менамояд. Аммо давлат ҳам дар иқтисод метавонад танзимгарию идораро ба роҳ монда, садди роҳи бӯҳронҳо шавад ё таъсири онҳоро нарм гардонад.

## 12. §7. БАРНОМАҲОИ ДАВЛАТИИ ТАНЗИМУ РУШДИ ИҚТИСОД

Бояд иқрор шуд, ки пас аз бӯҳрони шадиди солҳои 1929—1933 ва кашфиёти Ҷ.М. Кейнс оид ба зарурати танзиму идораи давлатии иқтисод давлатҳои ҷаҳон кӯшишҳои танзиму идораро пеш мегирифтагӣ шуданд. Танзиму идораи мансуби режими шӯравӣ ва монанди инҳо аз ин нишондод дур мебошанд, чунки вай комилан ба ихтиёри давлат гирифтани иқтисодро дар назар дошта, амалан режими фармонию бюрократӣ номида шудааст. Вай бесуботию камсамарии худро исбот намуда, мамлакатҳои собиқи сотсиалистиро барои рӯоварӣ ба иқтисоди бозоргонӣ маҷбур сохт.

Зери таъсири рӯй овардани Тоҷикистони соҳибистиқлол аз соли 1992-юм ба ҷорӣ намудани муносибатҳои бозоргонӣ дар назди ҳукумати ин мамлакат ҳам вазифаҳои муайяни иқтисодӣ бархестанд. Вазифаи нахустину аввалин, албатта, тадриҷан бартараф сохтани маҳдудиятҳои пештараи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ ба шумор мерафт. Албатта, ин дигарсозиҳои муносибатҳои иқтисодӣ қувваю заҳмати калонро талаб доштанд. Дар иловаи ин ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1993 бар сари мардумон бор кардашуда ин вазифаҳоро боз ҳам сангинтар гардонида буданд.

Соли 1995 (моҳи ноябр) ба ҳукумати ҷумҳурӣ муяссар гардид, ки яке аз барномаҳои аввалиниислоҳоти иқтисодии мамлакатро баррасӣ намуда, чораҳои муайянро баҳри иҷрои он андешад. Ин барнома барои 5 сол таҳия шуда, ду марҳалаи асосиро дар бар мегирифт. Марҳалаи аввал – солҳои 1997—1998. Дар ин марҳала қафоравии истеҳсолоти мамлакат боздошта шуда, имконоти зарурӣ барои пешрафти минбаъда бояд таъмин карда мешуд.

Бояд дар назар дошт, ки камшавии ҳаҷми маҳсулоти умумии мамлакат аз нимаи солҳои 80-ум огоз гардида солҳои 1990 – 1992 дар сатҳи 3 – 5 фоиз ҷой дошт. Соли 1992 вай якбора ба 32,3% кам шуд ва камшавӣ то соли 1996

идома ёфт. Соли 1996 МУД танҳо 48,1%, МУД-и соли 1992-ро ташкил дода буд*. Соли 1995 ҳаҷми истеҳсолот дар ҷумҳуриамон танҳо 20 – 25% ҳаҷми соли 1990 -ро ташкил медоду халос.

Ҳақиқатан ҳам соли 1996 бо чораҳои сершумору ҳамаҷониба камшавии маҳсулот дар ҳаҷми 48,9% соли 1992-юм боздошта шуда буд.

Марҳалаи дуюми барнома соли 1998–2000-умро дар бар гирифта, дар ин марҳала мебоист пешравии истеҳсолот таъмин карда мешуд. Ҳарчанд ин барнома чанд карат аниқ карда шуда бошад ҳам, амалан нишондодҳои он ба таври умумӣ ба иҷро расиданд. Мамлакат аз ҷанги гражданин бародаркуш раҳо гардида, ба бунёд кардани ҷомеаи нави демокративу ҳуқуқбунёд камар баст. Захираҳои иқтисодии мавҷуда аз нав ба кор оварда шуда, бо суръати хеле суст бошад ҳам, некӯаҳволии мардумон рӯй ба баландшавӣ овард. Мардумон аз таҳдиди гурусногӣ, ҳалокат эмин гашта, ба ояндаи худ некбинона назар медӯхтагӣ шуданд. Сохтмони роҳҳои асринаи "Абрешим", истгоҳи барқии Сангтӯда, Помир, Роғун аз нав шурӯъ гаштанд. Соли 1999 дар мамлакат ҷашни бошукӯҳи 1100 - солагии давлати Сомониён гузаронида шуд ва мардум пас аз чанд соли ҷанги шаҳрвандию маҳрумиятҳои зиёд ба дигаргуниҳои аввалини демократӣ расиданд.

Тоҷикистон танҳо аз соли 1991-ум ҳамчун мамлакати соҳибистиклол, пас аз 1000 соли футур рафтани давлати қадимаю бeҳамтои Сомониён ба фаъолият шурӯъ намуд. Тоҷикон яке аз халқҳои қадимтарин буда, дар фарҳанги тамаддуни башарӣ саҳми сазовор гузоштаанд. Халқи тоҷик эрониннажоду ориёӣ буда, таърихи худро ҳанӯз дар ҳазорсолаҳои 3 – 4-уми пешин оғоз намудааст. Дар сарзамини таърихии тоҷикон яке аз аввалин динҳои ҷаҳонӣ—таълимоти зардуштия ба вуҷуд оварда шудааст.

Баъзе қисматҳои каломи шарифи ин мазҳаб, ки "Авасто" ном дорад, то замони мо омада расиданд.

Дар охирҳои ҳазорсолаи якуми милодӣ, садаҳои IX—X милодӣ халқи тоҷик аввалин сохтори сиёсии худро бо номи Давлати Сомониён пойдор гардонида, ба ривоҷу равнақи илм, фарҳанг мерасад. Он замонҳо мутафаккирони бузурги халқамон, ба монанди Закариёи Розӣ, Берунӣ, Форобӣ, Ибни Сино, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Борбад ва садҳо ҳазорҳои дигар барҷастагони фикри бикр ба саҳнаи фаъолияту эҷод мерасанд. Адабиёту санъат, илмҳо мавқеи ҷаҳониву оламгирро соҳиб гардидаад. Як ҷараёни пурқуввати инсондӯстию фарҳангхоҳӣ (гуманистӣ) ба миён оварда мешавад. Дар назари мо, эҷоди зиёди онзамона ҳамчун маҳаку барнома барои тамоми ҳазорсолаи дуюми милодӣ барои мутафаккирону тадқиқгарон вазифаи раҳнамоию илҳомбахшонаро ба иҷро мерасонанд.

Ҳоло бошад, иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон қадамҳои нахустину боварибахшонаи худро бо мақсади барпо кардани ҷомеаи ҳозиразамони демократию ҳуқуқбунёди бофароғат ва ҳаёти осоиштаву ғанидошта мегузорад. Имконоту захираҳо барои вай басандаанд. Танҳо кордониву ҷолокӣ, пухтакорию илмдонӣ дар иҷрои ин мақсад ба вай роҳнамоӣ карда метавонанд.

*Ниг. Статистикаи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1998. Душанбе, 1999, саҳ. 150

# БОБИ 13. МАСЪАЛАҲОИ МОЛИЯВИИ ҶОМЕА

## 13. §1. БУҶЕТИ ДАВЛАТ ВА ҲУКУМАТҲОИ МАҲАЛЛӢ

Мо дар ин қисмат масъалаҳои молиявии ҷомеаро таҳлил хоҳем кард. Молия ҳамчун маҷмӯи муносибатҳо оид ба сарчашма, ташаккул ва истифодабарии маблағҳои пулӣ маънидод карда мешавад. Баъзан бо ибораи "молия" пул ва ё андозро мефаҳманд, ки ин тасаввури нодурусти молия мебошад. Муносибатҳои молиявӣ тамоми зинаҳо ва узвҳои хоҷагии халқро дарбар мегирад. Аммо ин ҷо таҳлилу омӯзиши мо бо мақсади муайян кардани мазмуни молия воситаю фишанги танзими макроиқтисодӣ пеш бурда мешавад.

Яке аз узвҳои муҳимму намоёнтарини молия буҷет ба ҳисоб меравад. Аз ин сабаб мо таҳлилро аз ҳамин масъала шурӯъ мекунем. Буҷет натанҳо ҳодисаи муайяни молиявию иқтисодиро тасвир мекунад, балки вай бо сиёсати дахлдори давлат низ пайванд мебошад.Бинобар он баъзеҳо онро ҳамчун сиёсати даромадгирию буҷетии давлат тасаввур мекунанд. Мо дар ин ҷо сиёсатро танҳо бо мақсади маънидоди мазмуну маромӣ буҷет мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод.

Аксаран буҷетро нақшаи молиявии давлат ҳисоб мекунанд. Ҳақиқатан ҳам буҷет тарҳи даромаду хароҷотро дар бар мегирад, ки ба мӯҳлати муайян, одатан барои як сол таҳия карда мешавад. Дар буҷет тамоми сарчашмаҳо ва намудҳои даромаду сарфи он маблағҳо нишон дода мешаванд. Аз ин лиҳоз буҷет мувофиқи одат ба таври тароз (баланс) таҳия карда мешавад.

Дар тамоми мамлакатҳо буҷет аз тарафи сохтори қонунбарор тасдиқ карда шуда, иҷрои амалии нишондиҳандаҳои он ҳамчун қонун талаб карда мешаванд. Тағйироти намоёни буҷет танҳо бо қарордоди ҳамон сохтор имконпазир аст. Дар Тоҷикистон буҷети давлатиро Маҷлиси Миллӣ тасдиқ мекунад. Дар вилоятҳо, ноҳияҳо, маҳаллаҳо муҳокимаю тасдиқи буҷет ба зиммаи сохтори қонунгузор ё Шӯроҳои ҳукумати маҳаллӣ вогузошта шудааст.

Акнун ба маънидоди худи буҷет гузарем. Чунонки зикр шуд, буҷет ду қисмати асосиро дар бар мегирад:

а) қисмати даромадҳо;

б) қисмати хароҷот.

Дар қисмати аввал ҳамаи даромадҳои буҷет нишон дода мешаванд. Барои аниқии тасаввурот нақши амалии буҷети ҷумҳуриамонро барои соли 1995—1998 меоварем.

Чӣ тавре ки аз ҷадвали 13.1. дида мешавад, зери таъсири омилҳои муайян ва пеш аз ҳама беқурбшавии пул дар ҳаҷми даромади буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9,9 млрд. рубли соли 1995, соли 1998-ум то 178,7 млрд.рубл расид, яъне дар ин муддат 18,2 маротиба зиёд шудааст, ҳиссаи хароҷот бошад 19,0 маротиба афзудааст. Ин афзоиш танҳо натиҷаи афзоиши нархҳо ва беқурбшавии пул мебошад.

Маънидоду таҳлили моддаҳои даромаду хароҷоти буҷетро мувофиқи маълумоти ҷадвал ба худи хонандагон ҳавола мекунем.

*Ҷадвали 13.1.* Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо ҳисоби ҳаз. сомонӣ)

| Моддаҳои асосӣ | соли 1995 | соли 1998 | Моддаҳои асосӣ | соли 1995 | соли 1998 |
|---|---|---|---|---|---|
| Даромад: ҳамагӣ: | 9916,8 | 180438,7 | Хароҷот: ҳамагӣ | 9442,5 | 178748,2 |
| % | 100,0 | 100,0 | % | 100,0 | 100,0 |
| Аз ҷумла аксизҳо | 1316,7 | 1494,6 | аз ҷумла: ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ | 2753,1 | 31217,3 |
| % | 13,3 | 0,8 | % | 29,2 | 17,5 |
| Андоз аз фоида | 1438,4 | 11951,3 | тадбирҳои иҷтимоӣ-маданӣ | 2808,4 | 40675,9 |
| % | 14,5 | 6,6 | % | 29,7 | 22,8 |
| Андоз аз фоид. ташк. кооп. | 122,2 | 179,0 | ба илм | 64,0 | 982,3 |
| % | 0,1 | 0,1 | % | 0,0 | 0,55 |
| Андоз аз аҳолӣ | 594,6 | 12204,6 | идораи давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ, мудофиа | 1838,0 | 4671,9 |
| % | 5,9 | 6,8 | % | 19,5 | 25,9 |
| Андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) | 1148,2 | 20419,0 | | | |
| % | 11,6 | 11,3 | | | |
| Даромад аз фаъолияти иқтисоди хориҷӣ | 1039,8 | 35151,0 | | | |
| % | 10,5 | 12,5 | | | |

Бояд иқрор шуд, ки буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло марҳалаи аввали ташаккули худро аз сар гузаронида истодааст. Аз ин сабаб ҳоло таҳлили комилу ҳамаҷонибаи он ҳам берун аз имкон аст.

Барои баҳо додан ба вазъияти молиявии ҷомеа таҳлили буҷети давлат нокифоя мебошад. Зеро буҷет дар миқёси вилоятҳо, ноҳияҳо ва ҳукуматҳои маҳаллӣ низ таҳия мешавад. Мазмунан ин буҷетҳо ба буҷети давлатӣ монанд мебошанд, аммо сарчашмаю усули гардоварии даромад ва мақсаду мароми хароҷоти онҳо аз ҳамдигар фарқ карда меистанд.

Буҷет аз рӯи ваъзияту таносуби даромаду хароҷот бекаср ва касрнок шуда метавонад. Буҷети бексрро ҳамон хел тасаввур мекунанд, ки дарома-

ди он назар ба хароҷоташ зиёдтар мебошад ва маблағи муайяни захираи эҳтиётиро дорост. Ҳоло дар мамлакатҳои сершумор буҷети бекасрро дучор омадан амри маҳол аст. Одатан мамлакатҳои сершумор буҷети касрнок доранд. Касри буҷет нишон медиҳад, ки маблағи даромади он назар ба хароҷоташ камтар мебошад. То солҳои ҷанги дуюми ҷаҳонӣ касрнокии (камомади) буҷетро ба фалокат баробар медонистанд.

Дар назари мо таи дар муомилот комилан паҳн гаштани пулҳои коғазӣ, барҳам хӯрдани "стандарти тиллоӣ" касри буҷет ба як ҳолату равиши одатӣ табдил ёфт. Вале барои вазъи иқтисодию молиявии ҳар як мамлакатро муайян сохтан ҳаҷми маблағи камомади буҷетро муайян сохта, сатҳи ин камомадро бо МУД муқоиса мекунанд. Агар вай аз 50—60% зиёд бошад, ин гуна мамлакат дар вартаи ҳалокату фалокати беамон дониста мешавад. Ё ин ки агар камомади буҷет тамоюли афзоишро дошта бошад, бонкҳои ҷаҳонӣ бо ин гуна мамлакат сару кор доштан намехоҳанд, балки танҳо робитаҳои кӯмакрасониро пеш мегиранд.

Дар назари мо камомади (танқисии) маблағи даромади буҷет назар ба хароҷот дар ҳудуди то 5 – 6 фоиз ба иқтисодиёт хатари калоне намеоварад. Дар сурати аз ин сатҳ зиёдтар шудан, зарурати чораҳои муайян ба миён меояд. Камомади буҷетро одатан бо воситаи гирифтани қарз аз соҳибкорону шаҳрвандони мамлакат, хориҷиён, муассисоти байналмилалӣ, зиёд кардани андозҳо ва ё интишори маблағи иловагии пулҳо мепӯшонанд (ниг. ба ҷадвали 13.2).

*Ҷадвали 13.2.* Роҳҳои пӯшонидани камомади (касри) буҷети давлатӣ

| Роҳҳои асосии пӯшонидани касри буҷет | Оқибати тахминии ҳосилшаванда |
|---|---|
| Интишори иловагии пулҳо | – афзудани бекурбшавии пулҳо |
| Зиёд кардани андозҳо | – паст шудани даромади аҳолӣ |
| Қарз аз аҳолӣ | – афзудани даромади аҳолӣ |
| Қарз аз муассисаҳои байналхалқӣ | – зиёдшавии фишор ба иқтисод |
| Кам кардани хароҷот | – роҳи самаранок |

Чунонки аз ҷадвали 13.2. дида мешавад, дар ҳамаи мавридҳо касри буҷет ғайри матлуб аст, чунки пӯшидани ин каср натиҷаҳои манфӣ меоварад. Аммо дар ҳадди идорашавандаю тоқатпазир будани касри буҷет ба иқтисодиёти мамлакат хатаре намеоварад. Касри буҷет дар ҷумҳуриамон таи ҳодисаҳои дар мамлакат рух дода солҳои 1992 – 1998 натиҷаҳои ногувор дошта, боиси зиёд шудани қарзи давлатӣ гардид. Бинобар он давлат бояд кӯшиши кам кардани онро пеш гирад, чунки мавриди зиёд шудани қарз фишори он ба иқтисод пурзӯр гашта, боиси ноҳинҷориҳо шуда метавонад.

Харҷи маблағҳои буҷет аз ҳама зиёдтар барои иқтисодиёт, чораҳои иҷтимоӣ, кӯмаки давлат ба аҳолӣ (трансфертҳо), ёрмандиҳо, идораю мудофиа ва монанди инҳо ба роҳ монда мешавад. Бояд иқрор шуд, ки вазъияти буҷет тобеъ ба вазъи иқтисодиёти мамлакат мебошад. Мавриди босуръат инкишоф ёфтани иқтисодиёт вазъи буҷет ҳам беҳтар шуда метавонад ва баръакс.

Дар ҷумҳуриамон таи солҳои охир давлат чораҳои муайян андешида, ба афзуншавии даромади буҷет ноил мегардад. Ғайр аз он корхонаҳои давлатии зараровар, муассисоти сершумори аз ҳисоби буҷет бо маблағтаъмин-

шаванда ғайридавлатӣ гардонида мешавад. Ин равишҳо ҳам то андозае фишорро ба буҷет пасттар гардонида, бо ҳамин васила боиси самаранок истифода шудани маблағҳои буҷет шуда метавонанд.

Ҳоло буҷети мамлакат асосан хислати андозӣ дошта, ҳиссаи асосии даромади он ҳамчун андоз аз корхонаҳо ва шаҳрвандон гирд оварда мешавад. Акнун ба таҳлили ин масъалаҳо мегузарем.

## 13. §2. ДАРОМАДГИРИИ ДАВЛАТ. АНДОЗУ АНДОЗСИТОНӢ

Ба ҳама маълум аст, ки давлат муассисоти ҳукмрониву идоракунанда мебошад. Вале барои иҷрои ин вазифаҳо давлат ҳама замонҳо мӯҳтоҷ ба маблағ мебошад. Ин маблағи заруриро давлат дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ бо роҳу усулҳои мухталиф ба даст меовард. Ҳанӯз аз замонҳои қадимтарин давлатҳо ҳиссаи асосии даромади худро дар шакли андоз (молиёт) аз мардумон мегирифтанд. Баробари тағйирот дар давлату давлатдорӣ (низомҳои фаъолияти давлатҳо) молиёт ҳам дигаргун мегашт.

Мутафаккири шинохтаи халқи форсу тоҷик, ки дар асри XIII умр ба сар бурда буд – Насируддини Тӯсӣ (1201—1272) доир ба молиёт асаре таълиф карда, нишон дода будааст*, ки ситонидани андоз яке аз роҳҳои намоёни даромадгирии давлат ба шумор меравад. Дар сарзаминамон баробари пойдор гаштани низоми шариати исломӣ, андозгирӣ як раҷаи муайяну мураттабро ба худ гирифта будааст. Андозгирии давлат аз нуқтаи назари оммаи меҳнатӣ доимо ҳамчун амали ноҳатлуб баҳо дода мешуд. Чунки давлат гӯё бе хизмату заҳмат моли мардумонро барои эҳтиёҷоти худ аз худ менамуд. Аммо масъала агар аз рӯи адолат маънидод шавад, андозгузорӣ амали ногузир мебошад. Чунки давлат бе он вуҷуд дошта наметавонад, ҳарчанд дар давраҳои ҳукмронии одилона сатҳи андозҳо одатан пасту барои мардумон тоқатпазир гардонида мешуданд. Ҳукуматҳои мустабид бошанд, сат-ҳи андозҳоро баланд бардошта, навъу намуди сершумори онро ҷорӣ менамуданд ва мардумон зери шиканҷаву машаққати бори андозҳо мемонданд.

Бо нишондоду ҳимояти президенти мамлакат Э.Ш. Раҳмонов дар ҷумҳуриамон ислоҳоти андоз гузаронида шуд. Мувофиқи қарордоди Маҷлиси Миллӣ аз ибтидои соли 1999-ум дар хоки Тоҷикистон Кодекси нави андоз ҷорӣ карда шуд. Шумораи андозҳо ҳам хеле кам карда шуда ба 14 номгӯй фаровarда шуданд.

Ҳамин тавр, андоз (молиёт) маблағест, ки дар сатҳу шарти муайян бар нафъи давлат ва ё ҳукуматҳои маҳаллӣ дар мӯҳлати пешакӣ нишондода шуда рӯёнида мешавад. Азбаски андозҳо ба манфиати иқтисодии шаҳрвандону корхонаҳо, муассисот, аз як тараф ва давлату ҳукумати маҳаллӣ, аз дигар тараф, хизмат менамоянд, мувофиқи қонунҳои қабулкардаи ташкилоти қонунгузории ҷомеа муайян карда ва рӯёнида мешаванд. Аз ин ҷиҳат андозҳо ҷумҳуриявӣ (умумӣ), масоҳатӣ ва маҳаллӣ мешаванд.

Андозҳои ҷумҳуриявӣ одатан барои тамоми мамлакат умумӣ буда, бо низому мӯҳлати аниқ рӯёнида мешаванд ва ба буҷети давлат ворид мегарданд. Андозҳои масоҳатӣ мансуби масоҳатҳо буда, барои буҷети соҳторҳои

*Ин асари Насируддини Тӯсӣ бо номи "Дар молиёт" чоп шудааст

онхо истифода мешаванд. Андозҳои маҳаллӣ бошанд, мувофиқи қоидаву қонунҳои маҳаллӣ баҳри ташаккули буҷети маҳалҳо истифода мегарданд

Андозҳоро аз рӯи мазмуну мароми таъйин шудан ба андози мустақим, ки бевосита аз даромади шаҳрвандон, корхонаҳо, соҳибони молумулк рӯёнида мешавад ва ғомустақим (бавосита), ки бо ёрии ба нархи молҳо илова кардани аксиз ва боҷи гумрукӣ рӯёнида мешавад, ҷудо мекунанд. Андозҳои мустақим (бевосита) одатан вобаста ба дараҷаи даромад ва ҳаҷми моликият мебошанд. Бинобар он ҳам баъзан тадқиқгарон ба хулоса меоянд, ки гӯё ин андозҳо ба адолати иҷтимоӣ мувофиқ мебошанд. Албатта, танҳо усули ситонидани андоз ҳанӯз шоҳиди будани адолат шуда наметавонад. Чунки аз ҳама пештару бештар ба адолат мувофиқ будан ё набудани андозҳо тобеъ ба сатҳи онҳо мебошад. Мувофиқи ҳисобҳои тақрибии мо андозҳо дар нархи молҳои фурӯхташаванда то 60 – 65% мерасанд. Ин дар бораи баландии дараҷаи онҳо маълумот медиҳад.

Одатан аксизу боҷи гумрукӣ ба номгӯи молҳои алоҳида ва ё молҳои ба хориҷа баровардашавандаю аз хориҷа воридшаванда таъйин карда мешаванд. Аксиз ва боҷ дар фоиз ба арзиши молҳо таъйин мешавад. Бинобар он онҳо аз рӯи одат ба нархи молҳо илова карда шуда, боиси афзун гаштани нархи ин гуна молҳо мегардад. Ҳоло дар Тоҷикистон бо мақсади бартараф кардани боҷситонии такрорӣ бо молҳо ба мамлакатҳои аъзои ( СНГ—ИДМ) шартномаҳо ба имзо расонида шуда масоҳати ягонаи гумрукӣ пойдор гардонида мешаванд.

Бо мақсади низом бахшидан ба фаъолияти андозгирӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз 2 январи соли 1991 Умури андоз ва полиси андоз таъсис дода шуда буд, ки ҳоло фаъолияташро хеле назарнамо ба роҳ мемонад. Ба туфайли заҳмату кӯшишҳои ин умури андоз ҳоло дар мамлакат системаи андозситониву андозгирӣ ба низом оварда шуда, аз 40 номгӯй андозҳои пештара 14 номгӯй андозҳои ҷумҳуриявӣ ва 3 номгӯй андозҳои маҳаллӣ таъйину муқаррар карда шудаанд. Сатҳи андозҳо ҳам нисбатан хеле аниқ карда шудаанд. Солҳои аввали ба истиқлол расидани Тоҷикистон андоз аз арзиши иловашуда дар ҳудуди 40% рӯёнида мешуд, ҳоло бошад, вай ба 20% паст карда шудааст. Мо дар поин номгӯи объекти асосии андозҳои ҷумҳуриро нишон хоҳем дод (ниг. ба ҷадвали 13.3)

*Ҷадвали 13.3.* Номгӯи асосии андозҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ибтидои соли 2000-ум ва андозсупорандагон

| Номи андозҳо | Супорандагони андозҳо | Меъёр дар %% |
|---|---|---|
| Андози даромад | шаҳрвандони воқеӣ | ба таври афзоянда аз 8% то 40% |
| Андози арзиши илова шуда | корхонаҳо ва муасси-саҳои истеҳсолӣ | 20% |
| Андоз аз фоидаи корхонаҳо | корхонаҳо, муассисаҳои истеҳсолӣ | 30% |
| Андоз аз соҳибкории хурд | корхонаву муассисаҳои хурд | 10% |
| Андози моликият | корхонаҳо, муассисот | 0,5% арзиши балансӣ |
| Андоз аз заминҳои кишт | истифодабарандаи майдонҳои кишт | маблағ мувофиқи ҳосил-хезӣ муайян шудааст |
| Андози суғуртаи иҷтимоӣ | корфармоёни музд-диҳанда | 25% |

Албатта дар назар доштан зарур аст, ки бо воситаи андозҳо давлат иқтидору имконоти иқтисодии муайянро соҳиб мегардад. Солҳои охир баъзан давлатҳо бо мақсади кӯмаку мусоидат ба соҳаҳо соҳибкории давлатиро ҳам истифода мебаранд. Дар ин ҳолат фоидаи ҳосилшаванда ҳам ҳамчун сарчашмаи даромади буҷет хизмат мерасонад.

Барои ба масъалаи андоз анҷом бахшидан вазифаҳои андозгириро хотирнишон сохтанро зарур медонем (нақшаи 13.1).

*Нақшаи 13.1.* Вазифаҳои асосии андоз




Вазифаи хазинагии андозро дар ҳамон дидан ҷоиз аст, ки бо воситаи онҳо давлат сарчашмаи даромадҳои буҷети худро таъмин намуда, бо ҳамин васила ба ихтиёраш ҳиссаи муайяни даромади миллии мамлакатро гирифта, онро бо мақсаду таъйиноти муайян тақсим менамояд.

Вазифаи танзимгарӣ бошад, мадди назар дорад, ки бо ёрии андозҳо давлат истеҳсолоти муайянро кӯмаку мададгорӣ намуда, дигар равияи истеҳсолотро бо воситаи сатҳи баландтари андозҳо маҳдуд менамояд. Монанди ҳамин аз даромади зиёдтари шаҳрвандон рӯёнидани сатҳи баланди андозҳо ҳам ба ҳамин гуна мақсад нигаронида шудааст.

Дар мавриди ҳамчун фишанги аз нав тақсим кардани даромадҳо исти-

фода шудани андозҳо одатан сатҳу шарти андозҳо ҳархела таъйин гашта, маблағҳои гирдоварда шуда бо мақсади таъйиноти масалан, кўмак расонидан ба сохтмони роҳҳо, фаъолияти нақлиёт, барномаҳои зарурию самарабахш ва ё таъйиноти иҷтимоӣ дошта нигаронида мешаванд.

Андозҳо имкон медиҳанд, ки ашхоси даромади зиёд гиранда ба хазинаи давлат маблағҳои калонтарро гузаронанд. Азбаски ҳиссаи муайяни даромадҳои давлат бо мақсади дастгирию имтиёзҳо ба мардумон сарф карда мешаванд, бечорагон ба хазина маблағ насупорида, минбаъд дар шакли ёрмандиҳо (трансфертҳо) аз давлат мадади иқтисодӣ мегиранд. Ҳамин тавр дар сатҳи пасттар бошад ҳам, бо ёрии андозгирии афзоянда даромади камтарину баландтарин то андозае ба ҳамдигар наздик карда мешаванд.

## 13. § 3. МУОМИЛОТИ ПУЛҲО ВА БОЗОРИ ПУЛҲО

Чуноне ки пештар дар боби 3-юм нишон дода будем, дар рафти инкишофи истеҳсолоту мубодила ҷомеа аз муомилоти тилло дар шакли сабика (рехта) аввалан ба муомилоти тангаҳои тиллоию нуқрагӣ мегузарад. Ин тангаҳо одатан аз тарафи ҳукумат, хазинаҳои давлатӣ интишор карда мешуданд ва мардумон ба онҳо эътимод доштанд. Мувофиқи маълумоти таърихнигорон дар замони салтанати Сомониён пулҳои тиллоии дар муомилот хизматрасонанда динор ном дошта ба ҳисоби миёна 4,2 грамм вазн доштаанд. Вазни дирамҳои исмоилӣ аз нуқра сиккашуда бошанд, аз 2,7 то 3,2 грамм будаанд. Боз як хусусияти ин тангаҳо ҳамон будааст, ки дар мавридҳои зарурӣ ин тангаҳоро шикаста (1/2, 1/4, 1/12) истифода мебурдаанд . Худи ҳамин ҳолат шаҳодат медиҳад, ки тангаҳои майда набудаанд ва ё нокифоя будаанд.

Мувофиқи нишондодҳои тадқиқгарон тиллову нуқраро аз рўи вазни табиаш тақрибан 3—4 ҳазор сол пеш истифода мебурдаанд, ки дар ин бобат матнҳои "Авасто" шаҳодат медиҳанд. Зиёда аз 2 ҳазор сол пештар бошад, дар сарзамини ҳозираи Осиёи Марказӣ пулҳоро аз тилло, нуқра, арзиз, оҳан, мис месохтанд. Дар асрҳои V—VII дар масоҳати Суғд сикказании пулҳо хеле ривоҷ ёфта будааст.

Мувофиқи маълумот аз ҳама пештар пулҳои коғазӣ дар Чин дар асри VII пайдо шуда будааст. Мувофиқи маълумоти сайёҳи машҳур Марко Поло дар асри XII давлатҳои Чин пулҳои коғазиро ҳамаҷониба истифода мебурдаанд. Дар Европа пулҳои коғазӣ дар охирҳои асри XVII ва ибтидои асри XVIII паҳн шудан мегиранд. Аммо он замонҳо пулҳои коғазӣ дар баробари пулҳои ҳақиқию табиии тиллоӣ ва нуқрагӣ фаъолият бурда, шарти ба пулҳои ҳақиқӣ бадал шуданро доштанд.

Пас аз ҷанги якуми ҷаҳонӣ шумораи зиёди мамлакатҳо кўшиши ҷорӣ кардани пулҳои коғазиро пеш мегиранд. Ҳарчанд то бўҳрони шадиди ҷаҳонии солҳои 1929 -1933 ин кўшишҳо ба ҳақиқатан ҳукмроншавии муомилоти пулҳои коғазӣ наоварда буданд. Дар назари мо миёнаи солҳои 20-уми асри XX Иттиҳоди Шўравӣ пулҳои коғазиро дар муомилот комилан ҷорӣ намуда, ба ҳаракати нав таконе дод. Пас аз ҷанги дуюми ҷаҳонӣ қариб ҳамаи мамлакатҳо ба зудӣ муомилоти пулҳои коғазиро истифода мебурдагӣ шуданд. Шарти муомилоти ин пулҳо кафолати давлатӣ мебошад. Яъне пулҳои коғазӣ бо фармону кафолати давлат устуворона муомилотро хиз-

мат расонида метавонанд.

Ҳамин тавр, дар замони мо муомилотро пулҳои зерин хизмат мерасонанд:

| **Пулҳои ҳақиқӣ:** | – | **Пулҳои қоғазӣ** |
|---|---|---|
| – пулҳои фулузи сиккадор аз тилло, нуқра, платина | | – бонкнотҳо, (чиптаҳои бонк) |
| – пулҳои майда | | – чекҳо (ҳуҷҷатҳои пулгузаронӣ) |
| – пулҳои молӣ (молҳои ҷудогона) | | – васиқаҳо |
| – сабикаҳои тилло (барои ҳисоббаробаркунӣ) | | – карточкаҳои электронӣ |

Чӣ тавре ки аз нақша мебинем, дар рӯзҳои мо ҳам тиллоро дар муомилот истифода мебаранд. Вале вай ҳоло эквиваленти молҳо набуда, ҳамчун моли дигару тафовутнок истифода мешавад. Интишори тангаҳо аз фулузоти асил бошад, танҳо бо таъйиноти намунавию нумизматӣ ва тӯҳфагӣ ҷой дорад. Аммо баъзе давлатҳо тангаҳои майдаро васеъ истифода мебаранд. Дуруст аст, ки онҳо танҳо 1 – 2 фоизи нақдинаҳоро ташкил медиҳанду халос.

Боварибахшона гуфтан мумкин аст, ки мамлакатҳои ҳозираи ҷаҳон афзалан ба муомилоти пулҳои қоғазӣ гузаштаанд. Бо мақсади эътимод бахшидан ба пулҳои қоғазӣ пештар қурби тиллоии онҳоро муайян ва таъмин мекарданд, ҳоло бошад, қурби онҳо бо ёрии асъори бадалшавандаи мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон, асъори коллективона ва ё асъори ҳисобу китобии муоҳидавӣ, ба монанди "Евро" истифода мешаванд.

Бояд дар назар дошт, ки пул дар замони мо яке аз фишангҳову воситаи пуриқтидортарини таъмини мувозинати макроиқтисодӣ ба шумор меравад. Бо ёрии он муомилот дар тамоми мамлакат, байни мамлакатҳо, ҷаҳони ҳозира ба таври дилхоҳ ба роҳ монда мешавад. Ғайр аз он бо воситаи пул, натанҳо мубодилаи молу хизматҳо ба роҳ монда мешавад ва як амали сабуку осонро пешниҳод мекунад, балки дар баробари ин бо ёрии он доду гирифти байни халқҳо, мамлакатҳо, робитаҳои ҳаматарафа, маблағгузориҳо ба роҳ монда мешаванд. Илова бар ин пул сарвату дороии мардумонро пешниҳод мекунад ва аз ин ҷо ҳамчун дороию нишонаи некӯаҳволист.

Бо мақсади ташкилу танзими муомилоти пулҳо миқдори онҳоро ҳисоб кардан зарур аст. Яке аз тадқиқгарони муомилоти пул иқтисодшиноси амрикоӣ Ирвинг Фишер (1867 –1942) буд.

Вай нишон медод, ки мувозинати макроиқтисодӣ ва баробарии мубодила чунин буда метавонад: $MV = Pg$

Дар ин ҷо: M – ҳаҷми пул,

V – суръати муомилоти он,

P – нархи миёнаи воҳиди мол,

g – ҳаҷми умумии молҳои истеҳсолшуда.

Яъне ҳосили ҷамъи миқдори пул ва суръати гардиши он бояд ба нархи миёнаи воҳиди молу хизматҳо ва ҳаҷми умумии ин молу хизматҳо баробар бошад. Аз ин ҷо:

$$M = \frac{pg}{V}, \text{ мебошад.}$$

Барои микдори пулҳои мамлакатро ҳисоб кардан ҳамагӣ 7 агрегати онро фарқ мекунанд. Вале барои муомилоти оддии пулро тасаввур намудан се агрегати он кифоя мебошад.Мо онҳоро дар накшаи 13.2. меоварем.

*Нақшаи 13.2.* Микдори пулҳои дар муомилот буда




Аз нақша дида мешавад, ки пулҳои ҳақиқӣ танҳо M1 мебошад, ки нимаи солҳои 80 –ум дар ИМА тақрибан 20% ташкил медоданд, яъне 1/5 ҳиссаи маблағҳои пулии мамлакатро пулҳои ҳақиқии коғазӣ ташкил мекарданд.

Аз ин ҳодиса чунин хулоса бармеояд, ки ҳоло дар муомилоти молии мамлакатҳои ҷаҳон мубодила бо воситаю ёрии пулҳои нақд ва ҳисобу китоби ғайринакда ба роҳ монда мешаванд. Ҳисобу китоби ғайринақдаро корхонаҳову муассисот зиёдтар дар байни худ истифода мебаранд. Аз ин усули муомилот натанҳо корхонаҳо, балки шаҳрвандон ва давлат ҳам нафъи калон мебинанд.

Набояд фаромӯш кард, ки дар замони ҳозира танҳо дар мавриди вазъи мӯътадил доштани иқтисодиёт ҳисобҳои ғайринакда васеътар кор фармуда мешаванд. Дар ин ҳолат шаҳрвандону муассисот ва корхонаҳо метавонанд тамоми маблағҳои ба захираҳову амонат равандаро бо роҳи аз як ҳисоби ҷорӣ ба ҳисоби дигари ҷорӣ гузаронидан ба роҳ монанд. Дар назари мо ҳамин хел мавкеи истифодаи пулҳои нақд ба мазмуни муайян миқдори онҳоро маҳдуд менамояд. Чунки ҳисобу китоби ғайринақда ҳаҷми талаботро ба онҳо назарнамо кам мекунад.

Дар ҳолати бӯҳрони иқтисодӣ, бекурбшавӣ нобоварии мардумон афзуда, онҳо ҳисобҳои ғайринакдаро камтар истифода мебаранд. Илова бар ин мубодилаи бартерӣ (маҳсулотӣ) аз нав ҷоннок мешавад. Дар ибтидои солҳои 90–ум муносибатҳои иқтисодии мамлакатҳои собиқи сотсиалистӣ таи парокандашавии он ва кандашавии робитаҳои иқтисодӣ бартерро ҳамаҷолниба ҷоннок карда буд, ки ҳамчун натиҷаи он бекурбшавии пулҳо боз ҳам шиддат гирифт.

## 13. §4. МАЗМУНУ МАРОМИ БЕҚУРБШАВӢ

Тадқиқгарон дуруст нишон медиҳанд, ки бекурбшавӣ мансуб ба давроии муомилоти пулҳои коғазӣ мебошад. Чунки дар давраи муомилоти "пулҳои табиӣ" тағйироти талабот ба пулҳо гӯё ба таври автоматӣ идора карда мешаванд. Агар дар муомилот пулҳо зиёд шаванд, зери таъсири ин таносуб

як ҳиссаи онҳо зиёдатӣ ва ё барои муомилот "нодаркор" мешаванд. Бинобар он дар бозор нархҳо афзудан мегиранд, аз дигар тараф, миқдори муайяни пулҳо муомилотро тарк карда, ба ҷавоҳирот табдил меёбанд. Минбаъд баробари кам шудани ҳаҷми нақдинаҳои дар муомилот фаъолиятбаранда захираҳои пештара сандуқҳоро тарк карда, аз нав ба муомилот кашида мешаванд. Яъне ҳиссаи норасоии маблағҳои нақдинаҳоро пур мекунанд.

Аммо дар баробари дар муомилот пайдо гаштани пулҳои коғазӣ ин тамоюл тағйир меёбад. Чунонки дар боло нишон додем, пулҳои коғазӣ бо фармони (декрети) давлат ба муомилот ворид карда мешаванд. Аз ҳамин сабаб дар муомилоти пулҳои коғазӣ зери таъсири фаъолияти бонкҳо ва касодшавию нокисиҳо дар истеҳсолот рӯй ба бӯҳрон меоварад. Ин бӯҳрон ҳамчун бекурбшавӣ зоҳир мегардад. Бекурбшавӣ ҷараёне мебошад, ки дар давоми он пулҳо назар ба талаботи муомилот зиёд мешаванд ва нархҳо баланд мегарданд. Албатта, равиши бекурбшавӣ ҳама вақт хислату мароми хосаи худро дорост. Аммо бо мақсади таълимӣ се навъи асосии бекурбшавиро ҷудо мекунанд:

а) бекурбшавии **бомаром** ё оҳиста,

б) бекурбшавии **босуръат,**

в) бекурбшавии **шиддатнок** (баландсуръат).

Акнун ба маънидоди ин равияҳои бекурбшавӣ мегузарем. **Бекурбшавии бомаром,** ки онро баъзе тадқиқотчиён "табиӣ" меноманд, дар мамлакатҳои мутараққии ҳозира ва дигарҳо ҷой дошта метавонад. Дар ин бекурбшавӣ афзоиши сатҳи нархҳо тақрибан дар ҳудуди 5 – 8 ё 8 – 10 фоиз рӯй медиҳанд. Ин гуна бекурбшавӣ бо таъсири тағйироти ҷузъии иқтисодиёт ба вуқӯъ омада метавонад. Ин гуна бекурбшавиро амалан пешгӯӣ кардан ва ҳатто бартараф сохтан ҳам имконпазир аст. Аммо ин сатҳи бекурбшавиро аксаран барои иқтисодиёт беҳавфу хатар ҳисоб мекунанд. Чунки таъсири манфии он ба иқтисодиёти мамлакатҳо бо ёрии чораҳои муайян бартараф сохта мешавад.

**Бекурбшавии босуръат** – ин равияи бекурбшавӣ одатан афзоиши нархҳоро дар ҳудуди то 20 – 30 фоиз ва баъзан аз ин зиёд ба миён меоварад. Сабабгори ин гуна бекурбшавӣ бӯҳронҳои иқтисодӣ, тағйироти назарнамо дар иқтисодиёт ва монанди инҳо буда метавонанд. Бекурбшавии босуръатро амалан бартараф сохтан берун аз имкон аст. Аммо давлатҳо чораҳои муайян андешида, сатҳи бекурбшавиро паст карда ва ё ба он монеъ шуда метавонанд.

**Бекурбшавии шиддатнок** (баландсуръат) – ин равия одатан дар даврахои калони фаъолияти иқтисод, бӯҳронҳои иқтисодии шадид, бӯҳронҳои сиёсию тафаккурӣ, тағйироти идораи давлатӣ, салтанатҳо рӯи дода метавонад. Дар ин бекурбшавӣ нархҳои молу хизматҳо хеле босуъат баланд шуда, дар давоми ҳафтаву моҳ, семоҳа ва сол чандин каратро ташкил медиҳанд. Масалан, таи парокандашавии Иттиҳоди Шӯравии собиқ ва ҷаҳони сотсиалистӣ нимаи дуюми солҳои 80–ум ва аввалҳои солҳои 90–ум иқтисодиёти аксари ин мамлакатҳо ба бекурбшавии шиддатнок гирифтор гардида буд. Нархҳо дар давоми сол 10 – 15 то 20–25 маротиба баланд мешуданд. Илова бар он бекурбшавӣ муддати тӯлонӣ давом ёфта, муомилоти пулии аксари ин мамлакатҳоро комилан хароб гардонида буд. Дар аксари ин мамлакатҳо ислоҳоти молиявию пулӣ гузаронида шуда буданд.

Ин бекурбшавӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳам фаро гирифта буд. Дар зарфи солҳои 1992—1995 нархҳо тохти худро суръат бахшида, ҳар соле то 20 – 25 маротиба баланд мешуданд. Дар натиҷаи ин бӯҳрон сатҳи умумию миёнаи нархҳо то 800 –1000 маротиба баланд шуда буданд.

Дар мамлакатҳои иқтисоди бозории мутараққӣ ду равияи асосии маънидоди сабабгори бекурбшавӣ ҳамаҷониба эътироф шудааст:

1) маънидоди монетарии бекурбшавӣ,

2) маънидоди ғайримонетарӣ (навклассикӣ).

Маънидоди монетарии бекурбшавӣ ҳамон сабабгории ин равишро нишон медиҳад, ки дар рафти фаъолияти иқтисодиёт миқдори пулҳои дар муомилот буда назарнамо зиёд мешаванд, аммо ҳаҷми маҳсулот (молҳо) зиёд намешавад, бинобар он сатҳи нархҳо торафт баланд шудан мегиранд. Ҳамин хел пулҳои миллӣ нисбат ба молҳо ва асъори хориҷӣ қадри худро кам мекунад, бинобар он ҳам нархҳо баланд мешаванд. Мувофиқи ин нишондод, агар бонки пулбарор (эмиссионӣ) миқдори пулҳои дар муомилот амалкунандаро сари вақт кам кунад, он гоҳ бекурбшавӣ боздошта мешавад. Ҳақиқатан бошад, вай ҳодисаи оддиву яктарафа нест, балки вай тарафҳои зиёди иқтисодиётро фаро мегирад. Яъне пул бо мазмуни муайян танзимгари иқтисодиёт ҳам мебошад. Вай, аз як тараф зиёд шуда, талаботро ба маблағ зиёд менамояд, чунки бекурбшавӣ нархҳоро баланд бардошта, хонаводаҳоро маҷбур месозад, ки барои таъмини талабот зиёдтар пулро сарф намоянд.

Баландшавии нархҳо ҳам натиҷаи бекурбшавӣ ва ҳам натиҷаи камсамарии иқтисодиёт, зиёд будани хароҷот ва афзоиши талабот ба захираҳо ҳам буда метавонад. Илова бар ин афзудани нархҳо натиҷаи зиддияту нокисиҳо дар таркиби истеҳсолот, сиёсати асоснокнашудаи давлат ва ба монанди инҳо ҳам буда метавонад.

Маънидоди монетарии бекурбшавӣ ба хулосаи дуруст меояд, ки дар асри XX ривоҷу равнақи муносибатҳои пулию қарзӣ ҳамчун сабабгори аз ҳамдигар ҷудо шудани бозори пулҳо ва бозори молу хизматҳо мешавад. Ин ҷудошавии бозори пулу бозори ҳақиқӣ боиси ҳамон мегардад, ки бозори пул мустақилона фаъолият бурда, ҳамчун қувваи беҳамтои суръатбахшанда ба бекурбшавӣ хизмат менамояд.

Маънидоди ғайримонетарии бекурбшавӣ таъкид дорад, ки миқдори пулҳо сабабгори бекурбшавӣ набуда, балки зиддияту норасоиҳо дар таркиби истеҳсолот ба бекурбшавӣ бурда мерасонанд.

Маънидоди ғайримонетарӣ се сабаби асосии бекурбшавиро асоснок намудааст:

1) Афзудани хароҷоти истеҳсолот, ки дар он суръати афзоиши музди кор назар ба ҳосилнокии меҳнат баланд буда, зиёдшавии андозҳо аз даромадҳо пеш мегузарад.

2) Тағйироти таркибии талабот ба тағйироти маҷмӯи таклифот мувофиқат намекунанд.

3) Мавқеи ҳукмронии инҳисории фирмаҳо. Тарзҳои ҳукмронии олигополӣ ва мавқеи ҳукмронии иттифоқҳои касаба комилан нигоҳ дошта мешаванд ва онҳо ҳамчун қувваҳои афзуннамояндаи нархҳо хизмат мекунанд.

Дар назари мо маънидоди монетарию ғайримонетарии бекурбшавӣ ба ҳамдигар муқобил набуда, амалан ҳамдигарро пурра мекунанд. Агар аввалӣ сабабҳои асосиву дохилии бекурбшавиро тадқиқу таҳлил намояд, дуюмӣ сабабҳои дар иқтисодиёт ҷой доштаи ба бекурбшавӣ мусоидаткунандаро мадди назар мегирад. Аз ин лиҳоз яке дигареро пурра карда, бекурбшавиро маънидод мекунанд.

Бекурбшавии солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойдошта сабабҳои дохилию берунӣро дошт. Яъне вай дар натиҷаи сар дода шудани нархҳо – аз тарафи давлат озод шудани нархҳо, дигаргуниҳои намоёни сиёсию иқтисодӣ, шикаста шудани робитаҳои иқтисодии пештара, тағйироти хароҷот, харобшавии корхонаҳо ва монанди инҳо сурат гирифт. Ҳоло давлати Тоҷикистон кӯшишҳои муайянро пеш гирифта, чораҳои солимгардонии молия, муассисоти бонкӣ, бозор ва монанди инҳоро ба ҳаёт татбиқ намуда, бо ҳамин васила мехоҳад оқибатҳои шикастовари иҷтимоию иқтисодии бекурбшавии шиддатнокро то андозае нарм гардонад ва ё бартараф созад. То ҷӣ андоза ин кӯшишҳо бо музаффарият анҷом меёбанд, инро оянда боял ба мо нишон диҳад.

## 13. §5. ИСЛОҲОТИ ПУЛИИ ТОҶИКИСТОН

Баъди ба истиқлолият соли 1991-ум расидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар як муддати кӯтоҳ пулҳои дар муомилот амалкунанда бо таъсири шикастани Иттиҳоди Шӯравӣ қурби худро гум карданд. Бинобар он ҳам дар Тоҷикистон монанди ҷумҳуриҳои дигар зиддиятҳои сершуморе муомилотро фаро гирифтанд. Мардумон эътимодро ба пулҳои пештара гум карданд. Ҳамон сол чораҳои дигарсозии системаи бонкҳо пеш гирифта шуда буданд. Аммо муомилоти пул ба эътидол наомад.

Ҳамон замон дар хоки Тоҷикистон ҷанги дохилӣ идома дошта, иқтисодиёт рӯй ба таназзул оварда буд. Вай ҳатто имкони интишори пулҳои худро надошт. Бинобар он ҳукумати онзамонаи Тоҷикистон бо давлати Русия шартнома ба имзо расонида, дар муомилот пулҳои интишори соли 1993-уми русиро ба муомилот ворид намуд. Ду соли истифодаи ин пулҳо бӯҳрони давомёбандаро боз ҳам пурзӯр намуданд. Аз ин сабаб дар назди ҳукумат ҳалли муаммои муомилоти пулҳо гузошта шуда буд.

Дар асоси таҳлилу омӯзишҳо ҳукумат ба қарор омад, ки аз охирҳои моҳи апрели соли 1995 пулҳои муваққатии Тоҷикистонро ба муомилот ворид намояд. Ин пулҳо рубл номида шуда буданд. Ба муомилот пулҳои майдаи 1,5, 10, 20, 50 рублӣ ва 100, 200, 500, 1000 рублӣ ҷорӣ шуда буданд. Ҳангоми ба муомилот ворид кардани пулҳои нав таносуби вай ба доллари амрикоӣ 1 доллари амрикоӣ = ба 50 рубли тоҷикӣ буд.

Ногуфта намонад, ки кормандони ҷабҳаи муомилоти пулу бонкҳо ҳамон соҳибтахассусоне буданд, ки дар асоси ғояҳои илмии марксистӣ тарбия гирифта буданд. Бинобар он барои ҳиссаи зиёди инҳо принсипҳои бозории идораи иқтисодиёт ва муомилоти пул ноаён буд. Аз ин рӯ ҳам давлатҳои бозоргонӣ, сохторҳои байналмилалии молиявӣ бо тавсияи Созмони Милали Муттаҳид ва дигар сохторҳо кӯмаку ёрмандиро ба соҳибтахассусон шурӯъ на-

муданд. Онҳо ба мамлакатҳои хориҷӣ рафта, муомилоти пулҳои онҳоро меомӯхтанд, семинару курсҳои кӯтоҳмуддат дар худи Тоҷикистон низ ба роҳ монда мешуданд. Ҳамин тавр дар давоми 2–3 сол тахассуси кормандон такмил дода шуд ва имконот барои идораи молиявии ҷомеа фароҳам омад.

Охирҳои соли 1999–ум як доллари амрикоӣ ба 1600 – 1650 рубли тоҷикӣ баробар шуда буд, яъне қурби вай дар ин муддат 4,5 – 4,7 маротиба паст фаромада буд. Аз ин рақам бармеояд, ки беқурбшавӣ ҳар соле ба ҳисоби миёна зиёда аз 100 фоизро ташкил медод. Танҳо солҳои 1998 – 1999 ин суръат то андозае паст гардида, муомилот ба эътидол омад ва Бонки миллии Тоҷикистон чораҳои танзими молиявиро пеш гирифта буд.

Аз 30 октябри соли 2000-ум Бонки миллии Тоҷикистон мувофиқи қарори Ҳукумат пулҳои нави мамлакатро ба муомилот баровард. Ин пулҳо сомонӣ ва дирам буданд. Як сомонӣ ба ҳазор воҳид пули пештара баробар дониста мешуд. Дирамҳо бошанд, вазифаи пулҳои майдаро ба иҷро расонида, бо таносуби 1=10 ба муомилот ворид шуда буданд. Сомонӣ ва дирамҳо ҳақиқатан пули миллии Тоҷикистон дониста шудаанд ва мардумон муомилоти онро ҷонибдорӣ намуданд.

## 13. §6. БОНКҲО. СИСТЕМАИ ҚАРЗИИ ҶОМЕА

Бонкҳо муассисоти қарзии замони мо мебошанд, ки одатан маблағҳои озоди шаҳрвандон, хонаводаҳо ва корхонаву фирмаҳоро гирд оварда, ин маблағҳоро ба эҳтиёҷмандон дар шакли қарз пешниҳод мекунанд. Бо ин сабаб бонкҳоро анбор, хазинаи маблағҳо ҳисоб мекунанд. Пеш аз маънидоди мазмуни иқтисодии фаъолияти бонкҳо, андаке суханро ба таърихи онҳо мебахшем.

Баъзе тадқиқотгарон барҳақ қайд мекунанд, ки бонкҳо таърихи дуру дарозе доранд. Мувофиқи баъзе шаҳодатҳои тақрибӣ муассисоти ба бонк шабоҳат доштаро ҳанӯз дар Риму Юнони Қадим дучор меомаданд. Дар мамлакатҳои Шарқ, аз ҷумла дар сарзамини Осиёи Марказӣ, Эрон ҳанӯз дар замонҳои қадим, баробари пойдор гаштани давлатҳо амали хазинадорӣ ба миён меояд. Хазина – муассисоти давлатие буд, ки тамоми нақдина, ҷавоҳирот, ғаниматҳо ва дороии салтанатро нигоҳ дошта, мувофиқи талаби рӯзгор ва фармони шоҳону амирон онро сарф мекард. Ба хазина маблағҳо ҳамчун андоз ва даромадҳо ворид мешуданд, ғайр аз он инъомҳо ба подшоҳу амир, ғаниматҳои ҷанг низ дохил мегаштанд. Ин маблағҳо ба таъйиноту мақсади муайян сарф карда мешуданд. Хазина одатан мутасаддӣ, ё ҳомии дахлу харҷи дарборӣ буд.

Дар замонҳои қадим боз як фаъолияти дигар – саррофӣ маъмул буд. Саррофон – одатан бо ном саракунандагони пул буданд. Яъне онҳо одатан пулҳои ҳақиқию қалбакиро аз ҳамдигар фарқ мекарданд ва муоинаи нақдинаҳои мардумонро ба роҳ мемонданд. Саррофон мувофиқи қоида пулҳои калонро майда мекарданд ва ё баръакс, бадали пулҳоро ҳам ба иҷро мерасониданд. Маҳз ҳамин муассисот, ки дар ибтидо номи саррофхонаҳоро доштанд, вазифаҳои нахустини бонкҳоро ба иҷро мерасониданд.

Фаъолияти дигари ба фулузоти асил кордоршаванда заргарӣ мебошад. Одатан заргарҳо доимо бо тиллову нуқра кордор шуда, хислатҳои ин фулузотро хуб меомӯзанд. Бинобар он дар байни мардум ҳамчун шиносандаи

фулузоти асил шӯҳрат меёбанд. Аз ин рӯ мардумон ба онҳо оид ба ин гуна фулузот зиёдтар мурочиат менамоянд. Дӯконҳои заргарӣ ҳам дар ибтидо вазифаҳои аввалини бонкӣ – нигоҳ доштану захира кардани пулҳои ҳақиқӣ ва фулузоти асилро ба зимма дошта метавонистанд.

Ҳамин тавр дар асрҳои миёна муассисоте пайдо мешаванд, ки вазифаи асосии онҳо гирдоварию нигаҳдории пулҳо, фулузоти асил ва монанди инҳо мегардад. Ин муассисот дар ивази маблағҳо ва фулузоти асили ба амонат гирифтаашон ба соҳибони он дороиҳо ҳуҷҷат навишта медоданд, ки номи васиқаро (вексел) доштанд. Васиқа амалан ҳуҷҷат ё ӯҳдадории қарзӣ ба ҳисоб мерафт ва минбаъд барои муомилот ба ҷои нақдина истифода шуда метавонист. Монанди ҳамин ӯҳдадорию қоғазҳои дигар низ ҳамчун ӯҳдадориҳои қарзию пулӣ, аз ҷумла чак (чек)–ҳо истифода мешуданд.

Чек - ин ҳуҷҷати махсусе мебошад, ки дар он бонк ба таври хаттӣ ба ягон шахс дар бобати додани як миқдори пул супориш медиҳад.

Ривоҷу равнақи муомилоту тиҷорат, муносибатҳои пулию қарзӣ зери таъсири пешрафти истеҳсолот хазинадории ҳақиқиро ҳамчун зарурат ба миён оварданд. Дар асрҳои миёна ин гуна муассисот ба арзи вуҷуд оғоз намуда, ҳанӯз дар асри XIV нақши намоёнро дар Италия ба худ мегиранд, ки номи бонкҳоро соҳиб шуда буданд. Ҳамин хел, бонкҳо муассисоти қарзию пулие мебошанд, ки дигар аз тобеияту итоати давлат озод гардида, хислати тиҷоратиро ба худ гирифта буданд. Минбаъд бонкҳо ҳамчун муассисоти тиҷоратӣ ривоҷу равнақ ёфта, тадриҷан вазифаҳои худро ҳам дигаргун ва васеъ месозанд. Бонкҳо аввал аз ҳама зиёдтар таъйиноти тиҷоратӣ дошта бошанд, яъне пулҳои озодро гирд оварда, онро дар ивази фоиз ба мӯҳтоҷон ба қарз диҳанд, сонитар онҳо ҳамчун маркази ҳисобу китоби гайринақдаи мизоҷон низ фаъолият мебаранд. Дертар бузургшавии бонкҳо сурат гирифта, иттиҳодҳои инҳисорӣ пайдо мешаванд, ки вазифаи танзиму назоратро ҳам ба зимма мегиранд.

Баробари ба танзиму идораи иқтисод шуғл варзидани давлатҳо бонкҳои марказию давлатӣ пайдо мешаванд, ки вазифаи пулбарорӣ ба зиммаи онҳо вогузошта мешавад*.

*Нақшаи 13.3.* Марҳилаҳои инкишоф ва намудҳои бонкҳо. Решаҳои таърихии бонкҳо




Ҳамин тавр мувофиқи маълумоти дар нақша овардашуда то замони мо муассисоти бонкӣ чор зина ё марҳалаи инкишофро аз сар гузаронидаанд. Дар

* Ниг. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» Душанбе 1998.

марҳалаи ҳозира бошад, навъҳои зерини бонкҳо фаъолият доранд:

1) бонкҳои тиҷоратӣ;
2) муассисоти ёрирасони бонкӣ;
3) бонкҳои давлатӣ;
4) бонкҳои ҷаҳонӣ.

Одатан бонкҳои давлатӣ – бонкҳои марказӣ ба ҳисоб рафта, вазифаҳои интишори пул ва танзимгариро ба зиммаи худ доранд. Дигар бонкҳо ва муассисоти мансуби онҳо фаъолияти тиҷоратиро ба роҳ мемонанд. Яъне онҳо маблағҳои пулии озодро гирд оварда, ба соҳибонашон подош (фоиз) медиҳанд ва ин маблағҳоро ба қарз пешниҳод карда, аз қарзгирандагон фоиз мерӯёнанд. Тафовути фоизи гирифташаванда ва пешниҳодкунандаи бонк даромади вайро ташкил медиҳад.

Ҳоло аксари бонкҳо бо ҳисобу китоб, назорат ва танзимгарӣ низ машғуланд. Амалиёти бонкҳо фаъол ҳисобида мешаванд, агар онҳо маблағҳо (депозитҳоро) ба қарз пешниҳод кунанд. Мавриди амалиёти бо бонк гирдоварии маблағҳо фаъолият нофаъол ҳисобида мешавад.

Бо амалиёти қарздиҳӣ машғул шуда, бонкҳо имконоти афзун гардонидани маблағҳои пулиро ба миён меоваранд. Аз ин рӯ онҳо ба вазъи фаъолияти хоҷагӣ таъсир расонида, ба мувозинати макроиқтисодӣ таъсири мусбату манфӣ мерасонанд. Аз ин сабаб бонк омили макроиқтисодӣ шуморида мешавад.

Бонки Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1991 таъсис ёфта буд, ки ҳамчун бонки давлатӣ вазифаи танзиму идораи муомилоти пулӣ, фаъолияти бонкҳои тиҷоратиро ба зимма дорад. Ҳоло бошад, дар мамлакат системаи бонкҳои саҳомию тиҷоратӣ ташкил ёфтаанд, ки ба корхонаҳову муассисот, шаҳрвандон хизмат мекунанд.

# БОБИ 14. АНДОЗҲО ВА НИЗОМИ ОНҲО

## 14. §1. МОҲИЯТ ВА НИЗОМИ АНДОЗҲО

**Андозҳо** – пардохти маблағҳои дорои хусусияти ҳатмӣ мебошанд, ки шахсони ҳуқуқӣ /корхонаю ташкилот/ ва воқеӣ /аҳолӣ/ ба буҷети умумидавлатӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ—ноҳиявӣ дар асоси қоидаю тартиботи қонунгузории амалкунанда, дар вақти муайяншуда месупоранд. Онҳо дар шаклҳои хеле мухталиф баромад карда, дар ташаккул ва пурраю ғанӣ намудани қисмати даромади буҷети давлат ва бо ин васила дар амалигардонии сиёсати фискалӣ ё хазинадории ҳар як давлати мустақилу соҳибихтиёр саҳми бағоят бузург ва ҳалкунанда доранд.

Давлат бошад, дар навбати худ барои ҳар як соли оянда ва мӯҳлатҳои дигар дар дохили он – ним сол, се моҳ, як моҳ, хароҷоти заруртаринро ба таври марказонидашуда дар буҷети умумидавлатӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ ба нақша мегирад, ки бояд аз ҳисоби манбаъҳои гуногуни даромади буҷет рӯпӯш шаванд. Аз ин рӯ, давлат бе механизми боҷу хироҷ ва тартиботи қонунии андозгузорию андозситонӣ, ҳеҷ гуна сиёсати иқтисодию молиявии худро амалӣ гардонда наметавонад. Ин аст, ки сиёсати оқилонаю асоснокн андозгузорию андозситонӣ, чун пойдевори устувори стратегияи хазинадорӣ ва кафолати молиявии давлат барои бо маблағҳои кифоя пӯшонидани хароҷотҳо аҳамияти аввалиндараҷа дошта, бо мақсади рушду густариш додани иқтисодиёти соҳаҳои хоҷагии халқ, аз ҷумла сармоягузории давлатӣ, бо пул таъмин намудани дастгоҳҳои идораи давлатӣ, ҳифзи иҷтимоии як қисмати камбизоати аҳолӣ бо назардошти дастгирӣ ва кӯмаки давлатӣ, илму фарҳанг, маориф, тандурустӣ, муҳити зист ё экология, сохторҳои қувваги давлат, баргардонидани қарзҳои давлатии дохилӣ ва хориҷӣ, бунёди маблағҳои захиравии давлатӣ ва ғайра бениҳоят муҳим мебошанд.

Ҳар як кишвари мустақил аз давру замонҳои хеле қадим сар карда ва имрӯз низ ҳуқуқи андозгирию андозсупорӣ, яъне ба **низоми андози** хосае соҳиб аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло ба низоми андози маҳз барои шароити кунунии иқтисодию иҷтимоӣ мутобиқро соҳиб аст. Ин низоми нисбатан нав, ки ба моҳияту хусусиятҳои иқтисодиёти давраи гузариш хос мебошад, намудҳои андоз, принсипҳо ва усулҳои муқаррар намудан, тағйир додан ва бекор кардани онҳо, механизми назорат аз ҷониби мақомоти давлатии андоз ва ҷавобгариро барои вайрон кардани ҳуқуқи андоз, дар бар мегирад. Инчунин вай мафҳумҳои махсус, ба монанди объект, субъект, манбаи андозгузорӣ, ставкаи андоз, воҳиди андозбандӣ, шаклҳои андозситонӣ дар вобастагӣ ба сарчашма ва намудҳои даромад, ҳуқуқ ва ваколатҳои шахси андозсупоранда, тартиботи пешниҳод ва ҷамъ овардани андоз, ӯҳдадориҳои андоз ва ҳисоб кардани маблағи андозҳо, тартиботи пардохтан, ҷамъ кардан ва маҷбуран ситонидани андозҳо, ҷавобгарӣ, мақом, вазифаю ҳуқуқи мақомоти андоз ва дигар масоили дахлдорро пурра инъикос менамояд.

**Субъектҳо** – ин ҳамон андозсупорандагон – шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ мебошанд, ки дар асоси қонуни андоз барои пардохтани андози муайяншуда ба буҷети давлат вазифадор мебошанд. Ҳеҷ шахс ва ягон корхона аз супоридани андозҳои хатмӣ ба буҷети давлат, озод буда наметавонад.

**Объекти** андозгузорӣ бошад, маънои онро дорад, ки андоз аз чӣ, яъне кадом нишондиҳандаи фаъолияти иқтисодӣ гирифта мешавад. Масалан, дар бобати фаъолияти соҳибкорони фардӣ ё шахсони воқеӣ – андоз аз даромади онҳо, барои корхонаҳо – андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз маблағи фоидаи тавозунӣ, андоз аз арзиши амвол ва ғайра тасдиқ гардидааст.

**Ставкаи андоз** – ин меъёри андоз ба як воҳиди андозбандӣ мебошад, ки онро давлат муайян мекунад. Мисол, ставкаи андоз бо ҳисоби фоиз аз маблағи фоидаи тавозунӣ, андоз бо пули сомонӣ ва дирам аз 1 гектар ё 1 $м^2$ замин ва ғайра объектҳои андозбандӣ, муқаррар гардидааст.

Ставкаи андоз на бояд беҳад паст ва бениҳоят баланд бошад. Зеро сатҳи баланди ставкаҳои андоз манфиати андозсупорандагонро халалдор намуда, онҳоро дар пеш бурдани истеҳсолот, бевосита ҳавасманд намегардонад. Баръакс, ставкаҳои пасти андоз ҳам имконият намедиҳанд, ки маблағҳои зарурӣ ба буҷет ворид шуда, давлат вазифаҳои конститутсионии худро хубтар ва сари вақт ҳаллу фасл намояд. Аз ин лиҳоз, ставкаҳои андоз, аз назари илм ва амали иқтисодӣ бояд дуруст асоснок гардида, оқилона муайян карда шаванд.

Мақоми давлатии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, идораҳои андози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе ва инспексияҳои андози ноҳияҳою шаҳрҳо иборат мебошанд, ки дорои ҳуқуқи шахси юридикианд. Кумитаи андози ҷумҳурӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва идораҳои андози маҳаллӣ бошанд, ба мақомоти андози болоӣ табеъ мебошанд. Дар ҳайати мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло сохтори нав – воҳидҳоиполисияи андоз амал мекунанд.

Ба Кумитаи андози ҷумҳурӣ Раис роҳбарӣ мекунад, ки ӯро ба ин вазифа Ҳукумати Ҷумҳурӣ таъйин ва озод мекунад.

Муовини аввал ва муовини Раиси Кумитаи андози ҷумҳуриро бо пешниҳоди Раиси Кумитаи андози Ҷумҳурӣ низ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин ва аз кор сабукдӯш менамояд.

Дар Кумитаи андози ҷумҳурӣ ҳайати мушовара таъсис дода шудааст, ки ҳайати онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

Вазифаҳои асосии мақомоти андоз чунинанд:

– таъмини иҷро ва риояи қонунгузорӣ оид ба андозҳо;

– иштирок дар кори таҳияи лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, аз ҷумла Созишномаҳо бо дигар давлатҳо;

– ба андозсупорандагон фаҳмонидани вазифаю ӯҳдадориҳояшон;

– сари вақт огоҳ намудани андозсупорандагон, дар бораи тағйироти қонунгузории андоз.

Полиси андоз бошад, воҳиди нисбатан нав ва таркибии ҳифзи ҳуқуқи мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо, барои огоҳ кардани ҳуқуқвайронкуниҳои андоз, бо мақсади сари вақт ва пурра ба буҷет ва фондҳои давлатӣ ворид

шудани андоз фаъолият менамояд. Онҳо вазифаҳои басо муҳимму масъулиятнок – ошкор намудан, огоҳ ва пешгирӣ кардани ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкунии андоз, аз ҷумла, ҷиноятҳои вазифавӣ дар мақомоти андозро ба ӯҳда доранд. Ҳамчунин таъмин намудани амнияти фаъолияти мақомоти андоз, муҳофизати кормандони онҳо, ба қатори вазифаҳои асосии ин мақомоти махсуси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд.

Дар чараёни иҷрои вазифаҳои хизматиашон мақомоти андоз чун сохтори давлатӣ ва кормандони он бояд ба амали шудани принсипҳои умумӣ – волоияти қонун, риояи ҳуқуқҳои баробару озодиҳои шахс ва шаҳрвандон, зери назорат ва ҳисобдиҳанда будан ба мақомоти болоӣ, пайваста саъю кӯшиш ба харҷ диҳанд.

Ҳоло дар Тоҷикистон масъалаи таҳияву қабул, амалӣ сохтан, тағйир додан ва илова намудани қонуни андоз, мисли дигар қонунҳо ба зиммаи Парламенти дупалатагии навинтихобгаштаи касбӣ, аз ҷумла Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ гузошта шудааст. Пас аз қабул шудани қарори ин мақомоти олии қонунгузори мамлакат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ин масъала фармони махсус ва он аз ҳамон рӯзи ба таври расми нашр гардиданаш сар карда, ҳукми амалии қонунро пайдо мекунад.

## 14. §2. КОДЕКСИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки он моҳият ва мазмуни низоми андози мамлакатро дар бар мегирад, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 ноябри соли 1998, тахти рақами 665 тасдиқ намудааст.

Қонуни мазкур аз 1 январи соли 1999, вале бандҳои алоҳидаи он аз 1 июли соли 1999 ва аз 1 январи соли 2000 мавриди амал қарор дода шудааст.

Вай аз ду қисми асосӣ—умумӣ ва махсус таркиб ёфтааст.

Қисми умумӣ Кодекси андози мамлакат аз се фасл: муқаррароти умумӣ; муқаррароти умумии маъмурӣ; мақом ва сохтори мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.

Қисми махсуси Қонуни андоз аз 17 боб таркиб ёфтааст ва ҳар ҷузъи алоҳидаи он ба таснифи намудҳои алоҳидаи андоз ва тартиботи андозбандӣ ва андозсупорӣ дар қаламрави Тоҷикистон бахшида шудааст.

Аҳамияти ин ҳуҷҷати расмии қонунӣ аз он иборат аст, ки аввалин бор низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз назари комилан тоза бо назардошти хусусиятҳои хоси давраи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ арзёбӣ намудааст ва нисбат ба қонунҳои андози солҳои пештар қабулгардида хеле содда ва то андозаи муайян аз ҷиҳати ҳуқуқию иқтисодӣ асоснок гардидааст.

Вале ҳеҷ гоҳ мо бояд фаромӯш накунем, ки ҳаёти иқтисодӣ ҳамеша бо суръати баланд тағйир меёбад, зеро мамлакат дар зинаи давраи гузариш ба системаи нави иқтисодӣ қарор дорад. Аз ин рӯ, Қонуни мазкур як чизи шахшуда набуда, бояд он бо назардошти тағйироти пешрафти ҳаёти иқтисодӣ дар асоси қоида ва шартҳои иқтисоди бозорӣ, тағйироту иловаҳои ҷиддӣ ворид карда шавад. Ва умуман, аз назари мо, ин Қонун аллакай ба баррасии нав, тағйироту иловаҳо, такмил додани низоми андозбандӣ мӯҳтоҷ аст, зеро ставкаҳои баланди андоз ба пешрафти босуръати иқтисодиёти миллӣ ва сатҳи беҳбуди шароити зиндагонии мардум таъсири

манфӣ мерасонанд. Дар ин бобат, аз нуқтаи назари танқид ва истифодабарии минбаъда дар шароити нави иқтисодии Тоҷикистон, кори мунтазам ва омӯхтани таҷрибаи бою ғании аксар давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон оид ба низоми бозории андозҳо аҳамияти калон дорад.

## 14. §3 НАМУДҲОИ АНДОЗ

Андозҳоро вобаста ба нишонаҳои зерин тасниф менамоянд:

– субъекти андозбандӣ – андозҳо аз шахсони юридикӣ ва воқеӣ;

– обеъкти андозбандӣ – андозҳо аз даромади аҳолӣ, андозҳо аз амвол ва андоз аз маводи воридотӣ;

– механизми пайдоиш – андозҳои мустақим /андоз аз фоида, андоз аз музди меҳнати коргарон ва хизматчиён/ ва андозҳои ғайри мустақим, ки дар ҷараёни тиҷорат ва истеъмоли молу хадамот аз истеъмолгарони ниҳоӣ ситонида мешаванд /андози арзиши иловашуда, аксизҳо/;

– манбаи андозгузорӣ – андозҳо аз музди меҳнат, андозҳо аз дивидендҳо, андози замин ва ғайра;

Ҳамчунин андозҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз андозҳои умумидавлатӣ /14 намуд/ ва маҳаллӣ /3 намуд/ иборат мебошад.

Ба қатори андозҳои умумидавлатӣ инҳо дохиланд:

1) андози даромад аз шахсони воқеӣ;
2) андози даромад аз шахсони ҳуқуқӣ;
3) андоз аз арзиши иловашуда;
4) аксизҳо;
5) андози иҷтимоӣ;
6) андози замин;
7) андоз барои истифодаи захираҳои табиӣ;
8) андоз аз амволи корхонаҳо;
9) андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт;
10) андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард;
11) андоз аз субъектҳои хурди соҳибкорӣ аз рӯи системаи соддакардашуда;
12) андоз аз фурӯш /нахи пахта ва арзиз/;
13) боҷи (пошлинаи) гумрукӣ ва дигар пардохтҳои гумрукӣ;
14) боҷи (пошлинаи) давлатӣ.

Ба андозҳои маҳаллӣ мансубанд:

1) андози фурӯши чаканаи мол;
2) андоз аз амволи ғайриманқули шахсони воқеӣ;
3) андоз барои нигаҳдории нақлиёти мусофиркаш.

Таҳлили истифодаи амалии андозҳо нишон медиҳад, ки соли 1997 миқдори умумии андозҳо беҳад зиёд буда, тақрибан ба 45—50 номгӯй мерасид. Тавре дар боло дидем, дар низоми нави андозгирии мамлакат ин миқдор 2,5 – 3,0 баробар аз ҳисоби як қатор андозҳои хурду ночиз ихтисор гардидааст, ки ба хоҳишу дархости андозсупорандагон бештар мусоидат намуда, ба буҷети давлат ҳеҷ гоҳ таъсири манфӣ намерасонад.

## 14.§4. ШАРҲИ МУХТАСАРИ АНДОЗҲОИ УМУМИДАВЛАТӢ ВА МАҲАЛЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар пурра намудани буҷети давлат, намудҳои алоҳидаи андоз мавқеи хоса доранд. Аз ин лиҳоз моҳият ва мазмуни як қатор андозҳои асосиро ба таври мухтасар дида мебароем.

Андоз аз фоида.

Андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқиро кулли корхонаҳои резидентӣ ва хориҷӣ новобаста аз шакли моликияташон ба буҷети умумидавлатӣ месупоранд. Меъёри ин андоз тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 январи соли 1999 ба 30 фоизи фоида, чун қоидаи ягона, муқаррар гардидааст. Солҳои 90-ум вай ба 35—45 ва дар давраи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ 50—65 фоизи маблағи фоидаро /фоидаи тавозуниро/ ташкил медод.

Объекти андозбандии корхонаи резидентӣ, маҳз фоидаи вай ба шумор меравад. Маблағи фоида чун фарқи байни даромади умумии андозсупоранда аз ҳисоби фурӯши молу хадамот /бе андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо/ ва хароҷотҳои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, ки ба арзиши аслии маҳсулот дохиланд, ҳисоб карда мешавад. Дар ин ҷо, албатта, сухан дар бобати фоидаи тавозунии корхона меравад, зеро вай ба ғайр аз фоида аз ҳисоби фурӯши молу иҷрои хадамот, боз фоида аз фурӯши фондҳои асосӣ, фоида аз амалиёти ғайритиҷоратӣ, масалан, даромад аз иҷораи амвол, маблағи ҷаримаҳои иқтисодии ба даст овардаи шахсони ҳуқуқӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Як нукта мусаллам аст, ки аз маблағи даромади умумӣ тамоми хароҷоти марбут ба гирифтани чунин даромад, ба ғайр аз хароҷот барои харидани воситаҳои асосӣ ва хароҷоти ба фаъолияти иқтисодӣ алоқаманд набуда, масалан сарфи маблағҳо барои намояндагӣ ва дигар намудҳои ба он монанд /гузаронидани тантанаҳо, ҷобаҷокунии меҳмонҳо ва ғайра/, тарҳ карда мешаванд.

Дар Тоҷикистон аз супоридани андоз аз фоида қонунан озод карда шудаанд:

– ташкилоти динӣ, хайрия, буҷетӣ, байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ, ба истиснои фоидаи аз фаъолияти соҳибкорӣ гирифтаи онҳо;

– маблағҳои беподош гузаронидашуда, аз ҳаққи аъзогӣ ва арзиҳои хайрия, ки ташкилот мегиранд;

– Бонки Миллии Тоҷикистон ва муассисаҳои он;

– дивидендҳое, ки аз корхонаҳои резидентӣ гирифта шудаанд;

– корхонаҳое, ки моликияти онҳо ба ҷамъияти маъюбон /нобиноён, карҳо/ тааллуқ доранд, ба шарте, ки:

а) на камтар аз 50% шумораи коркунонро ин гуна маъюбон ташкил диҳанд;

б) на камтар аз 50% маблағҳои фонди музди меҳнат ва мукофотпулиҳо, аз ҷумла дар шакли натуравӣ дода шуда, дар давраи солонаи ҳисоботӣ андоз барои эҳтиёҷоти маъюбон харҷ шудааст.

Барои муассисаҳои доимии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, яъне корхонаҳои муштарак, ки бо саҳми бевоситаи маблағгузорони хориҷӣ, дар қаламрави Тоҷикистон фаъолият доранд, андозгузорӣ бо меъёри 8% аз маблағи фоида муқаррар шудааст.

Мувофиқи қоидаҳои баҳисобгирии андоз соли тақвимӣ чун соли андозгузорӣ ба ҳисоб меравад.

Андозсупоранда вазифадор аст, ки даромад ва хароҷотро дар асоси маълумоти бо ҳуҷҷат асоснок аниқу саҳеҳ ва сари вақт ба ҳисоб гирад.

Ҳамаи андозсупорандагон /шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ/ оид ба андози даромад ва андоз аз фоида то 1 апрели баъди соли ҳисоботӣ ба мақомоти андоз бояд ҳатман **деклоратсия** супоранд.

Шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, ҳатман на дертар аз рӯзи 15–уми моҳ пардохтҳои ҷориро, ба андозаи 12/1 ҳиссаи маблағҳои андоз барои соли гузаштаи андозбандӣ, бояд ба буҷет супоранд. Ин маблағ ба зериби 1,2 зарб карда мешавад.

**Андоз аз арзиши иловашуда.**

Андоз аз арзиши иловашуда – як намуди андози ғайримустақим буда, аз соли 1992 инҷониб ҳамчун қисми арзиши дар тамоми марҳалаҳои ҷараёни истеҳсол ва фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасонии иловашуда, дар қаламрави Тоҷикистон мебошад. Ҳиссаи ин намуди андоз дар пурра ва ғанӣ гардонидани буҷети давлат ҳоло басо назаррас аст.

Андоз аз арзиши иловашуда ба кулли молҳои аз хориҷи мамлакат воридшаванда гузошта мешавад. Меъёри андоз ҳоло ба 20% арзиши иловашудаи молу хизматрасонӣ дар қонуни андоз тасдиқ шудааст. Дар ибтидои ҷорӣ шуданаш меъёри андоз ба 28% баробар буд.

Ба даромади буҷет ин андоз танҳо дар натиҷаи иҷрои амали фурӯши мол ворид мегардад. Дар буҷети мамлакат вазни қиёсии андоз аз арзиши иловашуда дар соли 1998 ба 13,2%–и маблаги умумии даромадҳо баробар буд.

Мутобиқи қонуни андози Тоҷикистон шахси ба қайд гирифташуда ё ӯҳдадоре, ки ҳамчун супорандаи андоз аз арзиши иловашуда дар мақомоти давлатии андоз махсус сабт мегардад, супорандаи ҳақиқии ин намуди андоз мебошад.

Шахси ба қайд гирифташуда аз лаҳзаи эътибор пайдо кардани бақайдгирӣ аз рӯи андоз аз арзиши иловашуда субъекти мустақили андозсупоранда мегардад.

Шахсони ба фаъолияти иқтисодӣ машғул новобаста аз шакли моликият, ки ҳаҷми муомилоти андозбандишавандаашон дар 12 моҳи пурраи тақвимии гузашта аз 12 ҳазор ҳадди ақалли даромади андозбандишаванда зиёд аст, ба мақомоти андоз ҷиҳати ба қайдгирӣ барои супоридани андоз ва арзиши иловашуда на дертар аз 10 рӯзи баъди ба охир расидани ин давра бояд **ариза** пешкаш намояд. Дар бобати иҷрои амалии ин муқаррароти қонунӣ назорати доимӣ бурда мешавад.

Шахсоне, ки барои ба қайдгирӣ дар мақомоти андоз тибқи талаботи қонун ҳеҷ гуна ӯҳдадор нестанд, бояд онҳо ба таври ихтиёрӣ ба ин идораи давлатӣ, ариза пешниҳод намоянд.

Объектҳои андозбандӣ аз арзиши иловашуда танҳо ҳаҷми муомилот, молу хадамот ва маводи воридоти андозбандишаванда аз хориҷи кишвар мебошанд.

Ҳаҷми воридоти андозбандишаванда ҳамон арзиши гумрукии молҳо, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад, ҷамеи боҷу андозҳое, ки бояд ҳангоми ба мамлакат аз хориҷи он ворид

кардани молҳо супорида шаванд, (аксиз, пошлина) мебошад. Фарз кардем, ки арзиши гумрукии як намуди молу озуқаворӣ 20 ҳазор доллари амрикоӣ, меъёри андоз аз арзиши иловашуда – 20% ва аксиз – 25%–и арзиши гумрукии мол, пошлина ё боҷи гумрукӣ – 15% арзиши гумрукӣ, ҳар гуна боҷу хироҷҳои гумрукӣ дар сатҳи 0,20% арзиши гумрукӣ муқаррар гардидааст. Аз рӯи ин рақамҳои поягию меъёрӣ ҳоло маблағи андоз аз арзиши иловашударо муайян менамоем.

1. Маблағи арзиши гумрукии ин номгӯи мол бо пули миллӣ, тибқи курси амалкунандаи табодули арз, ки аз рӯи 1 доллари Амрикоӣ = 2,2 сомонӣ, ҳисоб мекунем. Он гоҳ вай ба 48400 сомонӣ баробар аст /20000 x 2,2/ : 100/.

Андози аксиз ба ҳисоби 25% аз арзиши гумрукӣ 12100 сомонӣ [(48400 x 25) : 100], боҷи гумрукӣ бошад, ба 7260 сомонӣ [(48400 x 15) : 100] , баробар аст.

Боҷу хироҷҳои дигари гумрукӣ аз рӯи ҳисоб 968 сомонӣ ташкил медиҳанд. [(48400 x 0,20) : 100]

Ҳамин тавр, маблағи андоз ва арзиши иловашуда ҳангоми воридоти мол аз хориҷи мамлакат аз рӯи меъёри 20% арзиши гумрукии мол бо ҳисоби пули миллӣ ва бо назардошти ҷамеи боҷу хироҷҳои дигар /андози аксиз, боҷи гумрукӣ ва дигар боҷу хироҷҳои қонунӣ / 13745,6 сомониро ташкил менамояд *[(48400+12100+7260*+968) x 20] : 100 = (68728 x20):100.

# БОБИ 15. МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ИҚТИСОДӢ

## 15. § 1. ТАҚСИМОТИ БАЙНАЛХАЛҚИИ МЕҲНАТ

Ҳанӯз дар даврҳои қадимтарин одамон дар минтақаҳо ва мамлакатҳои гуногун умр ба сар бурда, кӯшиши бо ҳамдигар доштани робитаҳои иқтисодиро пеш мегирифтанд. Робитаи аввалини иқтисодӣ дар миқёси умумиҷаҳонӣ дар назари мо ҳамчун робита дар тақсимоти байналхалқии меҳнат ҷой дошта метавонист. Чунки дар ибтидо ҳам вазъи истеҳсолот, омилҳои асосии он (сармоя, меҳнат, замин) дар мамлакатҳои ҷудогона аз ҳамдигар фарқ мекарданд. Бинобар он ҳар яке аз мамлакатҳо кӯшиш ба тақсимоти меҳнатро пеш мегирифтанд. Аввалин тақсимоти байналхалқии меҳнат ба имконоти таърихии ҳар як мамлакат, шароити табиию иқлим ва монанди инҳо тобеъ буд. Маҳз ба туфайли ҳамин ҳодисаҳо тиҷорати байни давлатҳо пайдо шуда, амал карда метавонист.

Инсоният пеш аз ба саҳна овардани илми иқтисодӣ амалан афзалияти тақсимоти байналхалқии меҳнатро барои худ аниқ муайян намуда, тиҷорати байналхалқиро васеъ истифода мебурд. Яке аз далелҳои равшани ин равиш "Роҳи абрешим" ба шумор меравад, ки ҳанӯз дар ҳазорсолаҳои якум – дуюми то милод ривоҷу равнақ ёфта буд. Он замонҳо корвонҳои бешумор аз Чин, Осиёи Марказию Ҳиндустон, Эрон бо воситаи қисми шимолии баҳри Каспий ба Русия, Европа ва бо роҳи ҷанубӣ ба Юнону Миср рафту омад мекарданд. Ин корвонҳо молҳои дар Шарқ маъмулу одатиро бурда, аз Ғарб дигар молҳоро меоварданд. Ҳамин тавр нишонаву далелҳои аввалинро оид

ба тақсимоти меҳнати байналхалқи ҳамон замонҳо дучор меомаданд. Аммо бо мурури замон ин робитаҳо канда шуда, боз чанд бори дигар аз нав ҷон мегирифтанд.

Баробари ба саҳнаи фаъолият баромадани истеҳсоли саноатӣ дар асрҳои XVI – XVII тақсимоти байналхалқии меҳнат дар таркибу мазмуни дигар аз нав қувват мегирад. Ба ин тақсимот торафт мамлакатҳои зиёдтари гуногун кашида мешаванд. Робитаҳои иқтисодии байналмилалӣ боз ҳам ривоҷу равнақ ёфта, қувваи навро ба худ мегиранд.

Робитаҳои иқтисодии байналхалқӣ, ки шаҳодати баръалои пойдор гардидани хоҷагии ҷаҳонӣ мебошанд, дар шаклҳои зерин зуҳур меёбанд:

Шаклҳои робитаҳои байналхалқии иқтисодӣ

— Тақсимоти байналхалқии меҳнат
— Тиҷорати байналмилалии молҳо ва хизматҳо
— Қарзҳои байналмилалӣ
— Ҳаракати (саёҳони) захираҳои меҳнатӣ
— Робитаҳои байналмилалии илмию—техникӣ
— Фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ
— Муносибатҳои байналхалқии асъор
— Ҳамгироии иқтисодии мамлакатҳо
— Робитаҳои байналмилалии иттилоот
— Кӯмаку ёрмандии башардӯстона
— Ҳаракати байналхалқии сармоя.

Ҳарчанд ҷаҳони имрӯза зиёда аз 206 мамлакатҳову масоҳатҳои алоҳидаро дар бар мегирад ва ҳар яке аз ин воҳидҳо ба сари худ мустақилу соҳибҳуқуқ мебошанд, дар баробари ин мамлакатҳои ҷаҳони имрӯза мутлақо аз ҳамдигар кандаву ҷудо нестанд. Яъне онҳо дар масоҳати бо ҳамдигар алоқаманду вобаста дар муттаҳидиву ҳамкорӣ умр ба сар мебаранд. Ин ягонагӣ шаҳодат медиҳад, ки дар замони мо хоҷагии мамлакатҳои ҷудогона ҳамчун узви бевоситаи хоҷагии умумиҷаҳонӣ арзи вуҷуд мекунад.

Мувофиқи баъзе маълумот дар савдои ҳозиразамон тақрибан 24—25 *млн.* номгӯи маҳсулот мубодила карда мешавад. Ҳеҷ ягон мамлакати муқтадир ва ҳатто гурӯҳи мамлакатҳо имкони истеҳсоли дилхоҳи ҷамеи ин маҳсулотро надоранд. Албатта, ин ҷо сухан оид ба истеҳсолоти мақсадноку аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок меравад. Бинобар он ҳам тақсимоти байналхалқии меҳнату тахассуси он ногузир ба миён меоянд. Дар ҳамин асос ҳар як мамлакат ба истеҳсоли номгӯи алоҳидаи гурӯҳи маҳсулот тахсисонида мешавад. Ва ҳамчун натиҷаи тақсимоти меҳнату тахсисонидани истеҳсолот халқҳову мамлакатҳо маҷбуранд номгӯю намудҳои муайяни маҳсулотро зиёда аз талаботи бозори дохилӣ истеҳсол намуда, дар ивази он номгӯй маҳсулоти дигарро аз мамлакатҳои берун ворид намоянд. Ва бо ин роҳ талаботи мардумонро қонеъ гардонанд.

Назарияи тақсимоти байналхалқии меҳнат ва ҳамчун натиҷаи он ба вуҷуд омадани афзалиятҳои мутлақу нисбӣ дар савдои берунӣ аз тарафи асосгузорони иқтисоди сиёсии классикӣ Адам Смит ва Девид Рикардо ба миён оварда шуда буд. Адам Смит нишон дода буд, ки ҳамчун натиҷаи тафовут дар вазъу захираи меҳнат, сармоя, замин мамлакатҳои ҷудогона доир ба истеҳсоли маҳсулоти муайян афзалият дошта метавонанд.

Одатан хароҷот ба воҳиди маҳсулоти тахсисонидаи мамлакат камтар буда метавонад. Бинобар он ҳамон гуна молҳо бояд мувофиқи афзалияти мутлақи истеҳсолашон дар ҳамон мамлакат истеҳсол шуда, бо воситаи мубодилаи (тиҷорати) ҷаҳонӣ ба истеъмолкунандагони мамлакатҳои дигар фурӯхта шаванд. Дар ин ҳолат ҳам он мамлакат ва ҳам тамоми башарият нафъ мебинанд.

Давид Рикардо нишондодҳои Смитро пурра карда, таъкид мекард, ки истеҳсолот бояд ба назарияи афзалияти нисбӣ итоат намояд. Давид Рикардо нишон медод, ки ҳар як мамлакат оид ба истеҳсоли гурӯҳи маҳдуди молҳо афзалияти намоён дошта метавонад. Аз ин рӯ он мамлакат ҳатман бояд ба истеҳсоли ҳамон гурӯҳи молҳо банд шуда, дигар номгӯи молҳои заруриашро аз мамлакатҳои дигар бо нархи арзонтар харида гирад. Аз ин нишондод бармеояд, ки нафъи тақсимоти меҳнату тахсисонидани истеҳсолотро ҳамаи мамлакатҳо истифода бурда, бо ҳамин васила ба сарфаи намоёни меҳнати ҷамъиятӣ муваффақ гардида метавонанд. Аз ин равиш ҳамаи халқҳову мамлакатҳо бояд фоида бинанд.

Дар замони мо назарияи иқтисодшиносони шведӣ – Э.Хекшер ва Б.Олин ниҳоят васеъ паҳн шудааст. Назароти онҳо ҳамчун навъи ҳозиразамони хароҷоти қиёсӣ **назарияи таносуби омилҳои истеҳсолот** ном гирифтааст. Мувофиқи таълимоти Хекшер – Олин ҳар як мамлакат нисбат ба омилҳои алоҳидаи истеҳсолот (меҳнат, сармоя, замин) вазъияти хоси худро дорад. Яъне яке аз ин омилҳо зиёдатӣ (меҳнат) бошад, дигаре (сармоя) нокифоя буда метавонад. Бинобар он ин мамлакат бояд маҳсулоти меҳнатталабро зиёдтар истеҳсол намояд ва сармояро сарфа кунад. Барои ин вай бояд зиёдтар молҳои сармоятолабро ворид намуда, молҳои меҳнатталабро барои бозори берунӣ истеҳсол кунад. Бо ҳамин васила мамлакатҳо афзалияти худро беҳтар истифода хоҳанд бурд.

Мувофиқи нишондодҳо ҳоло мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон гӯё аз-баски қувваи коргарии соҳибтахассуси баландро доранд, бояд воситаҳои техникию маҳсулоти аклонӣ истеҳсол кунанд, мамлакатҳои тараққикунанда бошанд, маҳсулоти саноати истихроҷу кишоварзиро мадди назари аввал гузоранд. Баъзеҳо асоснок карданӣ мешаванд, ки Ҷопони имрӯза ба туфайли чолокию кордонии соҳибкоронаш дар чабҳаҳои сершумори бозори ҷаҳонӣ мавқеи намоёнро ишғол кардааст.

Албатта, барои Ҷумҳурии Тоҷикистони тозаистиқлол муайян кардани соҳаи тахассуси саноатию кишоварзӣ мавқеи ҳалкунанда дошта метавонад. Дар назари мо боғдорию токпарварӣ, пахтакорию ғалла, рустаниҳои ситрусӣ, коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзию истихроҷи захираҳои табиӣ дар навбати аввал бо гидроэнергетика мавқеи ҳалкунанда дошта метавонанд. Аммо дар баробари ин ба назар гирифтан зарур аст, ки Тоҷикистон аз равнақи соҳаҳои хизматрасонӣ, сайёҳату туризм, истироҳатгоҳҳо, кӯҳнавардӣ ва монанди инҳо ҳам натиҷаҳои судбахшу дилхоҳ ба даст овардa метавонад. Илова бар он табиати солиму нотакрор, обҳои софи пӯшокӣ, тафовути калони ҳарорат дар водиҳою кӯҳҳо низ ҳамчун сарвати бебаҳо истифода шуда метавонанд.

## 15. §2. ТИҶОРАТИ ҶАҲОНӢ

Баъзан барои инъикоси тиҷорати ҷаҳонӣ ибораи "савдои берунӣ"–ро истифода мебаранд. Амалан, тиҷорати ҷаҳонӣ робитаҳо ва ё муносибату савдои байни мамлакатҳоро дар бар мегирад. Яъне дар ин маврид сухан дар бобати савдое меравад, ки на дар дохили мамлакат, балки берун аз марзи он сурат мегирад. Бинобар он барои маънидод кардани тиҷорат онро ба ду намуди асосӣ – савдои дохилӣ ва берунӣ ҷудо мекунанд. Савдои дохилӣ ҳамон маҷмӯи хариду фурӯшҳоест, ки дар қаламрави мамлакат сурат мегирад. Савдои хориҷӣ бошад, одатан берун аз марзи мамлакат сурат гирифта, ҳамчун қоида дар ин ё он мазмуну маром ба иқтисодиёти ҳамон мамлакат дахл мекунад. Яъне молҳои дар бозорҳои ҷаҳонӣ хариду фурӯшшаванда бевосита ба истеъмолот нарафта, онҳо бо воситаи бозорҳои дохилии мамлакатҳо ба истеъмолот расонида мешаванд.

Ҳамин тавр, бозори ҳар як мамлакат ба бозори дохилию берунӣ ҷудо мешавад. Дар навбати худ, бозори берунӣ ба мамлакат овардани молҳо (воридот) ва ба мамлакатҳои дигар баровардани молҳо (содирот)–ро дар бар мегирад. Таносуби байни ҳаҷми баровардани молҳову хизматҳо ва ба мамлакат ворид кардани молҳову хизматҳо номи терозӣ (баланси) савдоро гирифтааст. Баланси савдои берунии мамлакатро баъзан ҳамчун мувозинати байни воридоту содироти молҳо ва хизматҳо ҳам мефаҳманд. Ин мувозинат аз ҳамон сабаб мадди назар гузошта мешавад, ки давлатҳо барои баробар кардан ё барқарор намудани мувозинат захираҳои тиллову молии худро истифода мебаранд. Аз ин ҷо агар содирот назар ба воридот зиёд бошад, онро беҳтар ва мувозинатро фаъол ҳисоб мекунанд. Ҳангоми зиёд будани воридоти молҳову хизматҳо мувозинатро нофаъол мешуморанд, чунки дар ин ҳолат барои зиёд кардани ҳаҷми моловарӣ аз берун имконот хеле маҳдуд мешавад.

Савдои берунӣ манфиати мардумони зиёдро фаро гирифта, дар навбати худ қонунгузориҳо ва дахолати бевоситаи давлатиро талаб мекунад. Аз ин рӯ савдои бэруниро зиёдтар бо сиёсати давлатҳо пайванд медонанд. Ин пайванд ҳақиқатан ҳам ҳанӯз аз замонҳои қадим ошкору намоён буд. Вале таъсири ошкору намоёни давлатҳо нисбат ба савдои берунӣ тақрибан 3–4 садсолаи охирро дар бар мегирад.

*Нақшаи 15.1.* Сиёсати давлатии савдои берунӣ



- истифодаи бочи гумрукӣ
- эълони инҳисороти давлатӣ
- маҳдуд кардани ҳаҷми содироту воридот
- маҳдуд кардани молҳои ҷудогона
- таъйин кардани талаботи махсус нисбат ба молҳои воридгашта

- кӯмакпулӣ
- имтиёзҳои гумрукӣ
- қарзҳои имтиёзнок
- мукофотҳо
- дастгирии техникӣ, сиёсӣ ва ғайра

Чунон ки аз нақшаи 15.1. мебинем, сиёсати савдои озод ва савдои аз тарафи давлат маҳдудкардашаванда дар замони мо ба давлатҳо хос мебошад. Замони мо давлатҳо ба ҳамон зинаи инкишоф расидаанд, ки дар ҳеҷ кадоми аз онҳо яке аз намудҳои ин сиёсат ба таври холис истифода намешавад, ҳарчанд дар тӯли таърих онҳо дар шакли соф низ ҷой доштанд. Ҳоло давлатҳо одатан сиёсати чандиру омехтаи савдои беруниро пайваста истифода мебаранд. Аз ин сабаб сиёсати савдои берунӣ ҳамчун одат якхелаву якмаром набуда, бо мурури замон тағйир ёфта меистад. Баъзан чораҳову қуввахои маҳдудкунандаи савдои берунӣ пурқувват гарданд, баъзан баръакс чораҳову қувваҳои мусоидаткунанда ба вай афзалиятро соҳиб мешаванд.

Бо мақсади нишон додани самаранокии савдои берунӣ ҳанӯз Д. Рикардо намунаеро кор фармуда буд. Вай хароҷоту нархи фурӯши шароб ва моҳутро дар Португалияву Британия тасвир карда буд, ки онро мо дар ҷадвали 15. 1. дида метавонем.

*Ҷадвали 15.1.* Мисол барои тасвири самаранокии савдои берунӣ[1]

| Мамлакатҳо | БОЗОРҲО | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Бозори пӯшида | | | Бозори озод | | |
| | Шароб | Моҳут | Ҷамъ | Шароб | Моҳут | Ҷамъ |
| Португалия | 80 | 90 | 170 | 160 | — | 160 |
| Британияи Кабир | 120 | 100 | 220 | — | 200 | 200 |
| Ҳамагӣ | 200 | 190 | 390 | 160 | 200 | 360 |

Чӣ тавре ки дар ҷадвал мебинем, масорифи воҳиди шароб дар Португалия 80 воҳид, Британияи Кабир–120 воҳид мебошад, аммо масорифи меҳнат барои моҳут мувофиқан 90—100 мебошад. Мувофиқи ҳамин Португа-

[1]. Ниг. Давид Рикардо. Сочинение. М.: Т.I, стр. 117-118.

лия ба истеҳсоли шароб, Британия ба истеҳсоли моҳут тахсисонида меша-ванд ва ҳар ду мамлакат бо шаробу моҳути камхарҷу арзон таъмин карда мешаванд. Дар ин намунаи Рикардо натанҳо мамлакати харидор, балки фурӯшанда ва тамоми ҷомеа нафъ мебинанд, чунки таи таъсири тақсимоти байналхалқии меҳнат хароҷот ба маҷмӯи маҳсулот паст карда мешавад. Минбаъд мардумон бо харҷи каму нархи пасттар ҳам шароб ва ҳам моҳут-ро ба даст оварда, барои истеъмолоташон истифода мебаранд.

Дар замони мо ин нишондодҳои Рикардо боз ҳам давом дода шуда, дар равишу маром ва мақсаду таъйиноти мухталиф пешниҳод мегарданд.

Дар бораи савдои берунии Тоҷикистон ҳамонро қайд кардан ҷоиз аст, ки то ба даст овардани истиқлолият вай ҳуқуқи робитаҳои берунии иқтисодиро надошт. Пас аз ба истиқлол соли 1991–ум расиданаш мебоист тамоми рави-шҳои фаъолияти берунии иқтисодиро ба миён оварда, ба ин робитаҳо мазмун ва сурат бахшад. Таи чанд соли гузашта ҳамин тавр ҳам шуд.

Ҳиссаи намоёни истеъмолоти мардумон ва корхонаҳои кишвар бо во-ситаи воридоти молҳо қонеъ гардонида мешавад. Сабаби ин ҳолат ҳамон аст, ки аксаран корхонаҳои саноатии мамлакат дар натиҷаи бӯҳрони сиё-сию иқтисодии солҳои охир аз фаъолият монда буданд. Илова бар ин солҳои шӯравӣ ҳам кишвари мо 1/9 ҳиссаи воситаҳои истеҳсолоти зарурию маводи сӯхт ва озуқавориро аз ҷумҳуриҳои дигар меовард. Мавқеи монополии пах-та он замонҳо имкон намедод, ки кишту кори ғалладона ва дигар зироатҳои ҳамчун асоси хӯрокворӣ хизматнамоянда ба таври бояду шояд ба роҳ мон-да шавад.

Барои баҳо додан ба савдои берунӣ нишондиҳандаи гардиши савдои хориҷиро истифода мебаранд, ки ҳамчун ҳосили ҷамъи содироту воридот ҳисоб карда мешавад. Соли 1992–юм гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон ба 353,2 *млн.* доллари амрикоӣ баробар бошад, соли 1995 –1558,5, соли 1997 – 1496,0, соли 1998 – 1307,6 *млн.* доллари амрикоиро ташкил дода буд*. Мувофиқи ин рақамҳо дар давоми солҳои 1992—1998 ҳаҷми garди-ши савдои хориҷии Тоҷикистон 3,7 маротиба, аз он ҷумла, ҳаҷми содироти молҳо – 3,1 маротиба, воридоти молҳо бошад – 5,8 маротиба зиёд шудааст. Таносуби байни содирот дар ҳаҷми умумии савдои хориҷӣ соли 1992–юм 54,5% бошад, соли 1998 вай ба 45,6% расид. Яъне дар ин муддат ҳиссаи содирот 7,9% паст шуда, мувофиқан ҳиссаи воридот зиёд гардидааст. Тоҷи-кистон аз мамлакатҳои дигар, чуноне ки дар боло зикр кардем, маҳсулоти саноатии гуногун, воситаҳои истеҳсолот, сӯзишворӣ, фулузот, таҷҳизот, озуқаворӣ ва монанди инҳоро ворид месозад.

Содироти мамлакат аз ҳама пештар алюминии хом, нахи пахта, маҳсу-лоти кишоварзӣ, аз он ҷумла зиёдтар меваҷот ва монанди инҳоро дар бар мегирад. Тадқиқгарони савдои хориҷии мамлакат барҳақ қайд мекунанд, ки вай самаранокии дилхоҳро соҳиб нест. Чунки Тоҷикистон дар марҳалаи ҳозира аз ҳама пештар ашёи хом, маҳсулоти кишоварзиро ба мамлакатҳои дигар содир мекунад. Дар ҷаҳони имрӯза нархи ин гуна мавод назар ба маҳсулоти техникӣ, таҷҳизот хеле арзонтар муайян карда мешавад.

Бинобар он ҳукумати мамлакат чораҳои муайянро пеш гирифта, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки таркиби истеҳсолии иқтисодиёти мамлакат ба қадри

* Ниг. Статистикаи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 1998, Душанбе, 1999, саҳ. 228

имкон тағйир дода шуда, ҳаҷми содироти маснуоти нимтайёру тайёр, сарватҳою захираҳои табиии мамлакат афзун гардонда шаванд. Иҷрои ин вазифа танҳо бо шарти оқилона истифода шудани захираҳои мавҷуда имконпазир хоҳад гардид.

## 15. §3. МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ

Солҳои охир дар ривоҷу равнақи савдои хориҷӣ баъзе таҷрибаи муфид ва самарабахш андӯхта шудааст. Ҳамин гуна таҷрибаи босуботу самаранокро минтақаҳои озоди иқтисодӣ пешкаш карда метавонанд.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳодисаи умумиҷаҳонӣ мебошанд. Бинобар он ҳам таи солҳои охир ба миён оварда шудаанд. Аз ин сабаб номи онҳо ҳам хеле гуногун мебошанд. Баъзеҳо онро минтақаи озоди иқтисодӣ, дигарҳо минтақаи озоди тиҷоратӣ, минтақаи озоди соҳибкорӣ, минтақаи озоди саноатӣ, минтақаи озоди гумрукӣ ва монанди инҳо, ҳатто бандарҳои озод ҳам ном додаанд.

Ба фикри мо дар ҳамаи ин ҳолату ҳодисаҳо сухан бароми мазмуни ба ҳамдигар наздикро соҳиб аст. Яъне сухан дар ҳамон бобат бурда мешавад, ки бо ин ё он роҳу васила ва усулҳо масоҳатҳои муайян озод эълон карда мешаванд. Ин эъломия чунин мазмун дорад, ки дар он масоҳату минтақа шароитҳои мусоид барои фаъолияти тиҷоратӣ (савдо), соҳибкорӣ, маблағгузорӣ ва монанди инҳо муҳайё карда мешаванд. Аксаран тоҷирону соҳибкорон ва маблағгузорон аз боҷу хироҷҳо озод карда мешаванд ва ё шароити мусоиди фаъолияти ҳамаҷониба ба вуҷуд оварда мешаванд. Сохторҳои давлатӣ кӯмаку дастгирии ҳамаҷонибаро ба миён меоваранд. Натиҷаи ин вазъият ва шароит ҳамон мегардад, ки минтақаҳои озод таи муддати ночиз маблағу имконоти хеле васеу ҳамаҷонибаро соҳиб гардида, ба пешрафту инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда ва тамоми иқтисодиёти минтақа муваффақ мегарданд.

Ҳанӯз охири солҳои 80–ум шумораи минтақаҳои озод дар Америкаи Ҷанубӣ зиёда аз 20 – то ва дар қитъаи Осиё шумораи онҳо зиёда аз 60 - то буданд. Яке аз ҳамин гуна минтақаҳо дар Покистони ҳозира бандар ва музофоти Қароҷӣ ба шумор меравад. Пештар ба ин мавзеи ба минтақаи озоди иқтисодӣ шабоҳат дошта Сингапур, Ҳонконг мансуб буданд. Таи 2 – 3 даҳсола дар ин мавзеъҳо иқтисодиёт бо тамоми қувваю имконот ривоҷу равнақ ёфта, боиси ҳамон шуд, ки Ҳонконг ва Сингапур дар миқёси тамоми ҷаҳон шӯҳрати намоёни иқтисодиро соҳиб гарданд. Зери таъсири равнақи тиҷорат истеҳсолоти ҳозирзамон бо роҳи маблағгузориҳо ба миён оварда шуда, ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда назарнамо афзуд. Бо ҳамин роҳ ин масоҳатҳо ба қатори мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон дохил шуда монданд.

Аз соли 1978 ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Чин ҳам шиори дарҳои кушодро пеш гирифта дар масоҳати ба укёнус мутааллиқ якчанд масоҳатҳову бандарҳоро минтақаи озоди иқтисодӣ эълон кард. Ин ҳамон музофотҳои мамлакат буданд, ки аз рӯи сатҳи тараққиёт натанҳо дар миқёси байналхалқӣ, балки ҳатто дар миқёси худи Чин ҳам масоҳатҳои қафомондаю ноообод ҳисобида мешуданд. Муддати ду даҳсолаи сипаригардида дар ин соҳилҳо бандарҳои замонавӣ пайдо шуда, шаҳрҳои калон барпо гаштанд, корхонаҳои сершумори ватанию хориҷӣ ва муштарак барпо карда шуданд.

Ҷойҳои нави кории сершумор пайдо гардида мардумон бо кор таъмин шуданд. Ин ҳама натиҷаи беҳбудии ҳоли мардумон, баландшавии сатҳи зиндагонӣ ва даромадҳо шуда тавонист.

Кӯшиши барпо кардани минтақаҳои озоди наздисарҳадӣ дар Русия солҳои охир пеш гирифта мешавад. Ҳанӯз солҳои 1993 – 1995 дар ҷумҳуриамон ҳам пешниҳодҳо оид ба барпо кардани минтақаи озоди иқтисодӣ ба миён омада буданд. Ҳатто ин масъала боре соли 1993 дар муҳокимаи парламенти Тоҷикистон гузошта шуда буд.

Дар назар доштан зарур аст, ки ҳар як масоҳатро минтақаи озод эълон кардан ба идроку мантиқ мувофиқат намекунад. Ҳақиқатан ҳам имконоти маблағгузориҳо ва таъмини пешрафти қувваҳои истеҳсолкунанда дар замони мо ниҳоят густурдаю беназир мебошад. Аммо пешрафти ҳақиқии иқтисодиёт бо шарте ба миён омада метавонад, ки агар барои он имкониятҳои объективию ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ҷой дошта бошанд.

Тоҷикистон то солҳои наздик мамлакати аз ҷиҳати инкишофи роҳу наклиёт қафомонда ба шумор мерафт. Роҳи оҳан танҳо як хатти алоҳидаро дар бар мегирифт. Роҳҳои ҳавоӣ ҳам хеле суст инкишоф ёфтаанд. Роҳи обӣ қариб вуҷуд надорад. Наклиёти мамлакат нисбатан суст тараққӣ кардааст.Бинобар он барои воридшавии сармоя ҳам имконот хеле маҳдуд мебошад.

Аз соли 1996 шурӯъ карда ҳукумати мамлакат бо дастгирию ҳимояти президент Раҳмонов Э.Ш. кӯшиши аз нав зинда кардани "Роҳи абрешим"-ро пеш гирифтанд. Нақшаи барпо кардани шоҳроҳҳои Душанбе – Кӯлоб – Хоруг – Кулма – Чин, Душанбе – Хуҷанд пеш гирифта шудаанд. Барпо кардани ин шоҳроҳҳо имкон медиҳад, ки барои пешрафти қувваҳои истеҳсолкунандаи ватанамон, бо ҳамдигар узван пайвастани масоҳатҳо, вилоятҳои вай ва тараққиёти иқтисодии он дар асосҳои ҳамгироию самаранокии тарафайн замина гузошта шаванд. Ин ҳама имконот ва мавқеи муайянро ишғол намуда, кӯмаки ҳамаҷониба расонида метавонад.

Чунонки дар боло зикр кардем шаклу намудҳои минтақаҳои озод хеле гуногуну хархелаанд.Махсусан даҳсолаҳои охир шумораи онҳо хеле афзун гардидааст.Соли 1995 – ум дар ҷаҳон зиёда аз 700 минтақаҳои озоди иқтисодӣ фаъолият доштанд.Аммо самарабахшии ҳамаи ин минтақаҳои озод сатҳи дилхоҳро надоштанд.Чунки барои равнақи ин минтақаҳо имконоти ҳамаҷониба маблағгузориҳои калон талаб карда мешаванд.Ин гуна имконоту маблағҳои калони сармояро на ҳамаи минтақаҳо соҳиб шуда метавонанд.Барои тасвири мароми мазмуни минтақаҳои озоди иқтисодии ҳозиразамон нақшаи 15.2. кӯмак карда метавонад.

*Нақшаи 15.2.* Минтақаҳои озоди иқтисодӣ

| Намудҳо | Шартҳо | Мақсад |
|---|---|---|
| – Минтақаҳои озоди гумрукӣ | – имтиёзҳои гумрукӣ | – мусоидат ба ривоҷи масоҳат |
| – Минтақаҳои озоди тиҷоратӣ | – озодии кашонидани молҳо | – истифодаи таҷрибаи судбахш |
| – Минтақаҳои истеҳсолоти молҳои содиротӣ | – андозгузории имтиёзнок | – ривоҷи робитаҳои берунии иқтисодӣ |
| – Шаҳрҳо ва масоҳатҳои кушод | – имтиёзҳо ба маблағгузорон | – санҷишу истифодаи навовариҳои "ноу-хау" |
| – минтақаи оффшорӣ (соҳибкории хориҷӣ) | – вазъи имтиёзноки ҳар гуна амалиёт | – самараю фоидагирӣ аз амалиёт |

Мувофиқи нишондоди нақшаи МОИ дар кадом намуду равия набошад, натиҷаҳои беҳтарини иқтисодиро таъмин менамояд. Аз ин рӯ кӯшиши барпо кардани ин гуна минтақаҳо ҳам хеле зиёд аст. Дар назар доштан зарур аст, ки ин гуна минтақаҳоро на ҳамавақт ва на дар ҳама ҷо барпо кардан имконпазир аст ё ин ки натиҷаҳои дилхоҳ оварда метавонад. Бинобар он ҳам пеш аз қабули қарордод оид ба барпо кардани МОИ бояд мулоҳизаҳо карда, таҳлилҳо гузаронида шаванд. Дар ин ҳолат қарордод натиҷаҳои дилхоҳро оварда метавонад.

## 15. §4 ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДИИ МАМЛАКАТҲО

Ҳамгироии (интегратсияи) иқтисодии мамлакатҳо чараёну равиши барьалои замони мо мебошад. Далелҳои таърихӣ боварибахшона шаҳодат медиҳанд, ки кӯшишу равиши ҳамгироии иқтисодӣ ҳодисаи тамоман нав нест. Яъне дар тӯли таърихи инсоният равишҳои ҳамгироӣ чанд карат қувват гирифта, аз нав ба фано расидаанд. Таърихи ду ҳазорсолаи охир шаҳодат медиҳад, ки ибтидою огози ҳамгироии иқтисодӣ иттиҳоду якҷояшавии давлату сиёсат буда метавонад. Яке аз ҳамин гуна ҳамбастагии беҳамторо Шоҳ Дорои Кабир тақрибан 2,5 ҳазор сол пеш аз ин ба қувваи лашкару забткорӣ ба миён овард, ки дар замонааш боиси ривоҷу равнақи "Роҳи абрешим" – муносибатҳои инкишофёфтаи Шарқу Ғарб гардида буд.

Ҳамгироии иқтисодӣ равишест, ки дар давоми он хоҷагиҳои алоҳидаю мустақил ба ҳамдигар наздику пайванд мешаванд. Бояд дар назар дошт, ки ҳамгироии ҳақиқии иқтисодӣ дар пояҳои муносибатҳои бозоргонӣ ба миён омада метавонад. Амалан дигар равишҳои ҳамгироӣ ноустувору тезгузар мебошанд.

Барои маънидоди омии ҳамгироии иқтисодӣ чор равияи асосии онро ҷудо мекунанд;

I. Ҳамгироии дохилии истеҳсолот.
II. Ҳамгироии иқтисодии дохилии мамлакат.

III. Ҳамгироии иқтисодии мағзеъҳо, қитъаҳо.
IV. Ҳамгироии иқтисодии умумибашарӣ ё умумиҷаҳонӣ.

Зинаи аввали ҳамгирой бо ҳамдигар мувофиқу мутобиқ гардонидани воҳидҳои истеҳсолии корхонаҳо, иттиҳодҳо, соҳаҳо ва монанди инҳоро дар бар мегирад. Албатта, ин ҷо ҳамон истеҳсолоте дар назар дошта шудааст, ки бо ин ё он сабабу асос ба ҳамдигар пайвандии ногусастанӣ дорад.

Зинаи дуюми ҳамгирой воҳидҳои маъмурии мамлакатҳои ҷудогонаро афзалтар тасвир мекунад. Ин равиш дар бобати иқтисодиёти Тоҷикистон мавқеи намоён дорад. Сабабгори чунин ҳолатро мо дар ҳамон мебинем, ки Тоҷикистон ба туфайли сохтмони сотсиалистӣ ва ҳамчун ҷумҳурии соҳибистиқлол дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравии собиқ буданаш ҳанӯз соли 1924 ҳамчун ҷумҳурии автономӣ ва соли 1929 ҳамчун ҷумҳурии мустақил ба фаъолият шурӯъ карда буд. Зери таъсири зиддиятҳои дохилӣ мамлакат дар сатҳи вилоятҳо, ноҳияҳо амалан ба қисматҳо ҷудо буд. Зеро байни воҳидҳои маъмурии он, вилоятҳо роҳҳои замонавӣ барпо нашуда буданд. Ҳар соле 6 – 7 моҳ ва зиёда аз он вилоятҳо робита надоштанд ва ин робита танҳо мавсими тобистон ба таври дилхоҳ сурат мегирифт. Бинобар он аввали солҳои 90–ум ҳангоми ба истиқлолият расидани мамлакат ҳиссаи муайяни мардумон, махсусан сиёсатмадорони мансабталош онҳоро ба шимолиҳо, ҷанубиҳо, кӯҳистониён, шаҳриён ва монанди инҳо ҷудо карда дар байнашон низоъ меандохтанд. Робитаҳои истеҳсолию иқтисодии байни воҳидҳои маъмурӣ ҳам хеле ноаён ҷой доштанд.

Ба туфайли ҳамгироии иқтисодии дохилӣ, чораҳои боғайратонаи ҳукумат, сохтмони роҳҳо, барқарор гардонидани робитаҳои иқтисодии нави бозоргонӣ ин зиддиятҳо қадам ба қадам бартараф карда мешаванд.

Дар ҷаҳони имрӯза намунаи сершумори ҳамгироии зинаи сеюм – минтақавиро дучор омадан мумкин аст. Бояд эътироф кард, ки ин равиши ҳамгирой ҳақиқатан ҳам ба шарти дар асосҳои иқтисодӣ, вале на ҳарбию сиёсӣ ба вуҷуд оварда шуданаш натиҷаҳои дилхоҳ оварда метавонад. Давлатҳои ҷаҳон пас аз анҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ аз охирҳои солҳои 50–уми асри XX ба ин натиҷагирӣ расида буданд. Яке аз аввалин иттиҳодҳо, ки шартномаи ташкил ёфтани он соли 1957 ба имзо расида, фаъолияташ аз соли 1958 оғоз ёфта буд, Иттифоқи иқтисодии Европа (ЕЭС) ё "бозори умумӣ" мебошад. Ҳамон солҳо се мамлакат дар қитъаи Амрико, ИМА, Канада, Мексика минтақаи савдои озодро ташкил карда буданд.

Ҳоло иттифоқи иқтисодии Европа 15 мамлакатро дар бар гирифта дар айни авҷи фаъолият меистад. Ҳамчун намунаи иттиҳоди ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ Иттифоқи Давлатҳои Муштаракулманофеъ (СНГ – ИДМ) шинохта мешавад. Давлатҳои мустақили пас аз пошхӯрии ИҶШС–и собиқ ташкилёфта бо мақсади суръат бахшидан ба фаъолияти иқтисодии тарафайн, ба миён овардани имконоти инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда ба ин иқдом ворид шуданд. Ба иттифоқ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам дохил мебошад. Ҳоло зиёда аз 1/3 ҳиссаи гардиши савдои берунии мамлакат ба мамлакатҳои аъзои ИДМ рост меояд. Дар байни ин мамлакатҳою Тоҷикистон шартномаҳои сертарафу дутарафаи боҷгузорӣ, молфиристонӣ, ҳамкории молиявӣ, андоз ва монанди инҳо ба имзо расонида шудаанд.

Ҳоло зинаи чоруми ҳамгироии иқтисодии мамлакатҳои ҷаҳон, дар назари мо, давраи аввалину пойдоршавӣ ва қадамҳои нахустинро аз сар гу-

заронида истодааст. Ба ақидаи мо ҳамгироии иқтисодии мамлакатҳои ҷаҳон ҳамчун давоми мантиқии тақсимоти байналхалқии меҳнат бояд сурат гирад. Баъзе зуҳурот дар ин равиш ҷой доранд. Ба монанди Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди бехатарии мамлакатҳои Европа (ОБСЕ – ИБМЕ), Иттиҳоди бехатарии мамлакатҳои Осиё, Африқо ва дигарҳо.

Яъне ба фикри мо ҳамгироии иқтисодӣ натанҳо мамлакатҳои ҷудогона, минтақаҳо ва гурӯҳҳои давлатҳо, балки бо мазмуни муайян ҷаҳони моро бояд фаро гирад. Чунки аз ҳамгироии иқтисодӣ мамлакатҳо нафъи чандкарата мебинанд. Вай имкон медиҳад, ки истеҳсолоту фаъолияти мамлакатҳо бо ҳамдигар мувофиқу мутобиқ карда шавад. Вазъи бозори молҳо беҳтар, ҳаҷми фурӯши молҳо зиёдтар карда шавад. Илова бар ин ҳамгироии иқтисодӣ ба мутобиқат дар ҷабҳаи сиёсат, ҳуқуқҳои озодии шаҳрвандон, афзудани сатҳи зиндагонӣ, пеш гирифтани чораҳои ҳифзи муҳит, солимгардонӣ ва монанди инҳо мусоидат менамояд. Бо ҳамин сабаб ин равишҳо дар оянда ба башарият натиҷаҳои зиёди дилхоҳ бахшида метавонанд.

## 15. §5. БОЗОРИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АСЪОР

Мафҳуми асъор танҳо мансуби муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ мебошад. Пулҳо одатан мувофиқи тасвироти пештараи мо ба муомилоти молии дохили мамлакатҳо хизмат мерасониданд. Амалан бошад, пулҳоро дар муомилоти байналмилалӣ ҳам хеле васеъ кор мефармоянд. Мазмунан ба тиҷорату муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ асъор мувофиқ меояд. Баъзеҳо гумон доранд, ки маблағҳои гуногуни пулии дар тиҷорати ҷаҳонӣ истифода шавандаро асъор меноманд. Мувофиқи маънидоди овардашуда асъор се равия ва ё намуди асосии пулҳоро дарбар мегирад:

а) пулҳои миллӣ;
б) пулҳои хориҷӣ;
в) пулҳои коллективона (ҳамҷоя).

Мафҳуми "пулҳои миллӣ" пули дар муомилоти дохилии ҳар як мамлакат истифодашавандаро мадди назар дорад. Дар замони мо ҳамаи мамлакатҳо ҳамчун нишону байрақи истиқлолияти амалиашон пулҳои худро дар муомилот ворид намуданд. Интишори пулҳои нави миллии Тоҷикистон бо номи "сомонӣ" соли 2000 сурат гирифт.

Зери мафҳуми "пулҳои хориҷӣ" пулҳои мамлакатҳои дигарро мефаҳманд. Вале амалан ин ҷо як истисно ҷой дошта метавонад. Пулҳои давлатҳои таърихан ҷойдошта ба ин намудҳо мансуб дониста намешаванд, чунки онҳоро одатан ҳамчун ёдгориҳои таърихӣ эътироф мекунанд. Дар ҳар як мамлакат пулҳои интишори солҳои муайянро ҳамчун мувофиқаткунанда ба қонунҳо истифода мебаранд.

Пулҳои коллективона одатан зодаи асри XX мебошанд. Вақтҳои дар муомилот хизмат расонидани пулҳои ҳақиқӣ (тиллову нуқра) сарҳади амалиёти пулҳо хеле васеъ буд. Онҳо қариб бе маҳдудият дар давлатҳову ҳатто минтақаҳои дигар ҳам истифода мешудаанд. Мувофиқи маълумоти таърихнигорон тангаҳои тиллоиву нуқрагии давраи Сомониёнро дар масоҳати назди Балтика, Русия, Белорус, Украина, Полша, Булғория ва дигар мамлакатҳо дарёфтанд. Ин ҳодиса шаҳодат медиҳад, ки мавриди истифодаи пулҳои ҳақиқӣ ҳадди кор фармудани онҳо номаҳдуд мешавад. Аммо пулҳои коғазӣ

Қурби озод тағйирёбандаи асъор одатан зери таъсири омилҳои асосии бозор – талаботу таклифот, баланси пардохт, сатҳи фоизи қарз ва вазъи умумии иқтисодиёти мамлакат муайян мешавад. Ҳоло дар Тоҷикистон қурби асъор зери таъсири таносубҳои дар хариду фурӯши асъор суратгиранда муайян мешавад.

Баъзе мамлакатҳо бо мақсади ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ қурби идорашавандаю шинокунандаро ба роҳ мемонанд. Бо мақсади ноил гаштан ба устуворию идорашавандагии қурби асъори миллӣ давлат фурӯши асъор (интервенсия), назорати савдои берунӣ, танзими дохилии иқтисодиёт ва монанди инҳоро истифода мебарад. Курби асъор омили муҳимтарини макроиқтисодие мебошад, ки натанҳо равишҳо, балки вазъи иқтисодиёт, маблағгузорӣ, баланси пардохт ва монанди инҳо – омилҳои муҳимтарини иқтисодиёти мамлакатро муайян карда метавонад. Аз ин рӯ давлатҳо бояд онро доимо зери назорату танзим гиранд.

## 15. §6. БОЗОРИ ҶАҲОНИИ ҚАРЗ ВА СОДИРОТИ САРМОЯ

Намуд ва ё шакли дигари муносибатҳои иқтисодии байналмилалии намоёнтарин муносибатҳои қарзӣ мебошанд. Одатан қарз ҳамчун ҳодисаи иқтисодӣ ду тараф–қарзхоҳ ва қарздеҳро дар бар мегирад. Дар муносибатҳои қарзии байналмилалӣ ҳамчун қарзхоҳ ва қарздеҳ, давлатҳо, ҳукуматҳо, фирмаҳо, иттиҳодҳо, корхонаҳо ва шахсони ҷудогона фаъолият дошта метавонанд. Ҷамеи қарзҳо дар асоси шартҳои ногузири мақсаднокӣ, мӯҳлатнокӣ ва даромаднокӣ пешниҳод карда ва ё гирифта мешаванд. Албатта фоидаи қарз, ки фоиз ном дорад, хеле гуногун мебошад. Давлатҳо, ташкилоти байналхалқии молиявӣ қарзҳоро бо фоизи мухталиф пешниҳод мекунанд.

Дар вазъияти мӯътадил фоизи қарз одатан дар асоси талаботу таклифот муайян карда мешавад. Ҳарчанд сатҳи ниҳоят баланди фоиз бояд аз фоидаи миёнаи соҳибкорӣ пасттар бошад. Баъзан қарзҳои фоизашон пастро ба муассисаҳову фирмаҳо, ҳукумату давлатҳо низ пешниҳод мекунанд. Даҳсолаҳои охир дар ҷаҳони муосир бо мақсади мададу ёрмандӣ ба мамлакатҳои қафомонда қарзҳои имтиёзнок ҳам пешниҳод карда мешаванд. Баъзан ёрмандиҳои беғаразона, маблағҳои бебозгашт барои барқарор кардани иқтисодиёти мамлакатҳои харобшуда низ истифода мешаванд. Мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон ин гуна чораҳоро нисбат ба мамлакатҳову халқҳои зарардида истифода мебаранд.

Одатан қарзҳоро аз рӯи қарздеҳон ба намудҳои хусусӣ, давлатӣ, байналхалқӣ ҷудо мекунанд. Шаклҳои қарз бошад, соҳибкорию ғайрисоҳибкорӣ шуда метавонанд.

Дар бештари ҳолатҳо қарзро бо мақсади барпо кардани корхонаву муассисот, навсозии онҳо, харидани молу хизматҳо, баробар кардани ҳисобҳои ҷорӣ, таъмини пуркадрии пули миллӣ, аз худ кардани техника, технологияи нав, сохтмонҳои азиму асрина ва монанди инҳо истифода мебаранд.

Солҳои охир муассисоти байналхалқии молиявӣ, давлатҳо қарзро ҳамчун воситаи маҳдудкунию мадад низ истифода мебаранд. Ҳатто аз тарафи СММ ҳам қарорҳои манъи кӯмаку ёрмандии иқтисодӣ ва қарздиҳӣ қабул

карда мешаванд, ки дар назари мо номақбул аст.

Масъалаи дигари бо қарз зич алоқаманд, ҳаракати байналмилалии сармоя мебошад. Одатан сармоя ҳам дар миқёси ҷаҳонӣ аз як мамлакат ба мамлакати дигар ҷорӣ шуда меистад. Ҳаракати байнидавлатии сармоя аз содирот ва воридоти он иборат мебошад. Дар замони мо содиркунандагони сармоя одатан мамлакатҳои мутараққию бойтарин, воридкунандаи сармоя мамлакатҳои тараққикунанда мебошанд.

Бояд дар назар дошт, ки баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ сармоя роҳи ҳаракати худро тағйир додааст. Вай зиёдтар ба иқтисодиёти мамлакатҳои мутараққӣ ворид мешавад. Тадқиқгарон ин ҳодисаро бо вазъи устувори сиёсию иқтисодии ин мамлакатҳо пойбанд медонистанд. Шояд ҳақиқатан ҳам ин яке аз сабабҳои муҳимтарини шиддат ёфтани воридшавии сармоя ба ин мамлакатҳо бошад. Сабаби дигарро дар технологияву техникаи пешқадам, вазъи риояи қонунҳо, дилкашии амалии иқтисодиёт, устувории вазъият ва монанди инҳо дидан имконпазир аст.

Дар назари мо ба мамлакатҳои мутараққӣ зиёдтар ворид гаштани сармояро дар сатҳи тоқатпазири фоида ва имконоти ба сармоя табдил додани он низ дидан зарур аст. Дар баъзе мамлакатҳои тараққикунандаи Шарқ ва Осиё гӯё гирифтани фоида душвории зиёде дорад. Маҳз бо ҳамин сабаб ба ин мамлакатҳо сармоя тақрибан ним асри охир камтар равон мегардад. Аммо солҳои 90–ум таи таъсири пароканлашавии ҷаҳони сотсиалистӣ ва Иттиҳоди Шӯравӣ мамлакатҳои сершумор ба иқтисоди бозорӣ рӯй овар-данд. Ин ҳолат сармоягузорони ҷаҳонро кӯмак намуда, масоҳати бозори онҳоро васеъ гардонид. Ҷараёни калони сармояҳо ба ин мамлакатҳо равона гаштанд.

Тоҷикистон дар Иттиҳоди Шӯравии собиқ яке аз ҷойҳои охиринро ишғол мекард. Илова бар ин ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992–1993 иқтисодиёти вайро ба ҳалокат наздик оварда буд. Бо ҳамин сабаб ҳукумат аз соли 1995 кӯшишҳои зиёди ҷалби сармояи хориҷиро пеш гирифта, мутобиқан қонунҳои дахлдор ҷорӣ намуд. Дар натиҷа шумораи корхонаҳои муштарак сол то сол зиёд мешавад. (ниг. ба ҷадвали 15.3)

*Ҷадвали 15.3.* Шумораи корхонаҳои муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1992-1998

| | 1992 | 1994 | 1995 | 1996 | 1997 | 1998 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| [illegible] | 164 | 198 | 210 | 263 | 238 | 224 |
| [illegible] | 455,8 | 21684,0 | 22600,0 | 8730,2 | 35025,3 | 41484,7 |
| [illegible] | [illegible] | 2322,6 | 716,8 | 6585,3 | 34024,1 | 42168,7 |

Чӣ тавре ки аз рақамҳои ҷадвал мебинем, шумораи корхонаҳои муштарак ва ҳаҷми маҳсулоти онҳо назарнамо зиёд мешавад. Ҳарчанд дар ин ҷабҳа баъзе муаммоҳо низ ҷой доранд.

Ҳамин тавр, воридшавии сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон ба барқароршавии босуръати иқтисодиёт, пайдо шудани ҷойҳои нави корӣ, бартараф шудани оқибатҳои бӯҳронҳои сиёсию иқтисодӣ мусоидат хоҳанд кард.

Аз ин рӯ сохторҳои давлатӣ, қонунҳои қабулшуда бояд дар ҳамин равиш кӯмак расонанд.

Яке аз масъалаҳои воридоту содироти сармоя ва бо он пойбанд қарзҳои давлатӣ ба шумор меравaнд. Амалан қарзи дохилию қарзи берунии (хориҷии) давлатро ҷудо мекунанд. Қарзи дохилии давлат аз шаҳрвандон дар шакли заёмҳо, облигатсияҳо ва ё вомбарг гирифта мешавад. Вомбаргҳоро давлат бо воситаи бонкҳо дар байни аҳолӣ фурӯхта, аз ҳамин ҳисоб камомади даромади буҷеташро мепӯшонад. Дар ивази ин қарз давлат ба дорандагони вомбаргҳо фоизро дар шакли бурдҳо пешниҳод менамояд.

Қарзи берунии давлат аз ҳисоби сармоядорони хусусӣ, давлатҳо, муассисоти байналмилалӣ гирифта мешавад.

Тағйироти ҳаҷми қарзи берунии давлати Тоҷикистон таи солҳои 1993–1998 чунин сурат гирифтааст (ҷадвали 15.4).

*Ҷадвали 15.4.* Нишондиҳандаҳои қарзи хориҷӣ

| Солҳо | Маблағи қарзи берунӣ | | бо % ба МУД |
|---|---|---|---|
| | Фоизи афзоиши солона | афзоиш *млн. долл.* | |
| 1993 | 100 | – | 68,1 |
| 1994 | 152,4 | 267,0 | 62,0 |
| 1995 | 100,8 | 5,9 | 71,3 |
| 1996 | 105,8 | 45,1 | 90,6 |
| 1997 | 107,6 | 63,1 | 95,8 |
| 1998 | 133,1 | 294,9 | 91,3 |

Аз ҷадвал дида мешавад, ки ҳаҷми умумии қарзи хориҷии давлат соли 1998 – 294,9 *млн.* доллар зиёд шудааст. Ин ба ҳар як шаҳрванд ба ҳисоби миёна 197,5 доллар рост меомад, ки дар Русия вай 800 – 900 доллар буд.

## 15.§7. БОНКҲОИ ҶАҲОНӢ ВА МУАССИСОТИ МОЛИЯВӢ

Муассисоти бонкии дар миқёси тамоми ҷаҳон ва ё байни мамлакатҳо амалкунандаро бонкҳои ҷаҳонӣ ҳисоб мекунанд. Бонкҳои дар дохили ҳар як мамлакат ва берун аз марзи он амалкунанда ҳанӯз дар асрҳои XIV – XV пайдо шуда буданд. Ҳарчанд онҳо ҳоло ҳақиқатан бонкҳои ҷаҳонӣ набуданд.

Аз нимаи дуюми асри XIX бонкҳои мамлакатҳои пешқадам мавқеи ҷаҳониро соҳиб шудан мегиранд. Ин гуна бонкҳо тарафт зиёд шуда, фаъолияташонро дар дохили мамлакат ва берун аз он ба роҳ мемонанд.

Бонкҳои байналхалқӣ ҳам асосан муассисаи молиявӣ мебошанд, ки бо гирдоварии маблағҳо ва ба қарз пешниҳод кардани онҳо машғуланд. Бонк-

ҳои ҳозираи байналхалқӣ одатан бонкҳои мамлакатҳои мутараққӣ мебошанд. Ин бонкҳо на танҳо ҳисобу китоби тарафайнро ба роҳ мемонанд. Онҳо зиёдтар бо мубодилаи асъор (арзҳо), баробар кардани ҳисобҳои тиҷоратӣ, пешниҳоди қарз, хизматрасонии қарзӣ, назорати корпоратсияҳои фаромиллатиро низ ба зимма доранд.

Бонкҳои ҷаҳонӣ ҳам ба мамлакатҳо дар асоси мӯҳлатнокӣ, даромаднокӣ ва фоиданокӣ барои иҷрои мақсадҳои муайян, аз ҷумла пурра кардани фондҳои асосиву гардон, камомади буҷети давлатҳо бо сабабҳои муайян ва монанди инҳо қарз пешниҳод мекунанд. Мӯҳлати қарзҳои бонкҳои ҷаҳонӣ одатан аз рӯи роҳу мақсади таъйиноти онҳо муайян карда мешаванд.

Бо ёрии бонкҳои ҷаҳонӣ мароми равиши маблағгузориҳои хариду фурӯш, қарз, ҳисоб баробар кардан ва монанди онҳо ба роҳ монда мешаванд. Бонкҳои ҷаҳонӣ ҳам амалиёти нофаъол – гирдоварии маблағҳои озодро ва амалиёти фаъол – ба қарз пешниҳод кардани маблағҳои гирд оварда шударо ба роҳ мемонанд.

Ҳаракати маблағҳои молиявии ҷаҳонӣ дар равияҳои асосии зерин ба роҳ монда мешаванд:

1) хизматрасонии арзию қарзӣ, ҳисобу китоби хариду фурӯши молҳо ва хизматҳо;
2) маблағгузории берунӣ барои пурра кардани сармояи асосию гардон;
3) амалиёт бо коғазҳои қиматнок ва амалиёти дигар;
4) амалиёти мубодилаи асъор;
5) аз нав тақсим кардани ҳиссаи даромади миллии мамлакатҳо бо ёрии буҷет, кӯмаку ёрмандиҳо ба давлатҳои тараққикунанда ва ҳаққи аъзогӣ ба ташкилоту сохторҳои байналмилалӣ.

Ҳамин тавр, як чораёни ниҳоят азиму беҳамтои молиёте дар миқёси ҷаҳонӣ ба миён меояд, ки амалан аз ҳаҷми маҳсулоти миллии давлатҳо чанд карат зиёд буда метавонад. Бонкҳои ҷаҳонӣ бозорҳои байналхалқии молиявиро низ хизмат мерасонанд, ки дар шаҳрҳои Ню-Йорк, Лондон, Сюрих, Люксембург, Франкфурти Майн, Сингапур, Сянган (Ҳонконг), Ҷазираҳои Белам, Панама, Баҳрайн, Токио ва диг. ҷойгир шудаанд.

Барои тасвир кардани муносибатҳои молиявии ҷаҳонӣ ва бонкҳои байналмилалӣ сухаронии тӯлоние зарур аст. Бо сабаби надоштани ин гуна имконот мо тасвирро аз бонкҳои ҷаҳонӣ оғоз намудем. Муносибатҳои молиявии ҷаҳонӣ на танҳо бо ёрии бонкҳои байналмилалӣ, балки ҳамон хел бо мададгориву ширкати бонкҳои дохилии мамлакатҳо, муассисоти дигари молиявӣ, ба монанди кассаҳо, кооперативҳо, ассотсиатсияҳо, фондҳои гуногун, сохторҳои ғайрибонкӣ ва монанди инҳо ба роҳ монда мешаванд.

Бо мақсади низоми муайян бахшидан ба муносибатҳои молиявии ҷаҳонӣ ҳанӯз соли 1944 конференсияи умумии мамлакатҳо дар Бреттон – Вудс ҷамъ омада, оид ба таъсис додани Фонди байналхалқии асъор (МВФ – ФБА) ва Бонки байналхалқии инкишофу навсозӣ (МБРР – ББНТ) қарор карда буд. Дахсолаҳои охир вай ба Бонки ҷаҳонӣ табдил ёфт. Ҳоло аксарияти мамлакатҳо ба ФБА ва Бонки ҷаҳонӣ дохиланд. Ин муассисот дар ҳиссаи муайян ҳамчун намоянда ва ё аз номи СММ фаъолият мебарад. Ин гуна муассисот дар ҷаҳони имрӯза кам нестанд. Яке аз онҳо Ташкилоти ҷаҳонии савдо (ВТО – ТҶС) мебошад.

Аксаран ташкилоту сохторҳои умумиҷаҳонии молиявӣ то солҳои 60-

уми асри XX ба мамлакатҳои тараққикарда нигаронида шуда буданд. Солҳои 70 – 80-ум онҳо дар ҳиссаи зиёд фаъолияти худро ба мамлакатҳои тараққикунанда нигаронида ба онҳо қарзҳо барои инкишофу тараққиёт, ёрмандӣ, кӯмаку дастгирии молиявӣ пешниҳод мекунанд. Илова бар ин азбаски 2–3 даҳсолаҳои охир давлатҳои ҷаҳон кӯшишҳои зери назорату танзим гирифтани иқтисодиёту молияро ба амал мебароранд, ин муассисаҳо дар ин фаъолият низ мададрасонӣ мекунанд. Муносибатҳои молиявию қарзии ҷаҳони имрӯза ҳамчун ҷабҳаи намоёни муносибатҳои иқтисодӣ фаъолият доранд.

## 15. §8. БАЛАНСИ ПАРДОХТ

Масъалаи муҳимтарини тавсифу маънидоди муносибатҳои ҷаҳонии иқтисодии мамлакатҳо баланси пардохт ҳисобида мешавад. Зери мафҳуми баланси пардохт маҷмӯи счетҳо ( ҳисобҳо) фаҳмида мешаванд, ки муносибатҳои иқтисодии берунии мамлакатҳоро тасвир мекунанд. Баланси пардохт дар навбати худ ба: 1) баланси савдо (тиҷорат), 2) баланси хизматҳо ва пардохти ғайритиҷоратӣ, 3) баланси ҳаракати сармояву қарзҳо ҷудо мешаванд. Мо пештар дар бобати баланси савдо сухан ронда будем. Ин ҷо ҳамонро ёдрас карданием, ки савдо аз воридоту содирот иборат мебошад.

Ҳар як мамлакат барои воридоти молҳо ва хизматҳо бояд асъори хориҷӣ ва ё маводи ба он баробарқувва пешниҳод намояд. Дар сурати норасидани ин гуна захираҳо воридот аз ҳисоби қарзҳои кӯтоҳмуддат сурат мегирад. Содирот имкон медиҳад, ки мамлакат аз ҳисоби фурӯши онҳо дар хориҷа соҳиби асъори мамлакатҳои дигар ва ё захираҳои ба он баробар гардад. Ин ҳолат ба давлатҳо имкон медиҳад, ки мавриди зиёд будани ҳаҷми вай он мамлакат дар хориҷа зиёдтар молҳоро харида ворид намояд ё ин ки ҳиссаи доройишро ба захира табдил диҳад. Захираҳоро бошад ё ба қарз ба мӯҳтоҷон пешниҳод мекунанд ва ё барои маблағгузорию дигар мақсадҳо истифода мебаранд. Ҳамин тавр, баланси савдо тамоми даромадҳои мамлакатро аз фурӯши молҳо ва пардохтҳоро ба хориҷи кишвар тасвир менамояд.

Қисмати дуюми баланси пардохт воридоту содироти хизматҳо мебошад. Одатан ин қисматро баъзан "амалиёти ноаён" меноманд, чунки одатан хизматҳо, аз ҷумла сайёҳони оиндаву равандаро дар бар мегирад. Ба хизматҳо хизмати сохтмон, нақлиёт ва дигарҳо дохил мешаванд. Дар ҳамин қисмат пардохти фоизи қарзҳо, даромадҳо ба маблағгузориҳо низ дохил мешаванд. Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёдтар ин гуна пардохтро ба дигарон пешниҳод мекунад. Инчунин дар ҳамин қисмат трансфертҳо, ёрмандию кӯмакҳои мамлакатҳо низ тасвир карда мешаванд. Солҳои охир Тоҷикистон асосан ёрмандию кӯмаки дигаронро мегирад ва худ барои пешниҳоди онҳо имконӣ қазоие надорад.

Баланси ҳисобҳои сармояву қарзҳо ҳам амалан хислати ҷамъбастӣ дошта, дар навбати худ ҳисоби амалиёт бо сармоя, ҳисоби ҳаракати сармояи хизматаш дарозмӯҳлат ва ҳисоби қарзҳоро дар бар мегирад. Ҳисоби ҳаракати сармоя ҷараёни ҳаракати сармояи бо хариду фурӯши захираҳои моддию молиявии дар соли ҷорӣ ҷойдоштаро дар бар мегирад. Дар худи ҳамин ҷо ҳаракати сармояи дарозмӯҳлату кӯтоҳмӯҳлат, хизматкунанда, захираҳои расмӣ тасвир карда мешаванд. Баъзан тамоми қарзҳоро якҷоя тасвир мекунанд.

Дар ҳисоби ҳаракати сармояҳои дарозмӯҳлат маблағгузориҳои аз мамлакат берунраванда ва ба мамлакат воридшавандаи аҷнабиён тасвир карда мешаванд. Ин ҷо тамоми қарзҳои пешниҳодшаванда ва воридшаванда тасвир мегарданд. Ҳисобҳои қарзҳои мӯҳлати адояшон гузаштаро ҳам дар ҳамин қисмат дучор меоем. Дар ин натанҳо маблағгузориҳои ҳақиқӣ ба хоҷагии халқ, балки маблағгузориҳои номӣ (портфелӣ) барои харидани вомбаргҳо, облигасияҳо низ дохил карда мешаванд.

Мо дар поин тарҳи намунавии баланси пардохтро ба диққати хонандагони арҷманд пешкаш мекунем.

*Ҷадвали 15.5.* Баланси пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Баровардани молҳо ба мамлакатҳои ИДМ.
2. Содироти молҳо ба мамлакатҳои дигар.
3. Воридоти молҳо аз ИДМ.
4. Воридоти молҳо аз мамлакатҳои дигар.
5. Баланси савдои берунӣ.
6. Содироти хизматҳо аз ҷумҳурӣ.
7. Воридоти хизматҳо ба мамлакат.
8. Бақияи баланси савдою хизматҳо.
9. Даромади холиси маблағгузориҳо.
10. Гузаронидани фоидаи маблағгузориҳо.
11. Гузаронидани пулҳои нақд ба хориҷа (шаҳрвандон, корхонаҳо, муассисот).
12. Ҳамин гуна пулгузаронӣ аз хориҷа.
13. Бақияи баланс аз амалиёти ҷорӣ.
14. Воридоти сармоя ба ҷумҳурӣ.
15. Содироти сармоя аз ҷумҳурӣ.
16. Бақияи баланси сармояҳо.
17. Захираҳои расмӣ.

Чунонки аз ҷадвали овардашуда намоён аст, мо ин ҷо на худи баланс, балки тарҳи таълимии баланси пардохтро овардем. Дар асоси вай хонандагон оид ба баланси пардохт маълумоти умумӣ ҳосил карда метавонанд.

Дар сурати фаъол будани баланс мамлакат дорои захираҳои молиявӣ гардида, метавонад моловарии хориҷиро зиёд гардонад. Дар сурати нофаъол буданаш бошад, вай маҷбур мешавад аз дигарон қарз гирад ва ё захираҳои дар ихтиёраш бударо истифода барад. Ҳарчанд ин нишондодҳо мазмуни нисбӣ доранд.

## 15. §9. ИДОРА ВА ТАНЗИМИ ФАЪОЛИЯТИ БЕРУНӢ

Фаъолияти берунии иқтисодӣ дар ҳар як мамлакати ҳозиразамон масъалаи муҳимтарин ба шумор меравад. Албатта, муносибати давлат нисбат ба робитаҳои иқтисодии берунӣ доимо якхела набудааст ва бо мурури замон марҳалаҳои гуногуни инкишофро аз сари худ гузаронидааст. Замонҳои қадим аз рӯи одат давлатҳои ғуломдорию феодалӣ нисбат ба тиҷорати байни давлатҳо бе тараф набудаанд. Балки онҳо дар бобати ин ҷабҳаи фаъолияти мардумон қоидаҳову қонунҳои муайян ба миён оварда, кӯшиши танзиму лаҷомзании онро пеш мегирифтаанд. Яке аз шаҳодатҳои барьалою намоёни ин ҳолатро мо дар низоми тартиби давлатдории Сомониён дучор меоем.

Ҳанӯз 3 – 4 ҳазор сол пештар мувофиқи далелҳои дар "Авасто" овардашаванда давлат ба фаъолияти тиҷоратии мардумон кӯмаку мадад расонидааст. Дар тафсирҳои Қуръони Маҷид ҳатто оварда мешавад, ки тоҷирон табақаи волои одамонанд, чунки онҳо ҳам ба ватану мардумони худ ва ҳам ба мардумони ғайр (хориҷӣ) хизмат расонида бо моловарию молбарӣ машғул мешаванд.

Мувофиқи ахбороти тадқиқгарони таърих дар аҳди Сомониён дар он сарзамин садҳо боҷхонаҳо фаъолият мебурданд. Ин боҷхонаҳо ҳамчун муассисоти давлатӣ ҷой дошта, мақсади танзиму идораи савдои байни давлатҳо, мамлакатҳо ва минтақаҳоро ба зимма доштанд.

Вале рафта—рафта баробари қувват гирифтан ва ривоҷ ёфтани муносибатҳои бозоргонӣ, пайдо шудани мошинҳо ва ба роҳ даромадани истеҳсолоти мошинию саноати мошинӣ давлатҳо ба ду гурӯҳи намоён ҷудо шуданд: давлатҳои зери назорату идора гирандаи иқтисод ва давлатҳои нисбат ба иқтисод бетараф ва дахлнакунанда.

Баробари пайдошавии тиҷорати мураттабу муназзами байни давлатҳо бошад, сиёсатмадории давлатӣ ба сиёсати давлатии маҳдудкунандаи тиҷорату ҳимоягари истеҳсолоти ватанӣ ва сиёсати савдои озод ҷудо мешавад, ки дар ин бобат андак пештар мо сухан ронда будем.

Дар нимаи дуюми асри XIX ва давоми асри XX сиёсати давлатҳои ҷаҳон нисбат ба иқтисодиёт чанд карат тағйир ёфт. То ибтидои асри XX ҳамчун олат давлатҳо бевосита ба иқтисодиёт кордор намешуданд ва танҳо бо ёрии равиши муайяни қонунгузориҳо онро зери назорат мегирифтанд.

Аммо зери таъсири таълимоти марксистӣ ва назарияи револютсионии пролетарӣ ва дар ҳамин асос пайдо шудани давлатҳои сотсиалистӣ тамоми иқтисодиёт ба тасарруфи сохторҳои давлатӣ ворид карда шуда буданд. Ин давлатҳо ҳам сохтори сиёсию ҳам сохтори иқтисодиро ба тасарруфи пурраи худ медароварданд. Оқибат то ҷое рафта расид, ки ҳамаи масъалаҳои иқтисодӣ ба дӯши давлат вогузошта шуда, ин бор ба давлат зиллатовар гардид. Иқтисодиёт таи солҳои 70– 80–ум дигар пеш нарафта, оқибат ҷаҳони сотсиалистӣ аксаран ба муносибатҳои бозоргонӣ рӯй оварданд. Яъне комилан ба ихтиёри фармонфармоии давлат гирифтани иқтисодиёт, хоҷагидорӣ оқибат ҳамчун сабабгори парокандашавии ин система гардид.

Мушоҳиди баркамолу варзидаи дигари аввалҳои асри XX Ҷон Кейнс дар асоси омӯзиши таҷрибаҳои ҳосилшуда, марому равиши мамлакатҳо таи даҳсолаҳои аввали асри XX ва ҳатто дар асоси ҷамъбасти сабақҳои таърихии сохтмони сотсиализм дар ИҶШС–и собиқ ба хулосаи муҳимтарин омад, ки давлатҳо дар замони нав аз иқтисод дур буда наметавонанд. Балки ба онҳо мавқеи идораю танзими иқтисод хос аст. Аммо дар идораю танзимгарӣ на бо роҳи тасарруфи комил, балки бо роҳи қувват бахшидан ба унсурҳои мавҷудаи иқтисоди бозоргонӣ, танзиму идора ба воситаи қонунгузорию фишангҳои иқтисодӣ ба мақсад расида метавонанд.

Давлат ҳамчун сохтори сиёсӣ аввалан идораи мамлакатро бояд бар зимма дошта бошад. Аммо иқтисод ба давлат қувва, эътимоди ҳаётӣ мебахшад. Бинобар он роҳи дурусти ба пешрафту тараққиёти ҷомеа мусоидат кардани мардумони мамлакатҳо дар идораю танзимгарии одилонаю оқилонаи давлатии иқтисод мебошад.

Аз миёнаҳои солҳои 30–ум ин гузоришотро ба назар гирифта, давлатҳои онзамонаи пешқадам натиҷаҳои судбахши дилхоҳро ба даст оварданд ва қувваи худро мунтазам дучанд гардонида, ба беҳбудии назарнамои ҳаётии мардумон ҳам муваффақ гаштанд. Иқтисодиёти онҳо босуръат пеш рафта ба марҳалаи инкишофи баъди саноатӣ ворид гардид.

Ҳоло дар тамоми ҷаҳон ҳамаи мамлакатҳову давлатҳо ба ин ё он намуд, равиш ва усули ба худашон хос танзиму идораи иқтисод ва муносибатҳои берунии иқтисодиро ба роҳ мемонанд. Дар ин равиш аз ҳама намоёнтар идораю танзими тиҷорати байналмилалӣ, қурби асъор, муносибатҳои молиявии берунӣ, баланси пардохт ва монанди ин масъалаҳои муҳимтарин гузошта мешаванд.

Аксари давлатҳо на сиёсати якмарому якхела, балки чандиру тағйирёбандаро пеш мегиранд. Яъне қарордоду усулҳои идораи онҳо мутобиқу мувофиқи вазъи иқтисодиёти мамлакат дигаргун карда мешаванд. Ҷамеи қонунгузориҳо, чораҳои мушаххас ба ҳамон нигаронида мешаванд, ки норасоиҳо, зиддиятҳо, номутаносибиҳои иқтисодии ҷомеа бартараф карда шуда, барои пешрафт, рушди иқтисодии мамлакат, торафт баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардумони мамлакат имкониятҳо пурратар истифода гардида, некуаҳволии мардумон назарнамо баланд бардошта шаванд. Ҳамин гуна равишу мақсаднокиро дар фаъолияти ҳукумати Тоҷикистон ҳам дучор меоем. Исботи ин торафт беҳтар гардидани вазъи иқтисодии мамлакат мебошад.

# БОБИ 16. МАСЪАЛАҲОИ ИҚТИСОДИИ УМУМИБАШАРӢ

## 16. §1. ҲАМЧОЯГИИ МАНФИАТҲОИ ИҚТИСОДИИ УМУМИБАШАРӢ

Иқтисодиёт дар миқёси шахси ҷудогона, оила, манзил (хонавода), корхонаҳо, соҳаҳо, мамлакат ва гурӯҳи мамлакатҳо қонунҳои муайянро дар бар мегирад. Ин масъалаҳо аз тарафи илми иқтисодӣ ба таври бояду шояд омӯхта ва муайян карда шудаанд. Ҳарчанд оид ба масъалаҳои иқтисодии башар дар миқёси тамоми ҷаҳон омӯзишу гузоришот дар пешанд. Мо дар ин ҷо бо мақсади ҷалб кардани диққати хонандагони арҷманд ба чанд муаммову масъалаҳо сатҳӣ бошад ҳам, дахл намудаием.

Инсон зоти ягонаву дар кайҳони мо маълуму нотакрор мебошад. Дар сайёраи Замин ҷонзодҳо хеле зиёданд. Аммо инсон зоти волову намоён ва соҳиби идроку заковат ва ба туфайли ин хислатҳояш намоёну барҷаста мебошад. Шояд аз ҳамин сабаб ҳам баъзе тадқиқгарон вайро "шоҳи табиат" гумон мекунанд. Аммо амалан инсон на шоҳ, балки зодаву фарзанди мамлакат мебошад. Илова бар он Замин гаҳвораи инсон ба шумор меравад. Чунки дар сайёраҳои дигар имкони ҳаёт вуҷуд надорад. Одамон танҳо мутобиқу мувофиқ ба ҳаёти заминӣ мебошанд. Аммо зери таъсири фаъолияти истеҳсолии одамон сол то сол Замин тағйир дода мешавад. Аксаран ин тағйирот на ба нафъи муҳити ҳаёти мардумон, балки ба

муқобил ё зарари он ба миён меоянд. Чӣ қадаре ки истеҳсолоту тавлидгарӣ ривоҷу равнақ ёбад, ҳамон қадар суръати равишҳои мухолифи ҳаёт ҳам дар Замин босуръат мегарданд. Истеҳсолоти ҷомеа дар ҳадду миқёси бениҳоят тараққӣ карда, боиси тағйироти бемислу монанди геологӣ, ҷуғрофӣ, захиравии ба ҳаёти одамон зарур мегардад. Ин ҳама дар охир на оқибатҳои неку дилхоҳ, балки оқибатҳои зарарноку марговар оварда метавонад.

Мувофиқи тадқиқоти баъзе олимон дар рӯи замин барои инкишофу ҳаёти осоиштаву ороми тақрибан 10 миллиард одам имконоти табиӣ муҳайё мебошад. Шумораи сокинони Замин охирҳои солҳои 90–уми асри XX ба 6 млрд. нафар расида буд. Аз ин рақам хулоса бармеояд,ки ҳоло сокинони сайёра тамоми захираҳову имконоти ҳаётии онро бо пуррагӣ ба истифодаю истеъмоли худ нанигаронидаанд. Бояд тазаккур дод, ки ривоҷи илму техника, кашфиётҳои нави минбаъда, муборизаи муттафиқонаи мардумон имконоту захираи ҳаётии инсониятро боз ҳам афзун гардонида, баъзе мушкилотро осон гардонида метавонанд. Аммо дар баробари ин захираву имконоти сайёра дар ҳар як марҳалаи таърихӣ ҳадду ҳудуди муайяни худро дорост. Шиддат ёфтани равишҳои истеҳсолию технологӣ ҳамчун сабабгори бевоситаи талафоти имконоту захираҳо низ хизмат карда метавонанд.

Ин ҳама дар навбати худ аз мардумон андешаву мулоҳизаҳо дар фаъолияти истеҳсолию иқтисодӣ ва монанди инҳоро тақозо дорад.

Масъалаи дигари башар дарку омӯзиши қонунҳои фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Қонунҳои иқтисодии доир ба мамлакатҳо кашфшуда дар миқёси байналмилалӣ дигаргуниҳову тамоюлҳои навро соҳиб мешаванд. Аммо барои дарку фаҳмиши онҳо тадқиқоту омӯзишҳои умумисайёрагӣ заруранд. Инсоният дар ин ҷабҳаҳо ҳам то ҳол ба комёбиҳои назаррас омада нарасидааст.

Дар ҷаҳони имрӯза зиёда аз 200 давлат арзи вуҷуд дорад. Ин давлатҳо дар байни худ хислатҳои ягонаву умумӣ ва тафовуту ҳархелагиҳоро соҳибанд. Аз ҷумла тамоми давлатҳои ҷаҳони имрӯза ба се гурӯҳи алоҳида: мамлакатҳои тараққикарда, тараққикунанда ва ба муносибатҳои бозоргонӣ гузаранда ҷудо карда мешаванд, ки шарҳи ин ибораҳоро мо дар поин хоҳем овард.

Ғайр аз он давлатҳои ҳозираро ба мамлакатҳои сарватманд, миёна ва камбоқ ҷудо мекунанд. Маълумоти соли 1997 умумиро доир ба онҳо аз ҷадвал мебинем.*

*Ниг. Доклад о развитии человека за 1999 год, стр.2

*Ҷадвали 16.1.*

| Гурӯҳи мамлакатҳо | МУД | Содирот | Маблағгузории хориҷии бевосита |
|---|---|---|---|
| 1. Мамлакатҳои сарватманд – 20 % | 86 | 82 | 68 |
| 2. Мамлакатҳои миёна – 60% | 13 | 17 | 31 |
| 3. Мамлакатҳои қашшоқ – 20% | 1 | 1 | 1 |
| ҶАМЪ: | 100 | 100 | 100 |

Чунонки аз ҷадвал дида мешавад, 20% мамлакатҳои сарватманд 86% МУД, 82% содирот ва 68% маблағгузории бевоситаи ҷаҳонро дарбар гирифта буданд. Мамлакатҳои қашшоқ бошанд, 20% буда дар ҳисса ҳамагӣ 1%-ро дар бар мегирифтанд. Маҳз ҳамин рақамҳо шаҳодат медиҳанд, ки мавкеи ин мамлакатҳо натанҳо ногувору қашшоқона аст, балки ин вазъият боз давоми ояндаи худро меёбад.

Ҳоло дар назди ҷаҳони имрӯза муаммоҳои боз ҳам ҷиддитар меистанд, ба маънидоду шарҳи онҳо дар қисматҳои дигар истода мегузарем. Дар ин ҷо ҳамон огоҳиро зарур медонем, ки одамон дар Шарқу Ғарб, Шимолу Ҷануб ҳама ягонаву якхелаанд, харчанд рафтору равиш, низоми хоҷагиву ҳаётгузаронӣ, қоидаву таомулҳои онҳо аз ҳамдигар фарқ карда меистанд. Ин тафовутҳо натиҷаи равиши таърихии тараққиёт, муҳити зисту таомулҳо ва монанди инҳо мебошанд. Яъне ҳар як шахс харчанд зоти ҷудогонаву махсус аст, вай танҳо дар ҷомеаю иҳотаи ҳамгинони худ қобили ҳаёт гардида, ба мақсадҳои худ ноил гашта метавонад. Одамон дар баробари гуногуниву алоҳидагӣ бо ҳамдигар ҳамбаставу пайванданд. Маҳз ҳамин хислатҳо онҳоро водор месозад, ки гаҳвораи умумии худро ҳифз намуда, онро аз хатарҳои сершумори пешоянда муҳофизат намоянд ва бо ҳамин восила ба бақо ёфтани умри инсоният ҳисса гузоранд.

## 16. §2. ВАЗЪИ ҲОЗИРАИ ИҚТИСОДИЁТИ САЙЁРА

Иқтисодиёт дар сайёраамон дар арафаи садаи XXI хеле гуногунравишу гуногунмаром ва ҳарранга мебошад. Гуногунии вазъи иқтисодии сайёраро дар ҳамон дидан мумкин аст, ки асоси иқтисодиёти имрӯзаро чор унсури марказии ҷомеа ташкил медиҳанд:

а) сатҳи инкишофи соҳаҳои истеҳсолот;

б) вазъи равнақи воситаҳои истеҳсолот, технология;

в) сатҳи сифати қувваи коргарӣ;

г) тарзи мақбули раванди ҳаёти мардумон.

Ҳазорсолаҳои пештара тамоми истеҳсолоти ҷомеа асосан ба фаъолияти истеҳсолоти кишоварзӣ такя менамуд. Ҳатто садаҳои XVI-XVII ҳазорсолаи дуюми милодӣ истеҳсолоти ҳунармандӣ ҳамчун иловаю соҳаи мададрасони кишоварз хизмат мекард, ҳамин гуна мавқеу аҳамиятро тиҷорату нақлиёт доштанд. Ба туфайли ривоҷу равнақи беҳамтои истеҳсолоти ҳунармандӣ дар асрҳои миёна, пайдо шудани корхонаҳои саноатӣ ва мавқеи намоёнро соҳиб гардидани онҳо истеҳсолоти саноатӣ ғолиб омада, мавқеи намоёнро дар ҳаёти ҷомеа ба даст овард. Пас аз инқилоби (табодули) саноатии асри XVIII инсоният аз ҳама зиёдтар ба ҳамин соҳаи фаъолият пойбанд шуда монд. Гурӯҳи мамлакатҳо дар қитъаи Европа аз ҳама пештару бештар комёбиҳои истеҳсолоти саноатиро дарку аз худ намуда, ба мошинигардонии соҳаи саноат ва паҳншавии мошинҳо дар соҳаҳои дигари фаъолият муваффақ шуданд. Минбаъд ин давлатҳо дар миёнаи асри XX ба инкишофи бениҳояти истеҳсолоти саноатӣ расида, ҳосилнокии меҳнатро 6 – 8 баробар афзун гардонида, мувофиқан сатҳи баландтари зиндагонии аҳолиро соҳиб гаштанд. Ҳоло ин мамлакатҳо номи баъди саноатиро гирифтаанд ва давлатҳои мутараққии ҷаҳон мебошанд.

Дар равнақи воситаҳои истеҳсолот, ки қисми фаъоли онҳо олоти меҳнат (техника) мебошад, инсоният аз истифодаи сангу чӯби оддӣ оғоз намуда, минбаъд ба олотҳои филизӣ, истифодаи қувваи ҳайвонот, ҷараёни барқ, ҳаракатдиҳандаҳои дарунсӯз мерасад. Ин равиш боиси сохта шудани мошинҳои беҳамтои энергетикӣ, истифодаи қувваи атом гардидааст.

Баробари пешрафти воситаҳои истеҳсолот илму фарҳанг ҳам босуръат тараққӣ карда, илмро дар оқибат ба қувваи бевоситаи истеҳсолкунандаи ҷомеа табдил дод. Қувваи коргарӣ ҳам дар ин равиш сифатан ва миқдоран инкишоф ёфта, ҳамчун сабабгори пешрафти фикрию зеҳнии инсоният гардид. Ин маром дар навбати худ аз нимаҳои асри XX мавқеи иттилоотро тарафт баланд бардошта, дар ҳаёту фаъолияти тавлидгарии инсоният кеи ахборотро воло гардонид. Оқибат асосҳои иҷтимоию иқтисодии инқилоби ахборӣ ба миён оварда шуданд, ки маҳсулнокии меҳнати инсонро 3–4 карат афзунтар гардонид. Ҳамин тавр, сатҳи ҳосилнокии меҳнат дар мамлакатҳои баъди саноатию бо равишҳои инқилоби ахборӣ пайванд гардида назар ба дигар мамлакатҳо 12–16 баробар баландтар мебошад. Ин ҳолат дар навбати худ боиси афзалияту бартариҳои зиёди иқтисодию иҷтимоӣ гардидааст. Мамлакатҳои ба ин натиҷаҳо нарасида бошанд, ба маҳрумияту норасоиҳои намоёни иқтисодӣ ва бори гарони қарзҳои калон дучор гаштанд.

Чӣ тавре дар боло нишон дода шуда буд, ҳоло мамлакатҳои "сарватманд" ва "қашшок"-и ҷаҳон ҷудо карда мешаванд. Истеҳсоли МУД ба ҳар як нафар аҳолӣ дар онҳо ба таври зайл тағйир ёфтааст:*

* Цит. Доклад о развитии человека за 1999 г., Душанбе, 2000, стр.38

*Чадвали 16.2.*

| с. 1820 | | с. 1900 | | с. 1992 | |
|---|---|---|---|---|---|
| **Мамлакатҳои сарватманд (доллар)** | | | | | |
| Британияи Кабир | -- 1756 | Британияи Кабир | -- 4591 | ИМА | 21558 |
| Нидерланд | -- 1561 | Зеландияи Нав | -- 4299 | Швейсария | 21036 |
| Австралия | -- 1528 | Австралия | -- 4299 | Чопон | --19425 |
| Австрия | -- 1295 | ИМА | -- 4096 | Олмон | -- 19351 |
| Белгия | -- 1291 | Белгия | -- 3652 | Дания | 18290 |
| **Мамлакатҳои қашшоқ (доллар)** | | | | | |
| Индонезия | -- 614 | Мянма | -- 647 | Мянма | -- 748 |
| Ҳиндустон | -- 531 | Ҳиндустон | -- 625 | Бангладеш | -- 720 |
| Бангладеш | -- 531 | Бангладеш | -- 581 | Танзания | -- 601 |
| Покистон | -- 531 | Миср | -- 509 | Конго (чумҳ.дем.) | -- 353 |
| Хитой (ЧМЧ) | -- 523 | Гана | -- 509 | Эфиопия | -- 300 |

Чӣ тавре ки аз рақамҳои чадвали 16.2. бармеояд, таи солҳои 1820—1992 истеҳсоли маҳсулот ба ҳар нафар аҳоли дар мамлакатҳои сарватманд 10 – 12 маротиба тақрибан афзудааст, ин афзоиш дар мамлакатҳои қашшоқ қариб чой надорад ва ё 15 – 20% ташкил намудааст. Аз рӯи рақамҳои овардашуда тафовути истеҳсоли махсулоти умумии дохилӣ ба ҳар нафар аҳолии мамлакати сарватманд назар ба мамлакатҳои қашшоқ 36 маротиба зиёдтар мебошад. Мувофиқан сатҳи зиндагонии мардумони мамлакатҳои сарватманд 24 – 25 маротиба баландтар мебошад.

**16. §2. 1) Мамлакатҳои мутараққӣ** – шумораи мамлакатҳои мутараққии чаҳон тақрибан 20 – 22 фоизи чамеи мамлакатҳои чаҳонро дар бар мегирад. Ба қатори онҳо ҳиссаи намоёни мамлакатҳои Европа, ИМА, Канада, Чопон, Чумҳурии Африкои Чанубӣ ва дигарҳо мансуб дониста мешаванд. Ба ин гурӯҳ баъзеҳо мамлакатҳои фурӯшандаи нафтро ҳам мансуб медонанд. Одатан саноат дар ин мамлакатҳо хеле инкишоф ёфта, сатҳи ҳосилно-

кии меҳнат, маблаггузорӣ баланд мебошад. Мувофиқан дар ин мамлакатҳо сатҳи миёнаи зиндагонии мардумон баланд буда, таъминоти иҷтимоӣ ба кадри даркорӣ ба роҳ монда шудааст. Аксари ин мамлакатҳо кишварҳои сарватмандтарини ҷаҳонро ташкил медиҳанд. Танзиму идораи иқтисодиёт ҳам мувофиқан ба роҳ монда шудааст.

Дар дохили ин мамлакатҳо ду зергурӯҳи алоҳидаро ҷудо кардан имконпазир аст, ки яке аз онҳо мамлакатҳои истеҳсолкунандаи нафт ва аъзои ташкилоти ОПЭК мебошанд. Онҳо аз ҳисоби фурӯши нафт ва фаровон ба даст овардани нафтодолларҳо иқтисодиёти худро таи 2 – 3 даҳсолаи охир назарнамо инкишоф дода тавонистаанд. Аз ҷумлаи онҳо Арабистони Саудӣ, Кувайт, Ироқ мебошанд. Зергурӯҳи дигар бошад, мамлакатҳоеанд, ки давлатҳои нави саноатӣ ном гирифта, даҳсолаҳои охир бо суръати том иқтисодиёташонро ба пеш бурдаанд. Ба қатори онҳо Ҳонконг, Сингапур, Корея, Тайван ва дигарҳо дохил мешаванд. Ин мамлакатҳо ҳам содиротро босуръат афзун гардонда ба афзоиши баланди истеҳсоли МУД ва даромади миллӣ ноил гаштаанд.

**16.§ 2. 2) Мамлакатҳои тараққикунанда** – ба ин гурӯҳ ҳиссаи калони мамлакатҳо мансуб дониста мешаванд, ки тақрибан 60% шумораи умумии онҳоро дар бар мегиранд. Ин мамлакатҳо амалан хеле мухталиф буда, қариб дар ҳамаи қитъаҳои маскуни олам ҷойгир шудаанд. Дар байни ин гурӯҳ мамлакатҳои ба назар намоён ва сатҳи тараққиёташон тоқатпазир мамлакатҳои нисбатан сусттар пешраванда ва мамлакатҳои қафомондаю дар назар қашшоқ намудоршаванда дучор меоянд. Шояд бо ҳамин сабаб ҳам онҳоро мамлакатҳои тараққикунанда меноманд, ки сатҳи инкишофи иқтисодии онҳо ба талаботи имрӯза мувофиқ нестанд. Илова бар ин ҳиссаи алоҳидаи ин мамлакатҳо 4 – 5 даҳсолаи пештар зери истибдоди асринаи мустамликавӣ меистоданд ва ҳоло соҳибистиқлол бошанд ҳам, амалан барои пешбурди дилхоҳи иқтисодиёт имконоти кофӣ ҳам надоранд. Ин гуна мамлакатҳо аз ҳама зиёдтар дар қитъаи Африқо ва Осиё ҷойгир шудаанд. Масоили пешрафт, маблағгузориҳо, таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ барои ин мамлакатҳо дар зинаи ҳозираи инкишоф муаммои сангин мебошад.

**16.§ 2. 3) Мамлакатҳои ба иқтисоди бозорӣ рӯоварда** – Ин мамлакатҳо дар гузаштаи наздик ба ҷаҳони сотсиалистӣ ва Иттиҳоди Шӯравӣ мансуб буданд. Одатан иқтисодиёт дар ин мамлакатҳо нисбатан сатҳи миёнаи инкишофро соҳиб мебошад, ҳарчанд аз ин нишондод истисно ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва Муғулистон мебошанд.

Ҳиссаи алоҳидаи ин мамлакатҳо давлатҳои Европаи Шарқиро ташкил медиҳанд, дар ҷумлаи онҳо Булгория, Венгрия, Чехия, Словакия, Полша меистанд. Ин мамлакатҳо 4 – 5 даҳсолаи охир таи муносибатҳои сотсиалистию фармонӣ фаъолият бурда ба баъзе норасоиҳою нокомиҳо дучор гардида буданд. Навсозии иқтисодиёт, рӯй овардан ба муносибатҳои бозоргонӣ барои онҳо баъзе душвориҳоро ба миён меоварад. Аммо таи зиёда аз 10 соли сипаришуда дар ин мамлакатҳо муносибатҳои нави иқтисодӣ босубот паҳн мешаванд. Дигаргуниҳои муайян ба миён омаданд. Иқтисодиёт кафоравию бӯҳронро паси сар намуда ба масоҳати пешравӣ ва ҷоннокшавӣ ворид гардидааст.

Ҷумҳуриҳои пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ба истиқлолият расида бо душвориҳои беназир ва зиддиятҳо бошад ҳам, муносибатҳои бозоргониро баркарор гардонида, аз оқибатҳои иқтисодиёти фармонӣ -бюрократӣ дур мешаванд. Бо мақсади ба ҳамдигар мутобиқу мувофиқ гардонидани иқтисодиёт, бартараф кардани зиддиятҳо ва номутаносибиҳо, таъмин намудани пешравии холҷагӣ ва афзоиши некӯаҳволии мардумон Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (СНГ–ИДМ ) ташкил карда шудааст. Тадриҷан фазои фаъолияти дилхоҳу манофеи тарафайн фароҳам оварда мешавад.

Албатта ҷудокунии мамлакатҳои ҷаҳон бо тарзу усулҳои дигар, мувофиқи нишондиҳандаҳои ҳархела низ гузаронида мешавад. Мо ин ҷо танҳо ҳамонро ёдрас карданием, ки ҳарчанд мамлакатҳо гуногуну ҳархела бошанд ҳам, мароми равиш, мақсаду манфиатҳои иқтисодии онҳо амалан ба ҳамдигар наздик буда метавонанд. Яъне омилҳои мухталиф ба мавҷудияту фаъолияти онҳо таъсиррасонанда ҷой доранд. Аз ин сабаб асосҳои якҷоягӣ ва муттаҳидии онҳо низ вуҷуд дорад.

## 16. §3. МАВҚЕИ ҲОЗИРАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон аз соли 1991 инҷониб Ҷумҳурии соҳибистиқлоли дунявӣ дониста шудааст. Чунин нишонро мо дар сарқонуни он хонда метавонем. Бояд дар назар дошт, ки ташаккули Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ пас аз ба музаффарият расидани инқилоби Октябри соли 1917 ташкилёбии ИҶШС–и собиқ соли 1922 сурат гирифта буд. Ҳамон солҳо пас аз кашмакашиҳои тӯлониву шадид ҳукумати ИҶШС ба хулоса меояд, ки ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистон ташкил карда шуда, ба ҳайати Ҷумҳурии Ӯзбекистон ворид карда шавад. Ин ақида соли 1924 қонунӣ гардонида шуда буд. Минбаъд ҳамчун натиҷаи омӯзишҳову аникиҳо соли 1929 Тоҷикистон ба ҷумҳурии мустақилу ҷудогона табдил дода мешавад.

Яъне ташаккули давлати мустақилу ҷудогонаи тоҷикон ҳамон солҳо ба вуқӯъ пайваста буд. Минбаъд Тоҷикистон дар ҳайати ИҶСШ то соли 1991 фаъолият мебарад.

Вай яке аз ҷумҳуриҳои иттифоқие буд, ки дар баробари иқтисодиёти иттиҳод пеш мерафт. Ҳарчанд инкишофи Тоҷикистон ҳамчун сарзамини кишоварзию истеҳсолкунандаи ашёи хоми тамоман арзон сурат гирифта буд. Дар сарзамини мо корхонаҳои нави кишоварзию саноатӣ, сохтмону наклиёт ба вуҷуд оварда шуда буданд. Мамлакат ба кишвари саноатию кишоварзӣ табдил ёфта буд. Аммо ба ҳамаи ин комёбиҳо нигоҳ накарда, Тоҷикистон аз рӯи тараққиёти мавқеи иқтисодиаш ва сатҳи зиндагонии мардумон дар байни 14 ҷумҳурии Иттиҳод яке аз ҷои охиринро ишғол мекард. Аз ин рӯ иқтисодиёт назди зиддиятҳои сершумору қафомонии асрина меистод.

Бинобар он мавриди ба истиқлол расидани Тоҷикистон зери таъсири зиддиятҳои дохилии иқтисодию иҷтимоӣ, нобасомониҳои сиёсӣ меистод. Қувваҳои муайяни дохилию берунӣ бар сари халқи мамлакати азияткашидаамон ҷанги шаҳрвандиро бор карданд, ки вай таи солҳои 1992 - 1993 мамлакатро ба харобию ҳалокати воқеӣ наздик оварда буд. Бо кӯшиши ҳукумати навтаъсису қувваҳои байналмилалӣ соли 1995 шартномаи сулҳ ва роҳи созиши миллӣ пеш гирифта шуд. Дар имзои ин оштии намояндагони миллат

мамлакатҳои ҳамсоя, СММ, ташкилоти байналмилалӣ, ИМА, Русия, Эрон, Туркия, Олмон ва дигарҳо ҳиссагузорӣ намудаанд. Ҳамин хел дар мамлакат равиши осоиштаи барпо кардани мамлакати дунявии ҳуқуқбунёд огоз гардид.

Мувофиқи ахбори расмӣ то ҳол Ҷумҳурии Тоҷикистонро зиёда аз 120 давлатҳои ҷаҳон шинохтаанд. Қариб 70 мамлакат бо вай робитаҳои иқтисодӣ доранд. Аз соли 1996 қафоравии истеҳсолот боздошта шуда, ҳаҷми умумии маҳсулот 1,7 фоиз назар ба соли пештара зиёд карда шуд. Таи 5 – 6 соли охир мамлакат ҳаҷми умумии гардиши тиҷорати беруниро босуръат афзун мегардонад. Ин ҳолат имкон дод, ки ҷумҳуриамон воридоти бениҳояти худро бо содироти молҳо пӯшонад. Вале таркиби воридоту содироти Тоҷикистон аз нуқтаи назари иқтисодӣ қобили қабул нест, чунки самараи дилхоҳ намеоварад. Мамлакат аз хориҷа зиёдтар озуқаворӣ ва молҳои истеъмолии халқро меоварад, ки 70 – 80% ҳаҷми умумии воридотро ташкил медиҳанд. Ҳамон вақт воридот самараноку дилхоҳ дониста мешавад, ки агар ҳиссаи асосии вай воридоти мошину дастгоҳ, таҷҳизот, технологияи нав, комёбиҳои илму техника, асбобҳо, маҳсулоти зеҳнӣ ва монанди инҳоро ташкил диҳад. Ин гуна воридот ба пешрафти истеҳсолоти ватанӣ кӯмаку мадад расонида, қувваю имконоти содиротии вайро афзун гардонида метавонад.

Содироти мамлакат ҳарчанд аз рӯи ҳаҷм ба дараҷаи дилхоҳ расида бошад ҳам, самараи дилхоҳи иқтисодӣ намеоварад. Чунки афзалан аз ҳоки Тоҷикистон ашёи хому маводи нимтайёр содир карда мешаванд. Дар содирот мавқеи намоёнро нахи пахта, алюмини хом, чарм, пашм, пилла, сабзавоту меваҳо ишғол мекунанд. Дар бозори ҷаҳонии ҳозира таносуби байни нархи ашёи хому маҳсулоти комилан тайёри таъйиноти илмию техникӣ 1 : 40, 1 : 50-ро ташкил медиҳад. Илова бар ин нархи ашёи хому маводи нотайёр дар бозори ҷаҳонӣ тамоюли доимии пастравиро дорад. Чунки мамлакатҳои содиркунандаи ин гуна молҳо дар ҷаҳони имрӯза хеле сершуморанд ва ин гуна молҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ ба рақобати шадид дучор меоянд.

Тадқиқоти гузаронидашуда собит сохтанд, ки мамлакатҳои содиркунандаи ашёи хому маҳсулоти кишоварзӣ ба қафомонии минбаъдаю ҳозира гирифтор мешаванд. Ҳоло дар ҷаҳони имрӯза ҳамагӣ 3 – 8% аҳолии мамлакатҳои тараққикарда имкони дар хоҷагии қишлоқ банд шуданро доранд. Яъне истеҳсолоти кишоварзӣ дар оянда ҳиссаи ночизи мардумонро ба ҷои кор таъмин карда метавонад. Илова бар ин афзоиши ҳосилнокии меҳнат дар ин соҳа ба маҳдудиятҳои табиӣ низ дучор мегардад. Захираҳои табиии ашёи хом бошанд, амалан маҳдуданд ва беохир буда наметавонанд. Бинобар он мамлакатҳои ба содироти ашёи хому маҳсулоти кишоварзӣ таҳсисонида шаванда ҳудро ба норасоиҳои зиёди иқтисодӣ, қафомонии асрина, сатҳи ночизи инкишофи иқтисодиёт, зиндагонии мардумон, афзоиши бекорӣ ҳидоят хоҳанд кард. Бинобар он Тоҷикистон ин равияву мароми иқтисодиёташро бояд бодиққатона тағйир диҳад. Дар акси ҳол зиддиятҳову норасоиҳои пешояндаро бартараф карда наметавонад.

Барои он ки ақидаҳои оварда шуда, дар назари хонандагони гиромиқадр хушку холӣ натобанд, чанд далелро пешкаш менамоем. Охирҳои соли

* Иқт. Иқтисодиёти Тоҷикистон: стратегияи тараққиёт. р.3, 1999, с. 133.

1998 ва аввали соли 1999 дар бозори ҷаҳонӣ нархи ашёи хому маҳсулоти кишоварзӣ паст фуромад. Дар ним соли 1999 ба харидорони хориҷии дуру наздик 37,6 ҳазор тонна нахи пахта бо нархи миёнаи 1090 доллар ба як тонна, 102,5 ҳазор тонна алюмин ба 1243 долларӣ, 855,8 тонна пӯст ва ашёи пӯстин бо нархи 175 долларӣ, 4808,3 тонна тамоку ва маснуоти он ба нархи миёнаи 820 долларӣ, 29,4 ҳазор тонна меваю сабзавот ва маснуоти он бо нархи миёнаи 238 долларӣ фурӯхта шудааст. Нархи ин мавод ба ҳар тонна маҳсулоти он –141 доллар, тамоку – 88, сабзавоту мева – 54 доллар арзонтар фурӯхта шудааст. Бо ҳамин сабаб ҷумҳуриамон 14 *млн.* доллар даромадро аз даст дод. Буҷети ҷумҳуриамон 2,3 *млн.* доллар аз андози фурӯш ва 548 ҳазор доллар андози арзиши иловашуда бой дода буд*.

Ҳамин тавр, манфиатҳои ҳозираю минбаъдаи Тоҷикистон талаб мекунад, ки истеҳсоли ватанӣ дар муддати кӯтоҳ барқарор карда шуда, таркиби вай мутобиқи талаботи бозори дохилӣ ва берунии мамлакат тағйир дода шавад.

Имрӯзҳо Тоҷикистон аъзои комилҳуқуқи СММ, Бонки ҷаҳонӣ, ташкилоти байналхалқии молиявию тиҷоратӣ, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ва дигар созмонҳои Европоию Осиёӣ, иттиҳоди мамлакатҳои мусулмону Шарқ ва дигарҳо мебошад.

Махсусан ҳамгироии иқтисодии Тоҷикистон бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, Қазоқистон, Русия, Кавказ, Украина, Хитой, Эрон ва дигарҳо мавқеу аҳамияти хоса дорад. Чунки бозори ин мамлакатҳо ба хоки Тоҷикистон нисбатан хеле наздик буда, харҷи калони нақлиётро талаб намекунад. Илова бар ин иқтисодиёти ин мамлакатҳо ба молҳои Тоҷикистон то андозае мувофиқу мутобиқ мебошанд. Ҷумҳуриамон дар ин давлатҳо ба молҳояш талаботи муайянро дарёфта ба онҳо ба зудӣ мутобиқ шуда метавонад.

Бояд дар назар дошт, ки харҷи бо нақлиёт кашонидани молҳо ба нархи фурӯши онҳо зам карда мешавад. Аз ҳамин сабаб ҳам чи қадаре ки харидорони молҳо дар масофаи наздик ҷойгир шуда бошанд, ҳамон қадар молҳо бо нархи арзонтар ба фурӯш рафта метавонанд. Дар сурати арзонии нархи мол ҳаҷми талабот ба онҳо назарнамо зиёд мегардад. Аз ин ҷо тоҷирон зиёдтару пештар харидорони наздикро ҷуста, ба онҳо молашонро бояд бештар фурӯшанд. Баъди комилан истифода бурдани ин имконот молҳои ҷудогонаву алоҳидаро ба харидорони дурдаст ҳам пешниҳод кардан имконпазир аст.

Робитаҳои иқтисодию тиҷоратии Тоҷикистон бо музофоту мавзеъҳои назди сарҳадии Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон, Қазоқистон, Хитой, Покистон, Ҳиндустон, Афғонистон, Эрон ва ғайра натиҷаҳои судбахшу дилхоҳ оварда метавонанд. Аммо барои дар ин равиш натиҷаҳоро ба даст овардан ҳукумат қувваи соҳибкорону корчаллонони ватанию аҷнабиро сафарбар намуда, кӯмаку дастгирии худро пешниҳод намуда, бо ҳамин васила ба комёбиҳо расида метавонад.

## 16. §4. ДУШВОРИҲОИ ДАР НАЗДИ БАШАРИСТОДА

Инсоният дар рӯи Замин мувофиқи баъзе тадқиқот тақрибан зиёда аз 3 *млн.* сол умр ба сар мебарад. Аз ин умри тӯлонии вай 95 – 96% давраи инкишофи табиии инсон ҳисобида шавад, ҳамагӣ 4 – 5% ҳаёти мавҷудият ба зинаи ҷомеагии вай рост омада метавонад.

Бояд дар назар дошт, ки гузаштан ба сохту таркиби ҷомеагии инсоният

табаддули беҳамтои сифатию миқдорӣ буда, пасон инкишофи одамон на аз рӯи қонунҳои табиат ва ба таври эволютсионӣ, балки мувофиқи қонунҳои ҷомеа ба таври револютсионӣ сурат мегирад. Ба фикри мо чӣ тавре ки дар байни суръатҳои ҳаракати рӯи заминию кайҳонӣ тафовуту фарқ ҷой дошта бошад, монанди ҳамон дар байни таҳаввули табиию ҷомеагии одамон ҳам тафовуту фарқи куллӣ меистад. Аз ин нишондод чунин хулоса бармеояд, ки инсоният зери таъсири қонунҳои ҷомеа инкишоф ёфта метавонад натиҷаҳои ҳазорсолаи таи таъсири қонунҳои табиат ҳосилкардаашро дар муддати ҳамагӣ якчанд лаҳза (соли) инкишофи ҷомеагӣ соҳиб гардад. Яъне инкишофи ҷомеагии башар назар ба пешрафти табиии вай тафовуту натиҷаҳои ниҳоят намоёнро ба миён меоварад, ки дар муддати кӯтоҳи таърихӣ сурат гирифта метавонанд.

Яке аз далелҳои қотеи ин ақидаро дар ҳамон мо дида метавонем, ки шиори марказии садсолаҳои гузаштаи инсоният дарку аз худ кардани табиат буданд. Ҳоло бошад, дар назди инсоният ҳамчун шиори марказӣ ва ҳаёту мамот ҳифзи муҳит гузошта шудааст.

Дар назди инсонияти имрӯзаи Замин муаммоҳову мушкилоти зиёду беназире гузошта шудаанд. Вай аз ин душвориҳо маҳз ба туфайли ақлу идроки инсонӣ, мулоҳизаи ҳамаҷонибаю муттаҳидии аксари тамоми мамлакатҳо муттафиқонаю ҳамҷоя берун рафта ва ҳаёти худро давом бахшида метавонад. Бинобар он ба фикри мо, муаммои аввалину муҳимтарини башарият муттафиқию ҳамбастагӣ ва иттиҳоду ҳамҷоягӣ дар мубориза барои ҳифзи ҳаёту табиат ба шумор меравад. Ин равишҳо аз ҳама пештару бештар дар пайванди иқтисодии мардумон, васли манфиатҳои иқтисодии онҳо ба даст омада метавонанд. Албатта манфиатҳои иқтисодии Шимолу Ҷануб, Шарқу Ғарб, қитъаҳову давлатҳо ва халқҳо аз ҳамдигар фарқ карда меистанд. Аммо манфиатҳои иқтисодӣ дар баробари зиддияту тафовут ҳамҷоягиву пайвандӣ ва вобастагиро низ доранд. Маҳз ҳамин хислатҳои умумию ягонагии манфиатҳои иқтисодиашро инсоният дарк карда, дар ҳамин асос пояи устувори ҷаҳони асри XXI ва ҳазорсолаи сеюмро ба миён оварда метавонад.

Илова бар ин ба инсоният қувваҳои беҳамтои табиӣ, зиддиятҳои беназири кайҳонӣ ҳам муқобил меистанд. Дар муқобили онҳо муттаҳидию ҳамбастагиро гузошта, одамон метавонанд аз ин равиш ғолиб бароянд. Муаммои дигари ба таърихи инсон пойбанд муаммои ҷангу сулҳ ва истифодаи иқтидорҳои ҳарбии башарият мебошад. Таърихи навишташуда шаҳодат медиҳад, ки инсоният дар тӯли мавҷудияти худ бо ҳамгинони худ доим мубориза ю ҷанг кардааст. Кор то ба ҳамон ҷой расидааст, ки ҳатто дар замони мо ҳам аксаран тафаккури пешқадами инсонӣ илму техника ба афзунгардонии қувваҳои ҷангӣ нигаронида мешаванд. Танҳо пас аз гузашти вақт ин комёбиҳои беназир бо мақсадҳои осоиш ва сулҳ истифода мешаванд. Ҷангҳо дар тамоми минтақаҳо ва мавзеъҳои рӯи Замин такрор ёфта, захираҳои хеле калони меҳнат, сармоя, маснуот дар натиҷаи онҳо талаф дода мешаванд. Шаҳрҳо, мамлакатҳо, мардумони сершумор талаф дода мешаванд. Ҳоло инсоният имкони амалан бартараф кардани ҷангҳоро дарёфтааст. Аммо то ҳол ҳам давлатҳои ҷаҳон қувваю маблағи беандозаро барои қувваҳои ҳарбии худ сарф мекунанд. Дар мамлакатҳои тараққикарда ҳам бо ин мақсадҳо то 10–15% маҳсулоти умумӣ масраф карда мешаванд.

Замони мо ба ҳамон натиҷа омадааст, ки воситаҳои беҳамтои қатли омма, ба монанди бомбаҳои атомию нейтронӣ, воситаҳои химиявию бактериологии пешбурди ҷангҳо ба миён оварда шудааст. Ин силоҳҳо дар сурати истифода шудан имкон медиҳанд, ки тамоми ҷонзоди сайёра, ҳатто наботот комилан нест карда шуда, Замин ба сайёраи мурда табдил дода шавад. Бо ҳамин сабаб сулҳу осоиш шарти ногузири давом ёфтани ҳаёт дар рӯи сайёра ба шумор меравад. Ин равиш имкон медиҳад, ки қувваҳо ва захираҳои беҳамтои моддию маънавӣ ва меҳнатӣ ба нафъи инсоният ва беҳбудии ҳаёти вай нигаронида шавад. Ҳоло мувофиқи нишондоди шартномаҳои байналхалқии имзошуда кӯшиш ба бадалгардонии (конверсияи) комплекси ҳарбӣ пеш гирифта мешавад. Дар мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон корхонаҳои ин комплекс аз ҳама пешқадамтару аз ҷиҳати техникӣ беҳтар ҷиҳозонида шуда мебошанд. Ҳиссаи зиёди маҳсулоти комплекси ҳарбӣ маҳсулоти дар асоси технологияи нав ва кашфиётҳои замонавии илмию техникӣ истеҳсолшаванда мебошад. Аз ин рӯ ҳам онҳо сифати баланду сатҳи волои техникӣ доранд. Бинобар он ба тадриҷ ва қадам ба қадам ба истеҳсоли маснуоти осоишта баргардонидани ин корхонаҳо талаб карда мешавад.

Акнун ба баёни масъалаҳои дигари иқтисодии умумибашарӣ мегузарем.

**16. §4. а) Масъалаҳои озуқаворӣ**

Инсоният аз ибтидои ба саҳнаи ҳаёт қадам гузоштанаш аз паи қути лоямут мебошад. Яъне вай барои бо ғизову манзил, либосу анҷом таъмин кардан ҷидду ҷаҳд мекунад. Дар рафти ноил гардидан ба ин мақсад инсон равишҳову шаклҳои гуногуни амалиётро аз сар мегузаронад. Яке аз ҳамин гуна равишҳои намоёну асосӣ фаъолияти тавлидгарии инсон ё меҳнати маҳсулноки вай ба шумор меравад. Ин меҳнат ҳамон хел марому равиш дорад, ки дар давоми он инсон натанҳо неъматҳои ҳаётан зарури худро фароҳам меоварад, балки дар баробари ин истеҳсоли олатҳои меҳнатро ҳам ба роҳ монда, бо ҳамин васила ба инкишофи истеҳсолот ва фаъолияти тавлидгарии худ муваффақ мегардад.

Дуруст мегӯянд, ки одамӣ бо ғизо зинда аст. Яъне барои ҳаёти мӯътадили мардумон истеъмоли ғизо зарур мебошад. Чунки бо воситаи ғизо инсон ҷисми худро дар фаъолият нигоҳ медорад. То замони мо ҳам ҳиссаи асосии ғизои инсон неъматҳои табиӣ шуморида мешуданд. Одам чизҳои табиатро ба даст оварда, онҳоро ҳамчун ғизои худ истифода мебарад. Аз ҳама пеш истеъмолоти одамон бо истифодаи озуқаворӣ пойбанд аст. Озуқаворини одамон бошад, то ҳол дар қисми зиёд аз неъматҳои табиӣ ҳосил карда мешаванд. Шояд бо ҳамон сабаб, ки одамон ба ғизои табиӣ зиёдтар одат кардаанд, ғизои сунъию синтетикиро мақбул намедонанд. Ғайр аз он ғизоҳои сунъию синтетикӣ барои одамон ҳамчун ҳиссаи иловагию ёрирасон хизмат мекунанд.

Баъзе тадқиқгарон нишон медиҳанд, ки дар рӯи Замин барои истеҳсоли озуқаворӣ тақрибан бо мақсади таъмини 10 – 12 млрд. одам имконот вуҷуд дорад. Аммо дар давраи ҳозира инсоният танҳо 40 – 45 % ин имконотро истифода мебарад. Аз ҳамин сабаб ҳам дар ҷаҳони имрӯза мамлакат-

ҳое кам нестанд, ки қашшоқиву гуруснагӣ қариб ҳамроҳи доимии онҳо мебошад. Махсусан ин гуна мамлакатҳо дар китъаи Африка, Осиё баръало намоёнанд ва зиёдтаранд.

Мувофиқи маълумот сатҳи истеъмолоти озукаворин мардумонро аз рӯи гизонокии он, ки бо калория (гармдиҳӣ) чен карда мешавад, муайян менамоянд. Дар мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон истеъмоли озуқаворӣ барои дар як шабонарӯз ба ҳар нафар аҳолӣ гирифтани 3500 - 3800 калория имкон медиҳад. Аксаран ҳамин сатҳи озуқагириро ба меъёрҳои тиббӣ мувофиқу мутобиқ медонанд. Вале дар мамлакатҳои тараққикунанда истеъмоли озуқаворӣ дар сатҳи 2500 – 3000 калория маҳдуд мебошад. Дар мамлакатҳои қафомондаю қашшоқ мардумон ҳамагӣ дар ҳудуди 1200 - 1500 калория гизо мегиранд, ки барои солим нигоҳ доштани ҷисми инсон нокифоя мебошад.

Барои дар вазъи солим нигоҳ доштани ҷисми инсон меъёри муайяни (тиббан асоснокӣ) истеъмоли маҳсулоти чорво (гӯшт, шир, тухм, равган), меваю сабзавот, нон тавсия карда мешавад. Мардумони бисёр мамлакатҳо бошанд, имкони ба ин меъёрҳо расидан ва риоя кардани онҳоро надоранд.

Ҳанӯз солҳои 50–60-уми асри XX СММ комиссияи озуқаворин худро ташкил намуда, дар назди тадқиқгарони барҷаста муаммои бо озуқаворӣ таъмин кардани одамонро пешниҳод карда буд. Солҳои мадид ин комиссияро пажӯҳишгари машҳури Британия Бертран Рассел роҳнамоӣ карда буд. Комиссия ҳамон солҳо ба хулоса омада буд, ки яке аз равияҳои бо галладона таъмин кардани талаботи инсоният галабаи "инқилоби сабз" буда метавонад.

Мувофиқи ин нишондод "инқилоби сабз" вазифаи назарнамо баланд бардоштани ҳосилхезии зироатҳои галладона, паҳн намудани галладонаҳои серҳосил дар қитъаҳои Осиё, Африко, Америкаи Лотинӣ дониста мешуд. Як ҳиссаи ин муаммоҳо то нимаи солҳои 80-ум ҳалли худро дарёфтанд, ҳосилхезии галладона дар ин минтақаҳо ба ҳисоби миёна 2,0– 2,5 баробар баланд бардошта шуд.Аммо муаммои озуқаворӣ то ҳол ҳам ҳалли дилхоҳи худро .

Мувофиқи меъёрҳои тиббӣ меъёри истеъмоли гӯшт ба ҳар нафар 68 – 70 кг. пешбинӣ шудааст. Соли 1985 дар Тоҷикистон вай ҳамагӣ воқеан 31 кг. ва соли 1998 - 9 кг. буд. Дар Бангладеш, Покистон, Ҳиндустон истеъмоли солонаи гӯшт ба ҳар нафар аҳолӣ 9 – 11 кг. ташкил медиҳад.

Аз рӯи ахбори омор дар рӯи Замин то ҳол ҳар соле ба ҳисоби миёна 40 – 60 млн. одам аз камию ночизии гизо ҳалок мешаванд, қариб 40 % аҳолии рӯи Замин аз нокифоягии озуқаворӣ азият мекашанд. Албатта имконоти бо гизо таъмин кардани сокинони Замин кам нест, аммо зиддиятҳову норасиҳои замона имкон намедиҳанд, ки инсоният иқтидору захираҳои мавҷудаи бо озуқаворӣ таъмин карданро комилан истифода барад. Ғайр аз он сол то сол масоҳати наву зиёдтари рӯи сайёраамон барои сохтмони манзилгоҳҳо, шаҳрҳову роҳҳо, муассисоту корхонаҳо истифода мешаванд. Бинобар он ҳам масоҳати имконпазири истеҳсоли озуқаворӣ маҳдуд мегардад. Илова бар он дигаргуниҳои намоёни геологии бо кӯшиши мардумон ба миён овардашаванда ҳамчун сабабгори танг кардани масоҳати ҳаёту парвариши ҳайвонот, наботот ва гизоҳои даркорӣ хизмат мекунанд. Яъне инсоният ҳиссаи муайяни имконоту захираҳои афзун гардонидани озу-

қавории истехсолшавандаашро ҳам талаф медиҳад. Бинобар он дар ин равия чораҳову тадбирҳои мушаххас заруранд.

**16.§ 4. б) Норасии ашёи хом**

Мафҳуми ашёи хом ҳамон чизҳоеро дар назар дорад, ки инсон онҳоро аз табиат дар ин ё он намуд гирифта, барои таъмини эҳтиёҷоташ истифода мебарад. Одатан ҳиссаву намудҳои гуногуни ашёи хом ҳоло аз табиат ба таври дилхоҳ гирифта мешаванд. Номгӯи зиёди онҳо аз нав пайдо намешаванд. Замин зери таъсири ходисаҳои табиӣ тӯли миллионҳо солҳо ва равишҳои муайяни геологӣ ин захираҳоро ба миён овардааст. Мувофиқи ҳисобҳои тақрибии муҳаққиқон тақрибан пас аз 120 –150 сол захираҳои нафту ангишт, газ пурра истифода бурда мешаванд. Вале роҳи барқароршавии онҳо бебозгашт аст. Бинобар он инсоният аз ҳоло бояд ғами истифодаи захираҳои наву такрорёбандаи энергияро бихӯрад. Дар акси ҳол башар ба душвориҳои ашёӣ дучор гардида метавонад.

Дар тамоми ҷаҳони имрӯза садҳо ҳазор конҳо кашф карда шуда, захираи онҳо истихроҷ карда мешаванд, маъданҳои зиёд корбаст мегарданд, захираи онҳо барҳам мехӯрад. Ҳамчун оқибати истихроҷи маъданҳо аз конҳо андоми сайёра куллан тағйир дода мешавад, қабати ҳосилхези замин талаф меёбад. Ҷангалҳои беканор бурида мешаванд ва набототу ҳайвоноти онҳо ҳам ба нестӣ мерасанд. Ин равиш на танҳо захираҳоро барҳам медиҳад, балки боиси талафоти калони ҳайвоноту набобот, хушкшавию беҳосилгардии заминҳо мешавад. Дар натиҷаи ин оби боришҳо қабатҳои ҳосилхези заминҳоро шуста ба қаъри дарёҳо, кӯлҳо, укёнусҳо мебаранд. Имконоти сабзиши рустаниҳо торафт маҳдуд мегардад.

Мувофиқи маълумот танҳо партовҳои саноатии ҳарсола зиёда аз як миллиард тоннаро ташкил медиҳанд. Ба ин оқибати сӯхтани сӯзишвориҳо, партовҳои шаҳрҳову истеҳсолотро ҳамроҳ кардан зарур меояд. Ҳамин хел, дар ояндаи наздик чораҳои муайяну мушаххас андешида нашаванд, қисми намоёни сайёра бо партовҳо пӯшонида мешавад. Илова бар ин партовҳои ядроӣ, химиявӣ низ ҷой доранд, ки муҳити заминро ба муддатҳои геологию кайҳонӣ дигаргун месозанд. Ин ҳама дар якҷоягӣ ба инсоният зарарҳову маҳрумиятҳои зиёдеро оварда метавонад.

Ҳоло дар мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон истеҳсолоту технологияи бепартов, усулҳои самарабахши безарар гардонидани партовҳо ба миён оварда шудаанд. Аммо истифодаи ин таҷрибаи пешқадаму судбахш маблағгузориҳои калону зиёд ва чораҳои таъҷилиро тақозо доранд. Мамлакатҳои тараққикунанда бошанд, аксаран дорои ин гуна имконот нестанд. Бинобар он имконоти ҳатто ҳозираро ҳам истифода намебаранд.

Ба фикри мо дар Замин чунин захираҳое низ мавҷуданд, ки аз нуктаи назари ҳифзи муҳит ва ояндаи башарият ҳадду ҳудуд надоранд. Яъне инсон онҳоро безарар ба табиату одамият беохир истифода бурда метавонад. Ҳамчун намунаи ин марому равиш маводи сунъии химиявӣ, сафол, чинӣ, шиша ва монанди инҳо хизмат карда метавонанд. Одамон бояд барои таъмини эҳтиёҷот ҳарчи зиёдтар равияву сарчашмаҳои навтарини ашёи хому масолеҳро истифода бурда, захираҳои ҳоло аёну мавҷударо ҳарчи зиёдтар барои оянда нигоҳ доранд.

**16. § 4. в) Муаммои захираҳои энергия**

Энергия – қувваест, ки инсон барои иҷрои вазифаҳои истеҳсолӣ, намудҳои фаъолият ва дигар сарф мекунад. Сарчашмаи муҳимтарини энергия Офтоб мебошад. Ҳиссаи асосии энергияро сайёраҳои кайҳони мо аз Офтоб мегиранд. Ба монанди ҳамин Замин ҳам ҳиссаи зиёди энергияро аз Офтоб дар намуди шӯълаву гармии он соҳиб мешавад. Шӯълапошии Офтоб ба рӯи Замин паҳн шуда қабати онро гарм мекунад ва ба сабзиши рустаниҳо, ба миён омадани равишҳои биологӣ дар рӯи Замин сабаб мешавад. Рустаниҳо дар асоси истифодаи шӯълаю гармии Офтоб сабзида, гӯё ин гармиро дар худ ҷамъ мекунанд ва минбаъд ҳамчун роҳи пайдо шудани ҳар гуна сӯзишвориҳо, ба монанди нафт, газ,ангиштсанг, торф, ҳезум ва дигарҳо хизмат менамоянд.

Дар замони мо инсоният барои таъмини талаботаш захираҳои зиёди сӯзишвориро сарф мекунад. Аммо ин сӯзишвориҳо маҳдуданд ва мавриди истифода бо гузашту мурури вақт тамом мешаванд. Бинобар он ҳам манбаи энергия дар марҳалаи ҳозира масъалаи ҷиддитарин ба шумор меравад. Аз ин рӯ одамон манбаъҳои наву навтарини энергияро меҷӯянд ва мавриди истифодаи ҳамаҷониба қарор медиҳанд. Ҳоло диққати аҳли тамаддун ба истифодаи захираҳои ғайриодатии энергия зиёдтар ҷалб карда мешавад. Яке аз ин гуна сарчашмаҳо энергияи атом ба шумор меравад. Таи ним асри охир усулҳои наву замонавии истифодаи атомро омӯхтанд,истгоҳҳои барқии атомии сершумор, киштиҳои пурқудрати яхшикану боркашон сохта шудаанд. Мардумон торафт равияҳову соҳаҳои зиёдтари истифодаи қувваи атомро дармеёбанд. 3 – 4 даҳсола пештар пажӯҳишгарон тахмин карда буданд, ки то охири асри XX истифодаи истеҳсолии энергияи нисбатан арзони қувваи реаксияи термоядроӣ аз худ карда мешавад. Аммо даҳсолаҳои гузашта собит намуданд, ки ин кори саҳлу осон нест.

Ҳоло як қатор мамлакатҳои мутараққӣ дар истифодаи сарчашмаҳои ғайриодатии энергия,ба монанди стансияҳои барқии обӣ, қувваи бод, шуои Офтоб, обҳои зеризаминӣ, равишҳои биологӣ ҳиссагузорӣ мекунанд.Тоҷикистон дорои захираҳои бои энергетикӣ мебошад. Вай аз рӯи захираи иқтидорҳои гидроэнергетика яке аз ҷойҳои аввалинро ишғол мекунад. Ҳарчанд ҳоло ҳиссаи талаботашро аз ҳисоби воридоти барқ аз давлатҳои дигар таъмин менамояд. Анҷом додани сохтмони истгоҳҳои барқии Сангтӯда, Роғун ва истгоҳҳои хурди барқии маҳаллӣ имкон медиҳанд, ки ҷумҳуриамон аз воридкунандаи барқ ба содиркунандаи он табдил ёбад.

Дар хоки ватанамон захираҳои калони ангиштсанг, газ, нафт ҷойгиранд. Аммо ҳоло эҳтиёҷоти мамлакат асосан аз ҳисоби воридсозии сӯзишвориҳо аз хориҷа таъмин карда мешаванд.

*Ҷадвали 16.3* Таркиб ва истифодаи захираҳои энергетикии Тоҷикистон (дар %%)*

---

*Ниг. Иқтисодиёти Тоҷикистон: стратегияи тараққиёт 1999, №2, саҳ.41.

| Манбаъҳои энергия | Иктидори имконпазир | Истифодаи амалӣ |
|---|---|---|
| Ангишт | 53 | 0,6 |
| Нафт | 21 | 0,1 |
| Офтоб | 20 | ночиз |
| Газ | 5 | 1,7 |
| Ҷараёни об | 0,8 | 30 |
| Шамол | 0,2 | ночиз |

Чунонки аз рақамҳои ҷадвал дида мешавад, дар мамлакатамон танҳо қувваи ҷараёни об (дарёҳо) 30 % истифода мешаванд. Ҳамаи манбаъҳои дигар тамоман кам истифода мешаванд. Махсусан дар ҷумҳурии офтобрӯяи мо шӯъла ва гармии офтоб, барои мавзеъҳои кӯҳӣ қувваи шамол сарчашмаҳои беназири энергия буда метавонанд. Аммо то ҳол истифодаи ҳатто бояду шояди онҳо ҳам ба роҳ монда нашудааст. Бо ҳамин сабаб аз тарафи ҳукумат баъзе чораҳо солҳои охир пеш гирифта шудаанд.Танҳо ба 50–60% расонидани истифодаи захираҳои мавҷуда мушкилоти зиёди энергетикии Тоҷикистонро ҳал намуда, имкон медиҳад,ки вай дар таъмини мамлакатҳои ҳамсоя бо захираи энергия ҳиссагузор бошад.

Ба монанди ҳамин имконоту захираҳои мамлакатҳои дигари ҷаҳон ҳам дар марҳалаи ҳозира нокифоя истифода мешаванд. Бо ҳамин сабаб ҳам дар назди мамлакатҳои сершумор душвориҳои калоне бармехезанд. Дар сурати истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷуда ин мушкилот то андозае бартараф гардида метавонанд.

**16.§ 4. г) Масъалаҳои ҳифзи муҳит**

Муҳити зисти одамон – ин ҳамон шароиту вазъиятест, ки мардумони гуногун тибқи онҳо ба ҳаёту фаъолияти худ идома мебахшанд. Агар ба ин масъала ниҳоят умумӣ назар дӯзем, ҳамонро мушоҳида кардан имконпазир мешавад, ки ҳар гӯшаву канори сайёраамон вазъи хоси табиӣ, иқлим, обу ҳаво, сармову гармо, хушкиву намнокӣ ва монанди инҳо нишондиҳандаҳову равишҳои муайяни худро дорад. Одамон бошанд, муддати дурудароз дар ин мавзеъҳо умр ба сар бурда ба ин вазъият одат кардаанд. Агар дигаргуние дар ин муҳит ба миён ояд, он гоҳ вазъу муҳити ҳаётии мардумон таг-йир ёфта, натиҷаҳоеро ба миён меоварад, ки шояд барои ҳаёти мардумон хавфу хатаре дошта бошад. Маҳз бо ҳамин сабаб ҳифзи муҳити зисти мардумон яке аз муаммоҳои умдатарини ҳаёту мамоти башарият ба шумор меравад.

Далелҳои мушаххас шаҳодат медиҳанд, ки замонҳои қадим одамон дар табиат зиндагонӣ ба сар бурда, бо ҳодисаҳову равишҳои он зиёдтар ошно ва ҳамқадам буданд. Аз ин рӯ ҳангоми ба роҳ мондани ҳаёт, фаъолияти истеҳсолӣ ва монанди инҳо зиёдтар кӯшиши ҳифзи муҳитро вазифаи худ медонистанд. Бинобар он фаъолияти ҳаётгузаронии мардумон ба муҳит

таъсири намоёну ҳалокатовар намерасонид. Инкишофи инсоният, ҷомеа, ривоҷу равнаки тамаддун ва фарҳанг ҳаёти мардумонро хеле тағйир дод. Боиси пайдо гаштани марказҳову шаҳрҳои беҳад калон шуд, ки мегаполис меноманд, яъне мавзеи зиндагонии ниҳоят калон. Ҳоло мо дар ҷаҳон марказҳои аҳолинишинеро дучор меоем, ки аз давлатҳою мамлакатҳо ҳам калонтаранд. Хуллас одамон аз ҳамсоягии бевоситаи табиат дур гардида, ба шаҳрҳо, мегаполисҳо ҷойгир шудаанд. Ин ҳама гуна тафаккур, ҷаҳонбинӣ, фикррониии онҳоро дигаргун сохт.

Маҳз ба туфайли ҳамин равишҳо дар садсолаҳои XIX – XX масъалаҳои экологӣ торафт ҷиддитар гардиданд. Сабаби дигаре, ки ба ин натиҷа ба зудӣ оварда расонид, инкишофи беҳамтои иқтисодиёт, васеъшавии ҳудуди истеҳсолот, пешрафти босуръати қувваҳои истеҳсолкунанда, афзоиши иқтидори мошину дастгоҳҳо, пурзӯршавии қувваи тағйирдиҳандаи инсон ва дигарҳо мебошанд.

Ҳоло тамаддун ба ҳамон марҳалаи инкишоф расидааст, ки ҳатто равиши бомарому дилхоҳи истеҳсолот ҳам боиси дигаргуниҳои намоёни геологию табиии сайёра мегардад ва муҳити зисти одамонро назарнамо дигаргун месозад.

Ғайр аз он дар ҳаёти ҷомеа хатарҳо, фалокатҳо ва равишҳои номақбул низ рӯй дода меистанд. Аз ҷумла, зери таъсири дар рӯи Замин ниҳоят зиёд истифода шудани захираҳои энергия ҳарорати сайёра тағйир меёбад. Пайвастагиҳои номатлуб самараи "гармшавии ҳарорат"-и заминро ба миён меоваранд, ҳиссаи озони (оксигени сабук) дар фазо буда кам шуда, "таркишҳои кайҳонӣ"-ро ба миён меоварад, ё ин ки истифодаи нуриҳои химиявӣ таркиби хокро дигаргун сохта, шусташавии моддаҳои химиявии истеҳсолшуда боиси дар обанборҳо ниҳоят зиёд шудани ингуна тағйирҳо мегардад ва ғайра.

Дар бораи хатарҳову фалокатҳо ҳам ёдрас шудан лозим аст. Соли 1986 истгоҳи барқии атомии Чернобил таркида ба мардумони зиёд, шаҳрҳову деҳот, масоҳати калони замин зарарҳои беамон расонид. Таи солҳои 70 – 80-уми садаи XX Баҳри Арал хушк гардида, боиси талафоти беҳудуд, тағйироти номақбули экологӣ дар мавзеъ, вайроншавии шаҳрҳову деҳаҳо, ба миён омадани тӯфонҳои регбору шӯр ва монанди инҳо гардид. Ҳиссаи муайяни дарёҳои аз марказҳои саноатии мамлакатҳои мутараққӣ гузаранда то солҳои наздик "оби мурдаро" бо худ мебурданд. Яъне партовҳои зиёди саноатӣ ба онҳо ҳамроҳ шуда, онҳоро ба дарёҳои "мурда" табдил дода буданд. Аз ин далелҳо бармеояд, ки инкишофи тамаддун хоҳу ноҳоҳ таҳдиди хатарҳову фалокатҳоро ба муҳити зисти одамон, мароми равишҳои оромонаи табиат хеле зиёд мегардонад. Аз ин рӯ инсон дар ин равишҳо орому бетараф буда наметавонад. Равияҳои солҳои охир ба миён овардаи инсоният ҷорӣ кардани истеҳсолоту технологияи безарар ва бетараф гардонидани партовҳо ба шумор меравад. Дар ин равиш мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон натиҷаҳои муайян ба даст овардаанд.

Дар хоки Тоҷикистон ҳам як манбаи хатар барои халқҳои мамлакатҳои ҳамсоя ҷой дорад. Ин хатари зери таъсири заминларза имконоти канда шудани сарбанди табиии кӯли Сарез мебошад, ки метавонад шаҳру деҳаҳои сершумори мамлакатҳоро бо оби сели худ шуста барад. Ҳоло бо мақсади пешгирӣ кардани ин хатар бо кӯмаки давлатҳои дигар чораҳои муайян пеш гирифта мешаванд. Ҳамин хел дар назари мо тамаддун хатарҳои пешояндаро ҳам муттафиқонаю муттаҳидона пешгирӣ намуда, бо ҳамин роҳ ҳифзи дилхоҳи муҳити зисти мардумонро таъмин карда метавонад. Ин маром бақои ҳаёти мардумону тамаддунро таъмин мекунад.

# МУНДАРИЧА

**Сарсухан** ....................................................................3

**Қисми аввал. Иқтисодиёт чист ва чӣ гуна илмаст?**

**Боби 1. Шарҳи иқтисод ва пояҳои марказии он**

1 § 1. Илми иқисодӣ чиро тадқиқ мекунад? ....................................5

1 § 2. Мавқеи шахс (инсон) дар ҷаҳони иқтисод ....................................7

1 § 3. Маъниҳои мафҳуми иқтисод ....................................8

1 § 4. Меҳнат чӣ гуна шуғлест? Унсурҳои меҳнат кадомҳоянд ....................................10

1 § 5. Тақсимоти тахассусии меҳнат чист? ....................................12

1 § 6. Чиро, барои кӣ ва чӣ гуна бояд истеҳсол кард? ....................................14

1 § 7. Талабот, неъматҳо ва захираҳо ....................................15

1 § 8. Низомҳои иқтисодӣ ....................................16

1 § 9. Усули илми иқтисодӣ ....................................18

**Боби 2. Пайдошавӣ ва инкишофи илми иқтисодӣ**

2 § 1. Тасвири масъалаҳои хоҷагидорӣ, иқтисодӣ дар «Авасто» ....................................19

2 § 2. Масъалаҳои хонадорӣ ва "тадбири манзил" дар замони Сомониён ....................................21

2 § 3. Ақидаҳо ва мактабҳои иқтисодии давраи Эҳёи тамаддуни башарӣ:

а) мактаби тиҷоратчиён (меркантилизм) ....................................24

б) мактаби кишоварзон ....................................25

в) мактаби классикҳо (В. Петти, Адам Смит, Давид Рикардо) ....................................26

г) иқтисоди сиёсии инқилобчиён (Карл Маркс) ....................................28

2 § 4. "Назарияи иқтисодӣ"-и ҳозирзамон ....................................30

2 § 5. Илми иқтисодӣ ва ҳаёти воқеӣ ....................................32

**Қисми дуввум. Микроиқтисод. Бозор ва мавқеи он дар иқтисод**

**Боби 3. Асосҳо ва мазмуну мароми истеҳсолоти молӣ**

3 § 1. Зинаҳои намоёни инкишофи хоҷагӣ. Пайдошавии истеҳсолоти молӣ ....................................34

3 § 2. Мазмуну мароми истеҳсолоти молӣ ....................................35

3 § 3. Неъмат ва мол. Хислатҳои мол ....................................37

3 § 4. Сарчашмаи хислати духелаи мол ....................................38

3 § 5. Асосҳои назарияи ҳисобу ченкунии арзиш ва нарх ....................................39

3 § 6. Ривоҷи мубодила ва пайдошавии пулҳо ....................................41

3 § 7. Қонуни муомилоти пул ....................................43

**Боби 4. Бозор ва низоми хоҷагидории бозорӣ**

4 § 1. Бозору мубодила чӣ маъно доранд? ....................................47

4 § 2. Унсурҳои таркибӣ ва вазифаҳои асосии бозор ....................................50

4 § 3. Намудҳои мухталифи бозор ....................................51

4 § 4. Субъектҳо ва инфратаркиби бозор ....................................51

4 § 5. Конъюнктура ва гунҷоиши бозор ....................................53

**Боби 5. Тақозои аҳолӣ ва арзаи мол дар низоми иқисодиёти бозорӣ**

5 § 1. Тақозои аҳолӣ: мафҳум, ҳаҷм ва таркиб ....................................54

5 § 2. Қонуни тақозои аҳолӣ. Хатти каҷи тақозо, коэффитсиент ва се ҳолати чандирии тақозо ....................................57

5 § 3. Қонуни Энгел ва шарҳи мухтасари он ....................................60

5 § 4. Пешниҳод ё арзаи мол: хатти каҷ, моҳияти қонуни он. Зараби (чандирии) пешниҳодот ....................................61

5 § 5. Тавозуни арза ва тақозо. Нархҳои мувозинатии бозорӣ ....................................63

**Боби 6. Бозори омилҳои истеҳсолот ва маснуот**

6 § 1. Бозори сармоя ....................................65

6 § 2. Бозори меҳнат ....................................67

6 § 3. Захираҳои табиӣ. Бозори замин ........70
6 § 4. Бозори маснуот ва хизматҳо ........72
**Боби 7. Моликият ва хусусигардонии корхонаҳои давлатӣ**
7 § 1. Мазмуну мароми моликият ........72
7 § 2. Шаклҳои мухталифи моликият дар давраи ташаккули муносибатҳои бозорӣ ........75
7 § 3. Зарурат, мақсад, принсипҳо ва шаклҳои хусусигардонии моликият ........76
7 § 4. Корхонаҳо ва асосҳои ҳуқуқию иқтисодии онҳо ........79
7 § 5. Тарзу усулҳои идоракунии корхона ........85
**Боби 8. Давлат ва иқтисодиёт**
8 § 1. Маълумот оид ба давлату давлатдорӣ ........86
8 § 2. Вазифаҳои роҳнамоию танзимгарии давлатии иқтисод ........88
8 §.3. Мавқеи давлат дар ташаккули даромадҳо ........90
8 § 4. Барномаҳои иҷтимоии давлат ........92
8 § 5. Давлат ва рушди иқтисодиёт ........94
8 § 6. Ҳиссагузории давлати Тоҷикистон дар фаъолияти иқтисодии ҷомеа ........96

## ҚИСМИ СЕЮМ. Масъалаҳои марказии иқтисоди бозоргонӣ
**Боби 9. Бозор ва шаклҳои рақобат**
9 § 1. Рақобату ҳарифӣ ҳамчун қувваҳои ҳаракатдиҳандаи фаъолият ........98
9 § 2. Рақобати комил ё озод ........100
9 § 3. Рақобати нокомил ва инҳисор ........102
9 § 4. Рақобати олигополӣ ........105
9 § 5. Фаъолияти корпоратсияҳои байналмилалӣ ........107
9 § 6. Мавқеи давлат дар рақобати монополӣ ........109
9 § 7. Зарурату мазмуни қонунҳои зидди инҳисорӣ (монополӣ) ........111
**Боби 10. Хароҷоти истеҳсолот ва фоида**
10 § 1. Масорифи истеҳсолот ва тиҷорат ........112
10 § 2. Намудҳои асосии масориф ........115
10 § 3. Даромад ва фоида ........117
10 § 4. Тақсим ва истифодабарии фоидаи корхонаҳо ........120
10 § 5. Нуктаи фаъолияти безарарии корхонаро чӣ тавр муайян мекунанд? ........121
**Боби 11. Ташаккули нархҳои бозорӣ**
11 § 1. Нарх ва моҳияти иқтисодии он ........124
11 § 2. Намудҳои нарх ва шарҳи мухтасари онҳо ........125

## ҚИСМИ ЧОРУМ. Макроиқтисод
**Боби 12. Хислатҳо ва натиҷаҳои иқтисоди миллӣ**
12 § 1. Таркибу равишҳои иқтисодиёти Тоҷикистон ........128
12 § 2. Натиҷаҳои фаъолияти иқтисод ........130
12 § 3. Истеҳсол ва истифодаи даромади миллӣ ........134
12 § 4. Таркиби сарвати миллат ........136
12 § 5. Мувозинати макроиқтисодӣ. Гузоришоти Ҷ.М. Кейнс ........138
12 § 6. Хислати даврагии фаъолияти иқтисод ........141
12 § 7. Барномаҳои давлатии танзиму рушди иқтисод ........144
**Боби 13. Масъалаҳои молиявии ҷомеа**
13 § 1. Буҷети давлат ва ҳукуматҳои маҳаллӣ ........146
13 § 2. Даромадгирии давлат. Андозу андозситонӣ ........149
13 § 3. Муомилоти пулҳо ва бозори пулҳо ........152
13 § 4. Мазмуну мароми беқурбшавӣ ........154
13 § 5. Ислоҳоти пулии Тоҷикистон ........157
13 § 6. Бонкҳо. Системаи қарзии ҷомеа ........158

**Боби 14. Андозхо ва низоми онхо**
14 § 1. Моҳият ва низоми андозхо ....... 161
14 § 2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ....... 163
14 § 3. Намудҳои андоз ....... 164
14 § 4. Шарҳи мухтасари андозҳои умумидавлатӣ ва маҳаллӣ дар Тоҷикистон ....... 165
**Боби 15. Муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ**
15 § 1. Тақсимоти байналхалқии меҳнат ....... 167
15 § 2. Тиҷорати ҷаҳонӣ ....... 170
15 § 3. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ....... 173
15 § 4. Ҳамгироии иқтисодии мамлакатҳо ....... 175
15 § 5. Бозори байналмилалии асъор ....... 177
15§ 6. Бозори ҷаҳонии қарз ва содироти сармоя ....... 180
15 § 7. Бонкҳои ҷаҳонӣ ва муассисоти молиявӣ ....... 182
15 § 8. Баланси пардохт ....... 184
15 § 9. Идора ва танзими фаъолияти берунӣ ....... 185
**Боби 16. Масъалаҳои иқтисодии умумибашарӣ**
16§ 1. Ҳамҷоягии манфиатҳои иқтисодии умумибашарӣ ....... 187
16 § 2. Вазъи ҳозираи иқтисодиёти сайёра: ....... 189
1) мамлакатҳои мутараққӣ ....... 191
2) мамлакатҳои тараққикунанда ....... 192
3) мамлакатҳои баиқтисоди бозорӣ рӯоварда ....... 192
16 § 3. Мавқеи ҳозираи байналмилалии Тоҷикистон ....... 193
16 § 4. Душвориҳои дар назди башаристода: ....... 195
а) Масъалаҳои озуқаворӣ ....... 197
б) Норасоии ашёи хом ....... 199
в) Муаммои захираҳои энергия ....... 200
г) Масъалаҳои ҳифзи муҳит ....... 201
Мундарича ....... 203

***ДАВЛАТОВ ИСМОИЛ ДАВЛАТОВИЧ***

— доктори илмҳои итисодӣ, профессор.

Соли 1969 факултаи иктисодии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро хатм намудааст.

Соли 1984 дар Донишгоҳи иқтисодии ба номи Вознесенский шаҳри Ленинград рисолаи доктириро дифоъ намудааст ва аз соли 1986 профессори кафедраи «Назарияи иқтисод» мебошад.

Аз соли 1969 фаъолияти меҳнатиро ба ҳайси омӯзгори мактаби олӣ огоз намудааст. Минбаъд дар вазифаҳои масъул-ректори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, вазири маорифи ҶТ, вазири иқтисод, раиси Кумитаи гумрук дар назди Ҳуку-

***ИСОМАТОВ БОБОКАЛОН ИСОМАТОВИЧ***

— номзади илмҳои иқтисодӣ, профессор, корманди Шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар соли 1964 факултаи иқтисодии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатиро соли 1964 дар ҳамин донишгоҳ ҳамчун ассистенти кафедраи «иқтисоди сиёсӣ» огоз намуда, сипас дар вазифаҳои муаллими калон, дотсент, муовини декани факултаи иқтисодӣ, декани факултаи молиёт ва қарзи донишгоҳи номбурда хизмат кардааст.

Солҳои 1967-1968 аспиранти кафедраи «Назарияи иқтисод»-и Донишгоҳи давлатии ба номи А.А. Жданов. Соли 1972 дар мавзӯи

***ҲАБИБОВ САФИУВЛО ҲАБИБОВИЧ***

— доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 1964 факултаи иқтисодии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро хатм намудааст.

Дар соли 1971 рисолаи номзадӣ ва соли 1991 рисолаи доктириро аз рӯи тахассуси «Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (тиҷорат)» дар Академияи иқтисодии ба номи Г. В. Плеханов (шаҳри Москва) дифоъ намудааст.

Фаъолияти меҳнатиро ҳамчун омӯзгори факултаи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дар вазифаҳои ассистент, муаллими калон, дотсент ва мудири кафедраи иқти-

Ҳоло ҷонишини вазири маорифи ҶТ мебошад ва дар тайёр кардани кадрҳои илмиюомӯзгорӣ саҳми назаррас дорад. Муаллифи чандин китобу монографияҳо, китоб-ҳои дарсӣ аз назарияи иқтисод аст, ки дар дохили кишвар ва беруи аз он бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп шудаанд. Асари ӯ «Проблемаҳои иқтисодии маорифи Тоҷикистон» дар Фаронса (ш. Париж, соли 1999) бо забони англисӣ аз чоп баромадааст.

Китобу монография ва мақолаҳояш бештар ба масоили иқтисодиёти миллӣ, ҳамгироии иқтисодӣ, иқтисодиёти давраи гузариш ба бозор ва ғайра бахшида шудааст.

«Алоқамандии сифати маснуоти саноат бо равишҳои дигари иқтисодӣ» рисолаи номзадиро дифоъ намудааст. Профессори кафедраи «Назарияи иқтисод» аз соли 1990. Аз сол 1996 то имрӯз мудири кафедраи «Назарияи иқтисодӣ»-и Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро ба ӯҳда дорад.

Дар тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва мутахассисин саҳми босазо гузоштааст. Ӯ муаллифи як қатор китобҳои дарсӣ аз фанни иқтисоди сиёсӣ барои мактабҳои олии Тоҷикистон мебошад. Муаллифи китоби дарсии «Назарияи иқтисод» дар се ҷилд (солҳои 1993-1996) мебошад. Инчунин яке аз муаллифони китоби дарсии «Иқтисоди бозаргонӣ» (соли 1994) ва китоби «Назаре ба афкори иқтисодии ниёгон (соли 1998) аст. Шумораи умумии асарҳои илмии ӯ бештар аз 200 номгӯй буда, 400 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

содиёти тиҷорат (солҳои 1975-1986) идома додааст.

Ҳамчунин таи чанд сол чун мутахассис дар Вазорати иқтисод ва солҳои 1991-1993 дар вазифаи муовини директор оид ба корҳои илмии Маркази тадқиқоти стратегӣ дар назди Президенти ҶТ кор кардааст.

Ҳоло мудири кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон мебошад.

Дар тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси илмию-омӯзгорӣ ва мутахассисони соҳаи иқтисод саҳми арзанда дорад.

Ҳаммуаллифи китоби дарсӣ барои мактабҳои ҳамагонӣ «Иқтисоди бозаргонӣ (соли 1994), китобҳои «Тиҷорат дар бозсозӣ», «Вожаномаи мухтасари бозаргонӣ», «Луғати истилоҳоти иқтисодӣ» (русӣ-тоҷикӣ) ва асарҳои зиёди илмӣ оид ба хоҷагидории бозорӣ, иқтисодӣ тиҷорати миллӣ мебошад.

Шумораи асарҳои илмии ӯ бештар аз 100 номгӯй буда, ба бештар аз 150 ҷузъи чопӣ мерасад.

**ДАВЛАТОВ ИСМОИЛ**
**ИСОМАТОВ БОБОКАЛОН, ҲАБИБОВ САФИУВЛО**

# ИҚТИСОДИ БОЗОРГОНӢ

**Китоби дарсӣ барои синфи 9**

Муҳаррир ***М. Умаров***
Муҳаррири техникӣ ***Н. Шабля***
Мусаҳҳеҳ ***Р. Латифова***

**ДАВЛАТОВ ИСМОИЛ**
**ИСОМАТОВ БОБОКАЛОН, ХАБИБОВ САФИУВЛО**

# РЫНОЧНАЯ ЭКОНОМИКА

**Учебник для 9 класса**

Редактор ***М. Умаров***
Технический редактор ***Н. Шабля***
Корректор ***Р. Латифова***

© ***Дизайн обложки и юбилейного знака***
***М. Муродов, Т. Бабаев***

Ба ҳуруфчинӣ 3.09. с. 2000 супорида шуд. Ба чопаш 15.10. с. 2000 имзо шуд. Формати 60x90¹/₁₆. Коғази офсет № 1. Чопи офсет. Ҷузъи чопии нашрӣ 13,0. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 12,5. Адади нашр 100 000 нусха. Супориши № 102

Сдано в набор 3.09.2000. Подписано в печать 15.10.2000. Формат 60x90¹/₁₆. Бумага офсетная № 1. Печать офсетная. Печ. л. 13,0. Тираж 100 000 экз. Заказ № 102

Отпечатано на производственно-издательском комбинате «Офсет». 660049, г. Красноярск, ул. Республики, 51. Тел. (3912) 23-36-81. E-mail: marketing@ofset.krsn.ru

**НИШОНИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН**



**ПАРЧАМИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН**



## СУРУДИ МИЛЛИИ
## ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Шеъри Гулназар Келдӣ* *Оҳанги Сулаймон Юдаков*

*Диёри арҷманди мо,*
*Ба бахти мо сари азизи ту баланд бод,*
*Саодати ту, давлати ту бегазанд бод.*
*Зи дурии замонаҳо расидаем,*
*Ба зери парчами ту саф кашидаем,*
*кашидаем,*

*Зинда бош, эй Ватан,*
*Тоҷикистони озоди ман!*

*Барои нангу номи мо*
*Ту аз умеди рафтагони бенишонаӣ,*
*Ту баҳри ворисон ҷаҳони ҷовидонаӣ,*
*Хазон намерасад ба навбаҳори ту,*
*Ки мазраи вафо бувад канори ту,*
*канори ту,*

*Зинда бош, эй Ватан,*
*Тоҷикистони озоди ман!*

*Ту модарӣ ягонаӣ,*
*Бақои ту бувад бақои хонадони мо,*
*Мароми ту бувад мароми ҷисму ҷони мо,*
*Зи ту саодати абад насиби мост,*
*Ту ҳастиву ҳама ҷаҳон ҳабиби мост,*
*ҳабиби мост,*

*Зинда бош, эй Ватан,*
*Тоҷикистони озоди ман!*



ХАЗИНАИ ХАЙРИЯИ САРШАРАСТ БЛАГОТВОРИТЕЛЬНЫЙ ФОНД

ОФСЕТ

РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКОЕ ИЗДАТЕЛЬСТВО РОСТАДИ